Инак, мо, тибқи гузоришоти дар фавқ омада, дар асл, фаъолияти се нафар аъзоёни АТТ-ро танҳо дар доираи корҳои илмию методии марбут ба таълими забон ва адабиёти тоҷик баррасинамудаашон, ки аз онҳо, ҳам омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам устодону донишҷӯёни факултетҳои филологии макотиби олии Тоҷикистон истифода мебаранду минбаъд ҳам истифода хоҳанд бурд, баррасӣ намудем, ки он ҳама ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд, фаъолияти пурраи илмӣ-методии эшонро фарогир шаванд. Бахусус, оид ба мухтавои мақолаҳо ва тақризу вокунишоти онҳо, ки метавон он ҳамаро дар чанд баст гурӯҳбандӣ намуд, дар доираи чунин як гузоришот, дар маҷмӯъ, танҳо ишораҳои маҳдуд намудаем, ҳол он ки ҳар як басти чунин интишороти эшон метавонад, манбаи пажӯҳиши наве дар соҳаи педагогикаи хусусӣ, яъне дар доираи методикаи таълими фанҳои филологӣ гарданд.

Инчунин, дар маҷмӯъ, таъкид карда шуд, ки фаъолияти боз ҳам муҳимтари кормандони илмии академия, чун дар раванди фаъолияти педагогӣ ва илмию методиашон, ба омода намудани мутахассисони баландихтисос – докторон ва номзадҳои илм дар доираи фанҳои педагогӣ (педагогикаи умумӣ ва таърихи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои гуногун) нигаронида шудааст, ки дар тули 20 соли таъсисёбии АТТ 171 нафар шахсони ба дараҷаҳои илмии докториву номзадҳои илми педагогика ноилшуда маҳсули чунин фаъолияту заҳматҳои ҳамешагии онҳо маҳсуб мeёбанд.

Ҳамчунин, чунон ки таъкид гардид, дар доираи АТТ ва зерсохтори он – ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ба тарбияи кормандони ҷавон низ ғамхории ҳамешагӣ зоҳир карда мешавад, ки дар ин раванд 6 нафари онҳо маҳз дар риштаи методикаи таълими фанҳои филологӣ рисолаҳои номзадии худро ҳимоя кардаанду боз 5 нафари дигар дар арафаи омодакунии рисолаҳои доктриву номзадии хеш ҷаҳду ҷадал доранд.

Хулоса, рушду нумуи ҳама гуна корҳои илмию педагогӣ ва методию таълимӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои гуногуни фанҳои педагогӣ дар қалби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он – ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҷӯшу хурӯш буда, соҳаи маорифи Тоҷикистон метавонад, дар ояндаи наздик аз фаъолияти ин ҳар ду муассиса боз ҳам комёбиву дастовардҳои наву тозаро интизор бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Аминов, С. Луғати мухтасари мактабӣ. – Душанбе, 2008.
2. Дудников, А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе. М., 1977.
3. Лутфуллоев, М. Асосҳои ибтидоии таълими забони модарӣ. – Душанбе, 2007.
4. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. – Душанбе,2015.
5. Лутфуллозода, М. Чаҳоргонаи тарбия. – Душанбе, 2022.
6. Поздняков, Н.С. Методика преподавания русского языка – М.,1955
7. Текучев, А.В. Методика русского языка в средней школе.- М.,1981.
8. Шарифзода, Ф. ва диг. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. – Душанбе, 2014.
9. Шербоев, С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII. – Душанбе, 2006.
10. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. - Душанбе,2020.

11. Шербоев, С. Назария ва методикаи таълими феълҳои ғайритасрифӣ. – Душанбе, 2019.
12. Шербоев, С. Практикуми забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010 (бо ҳаммуаллифӣ)

## ЗАМИНАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ОДАМИЯТ ДАР НАСЛИ НАВРАС

***ГУЛМАДОВ Файз** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **E-mail:** gulmadov53@mail.ru, **тел.:** + (992) 919 63 67 34*

Дар мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масоили педагогии тарбияи одамиятро аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок намояд. Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ оид ба педагогика ва психология, инчунин гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва омӯзиши таҷрибаи педагогии омӯзгорону волидайн ба муаалиф имкон додааст, ки асосҳои назариявии тарбияи одамиятро дар насли наврас ошкор намояд.

Муаллиф бар он назар аст, ки дар давраи тиллоии бачагӣ, ки дар ин давра бачаҳо ҳам нисбат ба сухан, ҳам нисбат ба образ, ҳам нисбат ба олами маънавии шахси дигар басо ҳассосанд, аз ҳамаи он чи, ки боиси ифтихори наслҳои калонсол аст, онҳоро бояд воқиф гардонд, дар он хусус ҳикоят бояд кард, ки бахту саодати меҳнати озод ба чӣ душвориҳо ба даст омадааст. Ба он роҳ додан даркор нест, ки бачаҳо аз неъматҳои зиндагӣ фориғболона баҳравар шаванд. Олами атроф ва худро дарк кардани кӯдак набояд яктарафа сурат гирад. Бачаҳо баробари дарк намудани олам ва худ бояд барои боигариҳои моддӣ ва маънавие, ки насли калонсол ба вуҷуд овардааст, масъулиятро тадриҷан ҳис кунанд.

Бачаҳоро ба олами ҳаёти маънавӣ дохил намуда, онҳоро ба он бовар кунондан лозим, ки ҳатто дар вазнинтарин давраҳои таърихи башар, вақте ки қувваҳои шарр ба миллионҳо одамон зулму тааддӣ мекарданд, ҳамеша одамони ба муқобили беадолатӣ исёнкунанда ёфт мешуданд. Номи онҳо, хаёту корнамоии онҳо барои насли ҷавон ситораи дурахшони раҳнамоянд, таъкид менамояд, муаллиф.

***Вожаҳои асосӣ:** тарбияи одамият, насли наврас, мактаббачагон, боигарии маънавӣ, омӯзгор, волидон, хайру шарр, ватандӯстӣ, кӯдак.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОСПИТАНИЯ ЧЕЛОВЕЧНОСТИ ПОДРАСТАЮЩЕМ ПОКОЛЕНИИ

***ГУЛМАДОВ Файз** – доктор педагогических наук, заведующий отделом педагогики и современного образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адҳамов, 11/2. **E-mail:** gulmadov53@mail.ru, **тел.:** + (992) 919 63 67 34*

В статье автор попытался обосновать педагогические вопросы образования человека с научно-теоретической точки зрения. Изучение научных источников по педагогике и психологии, а также проведение педагогических тестов и изучение педагогического опыта учителей и родителей позволили автору раскрыть теоретические основы воспитания человека подрастающего поколения.

Автор считает, что в золотой период детства, когда дети очень чувствительны к словам, образам, духовному миру другого человека, они более чувствительны ко всему, чем гордятся старшие поколения. Следует рассказать, с какими трудностями было достигнуто счастье свободного труда. Не обязательно позволять детям наслаждаться благами жизни. Понимание ребенком окружающего мира и самого себя не должно быть односторонним. Как только дети поймут мир и самих себя, они постепенно должны почувствовать ответственность за материальные и духовные богатства, созданные старшим поколением.

Необходимо включить детей в мир духовной жизни и убедить их, что даже в самые тяжелые периоды человеческой истории, когда силы зла угнетали миллионы людей, всегда

находились люди, восставшие против несправедливости. Их имена, их жизнь и достижения являются яркой путеводной звездой для молодого поколения, подчеркивает автор.

***Ключевые слова:*** *воспитание гуманности, молодое поколение, школьники, духовное богатство, учитель, родители, добро и зло, патриотизм, ребенок.*

## PEDAGOGICAL AREAS OF HUMANITARIAN EDUCATION IN YOUNGER GENERATION

***GULMADOV Faiz*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy and Modern Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Str. 11/2.*
***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 919 63 67 34*

In the article, the author tried to substantiate the pedagogical issues of human education from a scientific and theoretical point of view. The study of scientific sources on pedagogy and psychology, as well as conducting pedagogical tests and studying the pedagogical experience of teachers and parents, allowed the author to reveal the theoretical foundations of educating a person of the younger generation.

The author believes that in the golden period of childhood, when children are very sensitive to words, images, the spiritual world of another person, they are more sensitive to everything that older generations are proud of. It should be told with what difficulties the happiness of free labor was achieved. It is not necessary to allow children to enjoy the blessings of life. A child's understanding of the world around him and of himself should not be one-sided. As soon as children understand the world and themselves, they should gradually feel responsible for the material and spiritual wealth created by the older generation.

It is necessary to include children in the world of spiritual life and convince them that even in the most difficult periods of human history, when the forces of evil oppressed millions of people, there were always people who rebelled against injustice. Their names, their lives and achievements are a bright guiding star for the younger generation, the author emphasizes.

***Key words:*** *education of humanity, young generation, schoolchildren, spiritual wealth, teacher, parents, good and evil, patriotism, child.*

Тарбияи шаҳрванди дорои ғояи баланди инсонӣ, яке аз мураккабтарин проблемаҳои на танҳо назария, балки амалияи ҷараёни педагогӣ низ ба ҳисоб меравад. Дар бораи ғояи баланди таъсиррасониҳои тарбиявӣ даҳҳо ва садҳо вобастагиҳо ва сабабгориҳо вуҷуд дорад. Самаранокии тарбияи ғояи баланди инсонӣ, дар ниҳояти кор бо он муайян карда мешавад, ки ин вобастагӣ ва сабабгориҳо чӣ сон ба инобат гирифта мешаванд, аниқтараш ба амал бароварда мешаванд. Вазифаи муҳими мактаб тарбия намудани одами кунҷков, эҷодкор ва ҷиддан фикркунанда мебошад. Солҳои мактабхонӣ барои мактаббача ин давраи натанҳо илмомӯзӣ, балки давраи ташаккули одамият ва барои омӯзгор ғамхорӣ намудан барои олами маънавии тарбиятгирандагон ба ҳисоб меравад.

Омӯзгоронро пайваста як фикр бояд ором нагузорад, яъне шогирдони онҳо дар оянда чӣ одаме мешаванд? Онҳо ба ҷамъият дар оянда чӣ манфиате меоранд, бахту саодати худро дар чӣ хоҳанд дид, аз худ дар рӯйи замин чӣ осоре боқӣ хоҳанд гузошт. Вобаста ба ин, масъулияти падару модарон низ зиёд мегардад, яъне онҳо бояд дар қалби наврасону ҷавонон он боигарии маънавиеро ҷой кунанд, ки башарият дар тӯли асрҳои зиёд бунёд ва ба даст овардааст: муҳаббат ба Ватан ва озодӣ, оштинопазирӣ нисбат ба зулму тааддӣ ва ғуломкунии одам аз тарафи одам, омода будан барои нисор кардани қувваи ҳаётии худ барои идеалҳои олӣ – бахту саодат ва озодии одамон. Хеле муҳим аст, ки суханони баландпарвози дар шаъни Ватан гуфташуда ва идеалҳои олӣ дар шуури тарбиятгирандагон ба суханони пурдабдаба ва пуч табдил наёбанд, аз такрори зиёд рангу тобиши худро гум накунанд, забонзада нашаванд. Бигузор хонандагон дар бораи ғояҳои олӣ чандон бисёр ҳарф назананд, бигзор ин ғояҳо дар тапиши гарму ҷушони қалби онҳо, дар майлу рағбат ва рафтори онҳо, дар муҳаббат ва адоват, дар садоқатмандӣ ва оштинопазирии онҳо арзи вуҷуд кунад.

Ончуноне, ки дар сари ниҳоли нав сарсабзшуда боғбони заҳмат кашида, решаи онро мустаҳкам месозад, (даҳҳо сол умр дидани дарахт бошад, ба мустаҳкамии решаи он вобаста мебошад) муаллим ҳам бояд чиҳати дар қалби тарбиятгирандагони худ парваридани ҳисси меҳру муҳаббати бепоён ба Ватан, садоқат ба халқи заҳматкаш, вафодорӣ ба ормонҳои олии инсонӣ ғамхорӣ намояд. Тарбияи ин сифатҳо аз вақти ба дидан, дарк кардан ва маънидоди олами атроф шуруъ намудани кӯдак оғоз меёбад.

Ватан барои кӯдак аз бурдаи нон ва киштзори гандум, аз осмони соф, аз суруду афсонаҳои модар ва одамони меҳнатқарини диёр оғоз меёбад. Дар давраи тиллоии бачагӣ, ки дар ин давра бачаҳо ҳам нисбат ба сухан, ҳам нисбат ба образ, ҳам нисбат ба олами маънавии шахси дигар басо ҳассосанд, аз ҳамаи он чи, ки боиси ифтихори наслҳои калонсол аст, онҳоро бояд воқиф гардонд, дар он хусус ҳикоят бояд кард, ки бахту саодати меҳнати озод ба чӣ душвориҳо ба даст омадааст. Ба он роҳ додан даркор нест, ки бачаҳо аз неъматҳои зиндагӣ фориғболона баҳравар бошанд. Олами атроф ва худро дарк кардани кӯдак набояд яктарафа сурат гирад. Бачаҳо баробари дарк намудани олам ва худ бояд барои боигариҳои моддӣ ва маънавие, ки насли калонсол ба вуҷуд овардаанд, масъулиятро тадриҷан ҳис кунанд. Хеле муҳим аст, ки барои бачаҳо ҳама чизҳои бунёднамудаи насли калонсол, ҳама комёбию ғалабаҳои дар муборизаи душвори роҳи озодӣ ва истиқлолияти Ватан ва бахту саодати меҳнаткашон ба даст овардашуда, азиз бошад.

Солҳои бачагӣ, синне, ки мо онро синни шодиву нишоти беғаш, синни бозӣ ва афсона мешуморем, саргаҳи идеали ҳаёт мебошад. Маҳз дар ҳамин давра заминаҳои шаҳрвандӣ шакл мегирад. Чӣ сон шаҳрванд шудани тарбиятгиранда вобаста ба он аст, ки дар солҳои бачагӣ дар олами атроф ба ӯ чӣ аён мегардад, чӣ чиз ӯро ба ҳайрат ва ваҷд меорад, чӣ ӯро ба хашму ғазаб меорад ва ба гиристан маҷбур месозад (на аз ранҷиши шахсӣ, балки барои қисмати дигарон). Ҳамин тавр, дар пеши назари кӯдак олами азиме бо зиддият ва мураккабиҳояш падид меояд ва бачаҳо дар ин олами зебоӣ ва нуқсу иллат, бахту саодат ва иллатро мебинанд. Тамоми он чиро, ки дар олами атроф ба вуқуъ меояд, тамоми он чиро, ки мояи одамони замони гузашта ва одамони имрӯза аст, кӯдак ба хайр ва шарр ҷудо мекунад. Барои он ки дар солҳои бачагӣ асоси одамият ва гражданият гузошта шавад, ба кӯдак имконият бояд дод, ки хайр ва шарро дуруст дарк намояд. Дуруст дидани хайр ва шарр чунин маънӣ дорад, ки кӯдак ҳар як чизи дарк кардаашро ба дил наздик қабул менамояд. Хайр ӯро шоду хуррам мегардонад, ӯро ба ваҷд меорад, ба пайравии зебогии маънавӣ ҳидоят менамояд; шарр қаҳру ғазаб, оштинопазириро ба вуҷуд меорад, дар мубориза барои ҳақиқат ва адолат қувваи зиёди маънавӣ мебахшад. Вуҷуди кӯдак набояд анбори сарди ҳақиқатҳо бошад. Нуқсони калоне, ки омӯзгорон ва падару модарон барои рафъи он бояд бикӯшанд, бепарвоӣ ва хунсардӣ дар ниҳоди наврасон аст. Аллакай дар бачагӣ дар дили ҳар як одам шарораи ҳисси шаҳрвандӣ ва оштинопазириро нисбат ба шарр ё дастгирикунандаи шарр бояд афрухт.

Дар шуури кӯдак ҷой кардани чунин як ҳақиқате, ки зулми одам ба одам бузургтарин шаррест, душвор нест. Вале кӯдак аз манзараи ҳаққонии одамро ғуломкунии одам ба даҳшат наомада бошад, нисбат ба паҳнкунандагони ин шарр ҳисси нафрат пайдо накарда бошад, ӯ шаҳрванди ҳақиқӣ, одами дорои идеалҳои олӣ нахоҳад гардид.

Бепарвоии одамӣ хатарнок ва нафратовар аст, бепарвоии кӯдак бошад, даҳшатовар мебошад. Дар солҳои бачагӣ ва наврасӣ ҳиссиёти наҷиби ғамхорӣ дар бораи қисмати одамони дигар (одамоне, ки мумкин аст, интиҳои дигари кураи арз умр ба сар мебаранд, мумкин аст, 100 сол пеш зиндагӣ кардаанд) фаро гирад. Ин ҳиссиёт беҳтарин василаест бар зидди бепарвоӣ, тангназарию кӯтаҳандешӣ.

Яке аз роҳҳои самараноки дар кӯдакону наврасаон парваридани одамият якҷо бо шогирдон хондани китоб ва барои мутолиа тавсия намудани китобҳое мебошад, ки дар онҳо даъват ба мубориза барои қадру қимати одамӣ, Ватандӯстӣ садо диҳад, ғояи оштинопазирӣ нисбат ба зулми одам бар одам барҷаста ифода ёфта бошад. Масалан, чунин як ҳикояи мароқангезро аз корнамоии Талбак Лолаев овардан мумкин аст, ки намунаи беҳтарини тарбияи Ватандӯстӣ ва одамият мебошад. Талбак Лолаев, ки худ дар колхоз механизатор буд, ҳангоми аз назди гандумзор рондани трактор мебинад, ки ғаллазор оташ гирифта истодааст. Ӯ зуд оташро хомуш кардан мегирад, вале ба ҳалқаи оташ афтода, дар натиҷаи фоизи зиёди баданаш сӯхтан, ҳалок мегардад. (ҳодиса дар ноҳияи Данғара рух додааст). Талбак Лолаев пештар низ чунин корнамоиҳо карда буд. Вақте ки китобхонаи

мактаб оташ мегирад, тамоми китобҳоро аз коми оташ берун мебарорад. Ҳангоми оташ гирифтани клуби колхоз низ дар хомўш кардани оташ аз ҳама бисёртар Талбак саҳм мегирад. Албатта, аз ин ҷо бар меояд, ки Талбак Лолаев дар оила ва мактаб сабақи хуби тарбияи ватандўстӣ ва одамиятро гирифта буд. Агар чунин нақлу ҳикояҳо ба таври образнок ва ҳиссиёти баланд ба хонандагон расонида шаванд, бе шубҳа, дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ва ғояҳои одамият ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки барои иҷрои кори ба манфиати умум иҷронамуда хонандагон бояд аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ карда шаванд, то ки онҳо дар оянда низ барои ба дигарон некӣ кардан неруи худро дареғ надоранд.

Бачаҳоро ба олами ҳаёти маънавӣ дохил намуда, онҳоро ба он бовар кунондан лозим, ки ҳатто дар вазнинтарин давраҳои таърихи башар, вақте ки қувваҳои шарр ба миллионҳо одамон зулму тааддӣ мекарданд, ҳамеша одамони ба муқобили беадолатӣ исёнкунанда ёфт мешуданд. Номи онҳо, хаёту корнамоии онҳо барои насли ҷавон ситораи дурахшони раҳнамоянд.

Дар овони бачагию наврасӣ ба он ноил шудан даркор, ки тарбиятгирандагон аз матонат, мардонагӣ, қаҳрамонӣ, садоқатмандии бехтарин фарзандони башарият-онҳое, ки дар роҳи озодӣ ва истиқлолияти ватани худ, барои наҷот ёфтан аз истисмор, бари қадру қимати одамӣ мубориза бурданд ва ҷон нисор кардаанд, ба ваҷд оянд ва боигарии маънавие, ки башарият дар гузашта ба вуҷуд ва ба даст овардаасту онҳо имрўз дар айёми мо нашъунамо ёфтаанд, бояд боигарии маънавии ҳар як кўдаку наврас гарданд, дилҳоро ба ҳаяҷон оранд, касро ба амалиёти фаъолона бахри тантанаи ҳақиқату адолат раҳнамун созанд.

Зебоии боигариҳои маънавии башарият танҳо ҳамон вақт метавонанд боигарии маънавии бачаҳо гарданд, ки моҳияти такондиҳандагии он бо мисолҳои барҷастаи дилҳоро ба ҳаяҷон оранда ошкор карда шуда бошад. Мисоли ҳаёти шоиста, мисоли корнамоӣ, барои бахту саодати башарият чароғест, ки ҳаёти кўдакро мунаввар месозад. Аммо мисолҳо низ танҳо вақте меомўзонанд, ки таҷассуми ҳақиқии ғояҳои инсондўстона ва такондиҳанда бошанд.

Қувваи бузурги маънавие, ки бачаҳоро хушахлоқ мегардонад, некўкорӣ дар ҳақи одамон аст. Яке аз вазифаҳои тарбиявии мактаб аз он иборат аст, ки кўдак қалбан ҳис кунад, ки дар атрофи ў одамоне ҳастанд ба ёрмандӣ, ғамхорӣ, навозиш, самимият ва ҳамдардӣ мухтоҷ. Аз ҳама муҳим он аст, ки виҷдон бачаҳоро нагузорад, ки ин одамонро надида гузашта раванд. Кўдак ва наврас ба касе на ба мақсади аз дигарон фарқ карда истодан, балки беғаразона некӣ кунад. Шарикшавӣ ба ғаму андўҳи одамоне, ки мусибат ва ё бадбахтие ба сарашон омадааст, сарчашмаи виҷдони кўдак, сарчашмаи некўкории ў дар ҳақи дигарон аст. Эҳсоси олами маънавии одам, шарики мусибати каси бегона шуда тавонистан - шодиву нишоти олии одамӣ, ана аз ҳамин сар мешавад, ки бе он зебогии маънавӣ буда наметавонад.

Ба тарбиятгирандагон мудом таълим додан даркор, ки ҳиссиёти дигаронро эҳсос кунанд, ба он кўшиш намудан даркор, ки кўдак худро ба ҷойи касе монад, ки ў ба ҳамдардӣ, ёрмандӣ ва ғамхории самимона мухтоҷ аст. Ҳамзамон, мусибати дўст, рафиқ мусибати шахсии ў гардад ва ўро ба он водор созад, ки дар андешаи чӣ тавр кўмак кардан ба одами имдодталаб гардад.

Дар тарбияи одамият муносибатҳои байниҳамдигарии шахсӣ, алоқаи маънавии ду одам роли бағоят калон мебозад. Агар кўдак дар чашмони дўсташ чашмони ғамгин, илтиҷокунанда, азияткашанда-мусибати ҳақиқиро набинад, ин мусибат ба дили вай роҳ нахоҳад ёфт. Кўдаке, ки ҳама ҷиҳатҳои ҳаёти одамӣ – ҳам бахту саодат, ҳам ғаму андўҳро пай набурдааст, ў ҳеҷ гоҳ одами дилсўз ва ҳамдард нахоҳад шуд. Ҳамдардшавӣ яке аз нозуктарин соҳаи идрок аст-идрок тавассути фикрҳо ва дил.

Дар ташаккули тарбияи одамият ба он ноил шудан даркор, ки тарбитгирандагон пайпаста некўкориро омўзанд ва ба рафиқони худ ё умуман ба одамони дигар ёрӣ расонанд, вале ин корро бо амри дил ба ҷо оранд ва аз кори иҷронамудаи худ пурра қаноатманд бошанд. Шояд, ин яке аз душвортарин корҳое бошад дар тарбияи одамият: ба одам некукориро омўзиву дар айни ҳол аз маслиҳатҳои ошкоро (ана ин тавр кун гуфтан) худдорӣ намоӣ. Пас, дар амал чӣ бояд кард? Зимнан, чизи аз ҳама асосӣ дар кўдак инкишоф додани қувваҳои ботинӣ мебошад, ки ба туфайли онҳо одам наметавонад некӣ накунад. Яъне

омӯхтани ҳамдардшавӣ. Аммо инро чӣ тавр бояд амалӣ намуд? Чӣ бояд кард, ки бачаҳо аз мусибати каси дигар хабар ёфта, худро ба ҷойи ӯ тасаввур кунанд, фикри муъҷази онҳо ҳиссиёти баландро бедор созад, шахсияти кӯдак ва наврас бо шахсияти одами ҳаёташ пуразоб даромезад, ӯ дар шахси одами мусибатдошта худро бинад ва ҳис кунад?

Хеле муҳим аст, ки ҳиссиёти нек ва некӯкорӣ ба «ҷорабиниҳои намунавӣ» табдил дода нашаванд. Дар бораи кори кардашуда ҳаддалимкон камтар гап задан, ҳеҷ гуна таърифу тавсифи аз ҳад зиёд барои некӯкорӣ, яъне чунин талаботро дар кори тарбияи насли наврас ба эътибор бояд гирифт. Хатарноктарин он чиз ба ҳисоб меравад, ки некӯкории муқаррарии одамиро кӯдак хизмати шоистаи худ ва ҳатто шуҷоат шуморад. Ба ин, аксар вақт мактаб гунаҳгор аст. Кӯдакон бояд мунтазири таърифу тавсиф нашуда, корҳои некро нисбат ба рафик, дӯст ва шахсони дигар анҷом диҳанд. Некӯкорӣ низ чун тафаккур бояд як чизи муқаррарие гардад, он бояб ба одат табдил ёбад. Коллективҳои педагогӣ бояд бахри он кӯшанд, ки рафтори нек ва самимона дар қалби бачаҳо ҳисси қаноатмандӣ боқӣ гузорад. Дилсузии самимона ба олами маънавии каси дигар дар айёми бачагӣ ҳам зери таъсири сухани муаллим, ҳам зери таъсири рӯҳияи коллектив бедор мешавад. Бавуҷудории ҷӯшу хуруши шафқати сидқидилӣ дар бачаҳо дар бораи некӯкорӣ, омодасозии бачаҳо ба ин хислати ахлоқӣ басо муҳим аст. Аммо ин ҷушу хурӯш фақат ҳамон вақт касро хушахлоқтар мегардонад, ки он ба фаъолияти шахсӣ табдил ёбад. Агар кӯдак ҳис кунад, ки бо кирдори худ ба одамони мӯҳтоҷ шодиву хурсандӣ мебахшад, ӯ аз хурдсолӣ манфиати худро бо манфиати мардум мувофиқ мегардондагӣ мешавад. Ин бошад, барои тарбияи накухислатӣ ва одамгарӣ бениҳоят муҳим аст. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби педагоги барҷастаи тоҷик Муҳаммад Лутфуллозода мебошад, ки менависад: «Ҳама гуна некӣ некист ва арзише дорад. Аммо некие, ки ба ивази ҷон карда мешавад, хеле арзишманд аст» [4, с.135].

Он касе, ки ҳадду ҳудуди майлу хоҳиши худро намедонад, ҳеҷ гоҳ шаҳрванди хуб нахоҳад шуд. Худбинҳо, манфиатпарастон, одамони нисбат ба бадбахтӣ ва нохушиҳои дигарон бетараф маҳз аз оилаҳое ба воя мерасанд, ки дар бачагӣ фақат манфиати худро медонанду ба манфиати коллектив коре надоранд. Майлу хоҳиши худро идора карда натавонистан ин одати ба назар басо оддӣ, вале дар ҳақиқат хеле мураккаби одамӣ-сарчашмаи одамгарӣ, шафқат, садоқат, самимият, худидоракунист, ки бе он на виҷдон ҳаст ва на одами ҳақиқӣ.

Ба олами мураккаби муносибатҳои одамӣ дохил кунонидани кӯдак, наврас аз муҳимтарин вазифаҳои тарбия аст. Ҳассосӣ нисбат ба шодию хурсандӣ ва ғаму андӯхро танҳо дар овони бачагӣ метавон парварид. Тарбияи ҳисси дилсӯзӣ ва шарикшавӣ бо ғаму андӯҳи дигарон вазифаи муҳими мактаб, омӯзгорон ва падару модарон маҳсуб дониста мешавад. Одам фақат ба шарте метавонад дӯст рафиқ, ва бародари каси дигар гардад, ки ғаму андӯҳи ӯро ғаму андӯҳи шахсии худ донад. Гузашта аз ин, кас шарики ғауму андӯҳи дигарон буданро бо сухан не, бо рафторҳои амалии худ бояд нишон диҳад. Бояд, кӯдак бо тамоми ҳастӣ хайрхоҳи шахси дигар бошад.

Ба хонандагон ёд додани ҳис кардани каси дигар душвортарин ҷиҳати кори тарбия аст. Ҳис кардани каси дигар, дӯстӣ, самимият, шафқат, дилёбӣ ва ҳайрхоҳӣ кори душвор аст ва аз тарбиятгарон маҳорати махсусро талаб менамояд. Кӯдак нозуктарин ҷиҳати ҳолати рӯҳии каси дигарро ҳамон вақт эҳсос хоҳад кард, ки барои бахту саодат, шодиву хурсандӣ ва осоиши мардум ягон кори хубе кунад. Дар дили кӯдак муҳаббати ҳакиқӣ-барои қисмати одамӣ дигар тараддут кардан, ташвиш кашидан, ғамхорӣ намудан, ғам хурданро бояд парварид.

Муҳаббати ҳақиқӣ танҳо дар ҳамон диле метавонад тавлид ёбад, ки вай ғами каси дигарро хурдааст. Чӣ хубаст, ки кӯдак ва наврас дӯсти хубе дошта бошанду дар ҳаки ӯ ғмхорӣ намояд. Кӯдак, наврас ҳар қадар дар ҳақи каси дигар ғамхорӣ намояд, дили ӯ нисбат ба рафиқон ва падару модар ҳамон қадар хайрхоҳтар мегардад.

Дар ҷамъият зистан маънои онро дорад, ки кас барои беҳбудӣ ва осоиши дигарон аз шодиву нишоти худ даст кашида тавонад. Баъзе падару модарон мекушанд, ки кӯдаки худро аз ҳама гуна нохушӣ ва чизҳои ҳузнангез дуртар нигоҳ доранд ва коре кунад, ки шодиву нишоти тифлаш заррае кам нашавад. Кӯдакро аз ҳаёти ҳузнангези ҳаёти одамӣ ҳеҷ гоҳ дур кардан лозим нест, бигузор кӯдак ва наврс донад, ки дар ҳаёти мо на фақат шодиву хурсандӣ, балки ғаму ғусса низ ҳаст. Бигузор ғаму андӯҳи дигарон ба дили кӯдак роҳ ёбад.

Симои маънавии шахс дар ниҳояти кор, ба он вобаста аст, ки шодиву хурсандии одам дар айёми бачагӣ фақат ба қонеъ гардонидани талаботи шахсии ӯ нигаронида шуда бошад. Агар кӯдак аз чигунагии ғаму андӯҳ, ранҷиши хотир, азоби рӯҳӣ бехабар монад, пас, ӯ чун шахси худбине ба камол мерасад, нисбат ба одамон ғамхору хайрхоҳ намегардад. Бадин тартиб, тарбиятгирандагон бояд чӣ будани нишоти бузург - нишоти он ҳиссиётеро, ки дар дили кас аз ғамхорӣ дар ҳақи инсон пайдо мешавад, донад. Ин басо муҳим аст.

Дар солҳои бачагӣ ва наврасӣ ҳар одам мехоҳад лутфу эҳсон ва меҳрубонӣ бинад. Агар кӯдак ва наврас дар шароити бетараҳумӣ калон шавад, вай шахси нисбат ба некӣ ва зебоӣ шахси бепарвое мегардад. Ногуфта намонад, ки мактаб наметавонад пурра оила, хусусан модарро иваз намояд, аммо агар кӯдак дар хонааш навозиш, самимият ва ғамхориро набинад, тарбиятгарон, бояд нисбат ба ӯ алалхусус боилтифот бошад.

Бисёр муҳим аст, ки тарбиятгарон дар байни мактаббачагон ҳисси дилбастагӣ нисбат ба ҳамдигарро ба вуҷуд оранд. Аз ин рӯ, падару модарон ва омӯзгорону мураббиён бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳар як кӯдак муносибат ба рафиқон, мубодилаи боигарии маънавӣ сарчашмаи шодиву нишот ва эҳсоси зиёд гардад. Ҳар як кӯдак ва наврас бояд ба коллектив чизе аз худ дохил намоянд, барои бахту саодат ва шодиву нишоти дигарон кӯшанд. Мо нағз медонем, ки дарккунии одам аз оила сар мешавад-аз ҳамон вақте сар мешавад, ки тифл ҳангоми шунидани суруди аллаи модар бори аввал ба ӯ табассум мекунад. Он чиз басо муҳим аст, ки аввалин фикрҳо нисбат ба некӣ, самимият, зеботарин чизи олам-муҳаббати одам ба одам, дар таҷрибаи шахсӣ пайдо мешавад ва барои кӯдак маҳбубтарин шахс модар, падар гарданд. Агар ин сифати ҳақиқии одам дар оила ба қадри кофӣ набошад, ё худ тамоман набошад, мактаб ва омӯзгорон бо кадом андоза метавонанд онро бидиҳанд? Дар пеши дили ҳассос ва зуд мутаасиршавандаи кӯдак дарҳои некӣ, зебоӣ ва рӯҳи одамиро чӣ тавар бояд кушод? Муҳаббати ҳақикии падар ё модар асосан ба он нигаронида мешавд, ки писар, духтар эҳтиром кардани худро ёд гирифта, ба одами накӯкор шудан кӯшиш ба харҷ диҳад. Ин кор барои он манфиатбахш аст, ки кӯдак бо худ, бо рафтори худ бифахрад, шарафи худ, қадру қимати худро ҳифз намояд.

Аз вақти бори аввал ба остонаи мактаб қадам ниҳодани кӯдак то вақти ба шахсияти баркамол ва ҳаматарафа инкишофёфта расидани ӯ дар назади тарбиятгар пеш аз ҳама, тарбияи намудани эҳсосоти одамият дар қалби мактаббачагон меистад, яъне он касе, ки мо тарбияаш мекунем, бояд амиқ ҳис кунад, ки одамони дар шафаташ зиндагикунанда ҳам мумкин аст ӯ барин мусибат, ғаму ғусса, дарду алам ва нохушиҳо дошта бошанд. Бинобар ин, падару модарон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки кирдорҳои хуби кӯдакон дар солҳои бачагӣ, пеш аз ҳама бар ҳиссиёти одамӣ асос ёфта бошанд. Падару модарон ва омӯзгоронро бояд он чиз шод гардонад, ки хурдтаракон изҳори ҳамдардиро ёд гиранд ва онҳоро ҳиссиёте фаро гирад, ки ҳамсолонашон, ё худ рафиқони калонсол, падару модар ва умуман калонсолонро ба ҳаяҷон меоварда бошад.

Лозим ба таъкид аст, ки масъалаи беш аз ҳама асосие, ки тамоми умр омӯзгорону падару модаронро ором нагузорад, ин бошад, мактаббачагонро чӣ сон ба олами бузурги ҳаёти ҷамъиятӣ ворид намуданд ва чӣ коре кардан даркор, ки ҳар як кӯдак на фақат деҳаи худ, зебогии дарёҳоеро, ки дар соҳилҳои он солҳои аввали бачагиаш гузаштаанд, балки олами бузургу нопайдоканори Ватани худро низ бубинанд? То ин ки на танҳо зебогии табиат ва қалби одамиро дӯст доранд, балки нисбат ба қувваи душмане, ки халқҳоро зулму тааддӣ мекунад, адоват дошта бошад. То ин ки ба ҳифзи музаффариятҳои халқи худ, озодӣ, шараф, дӯстии халқҳои мамлакат тайёр бошад. Дар мактабҳои ҷумҳурӣ садҳо муаллимони дорои таҷрибаи ғании педагогӣ ва ҷонфидои касби худ фаъолият менамоянд, ки аз фаъолияти пурсамари онҳо бахри тарбияи одамият дар насли наврас истифода бояд бурд.

Вобаста ба фикрҳои болозикр иброз менамоем, ки имрӯз тарбияи одамият дар насли наврас такмили ҳамаҷонибаи чараёни педагогиро талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани маданияти муносибати маънавию эмоционалии байни тарбиятгар ва коллективи кӯдакон вобастагии зич дорад. Вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки ҳанӯз аз синни хурди мактабӣ дар кӯдакон низоми басо нозуки рафторҳои ахлоқӣ ва самимияту дилбастагиро, ки муомилаи байни шахсият ва олами ботинии инсонӣ тавассути онҳо сурат мегирад, инкишоф ва парвариш диҳанд.

Кӯдак оҳиста-оҳиста калон шуда, наврас, навҷавон ва ниҳоят падару модар мешавад, вале муҳим он аст, ки агар дар солҳои наврасӣ ва навҷавонӣ баъзе ҷиҳатҳои хулқи неки

бачагӣ, аз қабили софдилӣ, мутаассиршавӣ аз ҳодисаҳою воқеаҳои муҳити атроф, ғамхории самимӣ нисбат ба иэҳсоси қалби одамоне, ки ҳамроҳи онҳо кор, таҳсил кардан ва душвориҳоро бартараф намудан лозим меояд, дар дили онҳо боқӣ монад.

Барои он ки дар ниҳоди мактаббачагон сифатҳои баланди одамият, аз қабили некӯкорӣ, некдилӣ, меҳрубонӣ, ба дигарон мунису ғамхор будан ҷой гирад, пеш аз ҳама зарур аст, ки бо онҳо кори босуботи тарбиявиро анҷом дод. Тарбияи сифатҳои одамият аз қисмҳои таркибии зерин иборат аст: тарбияи некдилӣ; тарбияи некӯкорӣ; тарбияи садоқатнокӣ; тарбияи тараҳум; тарбияи дардошноӣ; тарбияи ҳамдардшавӣ; тарбияи одатҳои ахлоқӣ; тарбияи боилтифотӣ; тарбияи қарзи инсонӣ.

Муҳимтарин манъбаи тарбияи одамият, муносибати бисёртарафаи эмоционалии мактаббачагон дар коллективи ягонаву тифоқ, ки дар он ҷо муаллим на ин ки мураббӣ, балки дӯсту рафиқ низ мебошад, ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бояд боварӣ пайдо кунанд, ки вазъи эмоционалии коллектив, яъне хушҳолию руҳбаландӣ – қувваи бузурги маънавӣ буда, мактаббачагонро муттаҳид месозад, дар қалби бачаҳои фориғбол нисбат ба ҳар як кори коллектив ҳисси шавқмандиро бедор мекунад. Ин ҷо аҳамияти синни хурди мактабиро дар тарбияи одамият бори дигар таъкид намудан лозим аст.

Дар он ҷойе, ки шафқат идроки олами атроф нест, кӯдакон сангдил ба воя мерасанд ва набояд фаромӯш кард, ки ҳассосиву зудмутаасиршавӣ дар овони бачагӣ ташаккул меёбад. Дар овони бачагӣ ташаккул додани зудмутаасиршавӣ, аз заминаҳои устувори дар мактаббачагон ташаккул додани одамият мебошад.

Агар кӯдак нисбат ба рози рафиқ, дӯст, падару модари худ ва ҳар як нафаре, ки дучораш мекунад, бепарво бошад, агар кӯдак ба чашмони каси дигар назар андохта, аз рози дили вай хабар наёбад, ӯ ҳеҷ гоҳ одами дардошно нахоҳад шуд.

Ба ақидаи мо *дардошноӣ* як қисми муҳими таркибии тарбияи одамият дар кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад. Аз он ки кӯдакон барои фаҳмидани дарди дили одамон саъю кӯшиш мекунанд ва ин ба хушахлоқ шудани онҳо мусодидат мекунад, аз самаранокии кори тарбиявии омӯзгорону падару модарон гӯвоҳӣ медиҳад. Чӣ қадаре, ки кӯдакон ба ғаму андӯҳ ва ташвишҳои одамон сарфаҳм рафтан гиранд, дилҳои онҳо ҳамон қадар нозуктар, дардошнотар мегардад. Дар сурати дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҳисси дардошноӣ дар дили онҳо майлу хоҳиш ва ҷуръати ба дигарон некӣ ва хайрхоҳӣ намудан ташаккул ёфтан мегирад.

Ҳамзамон, баҳри он кӯшиш намудан даркор, ки кӯдакон дар андешаи чӣ тавр кӯмак кардан ба одами имдодталаб бошанд, яъне аз ҳама муҳимтар ба кӯдакон ҳамдардшавиро ёд додан даркор.

*Ҳамдардшавиро* ба кӯдакон монанди он ки ба тифл аввалин қадаммонии мустақилонаро мулоҳизакорона, ғамхорона ва эҳтиёткорона меомӯзонем, ташаккул додан даркор. Ҳамдардшавӣ як қисми муҳими таркибии тарбияи одамият ба ҳисоб меравад. Зимнан, чизи аз ҳама асосӣ дар кӯдакон инкишоф додани қувваи ботинӣ мебошад, ки ба туфайли ин одам наметавонад некӣ накунад. Аммо инро чӣ тавр бояд кард? Чӣ бояд кард, ки кӯдакон аз мусибати каси дигар огаҳ шуда, дар онҳо ҳиссиёти худро ба шахсияти одами ҳаёташ пуразоб даромехтан, ташаккул ёбад. Кӯшиш намудан даркор, ки бачаҳо қувваи маънавии худро ба рафиқи мусибатдори худ ҳар қадар бештар бидиҳанд, то ин ки дили онҳо ҳамон андоза ҳассостар шавад.

Тарбияи *некӯкорӣ* қисми дигари таркибии тарбия одамият дар мактаббачагон мебошад. Шояд ин яке аз душвортарин кор дар масъалаи тарбияи одамият бошад. Некӯкорӣ қувваи бузургест, ки дар дили одам эҳсоси поку наҷиберо бедор мекунад, дар дили шахс ҷуръати ёрӣ расонидан ба касони мӯҳтоҷбударо бедор мекунад. Танҳо нафаре шахси арзандаи ҷомеа барои ормонҳои олӣ шуда метавонад, ки ӯ дар солҳои бачагаӣ ва наврасӣ санъати олии инсон будан, фарзанди бовафои миллат буданро ёд гирифта бошад. Садоқату вафодорӣ бечунучаро итоат кардан набуда, балки муомилаи хушу боадабона, овардани шодмонӣ барои дигарон мебошад.

Дилсӯзии самимона нисбат ба каси дигар, ҳам зери таъсири сухани муаллим ва ҳам зери таъсири рӯҳияи коллектив бедор мешавад. Дар мактаббачагон ба вуҷуд овардани шафқати сидқидилӣ кори ба осонӣ муяссаршаванда нест. Аммо ин ҷӯшу хурӯш дар сурате кӯдаконро хушахлоқтар мегардонад, ки он ба фаъолияти фардии ҳар як кӯдак табдил ёбад.

Барои он ки ба дили кӯдакон зиштию разолат роҳ наёбад, дар ниҳоди онҳо эҳсоси наҷиби олиҳимматиро тарбия намудан лозим аст. Одам дар сурате накӯкор мешавад, ки агар ба муқобили зиштию бадкирдорӣ мубориза бурда тавонанд. Некӯкорӣ танҳо иборат аз он нест, ки одам барои худ ва наздиконаш саодату шодкомӣ фароҳам орад, балки аз он иборат аст, ки ӯ нисбат ба зиштию бадкирдорӣ нафрату адоват дошта бошад.

Хеле муҳим аст, ки дар мактаббачагон ҳиссиёти *некдилӣ* тарбия карда шавад, ки тарбияи ҳиссиёти некдилӣ низ як қисми таркибии тарбияи одамият ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бояд ба он кӯшиш намоянд, ки дар айёми кӯдакӣ дар қалби бачаҳо рафтори некдилӣ ва самимона ташаккул ёбад. Асоситарин муваффақияти кори тарбиявӣ дар он зоҳир меёбад, ки бачагон аз мактаби одамият сабақ омӯзанд, ҳис кардани инсон, шарики шодиву ғуссаи вай шудан, дар байни одамон зистан, дӯст доштани Ватан ва кинаю адоват доштан нисбат ба душманро ёд гиранд.

Тарбияи некдилӣ оғози рафтори нек дар муносибату муомилаи байни одамон аст. Мактаббачае, ки дилаш ба ҳоли гунҷишки дар сармои қаҳратун бе сарпаноҳ ва бе обу дона монда месӯзаду онро аз марг наҷот медиҳад, ниҳоли аз таъсири барф хамзадаро рост мекунад, ҳеҷ гоҳ нисбат ба одамон бераҳмию сангдилӣ нахоҳад кард. Ва баръакс, бачае, ки чизи барои одамон дилписанду шодибахшро бераҳмона нобуд мекунад, дар оянда нисбат ба наздикони худ ҳар гуна бераҳмиро раво мебинад.

Омӯзгорон ва падару модарон бояд аз он дар изтироб бошанд, ки кӯдакон аз мусибати касе ғамгин мешаванд ё не? Оё тарбиятгирандагон дар чашмони дӯст, рафиқи худ нокомии онҳо, дарди онҳоро дида метавонанд? Ба ақидаи мо, ин алифбои маданияти эмотсионалӣ, дар айни замон *алифбои тарбияи ахлоқӣ* ҳам мебошад, ки бидуни он бародарии ҳақиқии одамон, оштинопазирӣ нисбат ба бадкирдорӣ ва садоқат ба ормонҳои олӣ имконнопазир аст.

Ташаккул додани алифбои маданияти ахлоқӣ як заминаи устуворест барои дар мактаббачагон ташаккул додани одамият. Барои он ки кӯдакон алифбои маданияти ахлоқию эмоционалиро дарк намоянд, бояд онҳо бо меҳнати суботкоронаи калонсолон шинос карда шаванд. Кӯдаконро пайваста байни одамон бурдан зарур, то ки онҳо бинанд, ки калонсолон барои ободии Ватан, насли оянда чӣ гуна меҳнати шуҷоатмандона мекунанд. Эҳсоси миннатдорӣ аз одамон бо эҳсоси масъулиятшиносӣ, қарз ва ифтихори шаҳрвандӣ аз якдигар ҷудонашаванда мебошанд.

Агар кӯдаке, ки дар зиндагӣ як маротиба аз рафтори бадкирдорона ба ғазаб омада бошад, бояд даҳ маротиба кори нек карда, бо рафтору кирдори худ ин иқдоми некиро дар зиндагӣ мустаҳкам намояд. Чунин алифбои маданияти ахлоқиро аз бар карда истода, хонандагон ба фаҳмидани моҳияти ахлоқ ҳамчун шакли олии инсондӯстӣ ва хушахлоқӣ, ҳамчун низоми идеяҳо ва ақидаҳое, ки беҳтарин сарвати маънавии инсониятро дар худ таҷассум кунонидааст, тайёр мешавад.

Дар солҳои бачагӣ ҳар одам мехоҳад лутфу эҳсон ва меҳрубонӣ бубинад. Агар кӯдак дар шароити бетараҳумӣ калон шавад, ин дар ташаккули шахсияти ӯ хавфи калон дорад. Бинобар ин, кӯшиш намудан даркор, ки аз синни хурдӣ дар кӯдакон ҳисси *тараҳум* нисбат ба одамони касалманд, пиронсолону хурдтаракон ва касони ба ёрӣ мӯҳтоҷбуда ташаккул ёбад. Тарбияи ҳисси тараҳум бошад, воситаи тавонои дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ мебошад. Вақте ки дар дили кӯдак ҳиси меҳру тараҳум ҷой мегирад, ин ӯро водор месозад, ки ба падару модар, дӯст, рафиқ ва дигарон некӣ кунад. Ё ин ки агар кӯдакон шарики шодиву ғаму ғуссаи дигарон шуданро ҳис кунанд, албатта дар онҳо майлу хоҳиш ва ҷуръати ба одамон некӣ кардан пайдо шудан мегирад.

Дар байни дигар воситаҳои дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани одамият тарбияи *садоқатнокӣ* низ мавқеи махсусро касб менамояд. Дар сурати дар инсон ташаккул ёфтани садоқатнокӣ ӯ наметавонад аз паҳлӯи шахси имдодталаб ва дар изтироббуда бепарво гузашта равад. Ӯ ба шахси имдодталаб ёрии амалӣ расонида натавонад ҳам, бо ӯ ҳамдард шавад, он шахс худро хело сабук ҳис мекунад. Ё ин ки агар кӯдак бо дӯст ва рафиқаш содиқ бошад, ҳеҷ гоҳ мушкилоти рафиқаш барои ӯ бе фарқ буда наметавонад. Ӯ садоқатнокии худро исбот карда, ҳатман ба рафиқаш кӯмак менамояд.

Бояд зикр намуд, ки тарбияи *одатҳои ахлоқӣ* дар тарбияи малакаи одамият дар мактаббачагон ҳамчун як воситаи тавоное хизмат карда метавонад. Тарбияи одатҳои ахлоқӣ ин дар ягонагии шуурнокии баланд ҷараёни амиқи интелектуалӣ ва эмотсионалӣ

мебошанд, ки одам солҳои кӯдакию наврасӣ аз сар мегузаронад. Одатҳои ахлоқӣ ибтидо, алифбои идеяҳои маънавӣ ва эътиқод мебошанд.

Ташаккули одатҳои ахлоқӣ воситае мебошанд, ки тарбиятгар тавассути он ба ҷаҳони маънавии тарбиятгаргиранда дохил шуда метавонад. Бидуни ин, таъсир расонидан ба шахсияти мактаббача бо воситаҳои гуногуни тарбиявӣ имконнопазир аст. Агар муҳимтарин ҷиҳатҳои маданияти ахлоқӣ маҳз дар синни хурди мактабӣ ба ҳукми одат надароянд, пас одам аз онҳо абадӣ маҳрум мешавад, ки сарвати гумгашта дигар ҳеҷ гоҳ ба даст нахоҳад омад. Бинобар ин, кӯшиш намудан зарур, ки дар ниҳоди мактаббачагон нисбат ба ҳамаи он чӣ ки дар ҳаёте ҳаррӯза ба вуқӯъ меояд, эҳсоси боилтифотию диққатнокӣ бедор карда шавад.

Дар бораи тарбияи одатҳои ахлоқӣ сухан ронда, боя таъкид намуд, ки вазифаи омӯзгорон ва падару модарон аз он иборат аст, ки дар мактаббачагони хурдсол беҳтарин ва муҳимтарин одатҳоро ба анъана табдил диҳанд.

Мо ҳар қадар дар бораи тарбия намудани малакаи одамият дар ниҳоди мактаббачагон ҳарф занем ҳам, вале ҳангоми муносибат ва мурочиат намудан, аз ҳар ҷиҳат эҳтиром карда тавонистани шахсияти тарбиягирандаро фаромӯш накунем, чунки эҳтиром кардани шахсияти кӯдак муҳимтарин воситаи педагогӣ мебошад. Масалан, ба кӯдак мусибате рух додааст, ё мушкилоте пеш омадааст. Дар ин сурат омӯзгорон бояд ҳангоми кӯмак намудан ба кӯдак, хеле эҳтиёткор бошанд. Дар баъзе ҳолатҳо тавре мкӯмак расонидан лозим, ки алами кӯдак аз ин амали мо тоза нагардаду гиря накунад. Баръакс, ҳангоми кӯмак намудан, баъзу кӯдакон сабукиро ҳис мекунанд. Дар ин бора педагоги барҷастаи даврони шӯравӣ В.А. Сухомлинский хеле хуб менависад: «Дахл кардан ба ҳассостарин гӯшаи дил, бепарвоёна дастдарозӣ кардан ба он чӣ, ки худи мактаббача ҳал кардан мехоҳад, бо ҳар гуна роҳҳои бо зӯрӣ таъсир расонидан, ба тааҷҷуб овардан ва монанди инҳо-ҳама нишонаи надоштани маданияти оддитарини педагогӣ мебошад. Агар хоҳед, ки тарбиятгиранда ба назди шумо омада ёрӣ пурсад, маҳз ҳамон гӯшаи дили ӯро эҳтиёт кунед, ки андаке дастдарозӣ ба он ӯро озурда мекунад [9, с. 324]. В.А. Сухомлинский дар ҷойи дигар менависад: «Ба муаллим бисёр вақт лозим меояд, ки ба ҷои ҷароҳ бошад ва ба дардмандтарин ҷои одам даст расонаду худи одам аз ин бехабар монад» (9, с. 124).

Дар ин зимн, бояд қайд намуд, ки нобароии кори тарбиявии бисёр муаллимон дар баъзе мавридҳо дар он зоҳир меёбад, ки онҳо ташаккули ахлоқнокии кӯдаконро танҳо ба воситаи баҳо додан ба сифати дониши онҳо андоза мекунанд, яъне хонандагонро вобаста ба чи гуна иҷро намудани вазифаи хонагӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Оё муаллиме, ки ташаккули шахсияти мактаббачагонро ҳамин тавр мефаҳмад, магар метавонад тарбиятгари хуб шавад? Агар муаллим фикр кунад, ки танҳо дар вақти дарс ба талабагон таъсири тарбиявӣ мерасонад, ҳоҷати дар ин бора ҳарф задан ҳам нест. Муҳим он аст, ки омӯзгор вақти дар мактаб будани хонандагон ба онҳо то кадом андоза шодиву хурсандӣ ато карда метавонад. Ва он чиз низ басо муҳим аст, ки ҳар кӯдак шодиву нишотро на ин ки эҳсос кунад, балки боҷуръатона ба ҳаёти коллектив зам намояд

Дар рафти таҳлилу омӯзиши масъалаи дар ниҳоди мактаббачагон тарбияи малакаи одамият мо сабабу омилҳои ихтилофи байни одамият ва рафторҳои мактаббачагонро муайян намудем:

– сатҳӣ аз худ намудани донишу рафторҳои ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ва набудани барномаи махсуси тарбиявӣ дар ин самт;

– байни кӯшиши нигоҳдории арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва самтгирии омӯзгорон оид ба истифодаи таҷрибаи мавҷудбуда оид ба тарбияи одамият дар оила ва мактаб;

– камтаваҷҷуҳии худи мактаббачагон барои омӯхтани сифатҳои одамият ва набудани роҳбарии дурусти педагогӣ аз ҷониби омӯзгорон оид ба аз худ намудани меъёрҳои одамият аз ҷониби мактаббачагон;

– дар ҷараёни таълиму тарбия пурра ҷалб накардани ҳамаи кӯдакон ба корҳои мухталифи коллективона ва баҳои воқеӣ надодапни омӯзгорон ба ин воситаи муҳими тарбиявӣ.

**АДАБИЁТ**

1. Азбука нравственного воспитания. Пособие для учителя. Под ред. И.А. Каирова и О.С. Богдановой. – з-е изд., перераб. и доп. – М.: Просвещение, 1979. –318 с.

2. Гербенников, И.В. Воспитательный климат семьи – М.: Знание,1976 – 39 с.
3. Қодиров, Қ. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. Душанбе, 2012. – 240 с.
4. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогики Аҷам. – Душанбе, 1997. – 150с.
5. Мораль и этическая теория. / Под ред. О.П. Целиковой. – М.: Изд.-во «Наука», 1974. – 295 с.
6. Нуров, А. Арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ва роли онҳо дар тарбия ахлоқии насли наврас. Душанбе. – 2007.
7. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Ҷ.1. (асрҳои X– 11). Душанбе – 1962
8. Раҳимов, Б., Нуров, А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик. Душанбе, 2008. – 296 с.
9. Сухомлинский, В.А. Родительская педагогика – М: Знание, 1978. – 96 с.
10. Харчев, А.Г., Алексеева В.Г. Образ жизни. Мораль. Воспитание. – М.: Политиздат, 1977. – 143 с.
11. Энциклопедия персидско-таджикской прозы. Кабусназме. Синдбад-наме. Сказки. – Душанбе: Главная научная редакция таджикской советской энциклопедии. 1990. – 510 с.
12. Ҷумъахон Сайдалӣ. Достони матонат // Минбари халқ, 30.06.2023 (1422).

***МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА***
***ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ***
***GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY***

# МЕСТО И РОЛЬ РУССКОГО ЯЗЫКА В НАЦИОНАЛЬНОЙ СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

***БАЙЗАЕВ Азим*** *– кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии Таджикского национального университета, главный специалист отдела методики обучения, психологии и подготовки научных кадров Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *azim_b@mail.ru, abayzoev@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 907 90 70 17*

В статье анализируется место и роль русского языка в системе образования Таджикистана в сравнительно-историческом ракурсе. Подчеркивается особое место русского языка и школ с русским языком обучения по сравнению с другими языками национальных меньшинств.

Главными тезисами автора в определении роли русского языка в современном периоде развития системы образования в Таджикистане являются следующие:

1. Точное определение статуса русского языка в системе образования. Оно обуславливается тем, что школы с русским языком обучения уже давно не являются школами так называемых национальных меньшинств, термина, унаследованного с советских времен.
2. Поскольку абсолютное большинство учеников этих школ являются представителями коренных народов Таджикистана (таджики и узбеки), необходимо тщательно проанализировать содержание образования, учебников и учебных материалов в этих учреждениях с учетом сохранения национальных ценностей, менталитета, культуры и традиций таджикского народа.
3. Достижению поставленных целей может способствовать глубокая интеграция учеников этих образовательных учреждений в единую систему обучения и воспитания, вовлекая их на участие всевозможных конкурсов национального характера.
4. Предлагается более углубленное изучение государственного языка в этих школах с целью обеспечения одинакового владения таджикским и русским языками путем внедрения обучения некоторых предметов на таджикском языке.

По мнению автора, эти и другие меры будут способствовать снижению утечки мозгов, что очень важно для развития внутренней экономики. В противном случае мы неизбежно будем готовить хороших специалистов для пополнения рынка труда других стран за свой счет.

***Ключевые слова:*** *русский язык, национальная система образования, национальное меньшинство, рынок труда, национальные ценности, интеграция в обучении.*

# МАҚОМ ВА НАКШИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР НИЗОМИ МИЛЛИИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

***БАЙЗОЕВ Азим*** *– номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сармутахассиси шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *azim_b@mail.ru, abayzoev@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 907 90 70 17*

Дар мақола мавқеъ ва нақши забони русӣ дар низоми миллии таҳсилоти Тоҷикистон аз нигоҳи муқоисавии таърихӣ таҳлил шудааст. Мавқеи махсуси забони русӣ ва муассисаҳои таълимии русӣ нисбат ба дигар забонхои акаллиятҳои махсус миллӣ қайд карда мешавад.

Мулоҳизаҳои асосии муаллиф дар муайян кардани нақши забони русӣ дар давраи муосири рушди низоми таҳсилоти Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

1. Аниқ муайян кардани мақоми забони русӣ дар низоми маориф. Ин аз он бармеояд, ки муассисаҳои таълимии русӣ дигар муассисаҳои ба истилоҳ ақаллиятҳои миллӣ нестанд, ҳамон тавре ки дар замони шӯравӣ онҳоро ба ақаллиятҳои миллии русзабон муталлиқ медонистанд.

2. Азбаски аксарияти мутлақи хонандагони ин муассисаҳо намояндагони халқҳои таҳҷоии Тоҷикистон (тоҷикон ва ӯзбекон) мебошанд, зарур аст, ки мазмуни таълим, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимии ин муассисаҳоро бо назардошти ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҳувийяти миллӣ, фарҳанг ва анъанаҳои мардуми тоҷик таҳлилу баррасӣ намоем.

3. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таҳсилоти миллӣ ҳамгироии амиқи хонандагони ин муассисаҳои таълимиро ба низоми ягонаи таҳсилоти миллӣ, аз ҷумла, бо роҳи ҷалби бештари онҳо ба озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявии характери миллидошта таъмин намудан лозим аст.

4. Дар ин муассисаҳо бо мақсади таъмини дар як сатҳ донистани забонхои тоҷикӣ ва русӣ таълими баъзе фанҳоро бо забони тоҷикӣ (давлатӣ) ба роҳ мондан лозим аст.

Ба андешаи муаллиф, ин ва дигар тадбирҳо ба коҳиши фирори ма�зҳо, ки барои рушди иқтисоди ватанӣ хеле муҳим аст, мусоидат мекунад. Дар акси ҳол, мо бо роҳи хатарноке рафта истодаем, ки бо тайёр кардани мутахассисони хуб бозори меҳнати кишварҳои дигарро аз ҳисоби худ пур кунем.

***Вожаҳои асосӣ:*** *забони русӣ, низоми миллии таҳсилот, ақаллияти миллӣ, бозори меҳнат, арзишҳои миллӣ, ҳамгироӣ дар низоми таҳсилот.*

## STATUS AND ROLE OF THE RUSSIAN LANGUAGE IN THE NATIONAL EDUCATION SYSTEM OF TAJIKISTAN

***BAIZAEV Azim*** *– candidate of Philological Sciences, Associated Professor of Iranian Philology Department Tajik National University, Tajik Education Academy, specialist. Dushanbe, 17, Rudaki Avenue.* ***E-mail:*** *azim_b@mail.ru, abayzoev@gmail.com,* ***phone:*** *(+992) 907 90 70 17*

The position and role of the Russian language in the national education system of Tajikistan are analyzed in this article by the historical comparative point of view. The special position of the Russian language and Russian educational institutions in Tajikistan is noted comparing to other educational institutions for the national minorities.

The main author's considerations in determining the role of the Russian language in the modern period of the educational system development in Tajikistan include:

1. Accurate determination of the status of the Russian language in the national education system. This is due to the fact that Russian educational institutions are no longer institutions of so-called national minorities, as they were considered to belong to Russian-speaking national minorities during the Soviet period.

2. Since the vast majority of students of these institutions are representatives of the indigenous peoples of Tajikistan (Tajiks and Uzbeks), it is necessary to analyze and review the content of education, textbooks and educational materials of these institutions, taking into account the protection of national values, national identity, culture and traditions of the Tajik people.

3. In order to achieve the goals of national education, it is necessary to ensure the deep integration of students of these educational institutions into the unified national educational system, in particular, by involving more of them in various republican competitions of a national nature.

4. In order to ensure knowledge of Tajik and Russian languages at the same level, it is necessary to start teaching some subjects in Tajik (State) language in these institutions.

According to the author, these and other measures contribute to reducing the brain drain, which is very important for the development of the national economy. Otherwise, we are going down the dangerous path of filling the labor market of other countries at our own expense by training good specialists.

***Keywords:*** *Russian language, national education system, national minority, labor market, national values, integration in education system.*

Функционирование языков национальных меньшинств на территории каждого государства обуславливается многими факторами, главным из которых является его функционирование в системе образования. Именно этот фактор обеспечивает языку национального меньшинства устойчивость развития, его сохранения носителями языка.

7. Прозументова, Г. Н. Школа совместной деятельности. Эксперимент: развитие цели воспитания и исследовательской деятельности педагогов школы / Г. Н. Прозументова. - Томск, 1994. - 41 с.

8. Рогова, Г. В. Методика обучения иностранным языкам в средней школе / Г. В. Рогова, Ф. М. Рабинович, Т. Е. Сахарова. - М.: Просвещение, 1991. – С. 32.

9. Тарский, Ю. И. Методология моделирования в контексте исследования образовательных систем / Ю. И. Тарский // Моделирование социально-педагогических систем: Материалы региональной научно-практической конференции (16-17 сентября 2004г.) / гл. ред. А.К.Колесников; отв.ред. И.П. Лебедева. - Пермь, 2004. - С. 24-26.
10. Щукин, А.Н. Обучение иностранным языкам: теория и практика. М., 2004. - С.139.

## САҲМИ ҶАВОНОН ДАР РУШДУ НУМӮИ ВАҲДАТ ВА РИЗОЯТИ МИЛЛӢ

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори кафедраи забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Восифӣ, 21,* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93 9225097*

Муаллифи мақола дар бобати Ваҳдати миллӣ, нақши ҷавонони кишвар дар таҳкими Ваҳдати миллӣ, ғамхориҳои Пешвои миллат дар таълиму тарбияи ҷавонон, тарбия дар рӯҳияи ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ, баланд бардоштани маҳорату малакаи касбӣ, тарбияи насли солиму бомаърифат, ки ояндаи Тоҷикистон аз маҳорату малакаи онҳо вобастагӣ дорад, ибрози андеша менамояд. Инчунин, дар мақола вобаста ба ғамхориҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси соли 2017 эълон гардидани Соли ҷавонон, инкишофи ҳамаҷонибаи тарбиявии маънавиёту масъулиятшиносии ҷавонон, сухан меравад.

***Вожаҳои асосӣ****: ваҳдат, ҷавонон, нерӯ, ватан, миллат, истиқлолият, тарбия, ахлоқ, ватанпарастӣ, осор, таълим, дониш.*

## РОЛЬ МОЛОДЕЖИ В РАЗВИТИИ ЕДИНСТВА И НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ

***ДАВЛАТШОЕВА Азиза*** *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой языков Академии МВД Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул.Восифи, 21,* ***Email:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93 9225097*

В статье автор высказывает свое мнение о национальном примирении, роли молодежи в укреплении национального единства, заботе Лидера нации в обучении и воспитании молодежи в духе патриотизма, национального самосознания, повышения профессиональных навыков, воспитания здорового подрастающего поколения, от которых зависит будущее Таджикистана. Также, в статье подчеркивается, что Основатель мира и согласия - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон объявил 2017 год – годом молодежи и это направлено на всестороннее развитие культурного воспитания молодежи.

***Ключевые слова:*** *примерения, молодежь, родина, сила, независимость, воспитание, поведение, патриотизм, знание, обучение.*

## ROLE OF YOUTH IN STRENGTHENING OF NATIONAL RECONCILIATION

***DAVLATSHOEVA Aziza*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Languages of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Vosifi, 21, st.* ***E-mail:*** *azizadavlat@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992)93 9225097*

In the article the author expresses the opinion on national reconciliation, a role of youth in strengthening of national unity, care of the Leader of the nation in training and education of youth in the spirit of patriotism, national consciousness, increase in professional skills, education of healthy younger generation on which the future of Tajikistan depends. Also in article it is emphasized that the Founder of peace and compliance in the republic, the Leader of the nation, the

President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon announced 2017 – The year of youth and it is aimed at all-round development of cultural education of youth.

***Keyword:*** *reconciliations, youth, Homeland, force, independence, education, behavior, patriotism, knowledge, training*

Дар сарнавишти ҳар як миллату давлат санаҳои тақдирсозе ҳастанд, ки бо маънии томаш ҳамчун оғози созандагиҳои бузург ва даврони саодатофарин маҳсуб мешаванд. 27-уми июни соли 1997 барои мардуми тоҷик, бахусус, барои ҷавонон як санаи муқаддас, як рӯзи таърихӣ ва зиёда аз ҳама чун як воқеаи тақдирсоз дар ҳаёти мардум мавқеъ пайдо кардааст. Бояд қайд намуд, ки яке аз заминаҳои асосӣ ва воқеие, ки барои ба ҳам омадани ҷомеа ва кишвар хидмат намуд ин баргузор намудани Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Иҷлосияи 16-ум имрӯз, иҷлосияи муҳим ва таърихӣ аз он ҷиҳат ба шумор меравал, ки заминаи воқеиро барои сулҳу салоҳи деринтизор муҳайё намуд. Заминаи асосии Иҷлосияи 16-ум дар он ифода мегардад, ки қадами асосӣ барои сулҳ гузошта шуд, ки он аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҳамин Иҷлосия интихоб гардида буд, амалӣ гардид. Аз ҳамин давра сар карда то 27 июни соли 1997 8 давраи музокирот ва 21 мулоқоти расмӣ дар байни тарафҳо баргузор гардид. [1, с. 59] Хушбахтона, фарҳанги бузурги тоҷикон ғалаба кард ва дар тафаккури шаҳрвандон ҳисси ёнагӣ, ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ба умеди оянди дурахшон боло гирифт ва сулҳу ваҳдат дар кишвар пойдор гардид Ба қавли шоири бузурги тоҷик Лоиқ Шералӣ:

Ахтари наҳс аз сари мо рафт,
Ахтари саъд ёри мо омад.
Аз сари мо хазонфишон бигзашт,
Гулфишони баҳори мо омад.
Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад. [2, с. 36]

Азбаски дар хотираи таърихии тоҷикон, дар шараёнҳои хуни пайкари ин миллати қадим фарҳанги сулҳу ваҳдат нуҳуфтааст, раванди ба даст овардани сулҳ, ки пайроҳаи хело мушкиле буд, муяссар гардид. Сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар марҳилаи навро боз намуд. Пеш аз ҳама, ваҳдату якдигарфаҳмӣ дар ҷомеа барпо гардида, ҳисси худшиносии миллиро тақвият бахшид. Ба мардуми шарафманди Тоҷикистон замина барои меҳнати осудаи созандагӣ, эъмори давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқӣ ва дунявӣ пайдо намуд. Сулҳу ваҳдати миллӣ заминаи воқеиро барои рушди минбаъдаи кишвар, иттиҳоду ҳамбастагии мардум, пешрафту ободкорӣ ва созандагию ташаббускориҳо кушод.

Боиси хушнуди ва ифтихор аст, ки дар эҷоди ваҳдат дар Тоҷикистон нахустин шуда ҷавонони шарафманди мо саҳмгузор шуда буданд. Он солҳо яке аз созмонҳои бонуфузи ҷавонон Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ҷавонони ташаббускору ватандӯстро дар атрофи худ муттаҳид намуда оид ба пуштибонӣ кардан аз Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҷодаи истиқрори сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ садо баланд намуда як қатор амалҳои шоистаро анҷом доданд.

Шоистаи таъкид аст, вақте ки ҷавониро ваҳдат ва ваҳдатро ҷавонӣ ҷило бахшад ва агар ваҳдат ба панҷаи созандаю бунёдгари ҷавонон эҷод шавад ва онро чун гавҳараки чашм муҳофизат намоянд, он боз ҳам зеботар мешавад. Сухани волои Пешвои муаззами миллат низ гувоҳи ин гутаҳост, ки фармудаанд: «Мо бояд шукр гуем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда расидаем ва сулҳу субот, Ваҳдати миллиро бояд ҳамчун дастоварди азизтарини халқамон ба монанди гавҳараки чашм эҳтиёт намоем».[2, с. 94] Имрӯз моро зарур аст, ки Ваҳдати миллиро таҳкиму тақвият бахшида фазои ороми сиёсии кишварро ҳамеша нигоҳ дорем ва баҳри дӯстиву ягонагӣ ва ризоияти ҷомеа кӯшиш намоем. Ин масъулият бештар ба дӯши ҷавонон аст. Пас нерӯи ҷавононро баҳри созандагиву ободкорӣ равона бояд намуд. Зеро ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини истиқлол аст. Ҷавонон, ки як неруи бузургро дар ҷомеаи ташкил медиҳанд бояд дар ин ҷода бештар саҳмгузор бошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромаду суханронииаш таъкид бар он менамоянд, ки дар амри хайри бозсозии ҷомеа амалӣ сохтани меъёрҳои демократӣ ва ислоҳоти иқтисодию беҳдошти сатҳи зиндагӣ ба ҷавонон бештар такя менамоянд. Зеро ба қавли Пешвои миллат «Ҳар як тадбире, ки дар мамлакат амали карда мешавад, мақсад аз он пеш аз ҳама беҳбудии ҳаёти шумо- ҷавонон ва ба хотири ояндаи неки Тоҷикистон аст».[3, с. 6] Ин суханҳои волои Пешвои муаззами миллат албатта пеш аз ҳама ба насли ҷавон дахл дорад ва онҳоро масъул месозад, ки на танҳо дастовардҳои истиқлол, сулҳу салоҳ ваҳдату ягонагӣ ва якпорчагии Тоҷикистонро ҳифзу эҳтиёт кунанд, балки масъуланд, ки он ҳама корҳои неки анҷомдодаи падарони шарафмандамонро дар ҷодаи дӯстӣ, иттиҳоду ягонагӣ ва ҳамраъӣ бо халқҳои сулҳпарвару тараққихоҳи олам ҳифз намоянд. Боиси ифтихор аст, ки дар эҷоди ваҳдат дар Тоҷикистон нахустин шуда ҷавонони шарафманди мо саҳмгузор шуда буданд. Он солҳо яке аз созмонҳои бонуфузи ҷавонон Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ҷавонони ташаббускору ватандӯстро дар атрофи худ муттаҳид намуда оид ба пуштибонӣ кардан аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи истиқрори сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ садо баланд намуда як қатор амалҳои шоистаро анҷом доданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлол зарурати ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавононро пазируфтааст. Баъди шаш моҳи соҳиб гаштан ба истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштани қонуни асосии ҷавонон – Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (13- марти соли 1992 тасдиқ гаштааст) далели ин гуфтаҳост. Ибрози он бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, қонуни асосии ҷавононро қабул кардааст. Ин бори дигар собит месозад, ки кишвари азизамон Тоҷикистон дар таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ташаккули сиёсати ҷавононро яке аз самтҳои асосӣ ва стратегии фаъолият медонад.[4, с. 235] Баъди орому осоишта гаштани ҳаёти халқ, ба даст овардани ризоияти миллӣ, Ваҳдат, Президенти кишвар Э.Ш.Раҳмонов 23-юми майи соли 1997 бо намояндагони ҷавони кишвар вохӯрӣ доир менамояд ва фармони худро таҳти рақами №727 “Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон” ба имзо мерасонад. Сипас, мутобиқи он фармон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 1997, №240 дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо мерасад [5]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо ҷавонон, ки 21-уми майи соли 2005 баргузор гардида буд, таъкид намуда буданд: «Бигузор ҷавонон парчами ваҳдати миллӣ, сулҳу амнияти пойдор ва азму иродаи созандагию бунёдкориҳоро баланд афрохта, дар сафи пеши созандагони тақдири Ватан қадам гузоранд!» [6, с. 134]. Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонон ва қарзи муқаддаси ҳар як сокини кишвар аст, ки истиқлолият, сулҳу суббот, ваҳдати миллӣ, оромию амнияти кишварро пос дорем ва ҳимоя кунем. Худшиносу худогоҳ бошем. Рӯҳияи озодихоҳӣ, ватандӯстӣ, ватандорӣ ва ифтихори миллиро тақвият бахшем. Насли ҷавони мо бояд аз он шукргузор бошад, ки дар як кишвари соҳибистиқлол зиндагӣ, таҳсил ва кор мекунад. Ва ҳамин давлат аст, ки барои ҷавонон шароити мусоид муҳаё месозад. Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки истиқлолияти воқеи доштан ва соҳибдавлату соҳибватан будан барои инсон бузургтарин неъмат ва волотарин армони зиндагӣ аст» [7, с. 56] .

Нерӯи созандаву бунёдгари ҷавонон дар раванди тараққиёти ҷомеа вазифаи идома бахшидану то ҳадди комилтар мустаҳкам намудани мавқеи ислоҳоти куллии ҷомеаву давлати миллиямонро ба зима доранд. Насли ҷавон бо руҳу равони тоза ва тавоно, бо ҷаҳонбинии хосса, ақидаву ғояҳо, ахлоқу меъёрҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ аз имрӯз ба фардои ҷомеа бо диди фарохи навини хеш сайқалу ороиш мебахшад ва интиқол медиҳанд. Аз ин рӯ дар тамоми гуфторҳои худ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавон аз он ҷиҳат аҳамият медиҳанд, ки онҳо дар аксари ҷанбаҳои зиндагӣ моҳият ва хусусияти фардоро амиқтару хубтар ба дарк бигиранд. Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки фармудаанд: «Ҷавонон бузургтарин нерӯи созандаву бунёдкори тамоми давру замонҳо будаанд. Онҳо воқеан як навъ пуле

маҳсуб мешаванд, ки дар миёни имрӯзиёну пасовандон қарор гирифта, ҳомили ҷаҳонбинӣ, ақоиди ахлоқиву ғоявӣ ва шаклҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд. Маҳз ҷавонон дар аксари самтҳои зиндагӣ моҳият ва хусусияти фардоро муайян месозанд. Вазъи иҷтимоиву тамоюлҳои ҳаёти ҷавонони имрӯза дар кадом сатҳу ҳолате бошад, фардои ҷомеа низ чунин хоҳад буд».[8, с. 12] Воқеан, раванди таърихии марҳилаи ҳозираи ҷомеа ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар моро водор месозад, ки аз ҷавонон ҳамчун захираи аслии зеҳниву ақлонии миллат, бунёди ҳаёти боз ҳам хушбахтона истифода барем. Зероояндаи ҳар як миллат пеш аз ҳама ҷавонони босаводу бофарҳанг ва баору номуси он ҳастанд, ки бо фаъолияти созандаи хеш метавонанд пешрафти пурсамари ҷрмеаро таъмин намоянд.

Дар воқеъ, бахри ба даст овардан ва минбаъд қавӣ доштани пояҳои ваҳдат муҳим аст, ки ҷавонон дорои донишу нерӯи бузурги миллӣ бошанд. Имрӯз барои дар сатҳи зарурӣ рушд кардани ҳаёти илмиву адабии кишвар беҳтарин имконот вуҷуд доранд. Тоҷикистон дар радифи ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон мавқеи худро чун Ҷумҳурии соҳибистиқлолу ягона ва дорои арзишҳои илмиву маданӣ дарёфтааст. Дар хориҷи кишвар ҷавонони тоҷик таҳсили илм дошта, аз комёбиҳои беҳтарини илмиву адабии олам воқифанд.

Ваҳдат падидаи бузург аст ва хушбахт миллатест, ки онро аз ҳама гуна нокомиву палидӣ нигаҳ медорад. Таърих борҳо собит намудааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ бархе аз миллатҳо тӯли садсолаҳо дар орзуи ин неъмати бебаҳо умр ба сар бурдаанд. Хушбахтона, ин саодат миллати олитабори тоҷик нишонаи пирӯзии хираду андешаи комил аст. Ривоят мекунанд, ки хирадманде панҷ писар дошт ва ба дасти онҳо яктогӣ химча медиҳаду амр мекунад, ки шикананд. Писарҳо химчаҳоро якҷоя мекунанд, вале шикаста наметавонанд. Хирадманд мегӯяд: Дидед, фарзандонам, агар шумо аз ҳам ҷудо бошед, шикастани шумо душвор нест, вале агар муттаҳиду сарҷамъ ва аҳл бошед, ҳеҷ кас наметавонад ваҳдати шуморо халалдор созад. Ваҳдат аз оила сар мешавад. Хосса дӯстии айёми наврасию ҷавонӣ мисли нақшест дар санг, ки сутурда намешавад. Бе дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ бо наздикони худ, наметавонем ваҳдати комилро ба даст оварем. Чуноне, ки мегӯянд, ободии кишвар аз остона сар мешаваду ваҳдат аз оила. Саҳми ҷавонон барои таъмини ваҳдат бештар бояд бошад. Дӯстии онҳо ҳангоми таҳсил дар мактаб, хизмат дар артиш ва ҳамкориҳо тавлид меёбад. Аз ин хотир, минбаъд барои густариш додани дӯстию ваҳдат ва худшиносии миллӣ ҷаҳд бояд кунанд. Девори устувори истиқрори қасри миллатро ҷавонони бонангу номуси миллат бояд бардоранд. Аз ин лиҳоз, набояд ҷаҳонбинии ҷавонони мо маҳдуд монад, балки донишашонро ба меъёрҳои башарӣ мувофиқат кунанд.

Ваҳдат ва ризояти миллӣ омили шукуфоӣ, тараққиёт, пешрафти ҷомеа буда, дар рушду нумӯи он бештар ҷавонони болаёқат саҳмгузор буда метавонанд. Ваҳдати миллӣ барои ҳамагон асоси ифтихороти ватандорӣ, шаҳрвандӣ ва фарзанду зодаи ин сарзамини пурфайз будан аст. Ҳосили Ваҳдати миллӣ буд, ки имрӯз ҷавонони кишвар шукронаи фаро расидани рӯзҳои нек ва шароити хуби таҳсилу кор мекунанд. Айни ҳол ҷавонон аз файзи Ваҳдати миллӣ имкон доранд, ки роҳи ормоҳои худро тай намуда, дар кишварҳои хориҷи Тоҷикистон барои камолоти тахассусии худ аз файзи раҳнамоиҳои Пешвои миллат баҳравар шаванд. Духтарону писарони навоҳии кӯҳистон тибқи квотаҳои президентӣ дар макотиби олии дилхоҳи худ таҳсил намоянд. Аз дастовардҳои пешқадами илму техникаи ҷаҳони муосир истифода намуда, худро ҳамчун ҷавониояндасозу худшинос барои ҷаҳониён муаррифи карда тавонанд.

Мо бо ин ҳама таваҷҷӯҳи махсус ва дастурҳои мушаххас имрӯзҳо шоҳиди он мешавем, ки имрӯз ҷавонон дар партави шинохти моҳияти ваҳдати миллӣ ва дарку маърифати зарурати он барои пешрафти ҷомеа бахри иҷрои рисолаи худ камари ҳиммат мебанданд ва пайваста бо руҳияи баланди худсозиву худшиносӣ дар пиндорҳои неку наҷиби худ фардои ҷомеаро меофаранд. Ба таъбири дигар, ин ҳама болорафтҳои фикриву маънавӣ ва идроки баланди ҷавонон, шуури пешрафтаи сиёсиву ҳуқуқии онҳоро метавон ҳосили Ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар муарифӣ намуд. Бо такя ба ин қудратмандӣ метавон боварӣ ҳосил кард, ки ин қувваи бузургу созанда, ки аз ниҳоди ҷавонон имрӯз бо хурӯши тоҷикона берун меояд, бахри таъмину таҳкими истиқлоли бадастомада, ваҳдати миллӣ ва ташаккули худшиносиву худогоҳӣ хидмат хоҳад кард. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Бузургтарин вазифаи наслҳои имрӯзаи халқи тоҷик аз он иборат аст, ки сулҳу

ваҳдат, ягонагӣ ва якпорчагии Ватани азизамонро таъмин намояд» [9] . Зеро шоистаи таъкид аст, ки танхо дар сурати вахдат душворихо ва монеахо дар як муддати кӯтоҳ паси сар шуда, рузгори мардум ру ба бехбудй овард ва кишвари азизамон ба шохрохи пешрафту тараккиёт ру овард. Ба ақидаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалй Рахмон: «Хар касе, ки нихоле сабзонда бошад, медонад. дарахт соле як маротиба хосил медихад. Аммо нихоле низ хаст, ки хамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, чомеаи мо аз он бахравар гардид, мо харгиз рох, намедихем, ки дигар теша ба решай он расад». Аз ин суханҳо метавон қазоват кард ва ҳаргиз фаромуш набояд кард, ки танхо Вахдати миллӣ ва Истиклоли давлат асоси оромиву осудагии халк, кафолати инкишофи давлат ва рушди хамаҷонибаи ҷомеа мебошанд. Воқеан, чун сухан аз Ваҳдати миллӣ ва сулҳу созандагӣ меравад, беихтиёр пеши назари мо симои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷилвагар мегардад, чунки маҳз ба туфайли кӯшишу талошҳои шабонарӯзии эшон 27-уми июни соли 1997 Созишномаи истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шаҳри Москва ба имзо расид ва ба қавли шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ: “Сулҳи деринтизори мо омад”. Итминони комил дорем, ки имрӯз насли ҷавони Тоҷикистонро нангу номуси ватандорӣ ҳамқадам аст.

Поянда бод Ваҳдати миллии тоҷикон, ки сароғози шукӯҳмандии ҳамаҷонибаи миллати мо дар остонаи музаффариятҳои нав гардида, ҷомеаи моро тамоюлҳои ҷадиди пешрафти ҷаҳони имрӯз ворид ва мутобиқ гардонид. Парфишон бод, парчами сулҳу саодат ва иттиҳоди тоҷикон дар осмони нурборону гулборони Тоҷикистони соҳибистиқлол!

**АДАБИЁТ**


1. Кумитаи забон ва истилоҳоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,“Пешвои миллат ва рушди забони давлатӣ”, (Маҷмуи мақолаҳо),Душанбе -2023, сах. 261.
2. Лоик Шералӣ. “�азалиёт”, соли 1997.
3. Эмомалӣ Раҳмон «Ватани худро дӯст доред, ҳифз кунед ва кадр намоед» (Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар) - Душанбе – 2005.
4. Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10-солагии Ваҳдати миллӣ, Душанбе 2007.
5. «Ваҳдат,Давлат,Президент». Иншои Ваҳдат, ҷилди чорум. Душанбе 2007.
6. «Қонун ва ҷомеа», аз 23.06.2016, №24. «Аз сахои Ваҳдати миллат Ватан поянда бод». саҳ. 12.
7. Абдунабӣ Сатторзода «Арзишҳои Ваҳдати миллӣ», Душанбе-2017.
8. «Баёзи Ваҳдат», мураттиб Али Бобоҷонов, Душанбе-2007.
9. «Қонун ва ҷомеа», аз 26.06.2012, №26, саҳ.2. «Хандаю ободии ҳар хонадон аз Ваҳдат аст».


**ТДУ: 372.894 (575.3)**
**ПБК: 63.3 (2.7)**
**М - 36**

## МАВҚЕИ СТАНДАРТ, БАРНОМА ВА КИТОБИ ДАРСӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ БАШАРДӮСТОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***МАҲМАДАЛИЗОДА Бобоҷон Раҳмон*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *bobojon-1974@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 743 48 74*

Дар мақола сухан дар бораи сифатан беҳбудӣ бахшидан ба омодагии касбии донишҷӯёни зинаи бакалаври таърих меравад, ки аз маҷмӯи таҳсилоти башардӯстонаи ватанӣ вобастагии калон дорад. Пурқувват намудани имкониятҳои интеллектуалӣ мутахассисон ба мутахасисони касбӣ таъсир намуда, тамоми самтҳои фаъолиятро инкишоф дода, аз он ҷумла ба омода намудани кадрҳои касбӣ дар самти таърих таъсир мерасонад.

Таърихи бошарафи халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ буда, мо уҳдадорем бо он ифтихор намоем, саҳифаҳои равшани қаҳрамонӣ ва корнамоиҳои гузаштагонамонро омӯзем, онро ҳамчун асоси андешаи инсондӯстӣ ва садоқат ба Ватан татбиқ намоем. Мо бояд пешгузаштагонамонро донем, аз ориёи будани хеш ифтихор намоем…

***Вожаҳои асосӣ:*** *имкониятҳои маърифатӣ, худшиносӣ, салоҳиятнокӣ, иттилоотӣ-маърифатӣ, метод, методика, ҳодисаҳои таърихӣ, салоҳияти таърихӣ, қиёфашиносӣ, хазинашиносӣ, оилаи забонҳо.*

## РОЛЬ СТАНДАРТА, УЧЕБНОЙ ПРОГРАММЫ И УЧЕБНИКОВ В ФОРМИРОВАНИИ ГУММАНИСТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТОВ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***МАХМАДАЛИЗОДА Бободжон Рахмон*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *bobojon-1974@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 743 48 74*

В данном статье говорится о качественном совершенствовании профессиональной подготовки студентов бакалавриата истории, что, без противодействия, находится в сильной зависимости от отечественной системы гуманитарного образования. Отмечая теоретическую разработанность данного вопроса, мы считаем, что проблема формирования и развития необходимых компетенций будущих бакалавров истории ещё недостаточно разработана и изучена.

Качественное улучшение профессиональной подготовки студентов, будущих бакалавров истории, безусловно, зависит от отечественного гуманитарного образования в целом: усиление интеллектуального потенциала отечественных профессионалов существенно влияет на развитие всех сфер деятельности в стране, в том числе и на подготовку профессиональных кадров в области истории.

***Ключевые слова:*** *позновательные возможности, самопознание, компитенции, информационно-позновательной, метод, методика, исторических собитии, исторических компитенсии, этнография, музиматика, семейство языков.*

## THE ROLE OF STANDARDS, PROGRAMS, CURRICULA AND TEXTBOOKS IN THE FORMATION OF A HUMANISTIC CULTURE OF STUDENTS OF SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION INCLUDING HISTORICAL PREPARATION

***MAHMADALIZODA Bobojon Rahmon*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov st.11/2.* ***E-mail:*** *bobojon-1974@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 93 743 48 74*

Noting the theoretical elaboration of this issue, we believe that the problem of the formation and development of the necessary competencies of future bachelors of history has not yet been sufficiently developed and studied.

The qualitative improvement in the professional training of students, future bachelors of history, of course, depends on domestic liberal education in general: strengthening the intellectual potential of domestic professionals significantly affects the development of all areas of activity in the country, including the training of professional personnel in the field of history.

***Key words:*** *cognitive abilities, self-knowledge, competence, competence, information-cognitive, method, technique, historical events, historical competences, ethnography, music, family of languages.*

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи сифатан беҳбудӣ бахшидан ба омодагии касбии донишҷӯёни зинаи бакалаври таърих меравад, ки аз маҷмӯи таҳсилоти башардӯстонаи

ватанӣ вобастагии калон дорад. Пурқувват намудани имкониятҳои интеллектуалӣ мутахассисон ба мутахасисони касбӣ таъсир намуда, тамоми самтҳои фаъолиятро инкишоф дода, аз он ҷумла ба омода намудани кадрҳои касбӣ дар самти таърих таъсир мерасонад.

Таърихи бошарафи халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ буда, мо уҳдадорем бо он ифтихор намоем, саҳифаҳои равшани қаҳрамонӣ ва корнамоиҳои гузаштагонамонро омӯзем, онро ҳамчун асоси андешаи инсондӯстӣ ва садоқат ба Ватан татбиқ намоем. Мо бояд пешгузаштагонамонро донем, аз ориёи будани хеш ифтихор намоем…

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд: «Арзиши илмии таҳқиқоти бунёдии «Тоҷикон», ки аз ҷониби Бобоҷон Ғафуров тавассути заҳматҳои бисёрсола анҷом дода шудааст, моро бо олами пурҷилои таърихи миллатамон шинос менамояд». [1, с. 22]

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъолона ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён тавассути дарсҳои таърих ва таърихи пурғановати миллати тоҷик таъсир расонида, тарбияи маънавӣ- ахлоқии онҳоро тавоно гардонида, бухрони маънавиро аз ҷомеа дур месозад. Тарбияи маънавӣ- ахлоқии шахс дар тамоми давру замон мубрам буда, дар шароити муосир моҳияти махсусро касб намудааст. Олимон тасдиқ менамоянд, «…Тарбияи маънавӣ- тарбияи муносибати арзишӣ ба ҳаёт, таъминкунандаи устувор ва инкишофи муттадили инсон буда; тарбияи ҳисси уҳдадорӣ, боадолатӣ, ростӣ, масъулият ва дигар сифатҳо ба ҳаёти инсон мазмуни олӣ мебахшанд, ки бедор намудани он вазифаи ҷонии омӯзгори фанни таърих мебошад». [2. с. 413].

Дар фаъолияти педагогии хеш, баргузор намудани тадбирҳои мақсадноки ташкилӣ оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти олимон, шоирон, лашкаркашон, қаҳрамонон ниҳоят муҳим мебошад. Чунин тадбирҳо, тавассути дарси таърихи халқи тоҷик, шуури башардӯстонаи донишҷӯёнро ташаккул дода, ҳиссиёти баланд, иродаи қавӣ, муҳаббат ба халқу ватан, эҳтиром ба волидон, ғамхорӣ дар ҳақи мероси таърихии гузаштагонро бедор намуда, онҳоро ба андешаи созандагию бунёдкорӣ ҳидоят менамояд.

Баромади вожаи «Таърих» аз калимаи Юнонии «История» буда, таҳқиқ ва нақли ҳодисаҳоро ифода менамояд. Таърих фанни махсусе мебошад, ки донишҷӯён тавассути он тамоми самтҳои салоҳияти худро рӯ ба ташаккул мениҳанд. Таърих методи махсуси омӯзиши хешро ноил буда, дар ҳолати риоя нагардидани он дар донишҷӯён ягон шакли салоҳиятнокӣ ташаккул намеёбад. Моҳияти фанни таърих дар тамоми ҳолат якхел набуд, бо инкишофи методҳои таълими фанни таърих он асоси илмӣ пайдо менамояд. Таърих ҳамчун илм давраҳои мураккаби инкишофи худро тай намудааст.

Ба масъалаи мушкилоти маърифатии фанни таърих бештар И.Я. Лернер таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз маводҳои сершумор, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва умумигардонӣ карда шудаанд, барои ҳалли масъала онҳое истифода бурда мешаванд, ки вазифаҳои таълимӣ-инкишофдиҳанда ва тарбиявиро иҷро карда тавонанд. Дар бисёр ҳолатҳо дар омӯзиши таърих дониш дар шакли одаткунӣ ба низомнокӣ пешниход карда мешавад. Асосан, асоси маърифат будани таълими фанни таърихро дарк кардан ва қабул намудан зарур меояд. [3, с. 3- 46].

Донистани ҳодисаҳои таърихӣ, аз гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои гуногуни ахборотии берунӣ вобаста мебошад. Бо донистани танҳо маводҳои китоби дарсӣ омӯзгори ояндаи фанни тарих мутахассиси босалоҳияти дорои ҷаҳонбинии васеъ шуда наметавонад.

Дар раванди омӯзиши фанни таърих донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ҳар чи бештар ба он равона намудан зарурият дорад, ки аз раванду ҳодисаҳо далелҳоро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо намуда тавонанд. Ин омил ҳавасмандии онҳоро ба донистани ҳодисаҳои таърихӣ бедор намуда, ба ҷустуҷӯ ҳавасманд гардонида, дар оянда ба омӯзгори хуби фанни таърих табдил дода метавонад. Барои ин ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донистани сарчашмаҳои гуногуни донишҳои таърихӣ ва маҳорати истифода бурдан тавонистан аз он ниҳоят муҳим мебошад.

Фанни таърих дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як хел омӯхта намешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти техникӣ, хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, ҳуқуқ, тарбияи ҷисмонӣ ба донишҷӯён оид ба фаъни таърих танҳо фаҳмиши

умумӣ дода мешавад. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ масъала тамоман дигар хел сурат мегирад.

Дар блоки 1-и нақшаҳои таълимӣ, ки характери умумигуманитарӣ ва умумиичтимоӣ доранд, омӯзиши 6 фанни асосии тавсияшаванда дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мансубияти идоравиашон дар ҳаҷми соатҳои пешбинишудаи нақшаи таълимӣ ҳатмӣ мебошад:

1. Забони тоҷикӣ (аз рӯйи ихтисос);
2. Таърихи халқи тоҷик;
3. Забони русӣ;
4. Забони хориҷӣ;
5. Фалсафа;
6. Тарбияи ҷисмонӣ.

Мӯҳлати таҳсили донишҷӯён барои ин ихтисос дар сурати таҳсилоти рӯзона 3 (се) сол ва фосилавӣ 4 (чор) сол муқаррар гардидааст. Касби асосии хатмкунандагони факултети «таърих»-и муассиса омода намудани омӯзгорони фанни таърих барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Омода намудани мутахассиси соҳаи таърих дар асоси талаботи Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаи таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар асоси барномаи таҳсилоти асосӣ омода намудани мутахассиси таърих аз фани гуманитариву иқтисодӣ, табииву риёзӣ, умумитахассусӣ, касбӣ ва фанҳои тахассусӣ, интихобиву факултативӣ ба роҳ монда мешавад.

Нақшаҳои таъламии ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардида, муҳлати фаъолияти он панҷ сол мебошад. Дар асоси он омӯзгорон нақшаи таълимии корӣ месозанд, ки як сол амал карда метавонад. Қисматҳои асосии нақшаи таълимиро инҳо ташкил медиҳанд:

- нақша ё ҷадвали ҷараёни таълим;
- буҷаи вақти донишҷӯ (сарбории умумии донишҷӯ);
- нақшаи ҷараёни таълим бо назардошти ҳаҷм ва пайдарпайии омӯзиши фанҳои алоҳида ва тақсимоти онҳо аз рӯи намудҳои машғулиятҳои таълимӣ (мустақилона ва аудиторӣ), шаклҳои санҷишҳои фосилавӣ ва аттестатсияи ҷамъбастии донишҷӯён.

Нақшаи намунавии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи идораи марбутаи мақомоти соҳаи маориф таҳия шуда, кафедра ва факултети муассисаи таълимӣ дар асоси он нақшаҳои таълимии худро тартиб медиҳанд.

Нақшаҳои таълимӣ, бояд дар асоси нақшаи таълимии базавии намунавӣ, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, таҳия гарданд. Миқдор ва ҳаҷми саотҳои омӯхташаванда бояд аз ҳаҷми соатҳо ва миқдори фанҳои дар Стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаи намунавии аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда зиёд ё кам набошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ихтисосҳо аз рӯи шифри ихтисос, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст амалӣ мегарданд. Дар нақшаҳои таълимӣ ҳаҷми умумии сарборӣ аз ҳар як фани таълимӣ, тақсими он ба соатҳои машғулиятҳои аудиторӣ ва мустақилонаи донишҷӯён оварда мешавад.

Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба монанди олии касбӣ, (бо назардошти миқдори донишҷӯён дар гурӯҳҳои талимӣ) чунин мебошад:

- дарси назариявӣ ё лексия;
- дарсҳои амалӣ;
- семинар ё коллоквиум;
- дарсҳои лабораторӣ;
- шаклҳои дигари таълим;
- таҷрибаомӯзии таълимӣ;
- таҷрибаи истеҳсолӣ;
- намудҳои дигари таҷрибаи гурӯҳӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Дар шароити муосир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зерсохтори донишгоҳҳо буда, дар зинаи менеҷмент кадрҳоро барои хоҷагии халқи кишвар омода менамоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои омода намудани кадрҳои зинаи миёна дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқии Донишгоҳҳо, ки Шӯрои олимон тасдиқ намудааст корҳои таълимӣ- тарбиявиро ба роҳ мемонанд. Ба машғулотҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инҳо дохил мешаванд: машваратҳо, корҳои санҷишӣ, корҳои мустақилона (дар зери назорати устод), корҳои курсӣ, кори дипломӣ ва ё рисолаи дипломӣ.

Ҳангоми таҳия намудани нақшаи таълимии кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассиса наметавонад мӯҳлати дар нақшаҳои намунавии таълимӣ нишондодашдаи сессияи имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзиҳо, аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ ва таътилро, аз рӯи ин ё он самти омода сохтани мутахассисон вобаста ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот тағйир диҳанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои шахсоне, ки таҳсилоти пурраи миёна доранд, мӯхлати таҳсил аз рӯи бирномаҳои махсуси омода намудани мутахассис то ба як сол дар шаклҳои таълими фосилавӣ нисбати мӯҳлатҳои дар Стандартҳои давлатии таҳсилот муқарраршуда меафзояд. Ҳаҷми максималии сарбории донишҷӯён дар шакли таҳсилоти фосилавӣ дар 1 ҳафта ба микдори 54 соат бо назардошти соатҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ (мустақилона) муайян карда шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳаҷми сарбории соатҳои аудитории донишҷӯён дар шакли рӯзонаи таълим набояд аз 27 соат дар ҳафта зиёд бошад, соатҳои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва фанҳои факултавӣ ба он дохил намешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми омодагӣ ба имтиҳон, санҷиш ва такроран супоридани санҷиши донишҷӯён вақти иловагӣ пешбинӣ мешавад. Дар стандарти давлатӣ ва барномаҳои асосии таълимӣ ва нақшаҳои таълим диққати асосӣ ҳангоми тайёр намудани мутахассиси соҳаи муайян ба фанҳои тахассусӣ бештар дода мешавад. Ҳангоми иҷрои барномаҳои таълимӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳуқуқ доранд:

- ҳаҷми соатҳои умумии ба фанҳои тахассусӣ ҷудошударо то 5% ва барои фанҳои алоҳидаро то 10% тағйир диҳанд.
- силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ- иқтисодиро иборат аз 10 фан интихоб намоянд, ки дар Стандартҳои давлатии таҳсилот нишон дода шудааст ва аз онҳо 6 фаннашро асосӣ ҳисобанд (забони тоҷикӣ, забонҳои хориҷӣ, тарбияи ҷисмонӣ, таърихи халқи тоҷик, философия, забони русӣ).

Интихоби фанҳои дигар бошад, дар салоҳияти муассисаи таҳсилоти миёнаи кабӣ мебошад. Дар ин ҳангом ҳамгироии фанҳо ба курсҳои байнисоҳавӣ бо нигоҳдошти минимуми мазмун имконпазир аст:

- таълими фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ- иқтисодиро дар намуди лексияҳо, дарсҳои амалӣ, сименарҳо аз рӯи барнома, ки бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, милливу-маҳаллӣ ва касбӣ таҳия шудаанд, ба роҳ мемонанд;
- машғулиятҳоро аз рӯи фанни тарбияи ҷисмонӣ дар тамоми шаклҳои таҳсилот ба нақша гирифтан зрур аст;
- ҳаҷм, шакл, мазмун ва мундариҷаи таълими фанҳои алоҳидаи ба сикли гуманитарӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, математикиву табиатшиносӣ дохилшавандаро бо самти фаъолияти муассиса муайян менамоянд;
- дар шакли муайяннамудаи Стандарти давлатии таҳсилот номгӯи ихтисосҳо, номгӯи фанҳои тахассусӣ, ҳаҷм ва мазмуну мундариҷаи онҳо ва инчунин шакли назорат аз болои онҳоро муайян карда мешавад;

Талаботи минимуми Станарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои кори мустақилона ва шакли назорати донишҷӯён аз блоки фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодиро нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян намудааст:

**Ҷадвали № 1**

| | Номи фанҳои таълимӣ | Соат ҳамагӣ | Ауди-торӣ | Муст-на | Шакли назорат |
|---|---|---|---|---|---|
| | Забони тоҷикӣ (Омӯзиши аз рӯи ихтисос) | 140 | 70 | 70 | имтиҳон |
| | Забони хориҷӣ | 280 | 140 | 140 | имтиҳон |
| | Забони русӣ | 212 | 106 | 106 | имтиҳон |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Тарбияи ҷисмонӣ | 140 | 70 | 70 | Санҷиш |
| | Таърихи халқи тоҷик | 140 | 87 | 53 | имтиҳон |
| | Фалсафа | 140 | 70 | 70 | имтиҳон |
| | Сиёсатшиносӣ | 108 | 54 | 54 | Имтиҳо |
| | Сотсология | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Педагогика ва психология | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Назарияи иқтисод | 108 | 54 | 54 | Имтиҳо |
| | Ҳуқуқ | 72 | 36 | 36 | Имтиҳо |
| | Фарҳангшиносӣ | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Асосҳои демография | 20 | 18 | 2 | Санҷиш |
| | Этика ва эстетика | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Фанҳои интихобӣ | 68 | 34 | 34 | Санҷиш |

Тақсимоти соатҳои нақшаҳои талимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар блокҳои фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ (блоки II)

**Ҷадвали № 2**

| Блокҳо | Ихтисосҳо | Гуманитарӣ | Табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ ва аграрӣ |
|---|---|---|---|
| I | | 850 ____<br>1700 | 700 ____<br>1400 |
| II | | 175 ____<br>350 | 500 ____<br>1000 |
| Ҷамъ | | 1025____<br>2050 | 1200 ____<br>2400 |

Дар раванди омода намудани омӯзгори ояндаи фанни таърих, тарбия намудани муносибати эҷодӣ оид ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниҳоят муҳим мебошад. Омӯзгори оянда бояд истифодабарии навгониҳои илмиро дар ҷараёни таълими фан, таҳлили мустақилонаи маводҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои гуногунро дар рафти дарс дониста, барои инкишофи майлу рағбати хонандагон шароити хубро таъмин карда тавонад. Омӯзгори фанни таърих бояд дорои чунин сифатҳо бошад:

- бо барнома, китоби дарсӣ ва васоитҳои таълим муфассал ошноӣ дошта бошад;
- усули таълими мавзуъҳои мушаххаси фанни таърихи мактабиро донад, имконияти истифодаи усулҳои мухталифи таълимро дошта бошад;
- гузаронидани таҳлил ва муқоисаи мавзуъ ва инъикоси ҳамон мавзуъ дар васоити гуногуни таълимӣ донад;
- татбиқи роҳҳои бартараф намудани душвориҳои донишазхудкунии шогирдон ва фаҳмонда додани сабаби саҳву хато намудани онҳоро донад;
- ба нақша гирифтани маводи таълимӣ ва муҳокимаи матни маводи таълимиро тавонад;
- муҳокимаи моҳият ва усули корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани онро тавонад.

Дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ самти омӯзиш ва соатҳои таълимии фанни таърих яквел нестанд. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ки омӯзгорони ояндаро омода менамоянд, ғайр аз омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик фанҳои ёрирасони таърих омӯхта мешаванд. Ба фанҳои ёрирасони таърих инҳо дохил мешаванд: хронология, метрология, этнография, нумизматика, полеография, гералдика ва ғайраҳо, ки барои омӯзиши он 94 соат ҷудо гардидааст.

Мафҳуми хронология, хронологияи таърих, таърихи пайдоиш, ва ҳисоби он барои донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад. Тавассути он донишҷӯён солшуморӣ, ва корро бо тақвимҳои бобулӣ, мисрӣ, ҳиндӣ, чинӣ ёд мегарданд. Тавассути хронология донишҷӯён ба солшумории юнонӣ, григорянӣ, эронӣ, мусулмонӣ, халқӣ, абҷад, мучал ошноӣ пайдо намуда, барояшон аз бар намудани фанни таълимӣ осон мегардад.

Мафҳум, вазифа ва предмети полеография, таърихи пайдоиш ва инкишофи он барои донишҷӯён таърихи пайдоиши хатро мекушояд ва табассути ин фан донишҷӯён ба таърихи хат, намудҳои хат: хати финикӣ, оромӣ, юнонӣ, суғдӣ, бохтарӣ, ҳабашӣ, арабӣ, хати лотинӣ, славянӣ шиносоӣ пайдо менамоянд. Онҳо тавассути ин фан имконияте пайдо менамоянд, ки дастхатҳои қадимии ҷаҳонро омӯхта ҷаҳонбинии хешро васеъ гардонанд.

Мавқеи илми нумизматика дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда ниҳоят калон мебошад. Омӯзгориояндаи фанни таърих бе шинохтани хазина, танга ва пул, ба кадом давра мансубият доштани онро фаҳмонида наметавонад, ки ин ба ташаккул ёфтани салоҳияти хонандагон халал ворид менамояд.

Фанни дигари иловагии таърих, ки ба ташаккули маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ такон мебахшад, метрология мебошад. Тавассути метрология донишҷӯён бо ченаки андоз дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи инсонӣ фаҳмиш ҳосил менамояд. Фаҳмиш пайдо менамоянд, ки моҳияти хазина ва андоз дар инкишофи ҷомеа чӣ тавр арзёбӣ мегардад.

Омили дигар дар ташаккули маданияти башардӯстонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ катиба ва китобшиносӣ мебошад, ки онро ба донишҷӯён ёд додан зарур аст. Дар ташаккули дониши таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ катибаҳои саргаҳи Зарафшон, Самарқанд Бухоро ниҳоят муҳим мебошанд.

Дар ташаккули дониши таърихии донишҷӯён фанни ёрирасони таърих ономастика ҳамчун фанни ёрирасон, шохаҳои ономастика: топонимика, этнонимика, гидрономика, генеалогия, антропонимика мавқеи хосаро ичро менамояд. Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд дар факултет тадбире андешем, ки онҳо типҳои антропологӣ ва оилаҳои забонҳои ҷаҳониро донанд ва шарҳу эзоҳ намуда тавонанд. Одамонро аз рӯи нишонаҳои: лингвистикӣ, антропологӣ, динӣ, нажодӣ ба осонӣ ҷудо карда тавонанд.

Дар факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои омӯзиши фанҳои тахассусӣ яъне таърих 4411 соат ҷудо гардидааст, ки аз он 124 соаташ барои омӯзиши «Таърихи маданияти халқҳои ҷаҳон» равона карда мешавад, ки ин барои омӯзгори фанни таърих гардидани шогирдон ниҳоят муҳим мебошад. Барои шинохти тарзи ҳаёти ҷамъияти ибтидоӣ, сохти ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ сотсиалистӣ ва тарзи ҳаёти муосир донистани маданият, шаклҳои он, сарҳадҳои маданият ва ба ҳам омезиш ёфта маданияти башарӣ ва ташкил ёфтани маданияти интернатсионалӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Дар барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатӣ барои омода намудани омӯзгорониояндаи таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои омӯзиши «Таърихи дунёи қадим» 312 соат ҷудо карда шудааст. Таърихи дунёи қадим як давраи бениҳоят дуру дарози таърихи башарият, –яъне сохти ҷамъияти ибтидоӣ ва ғуломдориро дар бар мегирад. Мақсади омӯзиши таърихи дунёи қадим аз он иборат аст, ки донишҷӯён доир ба рафти тараққиёту инкишофи таърихи инсоният дар давраҳои ҷамъияти ибтидоӣ ва сохти ғуломдорӣ тасаввуроти аниқ пайдо намоянд. [124, с. 160].

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ба донишҷӯён «Таърихи асрҳои миёна» дар доираи 272 соат омӯхта мешавад. Таърихи асрҳои миёна аз асри V, аниқтараш, аз барҳам хӯрдани империяи ғуломдории Рим оғоз гардида, то нимаи дуюми асри XVII, яъне то инқилоби буржуазии Англия давом менамояд, ки дар навбати худ ба се давра тақсим мешавад:

1. Давраи пайдоиш ва мустаҳкамшавии феодализм дар Аврупои Ғарбӣ (ба асрҳои V-X) мансубият дорад.
2. Давраи тараққиёт ва гулгулшукуфоии феодализм (асрҳои XI-XV).
3. Давраи таназзул ва аз байн рафтани феодализм (асрҳои XV нимаи аввали асри XVIII).

Омӯзиши таърихи асрҳои миёна ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки қонуниятҳои умумии инкишофи ҷамъияти феодалиро кушода, хусусиятҳои ба худ хоси феодализмро дар давлатҳои алоҳида муайян сохта салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии хонандагонро баланд бардоранд. Дар барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатӣ ва нақшаҳои корӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои омӯзиши фанни «Таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико» 272 соат ҷудо карда шудааст, ки фикр мекунам басанда мебошад. Давраи нав ё худ капитализм аз инқилоби буржуази Англия (солҳои 1640-

1653) шурӯъ шуда, то Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр (с.1917) давом кардааст, ки ин дар навбати худ ба ду марҳала тақсим мешавад.

Дар марҳалаи аввал донишҷӯён дар бораи пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ дар дохили давлатҳои феодалӣ ошноӣ пайдо намуда, оҳиста-оҳиста бартараии капитализмро нисбат ба боқимондаҳои тарзи истеҳсолоти феодалӣ дарк менамоянд. Дар охири марҳилаи якум капитализм дар давлатҳои Аврупо ва Амрико пурра барқарор мегардад, ки аломату нишонаҳои онро донистани донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 1870-1917) ба донишҷӯён муносибатҳои капиталистиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию фарҳангии давлатҳои капиталистӣ фаҳмонида, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX капитализм ба зинаи олии худ-«империализм» дохил гардиданашро асоснок намудан зарур меоӣд, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Омӯзиши «Таърихи нав» имконият медиҳад, ки донишҷӯён қонуниятҳои асосии давлатҳои капиталистиро дар давраҳои гуногуни инкишоф муайян карда, марҳилаи якуми таърихи нав аз ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр, то ба итмом расидани ҷанги дуюми ҷаҳонро фаҳманд. Хусусияти ба худ хоси ин давра аз он иборат аст, ки аввалин шуда, дар ҷаҳон давлати сотсиалистӣ ташкил ёфта, заволи системаи мустамликадории империалистӣ ба оғоз гардида, зиддияти байни давлатҳои абарқудрати империалистӣ барои тақсим намудани ҷаҳон торафт тезутунд гардида, ба оғози ҷанги дуюми ҷаҳон оварда расонид. [123, с. 110].

Марҳалаи дуюм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ таърихи башариятро аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон то ба имрӯз дар бар мегирад, ки ниҳоят давраи ҳассос мебошад. Хусусияти асосии ин давра дар бавуҷудоии тағйироти қатъӣ дар муносибат байни қувваҳои мухталиф дар миқёси ҷаҳон ба манфиати демократия ва пурқувват гаштани ҷомеаи демократӣ зоҳир мегардад, ки донистани он барои омӯзгори оянда ниҳоят мубрам мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои омӯзиши «Таърихи халқи тоҷик» 784 соат ҷудо карда шудааст, ки онро ниҳоят дар ташаккули салоҳияти омӯзгорони оянда самаранок истифода бурдан зарур аст. Таърихи халқи тоҷик қисми таркибии таърихи умумибашарӣ буда, дар бораи маскунгоҳҳои одамони ибтидоӣ дар марзҳои Осиёи Миёна андешаронӣ менамояд. Донишҷӯён тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар бораи давлатҳои ғуломдорӣ, пайдоиш, аломат ва нишонаҳои сохти феодалӣ дар асрҳои IV-VI маълумот ҳосил менамоянд.

Тавассути омӯзиши ин фанни таълимӣ донишҷӯён давраи барқарор ва пойдоршавии сохти феодалиро ба асрҳои VIII-X вобаста donиста, заминаҳои ташкилёбии аввалин давлатдории тоҷикон (давлати Сомониён)-ро омӯхта аломатҳои пешқадами онро муайян менамоянд. Тавассути омӯзиши ин давра донишҷӯён ба анҷом расидани ташаккулёбии халқияти тоҷик, маданияти тоҷикон дар асрҳои IX-X ва аҳамияти умумиҷаҳонии онро дарк намуда бо ҳаёти халқи тоҷик дар ҳайати давлатҳои феодалии асрҳои XI-XII шиносоӣ пайдо менамоянд.

Тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик донишҷӯён ба муобризаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарони македонӣ, араб, муғул шинос , гардида, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании Осиёи Миёнаро дар асрҳои XIV-XVI ҳамаҷониба меомӯзанд. Таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки шароитҳои иҷтимоӣ - иқтисодии Осиёи Миёнаро дар нимаи дуюми асри XVIII омӯзанд ва бо хусусиятҳои он ошноӣ пайдо намоянд.

Тавасути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯён ба муносибатҳои байниҳамдигарии Осиёи Миёна ва Россия шиносоӣ пайдо намуда, ҷиҳатҳои пешқадами онро баён карда тавонанд. Ба воситаи ин фанни таълимӣ донишҷӯён дониш ҳосил намуда, бо сабабҳои дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX истило гардидани Осиёи Миёна аз тарафи Россия маълумот ҳосил намоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, барои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда, барои омӯзиши фанни «Таърихи Россия», дар нақшаю барномаҳои таълимӣ 460 соат ҷудо карда шудааст, ки аз манфиат холӣ нест. Омӯзгорони оянда, тавассути омӯзиши ин фан ба масъалаи маскунгирии одамони ибтидоӣ дар Осиёи Миёна, Закавказия ва Россия шинос гарда, айният ва хусусиятҳои хоси онҳоро фарқ карда

тавонанд. Этногенези қабилаҳои славянҳои Шарқиро дар арафаи ташкил ёфтани ҷамъияти синфӣ, омилҳои пайдоиши давлат дониста гиранд. [130, с. 138].

Ин фан дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён, омӯзгорони оянда оид ба донистани омилҳои пайдоиши давлати қаимии рус, хусусият ва муносибати дутарафаи он бо тамаддуни Шарқу Ғарб, мубориза халқи рус ба муқобили истилогарони муғул, ҳаёти халқи рус дар зери хонигариҳои Олтин-Урда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XIV-XVI, муттаҳид гардидани сарзамини рус дар атрофи Москва, подшоҳгарии Москва дар асрҳои XV-XVII, муносибати байниҳамдигарии Осиёи Миёна ва Россия дар чоряки якуми асри XVIII барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Тавассути омӯхтани ин фан донишҷӯён салоҳияти таърихӣ ҳосил намуда, ба ҳодисаҳои нимаи якуми асри XIX аз ҷониби Россия забт карда шудани Осиёи Миёна, таъсири ҳодисаҳои сиёсии дар Осиёи Миёна ва иштироки халқҳои ин сарзамин дар ин ҳодисаҳо сарфаҳм рафта, ба сабабҳои ғалабаи Инқилоби Октябр ва сабабҳои Ҷанги Граждании солҳои 1918 – 1920 шиносоӣ пайдо намуда, салоҳияти касбиашон ташаккул меёбад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён дар факултети таърих фанни «Таърихи наву навтарини Осиёю Африка» дар ҳаҷми 155 соат омӯхта мешавад. Ин фан таърихи наву навтарини давлатҳои Осиё ва Африқо, дар доираи проблемаҳои муҳими таърихӣ, ки дар ин давлатҳо дар давраҳои наву навтарин ба амал омадаанд, омӯхта салоҳияти таърихии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад.

Омӯзиши фанни «Таърихи наву навтарини Осиё ва Африқо» таърихи халқияту миллатҳои Шарқро дар робита бо таърихи халқияту миллатҳои кишварҳои Аврупою Амрико мавриди омӯзиш қарор дода, ба донишҷӯёни факултаи таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ имкон медиҳад, ки онҳо аз наздик ба тарзи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию фарҳангии мардумони ин сарзаминҳо шинос гардида, қонуниятҳои ба худ хоси тараққиёту пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти ин манотиқро ба хубӣ дарк намоянд.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ омӯзиши фанни «Историографияи таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико», ки дар барнома ва нақшаҳои таълимӣ 88 соат пешбинӣ шудааст ниҳоят муҳим мебошад. Воқеан, ин фанни таълимӣ аз ду қисм иборат аст:

1.Таърихнигории таърихи нави давлатҳои Аврупо ва Амрико;

2.Таърихнигории таърихи навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико.

Омӯзиши таърихнигории фанни «Таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико» ба донишҷӯн имконият медиҳад, ки доир ба таърихи инкишофи афкори таърихӣ ва илми таърих дар мамолики Аврупою Амрико (асрҳои XV-ибтидои асри XXI) маълумот ҳосил намоянд. Оид ба кашфиётҳои таърихӣ, равияҳои мухталифи таърихӣ ва пешрафти илми таърих дар кишварҳои манотиқи дар боло зикршуда дониши хуб Хосил намоянд.

Дар ташаккули салоҳияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ омӯзиши фанни «Манбашиносии таърихи халқи Тоҷик», ки дар барнома, нақшаи таълим ва стандарти давлати 100 соат ҷудо карда шудааст, ва фанни «Археология» (Бостоншиносӣ), ки барои омӯзиши он 72 соат дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ шудааст ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Фанни дигаре, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд фанни «Кишваршиносӣ» мебошад, ки дар барномаю нақшаҳои таълимӣ 68 соатро ташкил медиҳад. Тавассути омӯзиши ин фан донишҷӯён муқкадимаи кишваршиносӣ, инкишофи кишваршиносии таърихӣ дар давраи то инқилоб, кишваршиносӣ дар замони шӯравӣ, сарчашмаҳои мурдумшиносӣ, ёдгориҳои меъморӣ, ёдгориҳои санъати тасвирӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, матбуоти даврӣ, бойгонӣ ва хазинаҳои он, сарчашмаҳои шифоҳӣ, кишваршиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ, факултативҳо ба ҳисоб меравад, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи хоссаро ишғол менамояд.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, фанни «Историографияи таърихи халқи тоҷик ва Россия», ки дар

ҳаҷми 188 соат омӯхта мешавад мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамояд. Тавассути ин фан донишҷӯён дар бораи ҳалқи тоҷик ва дигар халқҳои ватанамон дар давраи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, ҷорӣ шудани идеологияи ягонаи феодалӣ дар Осиёи Миёна, заминаҳо ва ташкилёбии аввалин давлати тоҷикон ва ба анҷом расидани ташаккулёбии халқияти тоҷик, маданияти тоҷикон дар асрҳои IX-X ва аҳамияти умумиҷаҳонии он маълумот ҳосил менамоянд.

Ба муборизаи халқи тоҷик ва рус ба муқобили истилогарони чингиз дар нимаи якуми асри XIII, Осиёи Миёна дар ҳайати Чағатой ва сарзамини Рус дар зери юғи Урдаи Тилло, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию мадании Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIV-XVI: муттаҳидшавии князигариҳои Рус дар атрофи Москва, подшоҳигарии Москва дар асрҳои XV-XVII, халқҳои Закавказие дар асрҳои XIV-XVII, шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии халқҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVIII ва муносибатҳои байниҳамдигарии халқҳои Осиёи Миёна ва Россия дар чоряки якуми асри XVIII дониш, малака ва маҳорат ҳосил менамоянд.

Барои ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар барномаю стандартҳо 128 соат барои омӯзиши *«Таърихи халқҳои ҷаҳон»* ҷудо карда шудааст, ки тавассути омӯзиши ин фан донишҷӯён бо аҷдодҳои тоҷикон, сарзамини аҷдодии онҳо, ватани таърихӣ ва аввалин давлатҳои онҳо, нақши давлати Темур ва Темуриён, тоҷикон дар асри XVI ва нимаи якуми асри XVII, нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX шиносоӣ пайдо намуда, омӯзгорони оянда тавассути омӯзиши ин фан ба ҳаёт ва рӯзгори тоҷикон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX шинос гардида, сабабҳои фирори тоҷиконро фаҳмида мегиранд ва салоҳияти таърихии онҳо боло мегирад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни «Этнография» (Қиёфашиносӣ), ки мутобиқи барнома, стандарти давлатӣ ва нақшаҳои таълимӣ барои омӯзиши он 108 соат ҷудо гардидааст, аҳамияти калон дорад. Тавассути омӯзиши ин фан, донишҷӯён ба мафҳум ва вазифаҳои этнография, мавқеи этнография дар омӯзиши таърихи инсоният, таърихи пайдоиши этнография ҳамчун илм, шохаҳои этнография шинос гардида, дониш, маҳорат ва малакаи хешро васеъ мегардонанд.

Тавассути омӯхтани ин фани таълимӣ донишҷӯён ба таърихи тадқиқотҳои этнографӣ дар Осиёи Миёна шинос гардида, мактаби этнографии рус: Остроумов М., Наливкин В., Хаников Н., Семёнов А.А., Андреев М.С., Писарчик А.К., Кисляков пайравӣ менамоянд. [140].

Фанни дигаре, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад, «Музейшиносӣ» мебошад, ки барои омӯзиши он 114 соат дар нақшаи таълимӣ ва Стандарти давлатӣ ҷудо гардидааст. Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён аз таърихи музейҳои марказӣ, вилоятӣ, халқӣ, адабӣ дар донистани далелҳои таърихӣ васеъ истифода мебаранд. Хазинаи асосии осорхонаҳои маҳаллӣ, ҳамкории мактаб бо осорхонаҳои маҳаллӣ, осорхонаҳои мактабӣ, вазифа ва хусусиятҳои он дар ташкили баҳисобгирӣ ва муҳофизати маводҳои осорхонаҳо ниҳоят назаррас мебошад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ фанни «Архившиносӣ» дар ҳаҷми 114 соат ва фанни «Ҳуқуқи Конститутсионӣ» дар доираи 106 соат ва «Ҳуқуқи гражданӣ» дар ҳаҷми 136 соат мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Инчунин, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанҳои «Таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаҷми 98 соат ва фанни «Компанентҳои миллӣ- минтақавии муассиса» дар ҳаҷми 50 соат ва курсҳои интихобии донишҷӯён дар ҳаҷми 58 соат, фанҳои факултативӣ дар ҳаҷми 40 соат ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ микдори умумии соатҳои таълими назариявӣ 9294 соат буда, муҳлати азхудкунии барномаи асосии таҳсилот 255 ҳафтаро ташкил медиҳад, ки аз он:

- барои таълими назариявӣ - 160 ҳафта;
- сессияи имтиҳонӣ ва рейтинг - 30 ҳафта;
- таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ - 14 ҳафта
- аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ – 5 ҳафта;

- таътилҳо – 42 ҳафта;
- рухсатии баъди хатми муассиса - 4 ҳафта мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Бабанский, Ю. К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект - М., 1977. - 40 с.
2. Белкин, Е.Л. Управления познавательной деятельностью. //- Ярославль, 1978. -57 с.
3. Бодалев, А.А. О направлениях и задачах научной разработки проблемы способностей // Сб. Проблема развития способностей. - М., 1984. - С. 5-18
4. Лернер, И.Я. Сущность познавательной самостоятельности и организации процесса обучении // Сб. Рациональное сочетание методов развития учебнопознавательной деятельности школьников. - Томск, 1979. - С. 3 - 46.
5. Лутфуллозода, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик, // Осори педагогӣ, Ҷилди 6 – Д., 2015.- 703 С.
6. Маҷмӯаи стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //-Душанбе-2011, 241 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, Паёми 26.12 2019.


## МАСЪАЛАҲО ВА МУШКИЛОТИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***МИРЗОНАЗАРОВА Бегиммо Султоншоевна** – ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 121. **E-mail:** bmirzonazarova@gmail.com, **тел.:** (+992) 93 511 93 16*

Дар мақола муаллиф оид ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ибрози ақида намуда, қайд мекунад, ки инкишофи ахлоқӣ, ташаккули муносибатҳои инсондӯстонаи кӯдакон, сарфи назар аз мундариҷа, усулҳо, шаклҳои кори тарбияи ахлоқиро муайян мекунад. Тарбияи ахлоқӣ асоси тамоми пояҳост, вобаста ба он аст, ки муаллим дар ин синну сол ба кӯдакон чиро ёд додааст, вобаста ба он аст, ки худи ӯ дар оянда чиро бунёд мекунад, муносибаташро бо дигарон чӣ гуна месозад.

Муаллиф дар мақола оид ба масъалаи тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳқиқот бурда, адабиёти психологию педагогиро доир ба ин масъала омӯхта, моҳият, мазмун ва мафҳумҳои асосии тарбияи ахлоқӣ, инчунин, хусусиятҳои синну соли хонандагони синфҳои ибтидоиро баррасӣ намуда, хусусиятҳои тарбияи ахлоқиро ошкор намудааст.

Масъалаи тарбияи ахлоқии кӯдакон пайваста дар маркази таваҷҷӯҳи ҷомеа қарор дорад.

***Вожаҳои асосӣ:** ахлоқи мактаббачагони хӯрдсол, ҳиссиёти ахлоқӣ, фарҳанги ахлоқӣ, ташаккули ахлоқ, хислатҳои маънавӣ, таъсирот, рафтори ахлоқӣ, тарбияи ахлоқӣ.*

## ВОПРОСЫ И ПРОБЛЕМЫ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

***МИРЗОНАЗАРОВА Бегиммо Султоншоевна** – ассистент кафедры педагогики и психологии начальных классов Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, пр. Рудаки, 121. **E-mail:** bmirzonazarova@gmail.com, **тел.:** (+992) 93 511 93 16*

В статье автор высказывает свое мнение о нравственном воспитании младших школьников и отмечает, что оно определяет нравственное развитие, формирование гуманных отношений детей независимо от содержания, методов и форм нравственного

воспитания. Нравственное воспитание лежит в основе всех основ, оно зависит от того, чему воспитатель учил детей в этом возрасте, зависит от того, что он строит в будущем, как строит свои отношения с окружающими.

В статье автор исследовал проблему нравственного воспитания младших школьников, изучил психолого-педагогическую литературу по данному вопросу, рассмотрел сущность, содержание и основные понятия нравственного воспитания, а также возрастные особенности младших школьников. и выявил особенности нравственного воспитания.

Проблема нравственного воспитания детей постоянно находится в центре внимания общества.

***Ключевые слова:*** *нравственность младших школьников, нравственные чувства, нравственная культура, формирование нравов, нравственные качества, воздействия, нравственное поведение, нравственное воспитание.*

## QUESTIONS AND PROBLEMS OF MORAL EDUCATION IN PRIMARY CLASSES

***MIRZONAZAROVA Begimmo Sultonshoevna*** *– assistant of the department of pedagogy and psychology of primary classes of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ainy, Rudaki Ave., 121.* ***E-mail:*** *bmirzonazarova@gmail.com,* ***phone:*** *(+992) 93 511 93 16*

This article deals with the moral education of a schoolchild, which determines the moral development, the formation of humane relations of children, regardless of the content, methods, forms of work of moral education. Moral education is the basis of all foundations, it depends on what the teacher taught the children at this age, it depends on what he builds in the future, how he builds his relationship with others.

In the article, the author investigated the problem of moral education of junior schoolchildren, studied the psychological and pedagogical literature on this issue, examined the essence, content and basic concepts of moral education, as well as the age characteristics of junior schoolchildren. and revealed the features of moral education.

The issue of moral education of children is constantly in the center of attention of society.

***Key words:*** *morals of young schoolchildren, moral feelings, moral culture, formation of morals, moral qualities, influences, moral behavior, moral education.*

Масъалаи тарбияи ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи файласуфон, равоншиносон, педагогҳо қарор дошта, он мубрам боқӣ мемонад. Мо оид ба масъалаи тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳқиқот бурда, адабиёти психологию педагогиро доир ба ин масъала омӯхта, моҳият, мазмун ва мафҳумҳои асосии тарбияи ахлоқӣ, инчунин, хусусиятҳои синну соли хонандагони синфҳои ибтидоиро баррасӣ намуда, хусусиятҳои тарбияи ахлоқиро ошкор намудем. Дар синни хурди мактаби усулҳо, шаклҳо ва усулҳои тарбияи ахлоқии хонандагон дар фаъолияти таълими омӯхта, андешаҳои гуногунро оид ба ин масъала дар адабиёт таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои зерин омадаем: тарбияи ахлоқӣ бо роҳи шуури ахлоқӣ, ҳиссиёти ахлоқӣ, малака ва одатҳои рафтори ахлоқӣ ташаккул меёбад.

Ҳама вақт, одамон ба ахлоқ ва тарбияи ахлоқии одам баҳои баланд медоданд. Вақте ки мо дар бораи тарбияи ахлоқии бачагони синни мактабӣ сухан меронем, мо пеш аз ҳама аз зарурати ташаккули ин арзишҳо дар кӯдак дар ҳаёти ӯ, одат кардани ӯ ба арзишҳои ахлоқии башарият ва ҷомеаи муайян меандешем. Тарбияи ахлоқӣ ин таъсири мақсаднок ва мунтазам ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори тарбиятгирандагон бо мақсади ташаккули сифатҳои ахлоқии онҳо, ки ба талаботи ахлоқи ҷамъиятӣ мувофиқанд, мебошад. Масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва камолоти кӯдакон аҳамияти хоса дошта, яке аз проблемаҳои асосии ҳар як шахс, ҷомеа ва умуман давлат мебошад. Қобилияти лаззат бурдан аз ҳаёт ё қобилияти далерона

тоб овардан ба душвориҳо дар кӯдакӣ муқаррар карда мешавад. Барои меҳрубон шудан ба дигарон, дилсӯзӣ кардан, ба хатогиҳои худ софдилона икрор шудан, меҳнатдуст будан, аз зебоии табиати атроф ба ҳайрат омадан, эҳтиёткорона муносибат карданро ба хурдсолон фаҳмондан лозим аст. Кӯдак, бахусус дар мактаби ибтидоӣ, бештар ба рушду тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ниёз дорад.

Ахлоқ эътиқодест, ки шахс мувофиқи анъанаҳо, муҳити иҷтимоӣ, тарбия ва таҷрибаи рафтор ба зарурати меъёри ахлоқии муносибат бо олами атроф, одамон ташаккул ёфтааст.

Ахлоқ сифатҳои ботинии инсон мебошад, ки дар асоси идеалҳои некиву адолат, вазифа, шараф ва ғайра асос ёфта, нисбат ба одамон ва табиат зуҳур мекунанд. Дар бораи ахлоқ сухан ронда, мо рафтори одамон, маҷмуи меъёрҳоеро дар назар дорем, ки муносибатҳоро нисбат ба ҷамъият танзим мекунанд. Тавре ки маълум аст, тамоми меъёрҳое, ки барои танзим ва роҳнамоии рафтори одамон пешбинӣ шудаанд, табиати ахлоқӣ доранд.

Ҳар як меъёри ахлоқӣ муносибати шахсро ба ҷомеа ифода ва танзим мекунад. Аксар вақт манфиатҳои шахсе бо манфиатҳои ҷамъият, сиёсат, давлат комилан мувофиқат намекунанд, дар натиҷа аксар вақт душвориҳо ба амал меоянд. Ҳар як шахс ба ҳаёт ворид шуда, ин меъёрҳоро аз одамони гирду атрофаш омӯхта, онҳоро танзимгари рафтори иҷтимоии худ месозад.

Шахси дорои ахлоқи шоиста шахсест, ки қодир аст, ки масъулияти ахлоқиро ба дӯш гирад, барои худбаҳодиҳии ахлоқӣ ва такмили худ талош кунад.

Фарҳанги ахлоқӣ ташаккул ва самти башардӯстонаи тамоюлҳои арзишӣ, ниёзҳои маънавӣ ва ангезаҳои рафтор дар тарзи ҳаёти шахс мебошад, ки асоси он хидмат ба ҳаёт, инсон ва пешрафт мебошад. Фарҳанги ахлоқӣ таҷрибаи ахлоқии фардӣ мебошад, ки дар асоси анъанаҳо бошуурона инкишоф ёфта, аз ҷониби шахс пайваста такмил дода мешавад.

Тарбияи ахлоқии инсон аз замони таваллуд оғоз мешавад. Ҳатто дар синни томактабӣ дар кӯдакон унсурҳои тарбияи ахлоқӣ гузошта мешаванд: эҳсосот ва идеяҳои ибтидоӣ ташаккул меёбанд, соддатарин малакаҳои рафтори ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

Дар синни томактабӣ ва ибтидоии мактабӣ шаклҳои рафтор ва муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон, дониш ва ҳисси ибтидоии ахлоқӣ асоси он мебошанд, ки дар синфҳои ибтидоӣ ташаккули шаклҳои нави рафтори ахлоқӣ, шуур, эҳсосот ва муносибатҳо ба амал меояд. Дар байни таълим дар зинаи пештара ва минбаъда робитаи диалектикӣ мавчуд аст. Барои тарбияи ахлоқӣ таҷрибаи мусбати ахлоқии кӯдакон аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар ин бора В.А. Сухомлинский дар китобаш «Мактаби миёнаи Павлышская» таъкид карда буд, ки «Меъёрҳои умумибашарии рафтори ахлоқӣ ба виҷдони шахсии одам табдил меёбанд, ки агар фаъолияти фаъолонаи ӯ характери ошкори кори чамъиятӣ дошта бошад, яъне. мактаббачаи хурдсолро, ки кори оммавиро иҷро карда, нисбат ба одамон баён карданро таълим медиҳад». Масъалаи тарбияи ахлоқӣ хеле актуалӣ аст ва на танҳо дар замони мо, зеро ҳаёти минбаъдаи кӯдак ва эҳтимол, тақдири одамони дигар ба тарбияи кӯдак вобаста аст. Маориф санъат аст ва ин санъат дар он аст, ки шахсе, ки мо тарбия карда истодаем, олами чизҳоеро, ки ба ҳаёти ӯ дохил мешаванд, бояд хусусияти ахлоқӣ, одамгариро дар он ташаккул диҳад ва дар инсон ақлу хирад, меҳру муҳаббат ба одамонро дарк карда тавонад. Агар кӯдак ин хусусиятҳоро ҳис карда натавонад, нозукиҳои ҳақиқии инсонии табиат, ҳассосияти дарк барои ӯ бегона хоҳад буд.

Маънавият ва ахлоқ. Инҳо хусусиятҳои асосии шахсият мебошанд, ки бо соҳаи ҳавасмандии беруна (ахлоқ) ва ботинӣ (маънавият) алоқамананд. Ахлоқ – тарзҳои амал, меъёрҳои рафтор, рафтори одамон. Маънавият олитарин чизест, ки инсон ба он саъй мекунад.

Дар луғати С.И.Ожегов мафҳуми тарбияи ахлоқӣ чунин мафҳум дода шудааст - «ин тарбияи сифатҳои ботинӣ, маънавӣ, ки инсонро ҳидоят мекунанд, меъёрҳои ахлоқӣ; қоидаҳои рафтор, ки бо ин сифатҳо муайян карда мешаванд».

Дар системаи умумии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мағзи асосӣ тарбияи ахлоқӣ мебошад. Тарбияи ахлоқӣ ҷараёнест, ки дар ташаккул ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нақши калиди дорад, ташаккули муносибати ӯро ба Ватан, ҷомеа, коллектив, одамон, меҳнат, вазифа ва дар кӯдаконро тарбия мекунад. Дар кӯдакон бедор намудани дарки зиндагӣ ва ҳаёт, то ки дар оянда мавқеи худро дар ҷомеа пайдо карда тавонанд.

Вазифаи тарбияи ахлоқӣ аз он иборат аст, ки талаботи иҷтимоии зарурии ҷомеа ба ангезаи дохилии шахсияти ҳар як кӯдак, аз қабили вазифа, шаъну шараф, виҷдон табдил ёбад.

Барои ташаккули ин гуна муносибат, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ нисбатан бошуурона дарк карда мешаванд, синну соли мактаби ибтидоӣ ҳассос аст. Бо дохил шудан ба мактаб, дар шароити инкишофи кӯдакон нуқтаи гардиш ба амал меояд, тамоми тарзи ҳаёт ва арзишҳо дигар мешаванд. Дар мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ташаккули интенсивии хислатҳои шахсият, ки имкони саъю кӯшишҳои нав ва сатҳи зарурии муносибатро ба воқеият муайян мекунанд, мегузарад. Навъи асосии психологии мактаббачагони хурдсол ин асосҳои ташаккулёфтаи муносибати эҷодӣ ба воқеият, қобилияти паймоиш дар шаклҳои гуногуни фаъолияти инсон, қобилияти кор кардан бо мафҳумҳои абстрактӣ, рефлексҳои шахсӣ ташаккул меёбад. Тавассути раванди таълим мунтазам ошноии хонандагони хурдсол бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин, механизми ташаккули афкори ахлоқӣ ба назар гирифтан ва фаъол гардонидани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи дохилӣ, талаботи хонандагони хурдсол, саъю кӯшиши бошууронаи онҳо асос ёфтааст.

Маҳз дар ҳамин замина, тавассути фаъолияти махсус таъиншуда ба шахсият дуруст баҳо дода, системаи самарабахши тарбияи ахлоқии он бунёд кардан мумкин аст. Раванди ташаккули асосҳои ахлоқии хонандаи хурдсолро ба назар гирифта, хусусиятҳои синну соли кӯдакро ба назар гирифтан лозим аст. Дар давраҳои гуногуни синну сол бояд муносибатҳои гуногун ба чунин таълим вуҷуд дошта бошанд. Ташаккули шуури ахлоқии кӯдак тавассути дарк ва огаҳии мундариҷаи таъсирҳое, ки аз волидон ва омӯзгорон, одамони гирду атроф тавассути коркарди ин таъсирот дар робита бо таҷрибаи ахлоқии шахсият, ақидаҳо ва самтҳои арзишҳои ӯ ба вуҷуд меоянд, сурат мегирад. Дар шуури кӯдак таъсири беруна маънои инфиродӣ пайдо карда, ба ин васила муносибати субъективӣ ба он ташаккул меёбад. Дар ин маврид, ангезаҳои рафтор, қабули қарор ва интихоби ахлоқии амали худи кӯдак ташаккул меёбанд. Самти тарбия ва амали воқеии кӯдакон шояд нокифоя бошад, аммо мафҳуми тарбия ноил шудан ба мувофиқати талаботи рафтори дуруст ва омодагии ботинӣ ба ин аст.

Дохил шудани кӯдак ба фаъолияте, ки аз ҷониби калонсолон ташкил карда мешавад, ки дар ҷараёни он муносибатҳои гуногунҷанба ба вуҷуд меоянд, шаклҳои рафтори иҷтимоиро муттаҳид мекунанд, зарурати амал карданро мувофиқи намунаҳои ахлоқие ташаккул медиҳанд, ки ҳамчун ангезаҳои ҳавасмандкунандаи фаъолият ва танзими муносибатҳо амал мекунанд. Механизми дигари бунёдии ташаккули афкори ахлоқӣ дар синни ибтидоӣ тадриҷан ба раванди ахлоқии дарки воқеияти атроф ва ифодаи муносибати шахс ба он ҳамаи ҷисмҳои таркибии тарбияи ахлоқӣ дар ягонагии якпорчагии онҳо мебошад.

Ҳисси ахлоқӣ бо идеали ахлоқӣ, ғояи идеалии рафтори инсон, муносибати ӯ ба зиндагӣ зич алоқаманд аст. Комил, фаъол, эҷодкорона иҷро намудани талаботи ахлоқии ҷамъият идеали ахлоқӣ мебошад. Дар роҳи сӯи идеали ахлоқӣ хонандагони хурдсол ҷустуҷӯи ахлоқиро аз сар мегузаронанд, худашон ҷустуҷӯ мекунанд, моҳияти худро мефаҳманд, мавқеи худро дар муносибатҳои мураккаби ахлоқии зиддиятнок муайян мекунанд, худро мешиносанд, мавқеи ахлоқии худро муайян мекунанд, иродаи ахлоқии худро зоҳир менамоянд.

Мотивҳои ахлоқӣ ба амалҳои ахлоқии шахс роҳнамоӣ мекунанд, ӯро ба инъикоси зуҳуроти мувофиқи тарзи рафтор водор мекунанд. Муаллими синфҳои ибтидоӣ бо мақсади ноил шудан ба рафтори амиқ бошуурона, оқилона аз талабагон оид ба ташаккули ангеза ва инкишофи минбаъдаи онҳо кори мақсаднок мебарад. Дар ин раванд омӯзгор аз талаботи иҷтимоии замон баромад мекунад. Аз ин рӯ, ангезаҳои ахлоқӣ на танҳо асоси рафтори ахлоқӣ, балки натиҷаи нисбатан нишондиҳандаи тарбия низ мебошанд.

Андешаҳои мо дар бораи моҳияти тарбияи ахлокии мактаббачагон на танҳо дар зери таъсири консепсияҳои нави илмӣ, балки комьёбиҳои реалии соҳаи маориф ҳам тағьир меёбанд. Муносибат ба кори тарбиявӣ, ки солҳои охир васеъ паҳн шудааст, омӯзгоронро ба шаклҳои шифоҳии интиқоли арзишҳо равона кардааст. Аз ин рӯ, монологҳои тӯлонӣ бо рӯйдодҳои алоҳида бартарӣ доштанд. Аён аст, ки муносибати индивидуалӣ, такья кардан ба таҷрибаи ҳаётии кудак, ба назар гирифтани хислатҳои шахсии ӯ кам буд.

Асбоби асосие, ки муаллим ба воситаи он фаъолияти кӯдакро роҳбарӣ ва ташкил мекунад, одатан вазифаҳое мебошанд, ки ӯ дар назди кӯдак мегузорад. Барои самаранокии онҳо, зарур аст, ки онҳо аз ҷониби кӯдак қабул карда шаванд, ки маънои вазифа барои ӯ аз он вобаста аст. Агар ҳавасмандии супоришҳо аз ҷониби омӯзгор таъмин карда нашавад, мазмуни дохилии онҳо барои кӯдак метавонад аз мазмуни объективии онҳо ва аз нияти омӯзгор, тарбиятгар ба таври шадид фарқ кунад. Усулҳои анъанавии тарбияи ахлоқӣ ба он нигаронида шудаанд, ки дар мактаббачагон меъёрҳо ва қоидаҳои ҳаёти ҷамъиятиро омӯзанд. Бо вуҷуди ин, онҳо аксар вақт танҳо таҳти назорати ба таври кофӣ қавӣ (калонсолон, афкори ҷамъиятӣ, таҳдиди ҷазо) амал мекунанд. Нишондиҳандаи муҳими ташаккули сифатҳои ахлоқии шахс назорати дохилӣ мебошад, ки амали он баъзан боиси нороҳатии эмотсионалӣ, норозигӣ аз худ мегардад, агар қоидаҳои ҳаёти ҷамъиятие, ки аз таҷрибаи шахсӣ тасдиқ карда шудаанд, вайрон карда шаванд.

Назорати дохилӣ аз ҳисоби фаъолияти фаъоли кӯдак дар соҳаҳои зеҳнӣ, моторӣ, эмотсионалӣ, ихтиёрӣ ташаккул меёбад. Омодагӣ ба тобеъ кардани ангезаҳои худ ба ақида ва дониш дар бораи фарҳанги ҳастии инсон ба худшиносии шахсият меафзояд, ба худ эҳтиром мегузорад. Малакаҳои назоратии ташаккулёфта ба инкишофи бомуваффақияти сифатҳои ахлоқии шахс дар раванди таълиму тарбия мусоидат мекунанд. Маънои педагогии кор оид ба ташаккули маънавию ахлоқии шахсияти донишҷӯи хурдсол аз он иборат аст, ки ӯ аз малакаҳои рафтории ибтидоӣ ба зинаи баландтар гузарад, ки дар он мустақилияти қабули қарор ва интихоби ахлоқӣ талаб карда мешавад.

Хоҳиши мактабхон шудани бачаҳо ангезаи хуби тарбияи ахлоқӣ мебошад. Бо ба мактаб омадани бачагон доираи муошират ва масъулияти онҳо васеъ мешавад. Чизи асоси барои кӯдакон омӯзиш аст. Илова бар ин, дар мактаб онҳо бояд бо ҳамсинфон ва муаллим муносибатҳои ахлоқиро омӯзанд. Дарки аҳамият, зарурати вазифаю кирдорҳои нав омода будани кӯдакро ба иҷрои талаботи нави калонсолон пешакӣ муайян мекунад: супоришҳои мактабро софдилона омода созад, донишро софдилона аз худ кунад, дар ҳаёти синф фаъолона иштирок намояд.

Олимони соҳаи педагогика ошкор кардаанд, ки дар давраҳои гуногуни синну сол барои тарбияи ахлоқӣ имкониятҳои нобаробар мавҷуданд.

Дар вақти кор кардан бо масъалаҳои тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол хусусиятҳои синну сол ва психологии онҳоро ба назар гирифтан лозим аст: Дар тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол бояд ба назар гирифт, ки кӯдакон ба фаъолона, мустақилона дарк кардани вазъиятҳои гуногуни ҳаёт оғоз мекунанд, аммо дар айни замон баҳодиҳии онҳо ба ҳодиса ва амалҳо аксар вақт вазъиятӣ мебошад. Хоҳиши мустақилона фаҳмидани ҳама чизро муаллим дастгирӣ мекунад, вай ба кӯдакон дар интихоби дурусти баҳои ахлоқӣ кӯмак мекунад.

Маҳз аз рӯи он, ки кӯдак ба меъёрҳои иҷтимоии зиндагӣ чӣ гуна мутобиқ мешавад, солимии равонии ӯро муайян кардан лозим аст. Шароити зиндагӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки таҷрибаи мавҷудияти инсониро бомуваффақият аз худ кунад, инкишофи камолоти равонӣ, яъне омодагии худро барои идора кардани хоҳиш ва эҳсосоти худ таъмин намояд.

Камолоти равонии кӯдакон то оғози таҳсил дар мактаб наметавонад баланд бошад, аммо ин нишондиҳандаи муҳими инкишофи муайяни равонии кӯдак, омодагӣ ба маҳдуд кардани хоҳишҳои онҳо, муошират дар асоси тиҷоратӣ, дар сӯҳбат бо одамони гирду атроф аз масофаи дур нигоҳ доштани онҳо мебошад. Ба қоидаҳои муошират вобаста ба вазъият риоя намуда, аз руи эътиқоди ахлоқии худ интихоб мекунанд.

Раванди тарбия, ки ба инкишофи ҳамаи кӯдакон нигаронида шудааст, бояд тавре сохта шавад, ки инкишофи оптималии ҳар як кӯдак дар асоси шахсияти ӯ таъмин карда шавад.

Донистани меъёрҳои ахлоқӣ шарти асосии рафтори ахлоқӣ аст, аммо танҳо дониш кофӣ нест. Меъёри тарбияи ахлоқӣ танҳо амали воқеии кӯдакон, ниятҳои онҳо буда метавонад. Хоҳиш, майлу хоҳиш ва қобилияти бошуурона риоя кардани нормаҳои ахлокро танҳо бо амалӣ намудани корҳои ахлоқӣ тарбия кардан мумкин аст.

Таъсири бевоситаи ба даст овардани арзишҳои ахлоқӣ ба муаллим вобаста аст. Натиҷаи ин раванд ба он вобаста аст, ки муаллим онро ба кӯдак чӣ гуна пешкаш мекунад.

Сухани муаллим як навъ воситаи таъсиррасонӣ ба тарбияи шахсияти кудак аст. Маҳз тавассути сӯҳбат бо омӯзгор, рушди маънавии кӯдак, худтаълимӣ, шодии расидан ба

мақсад, кори нaҷиб чашми одамро ба рӯи худ мекушояд. Мо талабагонамонро даъват менамоем, ки нисбат ба худ ростгуй ва ошкоро бошанд, дар ҳаёт чунин мақсад гузоранд, ки барои расидан ба он вазифаҳоеро ҳал кардан лозим буд, ки ба қоидаҳои ахлоқ мувофиқ бошанд.

Ба фаъолияти тарбиявӣ ҷалб намудани хонандагони хурдсол ҳам ҳангоми иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ ва ҳам ҳангоми муайян кардани тарзи рафтори худ мақсаднок амал карданро ёд мегиранд. Амалиёти онхо бошуурона мегардад. Симои зоҳирии инсон маъмулан таассуроти нахустин ва муҳимро боқӣ мегузорад. Таъсири симои зоҳирӣ муассир ва дарозмуддат аст. Агар инсони нек ва дорои хислатҳои бузурги маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар боби симои зоҳирӣ (либос, ҳаракат, тарзи муносибат ва ғайра) таассуроти манфӣ гузорад, асари он муддати тулонӣ эҳсос хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ


1. Ахлоқ // Энсиклопедияи советии тоҷик. –Душанбе, 1987.
2. Вильчинский, С.С. Коммуникативное воздействие в образовательном процессе / С.С. Вильчинский, Н.М. Шленская // Педагогика: журнал. — 2013 .— №8 .— С. 67-71.
3. Додонов, Б. И. Структура и динамика мотивов деятельности / Б. И. Додонов // Вопросы психологии. – 1994. – № 4. – С. 16–23.
4. Дубовицкая, Т. Д. К проблеме диагностики учебной мотивации / Т. Д. Дубовицкая // Вопросы психологии. – 2005. – № 1. – С. 73–78.
5. Содиқов, А.У. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. –Душанбе, 1989.
6. Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуалӣ ибни Сино.-Душанбе, 1975.
7. Эмомалӣ Раҳмонов. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. -Душанбе, 1999.


# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМОДАСОЗИИ КАСБӢ-ИРТИБОТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ОМӮЗИШГОҲИ ТИББӢ ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ


***ЮЛДОШЕВ Умарҷон*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ш. Душанбе, к. Сино, 29-31.*

***МУХТОРОВА Истода Ҳотамқуловна*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов 11/2.* ***E-mail:*** *istodamuhtorova106@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992) 92 881 90 30*



Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-иртиботии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббии ҷумҳурӣ ба омӯзиши забони русӣ, ҷустуҷӯи роҳу усулҳо ва технологияҳое, ки самаранокии раванди таълимро афзун карда, муошироти фаъоли шифоҳиро дар раванди машғулиятҳо дастгирӣ мекунанд, баррасӣ шудааст.

Муаллиф бар ин назар аст, ки ҳалли ин масъала истифодаи технологияҳои нави таълим ва технологияҳои интерактивиро дар таълими забони русӣ ба донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ тақозо намуда, як равиши нави методологӣ дар ташкили раванди таълим маҳсуб меёбад. Инчунин, таъкид карда мешавад, ки ин равиш дар ташаккули муносибати шахсии донишҷӯён ва омӯзгорон ба раванди таълим, механизмҳои муколама ҳамкорӣ ва масъулияти шахсии онҳоро барои натиҷаҳои он таъмин мекунанд.

Ба андешаи муаллифи мақола, таҳлили хусусиятҳои фарққунандаи технологияҳои интерактивии таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ мутобиқати онҳоро ба талаботи муосири таълим нишон дода, самаранокии истифодаи онҳоро дар шароити муосири таълим тасдиқ мекунад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *салоҳиятҳои касбӣ-иртиботӣ, донишҷӯён, забони русӣ, забони хориҷӣ, роҳу усул, раванди таълим, муошират, машғулият, технологияҳои интерактивӣ, тиб, муколама, муосир.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-КОММУНИКАТИВНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ МЕДИЦИНСКОГО КОЛЛЕДЖА В ПРОЦЕССЕ ЗАНЯТИЙ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

***ЮЛДОШЕВ УМАРДЖОН*** *– доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой русского языка Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали Ибни Сино, г. Душанбе, ул. Сино, 29-31*

***МУХТОРОВА Истода Хотамкуловна*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *istodamuhtorova106@gmail.com,* ***тел.:*** *+(992) 92 881 90 30*

В статье рассматривается теоретические основы формирования профессионально-коммуникативные компетенции таджикских студентов-медиков к изучению русского языка, поиска методов, приемов и технологий, повышающих эффективность учебного процесса, поддержки активного речевого общения в ходе аудиторных занятий.

Автор утверждает, что решение этой проблемы требует использования новых технологий обучения и использование интерактивных технологий в обучении таджикских студентов-медиков русскому языку представляет собой новый методологический подход к организации учебного процесса, также констатирует, что данный подход, направленный на формирование у студентов и преподавателей личностного отношения к образовательному процессу, исходит из механизмов диалога, рефлексивности и сотрудничества, обеспечивающих вовлеченность субъектов образования в процесс обучения и их личную ответственность за его результаты.

По мнению автора статьи, анализ отличительных особенностей интерактивных технологий обучения русскому языку как иностранному демонстрирует их соответствие современным требованиям обучения, подтверждает эффективность их использования в современных условиях обучения.

***Ключевые слова:*** *профессионально-коммуникативные навыки, студенты, русский язык, иностранный язык, способы и методы, образовательный процесс, общение, обучение, интерактивные технологии, медицина, диалог, современность.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF VOCATIONAL AND COMMUNICATIVE TRAINING OF MEDICAL COLLEGE STUDENTS IN THE PROCESS OF LESSONS IN THE RUSSIAN LANGUAGE

***YULDOSHEV UMARDJON*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Head of the Russian Language Department, Avicenna Tajik State Medical University Abuali Ibni Sino, Dushanbe, st. Sino, 29-31*

***MUKHTOROVA Istoda Khotamkulovna*** *– Applicant of the Institute for the Development of Education. Abdurakhman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamova, 11/2.* ***E-mail:*** *istodamuhtorova106@gmail.com,* ***phone:*** *+(992) 92 881 90 30*

The article discusses the theoretical foundations for the formation of professional and communicative competence of Tajik medical students for the study of the Russian language, the search for methods, techniques and technologies that increase the effectiveness of the educational process, support for active verbal communication during classroom classes.

The author argues that the solution to this problem requires the use of new teaching technologies and the use of interactive technologies in teaching Tajik medical students the Russian

language is a new methodological approach to the organization of the educational process, and also states that this approach, aimed at developing a personal attitude towards the educational process among students and teachers, proceeds from the mechanisms of dialogue, reflexivity and cooperation that ensure the involvement of subjects of education in the learning process and their personal responsibility for its results.

According to the author of the article, the analysis of the distinctive features of interactive technologies for teaching Russian as a foreign language demonstrates their compliance with modern learning requirements, confirms the effectiveness of their use in modern learning conditions.

***Keywords:*** *professional communication skills, students, Russian language, foreign language, ways and methods, educational process, communication, teaching, interactive technologies, medicine, dialogue, modernity.*

Омӯзиш ва таҳлили анҷомдодаи мо нишон дод, ки саҳми асосии дониш, маҳорат ва малкаҳои дар амсилаҳои салоҳиятмандии кормандони ба амалия машғулбудаи соҳаи тиб бевосита ба таълими касбии онҳо марбут аст. Ҷузъи иртиботии амсила дар соҳаи лингводидактикаи тамоюли касбидошта нисбатан пурра кушода мегардад. Аҳамияти амалии ҷузъи мазкур дар он ифода меёбад, ки дараҷаи салоҳиятмандии корманди тиб, ҳаҷми барои ӯ зарурии дониш, маҳорат ва малакаҳоро муайян месозад. Ҳамин тариқ, ҷузъи иртиботии амсилаи таҳсилотӣ фармоиши иҷтимоиро ташаккул дода, нишондоди асосиест, ки таҳиягарони барномаҳо, шароитҳо, маводи таълимӣ-назоратӣ ҳангоми ташаккули салоҳиятҳои иртиботии кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он истифода мебаранд [6, с. 88-91].

Асос, дар намуди принсипҳои асосии назарияи салоҳиятмандӣ, имкон медиҳад мундариҷаи истилоҳи салоҳияти касбӣ-иртиботии корманди соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра кушода гардад. Мо истилоҳи мазкурро ҳамчун хусусияти шахсиятии маҷмӯӣ, бисёрҷӯзъа, бисерзинагӣ муайян намудем, ки дар омодагӣ ба дарёфти ҳалли дурусти проблемаҳои касбӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ бо истифода аз мубоҳисаи касбии тиббӣ, забон ва нутқ, ифода меёбад.

Амсилаи акмеологии фаъолияти таълимӣ қисмати таркибии асоси методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии худтакомулдиҳии муҳассилини муассисаҳои таълимии самти тиббидоштаро ҳангоми омӯзиши забони русӣ, ки сатҳи азхуднамоии он ба муваффақияти касбии мутахассисон таъсир мерасонад, ташкил медиҳад. Он имкон медиҳад, то маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳои кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои рушди касбӣ-иртиботии сатҳи баланд муҳимманд, бо дарназардошти ҳар як зинаи рушди касбӣ-иртиботии мутахассиси соҳаи тиб ба низом даровардa шаванд [7, с. 78-80].

Барои татбиқи ғояи таҳсилоти муттасил, такмили малакаву маҳоратҳои касбӣ-иртиботии кормандони соҳаи тибби тоҷик принсипҳои таҳсилоти кушодаро истифода бурдан зарур аст. Чунин раҳёфт имконият медиҳад салоҳияти касбӣ-иртиботӣ ба таври амудӣ, аз довталаб барои азхуд намудани асосҳои маҳорати касбӣ оғоз намуда, то ба корманди соҳаи тибби ба амалия машғулбуда, ки салоҳияти муошированти касбияшро такмил медиҳад, ташаккул ва рушд дода шавад [5, с. 253-256]. Ҷузъи касбӣ-иртиботии амсилаи таҳсилотиро дақиқ тасаввур намудан мумкин аст, агар унсури иртиботиро дар масири рушди муассисаҳои таълимии самти тиббидоштаи ҷаҳон баррасӣ намоем. Вазифаи аввалини корманди тиб қабули бемор аст. Барои ҳалли босамари он маҳорату малакаҳои иртиботи шифоҳӣ, яъне муошират бо мизоҷ заруранд. Дар баробари ин маҳорати тасвият намудани таърихи беморӣ, ворид намудани қайдҳои зарурӣ ба ҳуҷҷатгузории махсуси тиббӣ зарур мешаванд. Вазифаи дигари муҳимми корманди соҳаи тиб низ марбути салоҳияти иртиботӣ аст. Ҳалли он бояд ба корманди тиб имконият диҳад, ки ҳуҷҷатгузории тиббиро дуруст ва босаводона ташкил намояд. Мутахассис бояд маъно ва мазмуни иттилоотро дигаргун накарда, онро сабт намояд. Маълумоти зарурирo табиб бояд аз бемор ва наздикони ӯ, ҳангоми пурсиш ва ташхис, ба даст орад. Ба қатори вазифаҳое, ки хатмкунандаи омӯзишгоҳи тиббӣ бояд иҷро намояд, инчунин маҳорати истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ дохил мешавад [8]. Вазифаи дигари муҳим маҳорати муошврати касбӣ бо ҳамкасбон аст. Дар ҳолати мазкур ба ташаккули сифатҳои сарварӣ ва иртиботии донишҷӯёни омӯзишгоҳи тиббӣ диққати бештар додан зарур аст. Барои ин фаъолона дар мубоҳисаҳо ва муҳокимаи масъалаҳо иштирок намудан, андешаи худро бо далелҳо собит сохтан, ақидаҳо, иттилооти нодурустро рад карданро омӯхтан лозим аст. Ҳамзамон ташкилдиҳандаи биоэтики иртиботи муоширатро низ фаромӯш набояд кард.

Огоҳонии беморон низ вазифаи мутахассиси муосири соҳаи тиб аст, ки бояд оид ба чорабиниҳои пешгирикунанда, шакли ташкили терапия сӯҳбат карда тавонад, хусусиятҳо, стратегияҳо, методҳо, воситаву усулҳои истеъмоли маводи доругӣ, андозаи онҳоро шарҳ диҳад. Ҳангоми зарурият, табиб бояд барои дақиқ намудани ташхис мизоҷро ба назди мутахассиси дигар равона карда, зарурияти қарори мазкурро фаҳмонида тавонад.

Ба қатори вазифаҳои касбие, ки назди корманди соҳаи тиб меистад, иртиботи хаттӣ, аз ҷумла навиштани номгӯи доруҳо дохил мешавад. Дар намуди ахбороти хатӣ корманди соҳаи тиб номи дору, миқдори зарурии он, тарзи истеъмол, муҳлати табобат, таърихи қабули навбатии духтур ва амсоли инро ишорат мекунад [4, с. 253-256]. Дар таҳқиқоти худ мо жанрҳои шифоҳии мубоҳисаи махсусро низ баррасӣ кардем, ки барои кормандони тиб хосанд. Ба ин қатор шомиланд: машварати бемор, наздикони ӯ, кормандони сатҳи поёнӣ. Ба жанрҳои хаттии мубоҳисаи касбии тиббӣ низ диққат дода шудааст: варақаи беморӣ, корт ва маълумотномаи тиббӣ, роҳхат ба статсионар ва ғ.

Инчунин, мо намудҳои асосии мубоҳисаи тиббиро муайян кардем. Намудҳои хаттии он ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: аввалия ва дуввумин. Ба категорияи аввал матни китоби таълимӣ, мақола, луғат ва амсоли дохил мешаванд. Ба категория дуввум конспектҳо, нақшаҳо, маърӯзаҳо ва ғ. шомиланд. Дар баробари ин, дар муошврати академии касбӣ жандрҳои зерин истифода мегарданд: муколамаи таълимӣ ё лексия, ахбороти шифоҳӣ ва дигар жанрҳои шифоҳӣ. Ба намудҳои шифоҳӣ-хаттии жанрҳо дар шакли муаррифӣ (презентатсия), намоишҳо, маърӯзаҳо низ диққат додан зарур аст [2, с. 33-36].

Дар раванди таълим, лексияи таълимӣ ҳамчун воситаи асосии интиқоли ахбор, донишҳо истифода мегардад. Худи машғулияти лексионӣ раванди мураккаб, ҳамкории гуногунҷанбаест дар шакли мубоҳиса, ки муқарраротӣ зеринро фаро мегирад [9, с. 48]:

1. Аз ҷониби омӯзгор пешниҳод гаштани маводи лексия;
2. Идрок ва таҳлили мавод аз ҷониби таълимгиранда;
3. Саволҳои донишҷӯён;
4. Ҷавобҳо, дақиқнамоиҳои омӯзгор;
5. Саволҳои лектор, ки имкон медиҳанд дараҷаи азхудгардии лексия аз ҷониби таълимгирандагон арзёбӣ гардад;
6. Ҷавобҳои донишҷӯён ва дигар амалҳо.

Ба хусусиятҳои лексияи таълимӣ се омили асосӣ мансубанд: собиткунандагӣ, нерӯи шарҳдиҳанда доштан, хусусияти нишондодӣ доштан. Инчунин мубоҳисаи шабакавии тиббӣ, ки муоширатро дар шабакаи интернет атрофи мавзуъҳои тиббӣ дар назар дорад, аз омилҳои асосӣ маҳсуб дониста мешавад. Намуди мазкури мубоҳиса дар маҷмӯъ бо меъёрҳои забонӣ, бо дарназардошти меъёрҳои забонии хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, иртиботӣ-технологӣ ва прагматикидошта омӯхта мешавад.

Хусусиятҳои асосии мубоҳисаи шабакавии тиббӣ бо тамоюли лингвотерапиявӣ, кушодагии суроға, гуногунии жанр, интеракитивию чандирӣ ва протсесулӣ будан ва амсоли ин тавсиф мeёбад.

Низоми дарозмуддати ташаккули марҳилагии салоҳиятҳои касбии иртиботии кормандони соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раванди муттасили худтакомулдиҳӣ тавсиф мешавад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар таҳсилоти касбии муосир дастгирии таҳсилоти линвистикӣ ба кормандони соҳаи тиб дар марҳилаи пас аз омӯзишгоҳӣ вуҷуд надорад. Ҳарчанд натиҷаи пурсишҳо зарурияти онро нишон медиҳанд. Имрӯзҳо марҳилаи мазкури ташаккули салоҳияти худтакомулдиҳии муҳассилини омӯзишгоҳҳои тиббӣ ҳангоми таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ, ки ташкилдиҳандаи муҳимми муваффақияти касбӣ маҳсуб мeёбад, дастгирии заруририи методиро наёфтааст ва ба таври мукаммал омӯхта нашудааст.

Марҳилаи пас аз омӯзишгоҳии дар донишҷӯён ташаккул додани салоҳияти худтакомулдиҳӣ ҳангоми машғулиятҳо аз забони русӣ хусусиятҳои худро дорад. Ба хусусиятҳои мазкур тамоюли дақиқ зоҳиргаштаи равияи шахсиятӣ, тарбияи ташаббускорӣ, тақсимоти омодагии иртиботӣ вобаста аз соҳиб будани таълимгирандагон ба забони русӣ шомиланд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи додашудаи омодагӣ мундариҷаи таҳсилоти иртиботии кормандони тибби Тоҷикистон сохтори дақиқ надорад. Моҳиятан он таҳсилоти аз қисматҳои алоҳида гирдовардашударо мемонад [11, с. 115-120].

Таснифоти лингводидактикии технологияҳои таълимӣ, аз он ҷумла таҳсилоти лингвистӣ, ки барои ташаккули салоҳияти худтакомулдиҳии муҳассилини муассисаҳои таълимии тиббӣ ҳангоми омӯзиши забони русӣ ҳамчун заминаи муҳимми муваффақияти касбии мутахассисон дар оянда тасия мешавад.

Технолгияҳои таҳсилотӣ дар гуруҳҳо мутаҳид гаштааст: онҳое, ки салоҳияти муоширатро рушд медиҳанд, тренингӣ, ба рушди қобилиятҳои иртиботӣ нигаронидашуда, танзимӣ, онҳое, ки ба арзёбии дараҷаи азхудкунии забони хориҷӣ мусоидат мекунанд, технологияҳои мониторинги фаъолияти таълимӣ дар соҳаи такмили қобилиятҳои иртиботии кормандони соҳаи тиб.

Ба марҳилаи асосии азхуднамоии малакаҳои иртиботӣ «репертуари технологи»-и нисбатан пурра хос аст. Аз сабаби он, ки донишҷӯён забони русиро дар сатҳи паст баллад ҳастанд, имконияти интихоби технологияҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгор маҳдуд мегардад. Барои марҳилаи пас аз омӯзишгоҳӣ исифодаи технологияҳои таълимии бевосита марбути технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ хос аст [3, с. 54-58].

Китобҳои дарсӣ аз забони русӣ, ки барои таълими кормандони соҳаи тибби тоҷик истифода мегарданд, аз ду қисмат иборатанд: «русӣ» ва тарҷӯмашуда.

Дар қисмати муйян ҷузъи тарҷӯмагашта дар китоби дарсӣ барои семинтизатсия исилоҳҳои барои таълимгирандагон нав истифода мегардад. Дар китоби дарсӣ барои ҳар як дарси алоҳида луғати хурд бо тарҷумаи калимаҳои барои мавзӯи омӯхташаванда нав пешбинӣ гардидааст.

Беҳтар гардонидани раванди азхудкунии забони русиро дар давраи таҳсили донишҷӯён дар омӯзишгоҳи тиббӣ тавассути веб-платформаи махсусгардонидашуда роҳандозӣ кардан мумкин аст. Саҳифаҳои веб-платформа ба якчанд қисмат ҷудо кардан зарур аст, ки бахшҳоро барои довталабон, донишҷӯён, аспирантон, ординаторҳо дар бар гиранд. Дар қисмати барои муҳассилини омӯзишгоҳҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигашта, машқҳое ҷойгир бояд кард, ки барои ташаккули салоҳияти истилоҳӣ, азхуд гаштани малакаҳои граматикӣ, нутқи муколамавӣ (диалогӣ), маҳорати хониш дар донишҷӯён мусоидат кунанд [10, с. 99-105].

Восита ва шаклҳои рушди иртиботии мутахасссисони соҳаи тибби Тоҷикистонро бояд дарёфт намоем, ки барои такмили азхуднамоии забони русӣ дар марҳилаи пас аз хатми омӯзишгоҳи тиббӣ муҳимманд.

Воситаҳо ва шаклҳои таълим ба дастгирии суроғавии таҳсилоти лингвистики кормандони тибби ба амалия машғул, ки аз сабаби машғулӣ имконияти такмил додани иртиботи муошират дар речаи экстенсивиро надоранд, бояд равона карда шавад. Барои таълим дар марҳилаи мазкур хатсайрҳои инфиродӣ истифода мегарданд. Барои сохтани онҳо донистани зинаи ибтидоии соҳиб будани таълимгирандагон ба забони русӣ, душвориҳои мавҷуда, мушкилиҳо дар соҳаи муошират касбӣ бо забони русӣ зарур аст.

Ҳангоми ташкили таълим дар назар доштан зарур аст, ки худтакомулдиҳии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии тиббӣ дар муҳити забонӣ ба амал намеояд, яъне мутахассисони хориҷӣ наметавонанд бо теъдоди кофӣ барои коркарди нутқ ва ошно гаштан бо истилоҳҳои нав ба Россия ташриф оранд. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили таълими онҳо маводи таълимие истифода намудан зарур аст, ки тавонад анику дақиқ махсусияти мубоҳиса (дискурс)-и тиббиро бо забони русӣ интиқол диҳад. Шакли коғазии китобҳои дарсӣ масъалаи мазкурро пурра ҳал карда наметавонад [1, с. 216-222].

Далели дигареро зикр кардан зарур аст, ки маводи таълимиро бо ягон роҳ ба гиранда расонидан зарур аст. Дар баробари ин, раванди таълиро идора намудан, натиҷаҳои фаъолияти таълимии муҳассилинро тафтиш намудан зарур меояд. Аз ин рӯ, воситаи таълим дар шакли коғазӣ дақиқан душвориҳои мазкурро ҳал карда наметавонанд.

Ташаккули сатҳи азхуднамоии касбии забони русиро дар кормандони соҳаи тибби Тоҷикистон дар якчанд марҳилаи ба ҳам алоқаманд амалӣ намудан мувофиқи мақсад аст. Ҳамзамон талаботҳои таҳсилотии таълимгирандагонро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Ин ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-иртиботӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Истифодаи технологияҳои рушддиҳанда дар таълими забони русӣ мароқи командони соҳаи тибби тоҷикро ба натиҷаи таълим ба маротиб меафзояд. Барои ҳар як марҳилаи талим шаклҳои муҳими мубоҳисаро интихоб намудан зарур аст, ки ба ташаккули сифатии малакаҳои муоширати касбӣ мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Гусейнова, Т. В. О требованиях к организации начального обучения русскому языку в таджикской школе / Т. В. Гусейнова // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 7. – С. 216-222.
2. Джамирова, Л. И. Употребление выражения категории возраста на уроках русского языка с таджикским языком обучения / Л. И. Джамирова // Человекознание: Сборник статей XVI Международной научной конференции, Кемерово, 20 ноября 2017 года. – Кемерово: Издательский дом "Плутон", 2017. – С. 33-36.
3. Дмитриева, Д. Д. Профессионально ориентированное обучение русскому языку иностранных студентов-медиков / Д. Д. Дмитриева // Научная мысль. – 2017. – № 1. – С. 54-58.
4. Захидова, Л. С. Лингвистические особенности формирования профессионального тезауруса при обучении русскому языку студентов-медиков подготовительного факультета / Л. С. Захидова // Человек и язык в коммуникативном пространстве: сборник научных статей. – 2018. – Т. 9. – № 9. – С. 253-256.
5. Захидова, Л. С. Лингвистические особенности формирования профессионального тезауруса при обучении русскому языку студентов-медиков подготовительного факультета / Л. С. Захидова // Человек и язык в коммуникативном пространстве: сборник научных статей. – 2018. – Т. 9. – № 9. – С. 253-256.
6. Мирзоева, В. М. Методические формы и приемы обучения иностранных студентов-медиков русскому языку / В. М. Мирзоева, Е. Д. Аксенова, Е. З. Мирзоева // Наука России: цели и задачи: Сборник научных трудов по материалам XXIV международной научной конференции, Екатеринбург, 10 декабря 2020 года. – Екатеринбург: НИЦ «Л-Журнал», 2020. – С. 88-91.
7. Мкртчян, Г. А. Обучение русскому языку студентов-медиков / Г. А. Мкртчян // Актуальные проблемы довузовской подготовки: материалы V международной научно-методической конференции, посвященной 100-летию Белорусского государственного медицинского университета, Минск, 18 мая 2021 года. – Минск: Белорусский государственный медицинский университет, 2021. – С. 78-80.
8. Просвиркина И.И. Толерантная речевая коммуникация: лингводидактическая теория и практика: автореф.дисс. … докт.пед.наук (13.00.02). М., 2007.
9. Рекаева, К. В. Отражение лингвокультурологического подхода в пособиях по обучению студентов-медиков русскому языку как иностранному / К. В. Рекаева // Мир науки. – 2018. – Т. 6. – № 3. – С. 48.
10. Товбаева, М. М. Межъязыковые параллели устойчивых словосочетаний русского и таджикского языков и способы их изучения в таджикской школе / М. М. Товбаева, Ш. Г. Одинаева // Вестник института языков. – 2019. – № 4(36). – С. 99-105.
11. Umbetbekova, K. M. Interactive methods for Russian language teaching for establishment the activity and consciousness / K. M. Umbetbekova // Вестник Алматинского технологического университета. – 2020. – No 1. – P. 115-120.

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА АҲАМИЯТИ ТАРБИЯВИИ ОН

***НОРОВА Зарина Исломовна*** *– унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори литсейи хусусии “Эҳсон”-и шаҳри Душанбе, ш. Душанбе,* ***E-mail: norov-81@mail.ru, тел.:*** *(+992) 888 41 81 81*

***АШУРОВА Шаҳло Кулобиевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.* ***E-mail:*** *ashurova-shahlo@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 901 06 03 30*

Ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои муҳимми таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, дар назар дошта мешавад, ки хонандагон бояд маҳорати ба маводи таълимӣ иҷро карда тавонистани амалҳои фикриро пайдо кунанд ва маълумот ба даст оваранд. Дар доираи амали тарзи муқарраркардаи таълим ва дар ҷараёни он ташуккул ёфтани тафаккури эмпирикӣ, таҳлил, таҷҷия, муқоиса ва ғайра сурат мегирад. Мувофиқи таҳқиқотҳои мавҷуда эҷодиёти шифоҳӣ, ки заминаи ибтидоии фаҳму дарки тафаккур ва ҷаҳонбинӣ мебошад, барои машқ додани амалҳои фикрӣ ва рушди ҷаҳонбинии васеъ мусоидат менамояд.

Омӯзиши жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ ҳамчун китоби дарсии ҳаёт ба шумор рафта, ба ҳаёт ва рӯзгору фаъолияти инсон сару кор дорад ва ҷаҳонбинӣ, донишу хирад ва маърифату тафаккури инсонро такмил медиҳанд. Дар синфҳои ибтидоӣ жанрҳои хурди асарҳои бадеии эҷодиёти шифоҳӣ, аз ҷумла ҳикояву афсона, чистону зарбулмасалҳо, таронаву шеърҳо ва тезгӯякҳо омӯзонида мешаванд.

Зарбулмасал низ яке аз жанрҳои кадиму маъмули мардумӣ дониста мешавад ва дар он ҳаёти халқ, гуфтори пурҳикмат, ахлоқу одоби аъзоёни ҷамъият таҷассум меёбад. Маҳз бо ҳамин васила зарбулмасал дар раванди таълим аҳамияти тарбиявӣ пайдо мекунад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *зарбулмасал, мақол, таълим, тарбия, омӯзгор, ҷаҳонбинӣ, синфҳои ибтидоӣ, эҷодиёти шифоҳӣ, ташаккул,хонанда.*

## ПОСЛОВИЦЫ И ИХ ВОСПИТАТЕЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ

***НОРОВА Зарина Исломовна*** *– соискатель Бахтарского государственного университета им. Насира Хусрава, преподаватель частного лицея «Эхсон» города Душанбе, г. Душанбе.* ***E-mail:*** *norov-81@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 888 41 81 81*

***АШУРОВА Шаҳло Кулобиевна*** *– кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой русского языка и литературы Бахтарского государственного университета им. Насира Хусрава, г. Бохтар, ул. Айни, 67.* ***E-mail:*** *ashurova-shahlo@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 901 06 03 30*

В данной статье автор изложил, что именно формирование и развитие мировоззрения младших школьников считается одной из важных задач воспитания и обучения, при этом предполагается, что учащиеся должны приобрести способность к совершению интеллектуальных действий и получению информации. Эмпирическое мышление, анализ, синтез, сравнение и т. д. формируются в рамках установленного метода обучения и в его процессе. Согласно существующим исследованиям, словесное творчество, являющееся первоосновой понимания мышления и мировоззрения, способствует тренировке мыслительных действий и формированию широкого мировоззрения.

Автором исследовательской работы канстатированно, что изучение разных жанров устного творчества рассматривается как учебник жизни, в нем рассматривается жизнь и жизнедеятельность и деятельность человека и совершенствуется мировоззрение, познание, мудрость, познание и мышление человека. В начальных классах преподаются малые жанры художественных произведений устного творчества, в том числе рассказы и легенды, пословицы, песни и стихи.

Пословицы также считаются одним из старинных и популярных народных жанров, в них воплощается быт народа, мудрые слова, нравы и нравы членов общества, чем они имеют воспитательное значение в обучающем процессе.

***Ключевые слова:*** *пословица, поговорка, образование, воспитание, учитель, мировоззрение, младшие классы, устное народное творчество, формирование, ученик.*

## PROVERBS AND ITS EDUCATIONAL SIGNIFICANCE

***NOROVA Zarina Islomovna*** *– competitor of the Bakhtar State University named after Nasira Khusrava, teacher of the private lyceum "Ehson" of the city of Dushanbe, Dushanbe.* ***E-mail:*** *norov-81@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 888 41 81 81*

***ASHUROVA Shalo Kulobievna*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Russian Language and Literature, Bakhtar State University named after Nasir Khusrava, Bokhtar, st. Aini, 67.* ***E-mail:*** *ashurova-shahlo@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 901 06 03 30*

The formation and development of the worldview of younger students is considered one of the important tasks of education and training, while it is assumed that students must acquire the ability to perform intellectual actions and receive information. Empirical thinking, analysis, synthesis, comparison, etc. are formed within the framework of the established teaching method and in its process. According to existing research, verbal creativity, which is the fundamental basis for understanding thinking and worldview, contributes to the training of mental actions and the formation of a broad worldview.

The study of various genres of oral creativity is considered as a textbook of life, it examines the life and life and activities of a person and improves the worldview, knowledge, wisdom, knowledge and thinking of a person. In elementary grades, small genres of oral art are taught, including stories and legends, proverbs, songs and poems.

Proverbs are also considered one of the oldest and most popular folk genres, they embody the life of the people, wise words, customs and customs of members of society.

***Key words:*** *proverb, saying, education, upbringing, teacher, outlook, junior classes, oral creativity, student.*

Омода намудан ва дорои тафаккури эҷодӣ, рушди ҷаҳонбинӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани насли наврас, вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи маориф маҳсуб ёфта, дар шароити кунунӣ зарурати тақвияти моделҳои таълимӣ дар низоми таҳсилот ба миён омадааст. Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар илмҳо, илми педагогика низ рушд намуда, мақсад ва ҳадафи он ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи хонандагон дар равани таълим мебошад. Бинобар ин, омӯзгоронро зарур аст, ки пеш аз ҳама ба низоми раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро вазифаи асосии онҳо интихоби муътадили моделҳои таълимиест, ки таълиму тарбия ва рушди хонандагонро таъмин намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шахсият дар асоси фаъолият инкишоф меёбад. Ин ба муносибати ташаккулёбӣ, яъне хислатҳои хоси шахс ҳам пурра дахл дорад. Ташаккул чунин муносибатҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҷаҳонбинӣ ва самтгирии ҷамъиятии шахсият зимни фаъолият дарк карда мешавад.

Ҳадафи раванди таҳқиқшаванда моделҳои муосири ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии кӯдакон дар раванди таълим мебошад.

Ташаккули тафаккури хонандагони хурдсол оид ба тасаввуроти табиат ва ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи ҳисси дӯстдории табиат, ғамхорию эҳтиёт кардан ва афзун гардонидани зебоии он, мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои дастраси дарки олам вазифаи муҳими мактаб мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ бештар тавассути «Алифбо», дарсҳои хониш, шиносоӣ бо муҳити зист, табиатшиносӣ ва санъати тасвирӣ ҷаҳонфаҳмии илмии хонандагон вусъат дода мешавад. Ҳамчунин дар “мактубҳои эзоҳӣ”-и барномаҳои забони модарӣ ва фанни “табиатшиносӣ”-и синфҳои ибтидоӣ нисбати ин масъала ба маврид зикр

шудааст, ки зимни мушоҳидаи муҳит ва таҷрибаҳои ҳаёт ҷаҳонфаҳмии талабагон дуруст ташаккул дода мешавад [16,с. 133].

Зикри чунин нукта ба маврид аст, ки дар рушди малакаҳои маърифатӣ ва ҷаҳонбинии мактаббачагон қобилият ва муносибати омӯзгор, қобилияти ӯ ба таври ифоданок, эмотсионалӣ ва образнок баён кардани зебоии олами атроф ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳам дар асарҳои эҷодиёти шифоҳӣ ва ҳам дар воқеият аҳамияти калон дорад. Манфиатҳои маърифатӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон тавассути гузаронидани дарсҳои ғайримуқаррарӣ мусоидат мекунанд. Ин дарсҳо аз қабили саёҳатҳо, бозиҳои маърифатӣ, хонишу нақли афсонаҳо ва дарсҳои ҳамгиро ва ғайра мебошанд. Масалан, ҳадафи дарсҳо - сафар дар мавзӯи “Об ва хусусиятҳои он” ин рушди манфиатҳои маърифатии ҳиссиёт, кашфи хусусиятҳои об ба таври таҷрибавӣ мебошад. Дар давоми дарс, ки дар шакли саёҳат тавассути мавзӯи об гузаронида мешавад, омӯзгор хонандагонро бо афсонаи пайдоиши калимаи об шинос мекунад ва пешниҳод менамояд, ки миқдори зиёди муаммоҳо дар бораи ҳолатҳои гуногуни об дар табиат тахмин кунанд. Инчунин, як қатор зарбулмасалҳову чистонҳо дар бораи об ба диққати хонандагон пешниҳод карда мешаванд. Масалан: “Об сангро намебарад”, “Об аз зери санги хобида намегузарад” ва ғайра. Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки маънои онҳоро шарҳ диҳанд. Ҳамчун асари фолклорӣ, ки бо як лаҳзаи вақт алоқаманд аст, ҷумлаи “Об, об, рӯямро бишӯ...” истифода шудааст. Инчунин, агар дарс дар синфхона гузарад, хуб мебуд дар замони муосир бо маводи бойи аудиоӣ ва аёни муҷаҳҳаз шавад. Дарсҳои ба ин тариқ гузаронидашуда барои хонандагон ҷолиб буда, дер боз дар хотирашон нақш баста, ба афзоиши шавқ нисбати фан мусоидат мекунад.

Муҳаққиқ С.В. Тарасов ишора мекунад, ки яке аз принсипҳои асосии ташкили раванди таълим барои ташаккули оптималии ҷаҳонбинии хонанда “муколамавӣ будани таълиму тарбия” асосист. Бар замми он “муколама на танҳо воситаи таълим, балки мазмуни он мебошад, ки бо аз худ кардани шаклҳои муколамавии шинохти олам аз тарафи хонандагон мусоидат мекунад” Муколама на танҳо имконияти мавҷудиятро инъикос мекунад, вай дар иртибот бо зарурияти дарк ва татбиқи онҳо ба вуҷуд омада, мукаммал мешавад [14,16-17]. Ин методи сермаҳсул ва маъмули тарбия дар синфҳои ибтидоӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад.

Муносибати муколимавии омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим ҳамчун шарти ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хурдсол баррасӣ мешавад. Таъкид шудани ин шарт дар заминаи мафҳуми фалсафии муколама чун асоси ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар миёни мардум асоснок гардидааст. Татбиқи муносибати мутақобилаи муколимавӣ дар раванди таълим ба бартараф кардани ҳамагуна зуҳуроти бегонапарастӣ, канораҷӯйии эгоистии хонандагон нисбат ба олам ва донишҳо дар бораи он мусоидат мекунад. Муколама ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки иштироки шахсии худро ба ҳамаи он чизе, ки дар раванди таълим, дар муҳити воқеӣ рух медиҳад, дарк намояд.

Муколама ҳамчун усули шинохт ва воситаи таълим дар он сурат ба вуҷуд меояд, агар “шахси дигар ба сифати объект дода мешавад ва нисбати худ муносибатро ҳамчун субъект бедор намуда, дар навбати худ барои ӯ объект чун субъект эътироф мегардад” [13,284].

Таваҷҷуҳ ба муколама дар илмҳои психология ва педагогика бо дарки мазмун ва дониши инсон дар бораи худ ва олами атроф алоқаманд мебошад. Ба ақидаи Г.Я. Бун “Олами инсонӣ муколимавист. Худи раванди ташаккули инсон, моҳияти он аз муколама иборат аст. Касе, ки муколамаро меомӯзад инсонро меомӯзад” [5,16].

Муколама ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳанд, ки мавзӯъ ва маводҳои онҳо аз ҳаёт ва муҳити худи кӯдакон гирифта шаванд, ҳамчунин ба синну сол ва савияи фаҳмиши онҳо мувофиқат кунанд. Чунки агар муайянкунандаи асосии мавзӯи сӯҳбат худи кӯдакон бошанд, ба он хеле таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, фаъолона иштирок мекунанд.

Омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим моро дар натиҷаи тадқиқотҳо ба хулосае овард, ки шартҳои асосии он пеш аз ҳама дар зери таъсири бевоситаи муҳити педагогӣ ва фазои таълим, ҳамчунин тахти таъсири ҷаҳонбинии оила ва муоширату муносибати онҳо, муҳити иҷтимоии атрофиён, ҷомеа ва муҳити таълими синфхонаву омӯзгорон мебошад. Зеро дар синни хурди мактабӣ аз як тараф захираи дониш, малака ва фаҳму дарки ҷаҳонбинӣ бо таъсири бевоситаи муҳити хонаводагӣ ташаккул ва рушд намояд, аз ҷониби дигар, дар остонаи мактаб ва раванди таълим тадриҷан ба системаи муайян медарояд.

Фаъолияти маърифатии хонандаи хурдсол дар сатҳи ҷаҳонбинии комил хусусияти эҷодӣ пайдо мекунад. Фаъолияти эҷодӣ-ин муносибати субъекти фаъолият ба меҳнати худ (қаноатмандӣ аз кор, кӯшиши ба мустақилият дар иҷрои он; майли мусбат ҳангоми ба ҷо овардани он) ва раванди ҳалли супоришҳои эҷодӣ (татбиқи мустақилонаи дониш, малака, воситаҳои фаъолияти азхуд кардашуда дар шароити нав, дарки проблема ва дидани функсияҳои нави объекти муайян) мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳамаи марҳалаҳои ҷаҳонбинӣ бо якдигар алоқаманданд. Хонандагон аз ҳар як марҳалаи ташаккули ҷаҳонбинӣ гузашта, таҷрибаи муайян ҳосил мекунанд, ки муносибатро бо олам ва бо худ мушаххастар менамоянд.

Раванди ташаккули ҷаҳонбиниро бо назардошти он, ки пайваста ба афзоиши фардияти хонандаи хурдсол бо иртибот бо табиат сабаб мешавад, чунин меҳисобем, ки дар рафти гузариш аз як марҳала ба марҳалаи дигар, нерӯи муносибати мутақобилаи хонандаи хурдсол ва муҳит, дараҷаи алоқамандии (мансубияти бошуурона) кӯдак ба олам торафт меафзояд.

Ба назари мо, аз ҷиҳати таъсири тарбиявӣ, оила нисбат ба мактаб, дӯстон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, адабиёт ва санъат таъсири бештар дорад. Дуруст аст, ки таълиму омӯзишро танҳо бар дӯши оила вогузорем, натиҷаи дилхоҳ ба даст намеорад. Вале муваффақияти ташаккули шахсият пеш аз ҳама аз ҷониби оила муайян карда мешавад. Оила, чи қадаре ки бомаърифату зиёӣ бошад ва он ба тарбия таъсир расонад, ҳамон қадар натиҷаи тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ, омӯзиш ва меҳнатии шахс баландтар мешавад. Ҳамеша нақши оила дар ташаккули шахсият вобастагии муайян ва таъсири калон дорад. Албатта, алоқа ва ҳамкории оилаву омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бештар ва қавитар гардад, дар таҳким бахшидани самараи таълиму тарбияи кӯдакон судмантар хоҳад буд. Инро таҷрибаи фаъолияти мактабҳои пешқадам собит намудаанд. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки робитаи хеле зич ва возеҳ барқарор намоянд. Танҳо муҳити якдигарфаҳмӣ, эҷодкории коллективона метавонад кӯдаконеро ба воя расонад, ки фикр карданро, бо корҳои илмӣ машғул буданро дӯст доранд, лаёқати дидактикӣ ва ташкилотчигӣ дошта бошанд, ба одамон кор карда тавонанд, эҷодкор бошанд ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ аз дигарон фарқ кунанд [10, с. 177].

Дар ҳаёти ҳар як шахс, волидон нақши калон ва масъулиятнок доранд. Онҳо ба кӯдак намунаҳои нави рафторро меомӯзанд, бо ёрии онҳо олами атрофро дарк менамоянд ва дар ҳама амалҳои худ ба онҳо тақлид мекунад. Ин тамоюл бо иртиботи мусбии эҳсосии кӯдак бо волидон ва хоҳиши ӯ ба мисли падару модари худ ҳарчи бештар тақвият меёбад. Падару модар ва аҳли оила дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонбинии кӯдак қарор доранд. Фарзандон дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду мешиносанд ва муносибати худро ба олами атроф, қабл аз ҳама аз дидгоҳи падару модар муайян мекунанд [15, с. 30]. Вақте ки волидон ин намунаро дарк мекунанд ва мефаҳманд, ки ташаккули шахсияти кӯдак аз бисёр ҷиҳат ба онҳо вобаста аст, пас онҳо тавре рафтор мекунанд, ки ҳамаи амал ва рафтори онҳо дар ташаккули кӯдак саҳм гузоранд. Чунин раванди тарбияро метавон комилан бошуурона шумурд, зеро назорати доимии рафтори худ, муносибат ба одамони дигар ва атрофи табиат имкон медиҳад, ки кӯдаконро дар шароити мусоид тарбия карда, ба рушди ҷаҳонбинӣ ва ҳамоҳангии онҳо мусоидат намоед. Ҳама марҳилаҳои рушди инсонро ба шароити нави иҷтимоӣ мутобиқ карданро талаб мекунанд, ки ба шахс барои ғанӣ гардидан бо таҷрибаи нав ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ баркамол шудан кӯмак мекунад.

Омӯзишу қобилият ва дарку фаҳмише, ки кӯдакон дар барқарории иртибот бо дигарон дар зиндагӣ, синни аввали таҳсилоти миёна ва вобастагӣ ба навъи муносибатҳои нахустине аз муҳит дар бораи худ дар солҳои нахустин зиндагӣ, яъне падару модар, дояҳо, мураббиёни муассисаи томактабӣ ва омӯзгорони давраи синни аввали мактабӣ дарёфт мекунанд, метавонад дар тамоми умр бетаъсир набошад.

Омӯзгорон хуб медонанд, ки синни хурди мактабӣ муҳимтарин солҳои ҳаёт аст ва таҷриби ин солҳо зербинои зиндагии ояндаи ҳар инсон хоҳад буд. Агар ба хостаҳо ва атрофи такомули кӯдакон дар ин даврон посухи муносибе дода шавад, минбаъд ҳам дарки тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо бештар рушд хоҳад ёфт. Албатта барои кӯдакон ҳеҷ вақт дер нест, ки тафаккури худро нисбат ба табиат ва ашёҳои иҳоташуда беҳбуд бахшанд ва маҳоратҳои тоза биёмӯзанд ё ҷаҳонбиниашонро тағйир диҳанд, аммо чунонки таҳқиқотҳо

нишон медиҳанд, вақте, ки кӯдакон аз зинаи аввали мактабӣ бархурдор нашуда бошанд, ҳаргиз аз уҳдаи ҷуброни таъсири саҳлангориҳое, ки дар ҳаққи онҳо шудааст, бар намеоянд.

Пас метавон гуфт, яке аз воситаҳои муҳимми таълиму тарбия ва ташаккул додани ҷаҳонбинии кӯдакон адабиёт, ба хусус эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор меравад.

Тавре ки Г.Н. Волков мегӯяд: «Дар паси тахайюлоти афсонавӣ ҳамеша ҷаҳони ҳақиқии ҳаёти халқӣ мавҷуд аст - ҷаҳон бузург ва рангоранг аст. Эҷодиёти бешумори мардум аз таҷрибаи мушаххаси зиндагии онҳо ба воя мерасанд ва хусусиятҳои ҳаёти ҳаррӯзаи онҳоро инъикос мекунанд» [6, с.126].

Эҷодиёти шифоҳӣ дар баробари адабиёти бадеӣ инъикоскунандаи ҳаёти ҷамъият, урфу одат ва таърихи он мебошад. Насри эҷодиёти шифоҳӣ яке аз машғулиятҳои ҳаёти маънавии халқ мебошад, ки дар гузашта низ миёни мардум хеле маъмул буд ва насли имрӯз ҳам, аз он баҳраваранд. Эҷодиёти шифоҳӣ кӯдаконро ба хислату характери миллӣ, равиши зиндагӣ ва урфу одати ҷамъият, хусусияти забонӣ ва инчунин ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият шинос менамояд. Беҳуда нест, ки насри эҷодиёти шифоҳиро дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо таҳрири наву пардози муосир бо шаклҳои гуногун [3,88.] ва бо теъдоди зиёд бознашр намуда, дар корҳои таълимиву табриявии муассисаҳо ва хонавода фаровон истифода мебаранд.

Ба туфайли фолклор, кӯдак ба олами атроф ба осонӣ ворид мешавад, ҷозибаи табиати зодгоҳи худро пурратар эҳсос мекунад, тасаввуроти мардумро дар бораи зебоӣ ва ахлоқ азхуд мекунад, бо урфу одатҳо шинос мешавад, ба ибораи калом, дар якҷоягӣ бо лаззати эстетикӣ он чизеро аз худ мекунад, мероси маънавии халқ номиданд, ки бидуни онҳо ташаккули шахсияти комил имконнопазир аст [7]. Аз ин рӯ, бояд таваҷҷӯҳ ва муҳаббат ба фолклорро тарбия намоем ва барои ин методҳои фаъоли педагогӣ лозиманд, ки таваҷҷӯҳро ба эҷодиёти халқ барангезанд.

Дар синфҳои ибтидоӣ жанрҳои хурди асарҳои бадеии эҷодиёти шифоҳӣ, аз ҷумла ҳикояву афсона, чистону зарбулмасалҳо, таронаву шеърҳо ва тезгуякҳо омӯзонида мешаванд. Ба қавли педагогҳо М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов барои омӯзгор на танҳо тайёрии махсуси касбӣ зарур аст, балки тайёрии ҳаматарафа, ақлу хирад ва тафаккури солим, ҷаҳонбинии васеъ ва ахлоқи ҳамида дошта бошад ва масъалаҳои ба миён омадаро эҷодкорона тибқи талаботи илмӣ ва амалия ҳаллу фасл намояд [10, с.50]. Зеро омӯзгор шахсест, ки барои инкишофи тафаккур, тахайюл ва ҷаҳонбинӣ заминаи боэътимод мегузорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳу сифати донишандӯзии шогирдонро вобаста ба фаъолияти омӯзгор донистa, чунин қайд мекунад: “Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад” [8, с. 258-259].

Дигар аз манбаъҳои эҷодиёти шифоҳӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва шеъру чистонҳо мебошанд. Чистонҳои шавқовар ва зарбулмасалу шеърҳои дилкаш ба тасвири чизҳои зиндагӣ бахшида, хотироти бачагонро мустаҳкам мекунад, диққати онҳоро ба тобишҳои аҷоибу ғароиби табиат ҷалб месозад [1, с. 3].

Зарбулмасал ва мақол сухани кӯтоҳи образноки ба итмомрасидае мебошанд, ки дар он мушоҳида ва андешаҳои халқ дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти воқеӣ ба таври хулоса ифода шудаанд [2, с. 4]. Калимаи зарбулмасал арабӣ буда, маънояш масал гуфтан ё мисол овардан аст.

Зарбулмасал яке аз густурдатарин жанрҳои хурд дар эҷодиёти шифоҳӣ ба шумор рафта, аз воқеаҳои зиндагӣ гирифта шудааст ва таърихи беш аз ҳазорсола дорад, ки моҳияти ҳодисаҳои мураккаби ҳаётро баён мекунад.

Дар зарбулмасалу мақолҳои эҷодиёти шифоҳӣ зиндагию маишат, ҷаҳонбинӣ, марзҳо ва меъёрҳои одобу ахлоқ, арзишҳои этникӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ бозтоб шудаанд, ки инро хонандагони хушзеҳн ба осонӣ дармеёбад. Муҳаққиқ М.Р. Исматуллоев низ бар ин назар аст, ки ин навъи жанри фолклорӣ ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаҳои ҳаётӣ, заковат ва ахлоқи оммаи васеи мардумро ба таври хеле сода, муъҷаз ва пурмазмуни бадеӣ ифода менамояд [9, с. 157]. Зарбулмасалҳо ба кӯдакон барои омӯхтани олами атроф, дарк кардани падидаҳо, ҳодисаҳои гуногун кӯмак мекунанд.

Омӯзиш ва таълими зарбулмасалу мақолҳои эҷодиёти шифоҳӣ дар тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон доранд ва хонандагонро мустақиман ба фикр кардан омада мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳо ба шуур ва характери хонандагон таъсир расонида, ҷаҳонбинии онҳоро инкишоф медиҳад.

Зарбулмасалҳо дар давраҳои гуногуни зиндагонӣ, дар муҳити муайяни иҷтимоӣ, дар шароитҳои сиёсӣ-иқтисодӣ бо мазмунҳои гуногун ба вуҷуд омада, кор фармуда шудаанд. Дар зарбулмасалҳо муносибати иҷтимоӣ ва муносибати равшани нисбат ба ҳодисаҳои таббиатдоштаи халқ акс ёфтааст [11, с. 138]. Яъне зарбулмасал аз нигоҳи илми фолклоршиносӣ матни мӯъҷази устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум дар контекстҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва психологӣ хулоса шудаанд.

Дар зарбулмасалҳо образи ҳодисаю предметҳо ба таври бадеӣ тасвир шуда, дар нутқи гӯянда на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, балки онро қувват медиҳад, тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, тавассути зарбулмасалу мақол одамон муносибат ва мубодилаи афкор менамоянд [12, с. 3]. Мақол низ ҳодисаву воқеаи ҳаёти ҳаррӯза ва хислатҳои одамиро ифода намуда, ба монанди зарбулмасал воқеаҳои зиндагӣ ва маъниҳои ҳаётро ба таври умумӣ инъикос менамояд. Зарбулмасалу мақолҳо жанри латифу ибратомӯзи халқиеанд, ки хислатҳои хуби одамонро ситоиш намуда, хислатҳои бади онҳоро сахт маҳкум мекунад. Масалан: Дарс агар мушкил бувад, нофаҳмро хоб оварад; Худписанӣ далели нодонист; Олими беамал, занбӯри беасал.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар раванди таълим ва дар ҳаёти ҳаррӯза ба мактаббачагони хурдсол асосҳои ахлоқии ҳаётро меомӯзонанд. Зарбулмасалу мақолҳо як навъи махсуси назми шифоҳӣ мебошанд, ки таҷрибаи кории ҳаётии наслҳоро дар бар мегиранд.

Мувофиқи асарҳои таҳқиқотии Г.И. Батурина шакли маъмули зарбулмасалҳо дастур аст ва аз нуқтаи назари педагогӣ дастурҳои се категория ҷолибанд:

- таълимоте, ки ба кӯдакон дар бораи одобу рафтори хуб, аз ҷумла қоидаҳои ахлоқи нек дастур медиҳанд;
- таълимоте, ки хонандагонро ба рафтори шоиста даъват мекунад;
- дастурҳои навъи махсус, ки дорои маслиҳатҳои педагогӣ мебошанд ва натиҷаи тарбияро нишон медиҳанд, ки ин як навъ таҷрибаи оммавии педагогист [4, с. 213].

Ҳангоми кор бо кӯдакони синни хурди мактабӣ зарбулмасал ва мақолҳо кайҳост, ки ҳамчун воситаҳои таъсирбахши тарбия ҷойгоҳи устуворро ишғол кардаанд. Бо ёрии онҳо мо метавонем на танҳо мафтунии худро изҳор кунем, балки маҳкумиятро маҳкум намоед. Зарбулмасалу мақолҳо бо соддагиву кӯтоҳӣ, мукаммалии мантиқӣ, ифодаи образнок фарқ мекунанд. Ҳама чиз дар бораи онҳо ба мақсад мувофиқ ва сарфакорона аст. Онҳо ба кӯдакон ҷаҳони ҳиссиёт ва таҷрибаҳои амиқ, инчунин кашфиётҳои гуногуни эҳсосиро нишон медиҳанд. Зарбулмасалҳо таълим медиҳанд - онҳо танбалӣ, лофзанӣ, хунукназариро маҳкум мекунанд, дар онҳо хоксорӣ, зиракӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҷаҳонбинӣ ситоиш карда мешавад. Зарбулмасалу мақолҳо паҳлӯҳои гуногуни рафтори инсон ва хислати ӯро ошкор месозанд.

Ҳамин тариқ, бо мақсади нишон додани зарбулмасалҳо ва аз калимаҳои пароканда сохтани зарбулмасал дар синфи 3”А”-и гимназияи ДДБ соати тарбиявӣ дар мавзуи “Зарбулмасал-мададгори ҳар амал” гузаронида шуд, ки марҳилаҳои он ба таври зайл буд:

Муаллима: Бачаҳои азиз ҳамаи мо афсонаҳои халқӣ, суруд, чистон ва зарбулмасалҳоро медонем. Мавзуи имрӯзаамон “Зарбулмасал-мададгори ҳар амал” мебошад.

Бачаҳои азиз ки мегӯяд, зарбулмасал чист?

Хонанда 1: Чи тавре ки аз фанни забони модарӣ медонем зарбулмасал жанри фолклорӣ мебошад ва он шакли кӯтоҳи панду хикмат аст.

Хонанда 2: Зарбулмасал калимаи арабӣ буда, маънояш масал гуфтан , ё мисол овардан мебошад.

Хонанда 3: Зарбулмасал ҳамчун яке аз жанрҳои қадимӣ дониста мешавад.

Хонанда 4: Зарбулмасал ҳаёт ва гуфтори пурҳикмати халқ мебошад.

Муаллима: Аҳсан бачаҳои азиз. Чи тавре ки маълум аст мо дар бораи жанрҳои фолклорӣ аллакай аз дарси забони модарӣ шинос ҳастем.

Инак, бачаҳои азиз, ки зарбулмасал мегӯяд ва шарҳ медиҳад?

Хонандаи 1: Бе меҳнат роҳат нест.

Яъне то меҳнат накунем, роҳат намебинем ва мисол оварда метавонем мӯрчаяки заҳматкашро. Ӯ дар гармо бо заҳмати зиёд майдаҳои нону гандумро ҷамъоварӣ менамояд, то ин ки дар сармо роҳат карда хӯрда хобад.

Хонандаи 2: Дарахт бо реша боқувват, инсон бо меҳнат.

Агар дарахт реша надошта бошад, пас ӯ дар шамолу борон меафтад. Агар инсон бо меҳнат обутоб ёбад аз ҳамаи мушкилиҳои зиндагӣ ба осонӣ раҳо мешавад.

Хонандаи 3: Ҳунар аз молу мероси падар беҳ.

Яъне молу сарват як рӯз ба охир мерасад, аммо ҳунар тамомнашаванда мебошад.

Хонандаи 4: Табиатро хуршед мунаввар созад, инсонро меҳнат.

Чи тавре ки медонем хуршед ин офтоб аст. Бе равшании он рузи мо ба мисли шаби тор аст. Меҳнат низ ба ҳаёти одам равшанӣ мебахшад.

Хонандаи 5: Паранда дар парвоз обутоб меёбад.

Хонандаи 6: Дарахтро ба ҳосилаш нигар, инсонро ба меҳнаташ.

Муаллима: Хеле хуб бачаҳои азиз. Ина,к мегузарем ба кори гурӯҳӣ. Ба бозии зарбулмасалсозӣ.

Дар – девор;

Коса – нимкоса;

Чой – пой;

Айёр – тайёр;

Вақт рафт бачаҳои азиз ба сохтани зарбулмасал шуруъ кунед.

Гурӯҳи “Сомон” аллакай омода аст, марҳамат.

Таги коса нимкоса.

Гурӯҳи “Далерон”: Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.

Гурӯҳи “Донояк”: Дарро задам девор кафид.

Гурӯҳи “Ахтарон”: Дар сари кор айёр, дар сари ош тайёр.

Бачаҳои азиз, ҳамин тавр мо имрӯз дар бораи зарбулмасал маълумоти бештар гирифтем, ки оянда барои мо дар зиндагӣ кор медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Асоев, И. Шеъру чистон ва зарбулмасалҳо барои синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2002. – 36 с

2. Асрорӣ, В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик: Дастури таълим барои факултаҳои филологӣ / В. Асрорӣ. – Душанбе: Маориф, 1990. – 255 с.

3. Афсонаҳои халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 2015. – 88 с.

4. Батурина, Г.И. Народная педагогика в воспитании дошкольников / Батурина Г.И. – М.: Просвещение, 1995. – 238 с.

5. Буш, Г.Я. Диалогика и творчество / Г.Я. Буш. – Рига, 1985, 318 с.

6. Волков, Г.Н. Этнопедагогика: учеб.для студ. сред. и высш. пед. учеб. Заведений / Г.Н. Волков. – М.: Академия, 1999. – 168 с.

7. Гаврилова, А.Б. Детский фольклор-исток сохранения русских народных традиций / Гаврилова А.Б. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://io.nios.ru/articles2/85/6/detskiy-folklor-istok-sohraneniya-russkih-narodnyh-tradiciy (дата обращения: 15.05.21).

8. Зафар, Ш.С. Суханони ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон / Ш.С. Зафар. – Душанбе: ҶДММ “Констраст”, 2019. – 464.

9. Исматуллоев, М.Р. Зарбулмасал ва мақолҳои насри бачагонаи тоҷик М.Р. Исматуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – № 4/5(209).

10. Лутфуллоев, М. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ [васоити таълимӣ] / М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов. – Душанбе, 2012. – 208 с.

11. Носирҷон, М. Фолклори тоҷик. Қ.1. – Душанбе, 2005. – 160 с.

12. Раҳимов, Д. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон / Раҳимов Д. – Душанбе: Истеъод, 2012. – 136 с.

13. Рубинштейн, С.Л. Проблемы общей психологии / С.Л Рубинштейн. – Москва, 1973. – 377 с.
14. Тарасов, С.В. Теоретико – методологические основы становления мировозприятия школьников в условиях современной социокультурной среды / С.В. Тарасов // Афтор. дис... д-ра пед. наук. (13.00.01). 2001. – 24 с
15. Шамониева, З. Ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар таълиму тарбия / З. Шамониева // Маърифати омӯзгор. – декабри 2019. – №12. – С. 30.

## САҲМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ФИРДАВСИШИНОСӢ

***ОДИНАЕВА Сафармо Нуруллоевна*** *– унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носиров, 33.* ***E-mail:*** *odinaeva20165@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 985 69 30 20*

Дар мақола масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи осори ниёгон ба вижа Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шӯравӣ, ки аз ҷониби Садриддин Айнӣ анҷом ёфтаанд, пажуҳиш шудаанд. Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ нахустин фирдавсишиноси тоҷик мебошад, ки ба шоҳкории Абулқосим Фирдавсӣ баҳои сазовор додааст, зеро Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун ахтари тобандаи адабиёти форсии тоҷикӣ, афкор ва мавқеи умумибашарӣ ва умумифарҳангиро дороанд.
Ҳамчунин, дар мақола таъсирпазирии Садриддин Айнӣ аз нобиғагони форсии тоҷикӣ, ба хусус аз Абулқосим Фирдавсӣ дар се самти муҳимтарини адабиётшиносӣ, яъне таъсирпазирӣ дар эҷод намудани осори назмӣ (шеър, ғазал, мухаммас ва ғайра), таъсирпазирӣ дар таълиф намудани осори насрӣ (ҳикоя, повест, очерк, ёддошт ва ғайра) ва таъсирпазирӣ дар таҳқиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муайян гардидаст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *Ҳаким Фирдавсӣ, Садриддин Айнӣ, башардӯстӣ, ғоя, муҳаққиқ, «Шоҳнома», нобиға, мавқеъ, сарчашма, иҷтимоӣ, сохтор, ватандӯстӣ, Иттиҳоди Шуравӣ, адабиёншиносӣ, фирдосишиносӣ.*

## ВКЛАД САДРИДДИНА АЙНИ В ФИРДОУСИВЕДЕНИЕ

***ОДИНАЕВА Сафармо Нуруллоевна*** *– соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носирова, 33.* ***E-mail:*** *odinaeva20165@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 985 69 30 20*

В статье исследованы вопросы изучения и исследования творчества наших предков, особенно Абулькасима Фирдоуси в советское время, которое было завершено Садриддином Айни. Следует сказать, что Садриддин Айни – первый таджикский ученый-фирдоусивед, давший достойную основу шедевру Абул Касима Фирдоуси, ибо Абул Касим Фирдоуси, как сияющий плакат таджикско-персидской литературы, имеет общечеловеческое и универсальное культурное мнение и позицию.
Также в статье влияние Садриддина Айни на таджикско-персидских гениев, особенно на Абул Касима Фирдавси, в трех важнейших областях литературоведения, т.е. влияние в создании поэтических произведений (поэзия, газель, мухаммас и др.), влияние в написание прозаических произведений (рассказа, романа, эссе, заметки и др.) и определялась эффективность при исследовании научно-исследовательских работ.

***Ключевые слова:*** *Хаким Фирдавси, Садриддин Айни, гуманизм, идея, исследователь, «Шахнаме», гений, позиция, источник, социальный, структура, патриотизм, Советский Союз, литературоведение, фирдоусиведение.*

# THE CONTRIBUTION OF SADRIDDIN AYNI IN FIRDOUSI STUDIES

***ODINAEVA Safarmo Nurulloevna*** – *Researcher of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Said Nosirova, 33.* ***E-mail:*** *odinaeva20165@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 985 69 30 20*

In this article, the author studied the issues of studying and researching the work of our ancestors, especially Abulkasim Firdousi in the Soviet era, which was completed by Sadriddin Aini. It should be said that Sadriddin Aini is the first Tajik Firdousi scholar, who gave a worthy basis to the masterpiece of Abul Qasim Firdousi, because Abul Qasim Firdousi, as a shining poster of Tajik-Persian literature, has a universal and universal cultural opinion and position.

Also in this article, the influence of Sadriddin Aini on the Tajik-Persian geniuses, especially on Abul Qasim Firdousi, in the three most important areas of literary criticism, i.e. influence in the creation of poetic works (poetry, ghazal, mukhammas, etc.), influence in the writing of prose works (story, novel, essay, notes, etc.) and the effectiveness was determined in the study of research work.

***Keywords:*** *Hakim Firdousi, Sadriddin Ayni, humanism, idea, researcher, Shahname, genius, position, source, social, structure, patriotism, Soviet Union, literary criticism, Firdousi Studies.*

Садриддин Айнӣ аз зумраи шоирон ва нависандагони адабиёти муосири тоҷик ва ҳамчунин, идомадиҳандаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ӯ дар тамоми фаъолияти худ ҳама вақт ба бузургони форсу тоҷик, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон арҷ гузоштааст. Вобаста ба ин таъсир бардоштани Садриддин Айнӣ аз нобиғагони форсу тоҷик дар се самти муҳимтарини адабиётшиносӣ ба назар мерасад:

- таъсирпазирӣ дар эҷод намудани осори назмӣ (шеър, ғазал, мухаммас ва ғайра);
- таъсирпазирӣ дар таълиф намудани осори насрӣ (ҳикоя, повест, очерк, ёддошт ва ғайра);
- таъсирпазирӣ дар таҳқиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

Дар ин радиф фаъолияти сесамтаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва адабии Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ ва хосса таъсирпазирӣ аз “Шоҳнома”-и ӯ бараъло ба назар мерасад. Ҳамчунин, Устод Садриддин Айниро метавон нахустин фирдавсишиноси тоҷик номид, зеро ӯ дар таҷлили Анҷумани аввалини нависандагон (соли 1934), ба хусус дар таҷлили ҳазораи Фирдавсӣ нақши муҳим гузоштааст. Албатта замони шӯравӣ, ки дорои ғояҳои башардӯстӣ ва ватанпарастиву ҳувияти миллӣ будааст, Садриддин Айнӣ тавонист, афкори Фирдавсии бузургро тавассути чунин мафҳуму арзишҳои маданӣ-маърифатӣ ба саҳми аҳли илму адаб ва ҳамчунин омма комилан расонад.
Омӯзиш ва таҳқиқи осори бузургон дар он вақтҳо кори саҳлу осон набуд, вале ормонҳои Фирдавсии бузург ба дили халқи шӯравӣ басо писанд буд. Ҳар яке аз онҳо асари безаволро ба забонҳои хеш мутолиа намуда, фикрҳои ҷолибашро баён намудаанд. Ба ғайр аз донишмандону олимони тоҷик дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ олимони зиёде пайдо шуданд, ки ба таҳлилу таҳқиқи илмии ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсӣ пардохтанд. Хушбахтона, сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ҳанӯз солҳои 30-40-уми асри XX ба ганҷинаи осори бузургони адабиёти форсии тоҷикӣ даст задааст. Дар ин росто, ӯ роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ чандин таҳлилҳои илмӣ анҷом дода, шоҳбайтҳо аз “Шоҳнома”-ро дар эҷодиёти хеш истифода намудааст.

Воқеан, мақолаи Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ на танҳо нахустин мақолаи илмӣ роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ, балки аввалин кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад” [10, с. 3].

Сабаби анҷом додани нахустин кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ, ки дар шакли мақолаи илмӣ “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ” унвон дорад, соли 1934 маҳз дар арафаи ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ таҳия ва нашр шудааст. Мақолаи мазкур ба

дараҷае таҳлил ва барраси̅ гардидааст, ки тамоми вижагии ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсиро дар бар мегирад. Мақолаи мазкур аз муқаддима ва қисматҳои “Таърихи “Шоҳнома”-нависи̅”, “Авлоди Фирдавси̅”, “Шоҳнома” ба дигар забонҳо”, “Фирдавси̅ дар муаррифии шоирони Эрон” ва “Забони “Шоҳнома” ва забони муосири тоҷик” иборат аст. Тамоми қисматҳои мақола дорои пажуҳишҳои тоза буда, дар асоси сарчашмаҳои илми̅-пажуҳиши̅ анҷом ёфтаанд.

Дар мақола таҳқиқи нахустин роҷеъ ба ҳаёти Абулқосим Фирдавси̅ маълумот дода шудааст, ки таҳқиқи ҷиддии илмии минбаъда асоси илми̅ амиқ гардид: “Абулқосим Фирдавси̅ аз деҳаи Тус, ки онро Бож низ ном мебурданд ва он дар манотиқи Таборон ҷойгир аст. Ин мавзеъест, ки даҳҳо бузургонро ба воя расондааст. Ӯ соли 935 милоди̅ (323 ҳ.қ.) таваллуд ёфта, соли 1021-1026 милоди̅ (411 ё 416 ҳ.қ) вафот кардааст. Фирдавси̅ дар оилаи сарватманд таваллуд шудааст, чунки соҳиби замини паҳновар дошта ва ягон чиз ниёз надоштанд” [2, с. 3].

Чи тавре, ки медонем ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавси̅ ба ду марҳалаи сиёси̅-иҷтимои̅, яъне Сомониён ва Ғазанавиён баробар аст, ки ҳамаи инро Устод Айни̅ дар мақолааш тасвир намудааст. Ҳатто дар мақолаи мазкур дар баробари таҳқиқи Фирдавсии бузургманиш ӯро бо Абуали̅ Сино, ки ҳардуашон пас аз таназзул ёфтани давлати Сомониён аз дасти ғазнавиёни хунхор рӯ ба гурез ниҳоданд ва Абуали̅ Сино ба Ҳамадон мегурезад.
Баъдтар, соли 1940 Устод Айни̅ мақолаи мазкурро бо иловаҳои илми̅-таҳқиқоти̅ дар шакли китоб ба табъ расондааст. Дар он ҷо роҷеъ ба ҷавонии Фирдавси̅ чунин навишта шудааст: “Давраи ҷавонии Фирдавси̅ ба давраи нашъунамои Сомониён рост меояд, ки маркази он Бухоро ва мавзеъҳои Хуросону Туркистон дохил мешуданд. Миёнаҳои солҳои зиндагии Фирдавси̅ ба суст шудани давлати Сомониён ва охири умри ӯ ба давраи салтанати Махмуди Сабуктегин баробар аст” [1, с. 21].

Боиси зикр аст, ки пас аз пажуҳиши ҷидди̅ Садриддин Айни̅ осори бузургони форсии тоҷики̅ дар марҳалаҳои гуногуни таърих дар маркази диққати донишмандон, адабиётшиносон ва шарқшиносони шӯрави̅ қарор гирифтааст. Яке аз марҳалаҳои мазкур замони Иттиҳоди Шӯрави̅ яъне пас аз Устод Айни̅ сурат мегирад, ки теъдоди зиёди мақола ва асару монографияҳои илми̅-таҳқиқоти̅ ба табъ расиданд. Бо таҳқиқ намудани адабиёт, комилан дуруст омӯхтани дараҷаи омӯзиш ва дарки мазмуну муҳтавои осори Фирдавси̅ аз ҷониби Садриддин Айни̅, саҳифаҳои тоза ба илми адабиётшиноси̅ ворид мегарданд.

Дарвоқеъ, адабиёти пурғановати форсии тоҷики̅, ки давомдиҳандаи он Садриддин Айни̅ мебошанд, дорои чеҳраҳои барҷаста ва асарҳои нотакрор ҳастанд, ки мавқеи умумибашари̅ ва умумифарҳангиро дороанд. Чунин симоҳо ва дастовардҳоро аҳли башар моли хеш меҳисобад. Албатта, Абулқосим Фирдавси̅ ва асари безаволаш «Шоҳнома» аз зумраи онҳо мебошад, ки дар осмони адабиёти ҷаҳон нурпоши̅ мекунад. Албатта «Шоҳнома» ҳамчун асари эпики̅, зимни нахустин пажуҳишҳои Садриддин Айни̅ дар байни халқҳои шӯрави̅, ҳамчунин Шарқу Ғарб густурда буда, боз бо таҳқиқу пажӯҳишҳои нав ба нав доман густурдааст. Достонҳои «Шоҳнома» садсолаҳост, ки диққати муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносони бузургро ба худ ҷалб намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони Иттиҳоди Шӯрави̅ шахсияти Ҳаким Фирдавси̅ ва асари безаволи ӯ дар маркази диққати дигар муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносон, ки Садриддин Айниро устод ва роҳнамои хеш меҳисобиданд, қарор гирифт. Ҳарчанд солҳои аввали Иттиҳоди Шӯрави̅ қуллаи баландтарини омӯзиши осори Ҳаким Фирдавси̅ маҳсуб меёфт, он метавонист ба замони минбаъда таъсири мусбат расонад. Дар ин бора ҳамчун нахустин фирдавсишинос нишон додани Садриддин Айни̅ дар адабиётшиносии тоҷик дар монографияи илми̅ таҳти унвони “Оғози фирдавсишиноси̅ дар Тоҷикистон (солҳои 30-40-уми асри XX)” анҷом шудааст, ки ба пажуҳиши Устод Айни̅ баҳои баланд дода шудааст. Хушбахтона, Садриддин Айни̅ на танҳо дар фирдавсишиноси̅, балки дар адабиётшиносии тоҷик марҳалаи минбаъдаро, ки «давраи рушди адабиёти форсии тоҷики̅» ном гузоштааст, такони ҷидди̅ доштааст [10, с. 178].

Пас аз он пажуҳишҳои мухталифи олимону донишмандони дохиливу хориҷи̅ теъдоди зиёди монография ва мақолаҳои илмиро таълиф намуданд, ки дар замони муосир маводи ҷидди̅ дар фирдавсишиноси̅ ва шоҳномапажуҳи̅ ҳисобида мешаванд.

Арзишу моҳияти «Шоҳнома»-ро олимони ҷаҳон аз нахустин таҳқиқоти илми̅ муайян карда буданд. Ба ин маъни̅ муаррихи бузурги тоҷик Б. Ғафуров чунин менависад:

«Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷиҳати бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст» [5, с. 517]. Ҷиҳати эпикӣ будани “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсиро Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1934 таҳқиқ намудааст ва тамоми омилҳои достонҳои асари безавол ба таври васеъ ҳам дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттии халқҳои ҷаҳон паҳн шуда, машҳур гардидааст.

«Шоҳнома» реша ва сайри таърихии адабиётро дошта, масоили адабӣ қаҳрамониро дорост, ки ба унвони зеботарин достони ҳамоса дар мамолики Аҷам, аз ҷумла, дар адабиёти форсӣ маънои ахлоқӣ, фалсафӣ, ишқи реалӣ ва ғайраро соҳиб аст.

Достонҳои «Шоҳнома» сарчашмаи файзбори илҳом ва барозандаи завқу эҳсос ва хаёлии шоири барҷаста аст. Аз шуарои он замон сар карда, то ҳоло садҳо шоиронро метавон ном бурд, ки маъоние аз мазмуни ин қисса чидаанд ва даҳҳо шоир доир ба асар шеърҳо сурудаанд. Яке аз он донишмандон ва муҳаққиқони шӯравии рус, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мавриди пажуҳиши илмии худ қарор додааст, Е.Э. Бертелс мебошад. Ӯ дар мақолаи худ зери унвони «Фирдавсӣ ва осори ӯ», ки дар китоби «Фирдоуси 934-1934»» ба табъ расидааст, чунин ибрози андеша намудааст: «Фирдавсӣ аз шоирони барҷастатарини форсии тоҷик мебошад, ки бо асари безаволи худ «Шоҳнома» дили ҳар хонандаи хурду бузург роҳ ёфтааст ва ҳар кадомашон таърих, фарҳанг ва тамаддуни хешро ҷустуҷӯ менамояд» [9, с. 113]. Дарвоқеъ, Е.Э. Бертелс ба шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ баҳои баланд додааст, зеро ин асари мондагори таърихӣ номи шоирро ҷовидонӣ нигоҳ медорад.

Ҳамчунин, вобаста ба мавзуи мазкур муҳаққиқи рус М. Явич дар мақолааш «Абулқосим Фирдавсӣ» низ чунин навиштааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонҳои ӯ эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [11, с. 22]. Пас гуфта метавонем, ки муҳаққиқони шӯравӣ, пас аз Садриддин Айнӣ, Абулқосим Фирдавсиро аз нобиғони адабиёти форсии тоҷик ҳисобида, фикри равон, зеҳни тез, ғояҳои инсондӯстона ва башардӯстонаи ӯро барҷаста нишон медиҳанд ва дар ин росто таҳқиқотҳои судмандро анҷом додаанд.

Омӯзиш ва тадқиқотҳои ёдгориҳои кӯҳани фарҳангӣ ва таърихӣ, ки дар осори илмию мадании гузаштаи халқи мо ва ҳаёти кунунии ҷомеа, масъалаҳои ватандорию бародарӣ ва ҳуввияти миллӣ нақши муҳим гузоштаанд. Нуктаи мазкур аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби пажуҳиши Садриддин Айнӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ буда, аз масоили умда ва меҳвари асосии илми адабиётшиносии имрӯза маҳсуб меёбад. Бахусус, масоили асосии мавриди баҳси мо таҳқиқу пажӯҳиши паҳлӯҳои мухталифи «Шоҳнома» дар Тоҷикистон дар масъалаи ватандӯстиву инсондӯстӣ ва баробарӣ ҳуҷҷати махсус маҳсуб меёфт.

Аз ин лиҳоз, зимни таҷдиди назар ба ин мавзӯъ бар он ақидаем, ки «Шоҳнома» дар ҳар сохтори сиёсиву иҷтимоии таърихӣ сарчашмаи асосии ҷомеа ва сарқонуни давлатӣ гардидааст.

Роҷеъ ба таҳаввул ва сарчашмаҳои нахустини ин достон, сайру такомули он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз ҷониби Устод Айнӣ пажӯҳишҳои махсус дорад ва сарманшаи онро сабтҳои хаттии форсӣ ва ҳуввияти миллӣ донистааст. Баъдтар ин анъанаи ҷомаи ҷаҳонӣ гирифта, дар робитаи адабӣ, фарҳангӣ ва илмӣ хидмат намудааст.

Падидаҳои адабиву фарҳангӣ бе мавҷудияти заминаҳои созгору мусоиди иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавӣ ба вуҷуд наомадааст. Инчунин, ҳеҷ як адабиёт бо мавҷуд будани анъанаву суннатҳои худӣ бидуни риштаи пайванд ба адабиёти халқи дигар инкишоф ва такомул наёфтааст. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиш ва пажӯҳиши маводи гуногуни равобити адабӣ муҳаққиқ Вали Самад «ба ҳодисаҳои дохилӣ ва берунии ҷараёни адабии дигар дучор меояд» [8, с. 4].

Сардафтари адабиёти шӯравии рус Максим Горкий, ки нисбат ба Садриддин Айнӣ эҳтироми хосса доштааст, яке аз эҳёкунандагони адабиёти муосири тоҷик ва идомадиҳандаи адабиёти классикиамон ба ҳисоб меравад, оид ба ин кохи бегазанди тамаддуни ҷаҳонӣ андешаронӣҳо намуд. Таъсири адабиёти форсу тоҷик ба эҷодиёти М. Горкий беандоза калон буд. Ба вижа, дар «Воқеаҳо дар бораи Итолиё»» ном асараш мавзӯи модарро ба дараҷаи аъло таҷассум карда, қайд мекунад, ки «модар аст, ки абармардони бузург ба мисли

Одаму Муҳаммад, Мӯсову Исо офарид, Арасту писар, Фирдавсӣ чун асал, Саъдиву Хайём ҳамчун май, Искандар ва дигарон Фарзандони модаранд» [6, с. 39].

Адабиётшиноси шӯравии рус Брагинский И.С. асари «Двенадцать миниатюр» менависад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳам дар он шомил аст [3, с. 57]
Оид ба беандозагӣ ва беканории «Шоҳнома» ӯ чунин мегӯяд: «Шоҳнома»»-и Ҳаким Фирдавсӣ, ҳатто на баҳр, ин комилан укёнус аст» [4, с. 24].

Воқеан, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ укёнуси беканорест, ки дар вуҷуди худ ноёбтарин дурдонаҳоро соҳиб аст. Бинобар ин ҳар шахси соҳибақлу соҳибхирад дурдонаҳои худро ҷустуҷӯ дорад.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Н. Маъсумӣ қайд мекунад: «Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди адабиёти советӣ вазифаҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузошта шуданд. Адабиёт ҳам ба иҷро вазифаҳои бузурги панҷсолаҳои баъдиҷангӣ пурра сафарбар карда шуд, тематикаи он ҳам назар ба замони ҷанг тағйир ёфт» [7, с. 97].

Ҳадафи Садриддин Айнӣ нигоҳ доштани осори ниёгон, ба вижа осори Абулқосим Фирдавсӣ буда, ғояҳои шоҳкориҳои онҳоро ба раванди шӯравӣ мутобиқ кардан будааст. Тамоми мавзуъҳои Фирдавсии бузург ба сохтори пеш аз ҷангӣ ва пас аз он манфиатбахш мебошад. Пажуҳишҳои Садриддин Айнӣ, махсусан, роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ яке асарҳои муҳимми ҷомеа ҳисобида шуда, дар нигоҳ доштани сохтори коммунистӣ, ки баробарӣ, ватанпарварӣ ва башардӯстӣ ҳукмфармо буд, басо зарур буд.

Маҳз зимни усул ва омилҳои ироянамудаи Садриддин Айнӣ, ки аз Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» маншаъ гирифтаанд, роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо дар собиқ ҶШС Тоҷикистон, балки дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ (15 давлати бародари шӯравӣ) истифода намуда, дар ҳокимиятдорӣ ва давлатдории сохтори шӯравӣ ҷорӣ намуданд.

Ҳамин тавр, зикр кардан ба маврид аст, ки хидматҳои Садриддин Айнӣ дар адабиёт, фарҳанг ва арҷ гузоштан дар осори классикони форсу тоҷик бузург буда, насли минбаъдаро дар руҳияи он тарбия менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Айни, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ / С. Айнӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1940. –59с. (бо ҳуруфи лотинӣ)
2. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ / С. Айнӣ // Барои адабиѐти сотсиалистӣ. –1934. –№8. –С. 12-16.
3. Брагинский, И.С. Двенадцать миниатюр / Брагинский И.С. -Москва,1966, -432 с.
4. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. - М.:АН СССР, 1956. -226 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. -кит.1. -704с.
6. Горький М. Собр. соч. в 18 томах, т.7. / М. Горкий. -Москва, 1967, с. 39.
7. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат (муҳар. Носиров) / Н. Маъсумӣ - Душанбе: «Ирфон»», 1966, -197 с.
8. Самад, В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими адабиёт / В. Самад. - Душанбе. «Ирфон»», 1976, с. 4.
9. Фирдоуси 934-1934 Сб. Восток, Т. 2. - М.Л., 1935. – 341 с.
10. Шозиёева, Г.П. Фирдоусиведение в Таджикистане (30-40 гг. XX века) / Г.П. Шозиёева. - Душанбе: Дониш, 2020, 178 с.
11. Явич, М. Абулқосим Фирдавсӣ. Кит., Абулқосим Фирдавсӣ (Тарҷумаи В. Державин) / М. Явич. - Сталинобод: Таджикгосиздат, 1949, с. 13-23.

**ТДУ -37.0**
**ТКБ-74.00**
**О-75**

# ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ УСУЛИ МУАММОГУЗОРӢ ВА ТАЛАБОТИ ПЕДАГОГӢ БА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ БО УСУЛИ МУАММОГУЗОРӢ

***ОСИМОВА Мафтунахон Муталибхоновна*** *– докторанти (PhD) соли сеюми ихтисоси “Педагогика ва методикаи таълим”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.*

Дар мақола роҷеъ ба нақши бевоситаи усулу воситаҳои муосири таълим дар самарабахшӣ ва баланд гардидани сифати дониши толибилмон ва таъсири бевоситаи он ба ислоҳоти соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бар он аст, ки татбиқи технологияҳои муосири таҳсилот, аз ҷумла усули муаммогузорӣ барои ташаккули тафаккури мантиқӣ, маҳорату малакаҳои таълимӣ ва ҳаётии кӯдакон дар ҳалли мушкилот ва муаммоҳои давр кӯмак менамояд. Ба андешаи муаллиф омӯзгори синфҳои ибтидоиро зарур аст, чанд хусусиятҳои хоси усули муаммогузорӣ ва талаботҳои педагогии эҷоди вазъияти муаммовӣ бо истифодаи вазифаи мушкилро донад ва бомавриду самаранок истифода карда тавонад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *дидактика, таҳсилот, усулҳои фаъоли таълим, усули муаммогузорӣ, фаъолияти ҷустуҷӯӣ, самаранокӣ, машварат, имконият, принсипи таълим*

# ОСОБЕННОСТИ ПРОБЛЕМНОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИЯ К ОРГАНИЗАЦИИ ПРОЦЕССА НАЧАЛЬНОГО УЧЕНИЯ ПРОБЛЕМНЫМ МЕТОДОМ

***ОСИМОВА Мафтунахан Муталибхоновна*** *– докторант третьего курса (PhD) по специальности «Педагогика и методика обучения» Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.*

В статье рассматривается непосредственная роль современных методов и средств обучения в повышении эффективности и качества знаний учащихся и их прямое влияние на реформы в сфере образования. Автор считает, что применение современных образовательных технологий, в том числе проблемного метода, способствует развитию логического мышления, учебных и жизненных навыков детей в решении задач и ребусов эпохи. По мнению автора, учителю начальных классов необходимо знать некоторые особенности проблемного метода и педагогические требования создания проблемной ситуации с использованием трудной задачи и уметь эффективно и рационально ее использовать.

***Ключевые слова:*** *дидактика, обучение, активные методы обучения, проблемный метод, поисковая деятельность, эффективность, консультация, возможность, принцип обучения.*

# FEATURES OF THE PROBLEM METHOD AND PEDAGOGICAL REQUIREMENTS FOR THE ORGANIZATION OF THE PROCESS OF PRIMARY EDUCATION BY THE PROBLEM METHOD

***OSIMOVA Maftunakhan Mutalibkhonovna*** *– third-year doctoral student (PhD) in the specialty "Pedagogy and teaching methods" of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.*

The article discusses the direct role of modern teaching methods and tools in improving the efficiency and quality of students' knowledge and their direct impact on education reforms. The author believes that the use of modern educational technologies, including the problematic method, contributes to the development of logical thinking, educational and life skills of children in solving problems and puzzles of the era. According to the author, a primary school teacher needs to know some features of the problem method and the pedagogical requirements for creating a problem situation using a difficult task and be able to use it effectively and rationally.

***Key words:*** *didactics, teaching, active teaching methods, problematic method, search activity, efficiency, consultation, opportunity, learning principle.*

Равандҳои ҳаётии замони муосир бо тағйирпазирӣ ва инкишофи босуръат инсониятро ба ҳайрат мегузорад. Дар ин замина шаҳрвандон бояд сифатҳои масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, ӯҳдаборой, навоварӣ, амалигардонӣ ва созандагию бунёдкорӣ дошта бошанд. Онҳо бояд роҳҳои дастрас кардани ахборро (маълумотро) тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ намоянд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯӣ ва ҳал карда тавонанд. Дар заминаи гуфтаҳои болоӣ қайд кардан бомаврид аст, ки истифодаи амалии донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим асоси раванди таълимро ташкил медиҳад, яъне, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор ҳастанд, то ҷавононро барои зиндагӣ кардан дар шароитҳои комилан нав тайёр намоянд. Вале, танҳо бо додани маҷмӯи донишҳо, ки вазифаи асосии таълими анъанавӣ ба ҳисоб меравад, наметавон инсонро ба ҳаёт, дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи фарогири технологияи иттилоот дар сатҳи баланд тайёр кунем.

Аз ҳама шарти асосӣ тарзи ташкил кардани раванди омӯзиш мебошад, ки кӯдакон барои ба даст овардани донишу ҳосил кардани таҷриба аз соҳаҳои гуногуни зеҳниашон истифода бурда тавонанд. Назди омӯзгор вазифа меистад, ки ҷараёни омӯзишро чӣ тавр ташкил кардан зарур аст, ки он ҳамаи омилҳою заминаҳои хонандагонро фаро гирад. Барои ташкили ҷараёни омӯзиш омода намудани мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ барои хонандагон асосӣ мебошад, ин тавлиди дидактикӣ ном дорад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ба талаботи замони муосир низоми таълими салоҳиятнокиро дар синфҳои ибтидоӣ ба роҳ мондааст. Ин раванд тариқи хеле самаровар барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи толибилмон ва дар ниҳояти кор ба даст овардани салоҳият, ки натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст, мусоидат менамояд. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ технолоияҳои навин барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ёрӣ мерасонад. Он имкон медиҳад, ки дастоварди хонандагон таҳти назорат бошад. Пеш аз ҳама дар низоми мазкур омӯзгор имконияти бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Хонанда дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад.

Дидактика аз оғози ташаккул ёфтанаш ба ҷустуҷӯи методҳо машғул аст. Методҳо ба ҷараёни таълим ва омӯзиш тааллуқ доранд, омӯзгорон бояд салоҳияти методӣ дошта бошанд, то ин ки методҳои таълимро дар машғулиятҳо мақсаднок истифода баранд. Хонандагон низ бояд методҳои омӯзишро донанд, то ин ки мундариҷаи машғулиятро дарк намоянд.

Дар раванди омӯзиши замони муосир воситаҳои гуногуни дидактикӣ, роҳҳои гуногун вобаста ба баланд бардоштани қобилияти эҷодӣ, корҳои гурӯҳӣ, муаммогузорӣ, усулҳои хусусияти ҷустуҷӯӣ-тадқиқотидошта ва дигар омилҳои барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати хонандагон истифода мегарданд, ки дар самарабахшии раванди таълим ва тарбияи хонандагони эҷодкору мустақил асос шуда метавонад.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоиро лозим меояд, ки омилҳои таълимро устувору доимӣ гардонандаро дарёфт ва эҷод намуда, дарсро самабахш гардонанд. Кадом тарзу усул ва омилҳое мавҷуданд, ки самарабахшии таълим тибқи он даст диҳад? Чӣ тавр дар хонандагон хусусиятҳои ҷустуҷӯиву хулосабарорӣ ва дарёфт кардани чизи навро тарбия намуд? Зарурати истифода аз усули муаммогузорӣ дар чист?

Муаммогузорӣ (проблемагузорӣ) яке аз усулҳои таълими фаъол буда, барои ташкили фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагон, ташаккули малакаҳои онҳо дар омӯзиши самаранок ва эҷодӣ мусоидат менамояд. Истифодаи ин усули таълим ба он асос мегирад, ки раванди азхудкунии донишҳоро танҳо ба дарки содда, шиносоӣ ва такрори маводи азбаршуда марбут донистан дуруст нест. Дар байни психологҳои Шӯравӣ, ки ягонагии тафаккур ва омӯзиши рушд, инчунин омӯзиши мушкилотро асоснок мекунанд, А.М.Матюшкин саҳми намоён дорад. Вай дар асараш "Вазъиятҳои мушкилот дар тафаккур ва омӯзиш" дар асоси дастовардҳои психологияи муосир вазъияти муаммовиро ҳамчун як унсури ибтидоии рушди тафаккури хонандагон баррасӣ мекунад. А.М.Матюшкин таъкид мекунад, ки дар як қатор ҳолатҳо ба сабаби дуруст дарк накардани фарқияти чунин воқеиятҳои психологӣ, ба монанди "вазифа" ва "вазъияти мушкилот", баҳои нодурусти самаранокии омӯзиши мушкилот дода мешавад [2, с. 16]. Дар асар инчунин усулҳои гуногуни эҷоди ҳолатҳои мушкилот муҳокима карда мешаванд.

Таълими ба усули муаммогузорӣ асосёфта иштироки муттасил ва мақсадноки хонандагонро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва вазифаҳои когнитивӣ дар бар мегирад, ки дар давоми он хонандагон бояд донишҳои навро фаъолона омӯзанд, малака ва қобилиятро дар ташаккули мустақили вазифа (муаммо) дар асоси шароити воқеӣ ба даст оранд

Намудҳои гуногуни фаъолият қонунҳои дохилӣ ва мувофиқан усулҳои худро доранд. Маориф ягонагии ду намуди асосии фаъолиятро таъмин месозад: таълим ва омӯзиш, ки дар ваҳдати диалектикӣ зоҳир мешавад.

Технологияи омӯзиши мушкилот аз усулҳое вобаста аст, ки боиси расидан ба ҳадаф мегарданд. М.И.Махмутов моҳияти омӯзиши мушкилотро дар асоси ду вазифаи асосии омӯзгор муайян мекунад:

а) муаррифӣ ва шарҳи дониши нав;

б) ташкили фаъолияти мустақилонаи мактаббачагон ва назорат аз болои иҷрои корҳои мустақилонаи онҳо.

Вай шаш роҳи дидактикии ташкили омӯзиши мушкилотро муайян мекунад, яъне усулҳои маъмул, ки метавонанд ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд:

Гурӯҳи I - усулҳое, ки ба ташкилу пешниҳоди мушкилот равона шудаанд (монологӣ, намоишӣ, диалогӣ);

Гурӯҳи II - усулҳое, ки ба ташкили омӯзиши мушкилот нигаронида шудаанд (эвристикӣ, тадқиқотӣ, барномарезишуда).

Аммо консепсияи М.И.Махмутов «то андозае ғояҳои муносибати куллиро ба таҳияи мушкилоти методикаи таълим татбиқ мекунад. Аз нигоҳи мо, таснифи усулҳои таълим, ки И.Я.Лернер ва М.Н.Скаткин пешниҳод кардаанд, оқилонатар ва асоснoктар аст» [1, с.245].

Дар системаи усулҳои таълими умумидидактикӣ онҳо ду гурӯҳро фарқ мекунанд: репродуктивӣ (иттилоотӣ-қабулкунанда ва мувофиқи репродуктивӣ) ва истеҳсолӣ (пешниҳоди мушкилот, эвристикӣ, таҳқиқотӣ).

Вобаста аз хусусияти фаъолияти иштирокчиёни раванди таълим (муаллим ва хонанда) 5 усули асосии таълими муаммовиро ҷудо кардан мумкин аст, ки хусусияти фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯёнро муайян мекунанд:

1) иттилоотӣ-қабулкунанда;
2) репродуктивӣ;
3) баёни масъала;
4) эвристикӣ;
5) таҳқиқот.

Интихоби усулҳои таълим аз як қатор омилҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо ҳадафҳои таълим, мазмун ва принсипҳои таълим, хусусиятҳои синну солӣ ва фардии хонандагон, хусусиятҳои фардии муаллимро қайд кардан мумкин аст.

Татбиқи таълими муаммовӣ дар мактаб пеш аз ҳама фаъолияти махсуси муаллимро вобаста ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, баъзе муаллифон мафҳуми «муносибати муаммовӣ дар ташкили таълим» ё «технологияи таълими муаммовӣ»-ро истифода мебаранд. Дар кори мо «равиши муаммовӣ дар раванди таълим» ҳамчун технологияи фаъоли ташкили таълим фаҳмида мешавад, ки бо пурзӯр намудани таълими анъанавӣ тавассути пешбурди вазифаҳои муаммовӣ ба хонандагон алоқаманд аст. Ин рушди рӯҳии хонандагон ва пеш аз ҳама, рушди тафаккури эҷодӣ, ташаккули қобилияти

фаъолияти мустақилонаи маърифатиро пешбинӣ мекунад. Ташкили усули муаммовӣ дар таълими ибтидоӣ аз ҷониби муаллим мақсаднок эҷод кардани ҳолатҳои муаммовӣ бо гузоштани вазифаҳои муаммовӣ барои хонандагон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои ба миён омадани масъала ва сипас мустақилона баромадан аз вазъияти муаммовӣ ва ҳалли масъала мебошад.

Мо супориши муаммовиро чун супориши назариявӣ ё амалие дар назар дорем, ки дар ҷараёни он хонандагон бояд донишҳо ва амалҳои навро аз худ кунанд. Муаммогузорӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф карда мешавад:

- супориш бояд ба дониш ва малакае, ки хонандагон доранд, асос ёбад;
- номаълуме, ки бояд кашф карда шавад, ба меъёри умумии қонуни азхудшаванда, усули умумии амал ё баъзе шартҳои умумии иҷрои амал такя намояд;
- иҷрои вазифаи мушкилот бояд талаботро ба дониши азхудшуда бедор кунад ва боиси дарки намуна ва истифодаи дурусти он гардад.

Супоришҳои омӯзишӣ, саволҳо, вазифаҳои амалӣ ва ғайраҳо метавонанд ҳамчун вазифаҳои муаммовӣ истифода шаванд. Аммо, вазифаи мушкилӣ ва вазъияти мушкилро набояд омехт. Вазифаи мушкилӣ худ аз худ вазъияти мушкил нест, он метавонад танҳо дар шароити муайян вазъияти мушкилиро ба вуҷуд орад. Биёед баъзе талаботро таъкид кунем, ки ба тамоми раванди таълим дахл надоранд, балки танҳо ба эҷоди вазъияти муаммовӣ бо истифодаи вазифаи мушкил алоқаманд аст:

- таҳияи супориш бояд таваҷҷӯҳи хонандагон ва ангезаи фаъолияти ҷустуҷӯиро ба вуҷуд орад, ба онҳо зарурати омӯзиши чизҳои навро фароҳам орад, пайдоиши зиддияти байни дониш ва ҷаҳолатро муайян кунад;
- вазъияти мушкилие, ки ба вуҷуд омадааст, бояд бо нишон додани сабабҳои имконнопазирии иҷрои вазифа таъкид карда шавад;
- хонандагон бояд маълумоти бадастомада ё усули зарурии амалро барои иҷрои вазифаҳое, ки ин ҳолати мушкилиро ба вуҷуд овардаанд, истифода баранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши муаммовӣ чунин ташкили машғулиятҳои омӯзишист, ки эҷоди ҳолатҳои муаммовӣ бо роҳбарии муаллим ва фаъолияти мустақили хонандагонро барои ҳалли онҳо дарбар мегирад. Дар таълими муаммовӣ талаба шахси ғайрифаъол, мушоҳидагар набуда, балки як навъ тадқиқотчӣ аст. Ӯ маҷмӯи донишҳоро дар шакли тайёр намегирад, балки бо мақсади ба даст овардани он фаъолона мекӯшад, яъне маҷбур мешавад, ки муаммои дар наздаш гузоштаро ҳал намояд. Табиист, ки ҳаракатҳои ҷустуҷӯии мактаббачагони хурдсол, дар шакли оддӣ зоҳир мегардад. Вале ин ҳеҷ боке надорад, зеро муҳимаш он аст, ки ҳамин кӯшишу ғайрати талабаҳо тарҳи таълимӣ дорад (фикру андеша, мушоҳидаю муҳокима, исбот, ба шакл даровардани хулосаю натиҷаҳо, маълумот ва ҳимояи он).

**АДАБИЁТ**

1. Дидактика средней школы / Под ред. М. Н. Скаткина, И. Я. Лернер. — М., 1975.
2. Матюшкин, А. М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении. М., «Педагогика», 1972.
3. Махмутов, М. И. Вопросы организации процесса проблемного обучения (методическое пособие). Казань, 1971.
4. Махмутов, М.И. Организация проблемного обучения в школе. - М., 1977
5. Махмутов, М.И. Проблемное обучение. - М.: Педагогика, 1975. - 367с.

## РОҲҲОИ САМАРАНОКГАРДОНИИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ РАВИЯИ МУҲАНДИСӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

***САИДОВ Асомиддин Қурбонович*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *asomiddin08@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 926 74 32*

Дар мақола натиҷаҳои тадқиқот оид ба самаранокии иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (минбаъд КМД) барои равияи муҳандисӣ тавассути технологияи иттилоотӣ аз рӯи низоми кредитии таҳсилот маълумот оварда шудааст.

Муаллиф таъкид кардааст, ки КМД, ки барои омӯзиши мустақилонаи мавод аз ҷониби донишҷӯён пешбинӣ шудааст, ба сарбории омӯзгор дохил намешавад. Иҷрои КМД аз рӯйи барномаи корӣ (силлабус), ки дар он мавзӯъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шудаанд, бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурӣ таъмин карда мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *самаранокӣ, технологияи иттилоотӣ, ташаккул, роҳҳо, воситаҳо, супоришҳо, донишҷӯ, равияи муҳандисӣ, худомӯзӣ, роҳнамоӣ, таълим, супоришҳои содда, миёна ва мураккаб.*

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ИНЖЕНЕРНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ ПОСРЕДСТВОМ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

***САИДОВ Асомиддин Курбонович*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *asomiddin08@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 926 74 32*

В статье представлены результаты исследования эффективности самостоятельной работы студентов (далее СРС) инженерного направления посредством информационных технологий согласно системе.

Автор утверждает, что в СРС, предназначенная для самостоятельного изучения материалов студентами, не входит в нагрузку преподавателя. Выполнение СРС осуществляется на основе рабочей программы (силлабуса), в которой темы предназначены для самостоятельного изучения, снабжены учебно-методической литературой и необходимыми учебными пособиями.

***Ключевые слова:*** *эффективность, информационные технологии, формирование, способы, средства, задачи, студент, инженерное направление, самостоятельная работа, руководство, обучение, простые, средние и сложные задачи.*

## WAYS TO INCREASE THE EFFICIENCY OF INDEPENDENT WORK OF ENGINEERING STUDENTS THROUGH INFORMATION TECHNOLOGIES

***SAIDOV Asomiddin Kurbonovich*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov st.11/2.* ***E-mail:*** *asomiddin08@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 92 926 74 32*

The article presents the results of a study of the effectiveness of students' independent work (hereinafter referred to as IWS) in the engineering direction through information technology in accordance with the Regulations on the credit system of higher education. SRS, designed for self-study of materials by students, which is not included in the teacher's workload. The implementation of the SIW is carried out on the basis of a work program (syllabus), in which topics intended for

independent study are provided with educational and methodological literature and the necessary teaching aids.

***Keywords:*** *efficiency, information technology, formation, methods, means, tasks, student, engineering direction, independent work, leadership, training, simple, medium and complex tasks.*

Мақсади ба роҳ мондани кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тайёр намудани мутахассисон ва ташаккули шахсияти эҷодии онҳо мебошад, ки қобилияти рушди худшиносӣ, худомузӣ, фаъолияти худидоракунӣ ва такмилдиҳии тафаккури инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Барои тайёр намудани мутахассисони варзида кори мустақилона нақши калон мебозад.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар зери назар ва пуштибонии худ қарор дод [1].

Мазмун ва муҳтавои КМД ин аз худ намудани донишҳои бунёдиву эҷодӣ, баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбӣ, гирифтани таҷрибаи соҳавӣ ва корҳои тадқиқотӣ мебошад. Назорати татбиқи КМД аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули супоришҳои тестӣ, бозпурсиҳо, санҷишҳо, ЭССЕ ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ натиҷагирӣ карда мешавад. Бинобар ин, дар ҷараёни низоми кредитии таҳсилот ба кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) диққати асосиро равона намуда, танҳо дуруст ва босамар гузаронидани машғулиятҳои семинарию мустақилона дараҷаи азхудкунии маводи таълимиро баланд мебардорад. Мақсади КМД ба низом даровардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ, ташаккули малакаҳои кор бо адабиёти меъёрии ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва махсус, рушди қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, фаъолиятмандӣ, ташаббуси эҷодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ ва муташаккилона кор кардан, мустақилона фикр карда тавонистан, қобилиятҳои худро инкишоф додан ва дар амал татбиқ карда тавонистан, худтакмилдиҳии малакаҳо, рушди малакаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайраҳо мебошад.

Як зумра муҳаққиқон «Кори мустақилона»-ро фаъолияти мақсаднок, ба нақша гирифташудаи таълимӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ ё тадқиқотии донишҷӯён медонанд, ки бо супоришҳо, усулҳо ва роҳбарии омӯзгор, вале бе иштироки ӯ сурат мегирад [2; 3; 4; 5; 6]. Дар хотир бояд дошт, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро омӯзгор муайян намуда, донишомӯзиро шавқу ҳаваси худи донишҷӯ ба амал меорад.

Ба андешаи Р.А. Низамов КМД ин намуди гуногуни фаъолияти азбаркунии инфиродии гурӯҳи донишҷӯён дар машғулиятҳои аудиторӣ ё беруниаудиторӣ, ки бо роҳбарии бевоситаи омӯзгор, ё ин ки таҳти мушоҳидаи омӯзгор иҷро мегардад, фаҳмида мешавад. Ҳамзамон И.С. Попова «Кори мустақилонаи донишҷӯён»-ро ҷузъи асосии раванди таълим номида, ташаккули малака, қобилият, дониш ва усулҳои фаъолияти маърифатиро муайян намуда, шавқу ҳавасро ба меҳнати эҷодкорона таъмин намуда, шакли махсуси таълимро ифода менамояд [7, с. 3-4].

Дар муассисаҳои таълимӣ КМД баҳри баланд бардоштани тафаккури эҷодии донишҷӯён бо мақсадҳои зерин бояд амалӣ карда шавад:

–бо роҳу усулҳои муосир ба низом даровардани мустақилона кор кардани донишҷӯён;

–ташаккул додани малакаи касбӣ бо истифодаи санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ, ва адабиётҳои соҳавӣ;

–дар машғулиятҳо мустақилона инкишоф додани қобилияти маърифатӣ ва фаъолияти эҷодии донишҷӯён;

–ташаккули тафаккури мустақили инноватсионӣ, қобилияти рушди худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ;

–ташаккули маҳорати тадқиқотӣ ва ҷӯстуҷӯӣ [8, с. 4].

КМД дар гурӯҳҳои академӣ ҳамчун як шакли таълими мустақил ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки тамоюли касбии раванди таълимро дар шароити нарасидани вақти таҳсил амалӣ созанд, салоҳияти касбии хешро баланд бардоранд, мавзуъҳои дарсиро мустақилона ва самаранок аз худ намоянд. Яке аз мушкилии асосии ҷомеаи муосир ин омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Хатмкунандаи муассисаиҳои таҳсилоти олӣ на фақат донишҳои зарурӣ аз фанҳои тахассусиро доро бошад, балки истифодаи онҳо бо баъзе методҳои таҳқиқотӣ, инчунин салоҳиятҳои мустақилона гирифтани донишҳои навро дошта бошад.

*Вазифа ва самаранокии КМД дар машғулиятҳо инҳоянд:*

– ташаккул ва қобилияти мустақилона иҷро намудани супоришҳо;
– инкишофи фаъолият ва қобилияти маърифатӣ;
– омӯзиши ҳамгироии фанҳо дар рафти иҷрои КМД;
– ташаккул додани малакаҳои ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ;
– ҳавасмандгардонии худтаълим ва худомӯзӣ;
– инкишоф додани қобилияти ҷудо намудани вақти худ ба омӯзиш [5].

Дар асоси андешаҳо ва омӯзишҳои олимон ба хулосае омадан мумкин аст, ки шаклҳои бисёри КМД мавҷуданд, аммо ҷиҳати самаранок гардонидани он аз омӯзгор маҳорат, малака ва қобилияти педагогиро талаб менамояд. Зеро дар ҳолати омӯзгор роҳ ва усули ҳавасмандии донишҷӯёнро ҷиҳати иҷрои КМД ба роҳ намонад, шавқу рағбати донишҷӯёнро ба мавзӯъ ҷалб нанамояд, усули ҳамгироии фанҳоро ба донишҷӯ наомӯзонад КМД ба раванди таълим самаранок намегардад. Аз ин рӯ омӯзгор бояд ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани КМД ҳаматарафа кӯшиш ба харҷ дода, дар доираи фанни таълимӣ ва мавзӯъҳои он ба ҳар як донишҷӯ супоришҳои гуногунро пешниҳод намуда, иҷроиши онҳоро зери назорати қатъии хеш қарор диҳад. Роҳҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯёнро ҷиҳати иҷрои КМД ба роҳ монда, онҳоро раҳнамоӣ намояд. Омӯзгор метавонад бо роҳҳои гуногун тафаккури эҷодии донишҷӯёнро ҷиҳати иҷрои КМД ташаккул диҳад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Намудҳои гуногуни роҳнамоии омӯзгор ба иҷрои КМД**

| **Намудҳои КМД** | **Роҳнамоии омӯзгор** |
|---|---|
| қайд кардани мазмун ва муҳтавои мавзӯи дарс дар дафтари лексионӣ | аз назар гузаронида баҳо гузоштан |
| доир ба мавзӯъ дарёфти адабиётҳо | таҳия ва пешниҳоди мавзӯъ |
| бо адабиёти тавсияшуда пурра намудани матни маърӯза | пешниҳод намудани хулосаи худ оид ба лексияи иҷрогардида |
| дарёфти масъалаҳои характери ҷустуҷӯидошта | таҳия ва пешниҳоди масъалаҳои характери ҷустуҷӯидошта ва назорати иҷрои он |
| шарҳу тавзеҳ додани масъалаҳои иҷрокардашуда | аз назар гузаронида муайян кардан |
| таҳлили васеи адабиётҳои илмию методӣ доир ба мавзӯъ | мусоҳиба дар асоси адабиёти таҳияшуда, тартиб додани супоришҳо, нишон додани манбаи маълумот |
| иҷрои КМД тавассути ҳамгироии фанҳо | пешниҳоди вазифаҳову супоришҳои характери ҳамгироидошта ва назорат |
| иштирок дар семинарҳои илмӣ | аз назар гузаронидани маърӯзаи ба семинар пешниҳодшаванда |
| тадқиқотҳои амалӣ ва озмоишӣ: мувофиқи мавзӯъ аз рӯи дастурамал | шинос намудан ба дастурамали амаливу озмоишӣ ва таҳлили натиҷаи бадастомада |
| хулосабардорӣ доир ба мавзӯву супориши пешниҳодгардида ва таҳияи ҳисоботи он | гӯш кардани маърӯза ва қабули ҳисобот инчунин гузоштани баҳо ба иҷрои КМД |
| истифодабарии сомонаҳои ҷустуҷӯӣ, барномаҳои компютерӣ барои иҷрои КМД | ҳидоят намудан ба омӯзиши интернет, компютер ва барномаҳои компютерӣ |

Роҳнамоии омӯзгор ба донишҷӯ ҷиҳати иҷрои КМД имконият медиҳад, ки мавзӯъро пурра аз бар намуда, ба мавзӯи навбатӣ омодагии ҷиддӣ бинад [9].

Азбаски мо ба фазои ягонаи таҳсилот ворид гардида, тибқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолият дорем, аз ин рӯ самаранокии КМД – ро дар раванди таълим боз ҳам ҷоннок намоем.

Аз ин рӯ баҳри самаранокии КМД дар таълими равияи муҳандисони Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба барномаи кории таълимии фанҳои *«Асосҳои истифодабарии техникаи ҳисоббарор»* ва *«Барномаҳои замонавии компютерӣ»* мавзӯъҳои КМД ба нақша гирифта шудаанд. Мавзуъҳои банақшагирифташуда ташаккули системаи мафҳумҳо оид ба ҳалли масъалаҳои монанди соҳавӣ аз тарафи донишҷӯёнро дар бар мегиранд. Донишҷӯён метавонанд аз рӯйи масъалаҳои дар машғулияти лабораторӣ ва амалӣ тавассути компютер иҷрокардаашон масъалаҳои, ки ҳамчун КМД бо вариантҳо вазифагузорӣ шудааст, иҷро намоянд.

Бояд қайд кард, ки донишҷӯён ҳангоми ҳалли масъалаҳо тавассути компютер дар иҷрои КМД доир ба ҳамгироии фанҳо тасаввуроти илмӣ пайдо менамоянд. Дар давоми омӯзиши лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ, амалӣ, КМРО ва КМД донишҷӯён ба хулосае омаданд, ки технологияи иттилоотӣ махсусан компютер аз нуқтаи нигоҳи илмӣ сарчашмаи фанҳои ҳамгиро буда метавонад.

Донишҷӯён вазифаҳои дорои хусусияти байнисоҳавӣ доштаро интихоб намуда, онҳоро аз рӯи ҳадафҳои дидактикӣ ҳангоми омӯзиши унсурҳои компютерӣ иҷро мекарданд. Ҳадафи асосии мо самаранок иҷро намудани КМД аз тарафи донишҷӯён мебошад, ки аз ин рӯ ба донишҷӯён дар комплекси таълимии фаннӣ доир ба ҳар мавзӯъ вариантҳо ва вазифаҳову супоришҳои зерин пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 2. – Намунаи супоришу масъалаҳо барои КМД**

*1. Қимати ифодаҳои арифметикиро ҳисоб кунед:*

| № Вари-ант | Ифодаҳо | № Вари-ант | Ифодаҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | $1\frac{1}{5}+\frac{2}{9}$ | 2. | $2\frac{1}{7}+2\frac{3}{11}$ |
| 3. | $4\frac{2}{5}-1\frac{4}{6}$ | 4. | $\frac{7}{9}\div\frac{3}{21}$ |
| 5. | $\frac{1}{3}\div\frac{5}{9}$ | 6. | $\frac{0.4+8\cdot(5-0.8)}{1\frac{7}{8}\cdot 8-(8-6\div\frac{2}{3})}\cdot 2.5$ |
| 7. | $\frac{(13+9\frac{1}{5})\cdot 12}{(10-8\frac{1}{2})\cdot\frac{5}{8}}+\frac{(6-3\frac{3}{5})\cdot 5}{(3\frac{2}{3}-3\frac{1}{6})\cdot 56}$ | 8. | $4\frac{1}{3}+\frac{2}{6}$ |
| 9. | $\frac{1\frac{3}{5}+2\frac{2}{12}}{1\frac{7}{8}\cdot 8-(\frac{3}{5}+\frac{2}{5})}$ | 10. | $1\frac{1}{5}\div\frac{2}{9}$ |
| 11. | $8\frac{1}{3}\cdot\frac{7}{14}$ | 12. | $2\frac{3}{9}\cdot 1\frac{5}{15}$ |
| 13. | $\frac{2}{25}\div\frac{2}{5}$ | 14. | $3\frac{1}{5}\cdot 2$ |
| 15. | $\frac{(\frac{1}{6}+0.1+\frac{1}{15})\div(\frac{1}{6}+\frac{1}{15})}{(0.5-\frac{1}{3}+0.25-\frac{1}{5}}$ | 16. | $\frac{2}{3}\div\frac{8}{9}$ |

*2. Тавассути барномаи MathCad консентратсияи намаки камҳалшавандаро аз рӯи ҳосили зарби ҳалшавандагӣ масъала тартиб диҳед ва ҳалшавандагии намакҳои зеринро муайян кунед:*

| № Вариант | Пайвастагиҳо | ПР | № Вариант | Пайвастагиҳо | ПР |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | $Ag_4[Fe(CN)_6]$ | $8.5\cdot10^{-45}$ | 5. | $Bi_2S_3$ | $1\cdot10^{97}$ |
| 2. | $Ag_2SO_3$ | $1.5\cdot10^{-14}$ | 6. | $[Cr(NH_3)_6(MnO_4)$ | $4.0\cdot10^{-10}$ |
| 3. | $Ba_3(AsO_4)_2$ | $7.8\cdot10^{51}$ | 7. | $Cu_2P_2O_7$ | $8.3\cdot10^{-16}$ |
| 4. | $Bi_2(C_2O_4)_3$ | $1\cdot10^{36}$ | 8. | $Zi_3(PO_4)_4$ | $1\cdot10^{-32}$ |

*3. Тавассути барномаи Excel ва MathCad функсияи $f(x)$-ро ҳангоми x=2,5 ва қимати функсияҳои x аз [2;12] будан бо қадами афзуншавандагии 1 муайянкунандаҳоро ҳисоб карда, графикаи функсияҳо тасвир намоед.*

*4.*

| Вари-ант | Ифодаҳо | Вари-ант | Ифодаҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | $\frac{8(x-1)}{(x+2)^2}\cdot x^2$ | 2. | $(2x+4)e^{2(+2)}$ |
| 3. | $\frac{(2x-x)\cdot 5x}{x^2+2}-1\frac{4}{6}$ | 4. | $2-\frac{3x}{x^2+9}$ |
| 5. | $\frac{x^3-27x+54}{3^x}$ | 6. | $(x+4)\cdot 2$ |
| 7. | $\frac{(x^2+2x)\cdot 12}{(10-x)-x\cdot\frac{5}{8}}$ | 8. | $\left(2+\frac{1}{x}\right)-x^2$ |
| 9. | $-\frac{5x}{x^2+\frac{2}{5}}$ | 10. | $\frac{5x^2}{x^2+3}$ |
| 11. | $\left(\frac{x+2}{x-1}\right)^2$ | 12. | $(2x-1)e^{2(x-1)}$ |
| 13. | $(x+1)e^{x+2}$ | 14. | $\left(\frac{2x^2+1}{x^2+3}\right)$ |
| 15. | $\frac{x^2-6x+9}{(x-1)^2}$ | 16. | $(x+4)e^{-x-3}$ |

*5. Дар барномаи MathCad масъалаи гузариши консентратсияи нормалиро ба молярӣ, фоизӣ ва молялӣ тартиб диҳед. Консентратсияи маҳлули обии 3,22М кислотаи сулфатро, ки зичиаш ба 1,70г/см$^2$ баробар аст, дар шаклҳои гуногун муайян намоед.*

*6. Коэффисиенти фаъолияти ионҳои $Na^+$-ро дар маҳлулҳои 0,001, 0,01 ва 0,1М, NaCl бо формулаҳои $l_g(f)=-0.51\cdot z^2\sqrt{I}$; ва $l_g(f)=-0.51\cdot z^2\cdot\frac{\sqrt{I}}{1+\sqrt{I}}$; ҳисоб кунед, ки кадом қиматҳои қувваи ионии маҳлул ба натиҷаи ҳисобкуниҳо амалан мувофиқ меоянд.*

*7. Ҳангоми шиддати манбаъ ба 100V баробар будан, муқовиматҳои $R_1$, $R_2$ ва $R_3$ паралелл пайваст карда шудааст, муқовимати умумӣ ва ҷараёнҳоро дар ҳар як муқовимат ва афтиши шиддатро дар он муайян кунед.*

| № вариант | $R_1$ Ом | $R_2$ Ом | $R_3$ Ом | № вариант | $R_1$ Ом | $R_2$ Ом | $R_3$ Ом |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 100 | 150 | 220 | 2. | 300 | 180 | 150 |
| 3. | 50 | 200 | 25 | 4. | 120 | 210 | 250 |
| 5. | 20 | 100 | 105 | 6. | 100 | 110 | 200 |
| 7. | 205 | 115 | 118 | 8. | 165 | 300 | 250 |
| 9. | 100 | 120 | 250 | 10. | 60 | 280 | 170 |
| 11. | 500 | 120 | 180 | 12. | 150 | 60 | 75 |
| 13. | 250 | 140 | 350 | 14. | 200 | 120 | 118 |
| 15. | 145 | 605 | 150 | 16. | 255 | 113 | 120 |

*8. Муқовимати эквивалентии занҷири доимиро муайян кунед, агар муқовиматҳои якум ва дуюм пай дар пай пайваст карда шаванд. Афзуншавии қадмҳоро аз рӯи рақамгузори дафтари қайди гурӯҳ (журнал) интихоб менамоем.*

| **Тағйирёбанда** | **Минимум** | **Максимум** | **Кадам** |
|---|---|---|---|
| $R_1$ | 1 | 50 | 5 |
| $R_2$ | 1 | 100 | 5 |
| **Номаълум** | | **Формула** | |
| $R_{um}$ | | R1+R2 | |
| **Роҳи ҳалли масъала** | | | |
| *Дода шудааст:* **R1=1; R2=1;**<br>*Ёфта шавад:* **Rum-?;** | | | |

**Намунаи супоришҳои иловагӣ ба КМД:**

1. Унсурҳои асосии оинаи кории барномаи MathCAD-ро номбар кунед?
2. Бо истифодаи кадом оператор ифодаҳоро ҳисоб кардан мумкин аст?
3. Дар MathCAD чӣ тавр функсияҳои истифодабарандаро тартиб додан мумкин аст?
4. Роҳҳои тартиб додани графикаи функсияҳоро дар барномаи MathCAD нишон диҳед?
5. Дар MathCAD муодила ва муодилаҳои хаттиро чӣ тавр ҳал мекунанд?
6. Унсурҳои асосии оинаи кории барномаи MultiSim-ро номбар кунед?
7. Дар барномаи MultiSim кадом гуруҳи компонентҳои электрикӣ ҷой дорад?
8. Кадом асбобҳои ченкунандаи воҳиди қувваи ҷараён дар барномаи MultiSim ҷой доранд?
9. Роҳҳои амсиласозии масъалаҳои математикӣ, физикӣ ва электрикӣ дар MultiSim-ро шарҳ диҳед?
10. Масъалаҳоро ба MultiSim дохил намуда, графики ҳаракати қувваи ҷараёнро нишон диҳед?

Ҷиҳати ҷалб намудан ва ташаккул додани тафаккури эҷодии донишҷӯён ба иҷрои КМД омӯзгорро зарур аст, ки супоришҳову масъалаҳоро аз рӯи имконият ва тавоноии донишҷӯён ба гурухи супоришҳои содда, миёна ва мураккаб ҷудо намуда, пешниҳод намояд. Ҳамзамон иҷроиши онҳоро низ мутобиқ ба супоришҳои содда, миёна ва мураккаб баҳогузорӣ намуда, донишҷӯёнро қонеъ гардонад.

## АДАБИЁТ


1. Белокоз, Е. И. Индивидуально-типологический подход как средство управления самостоятельной работой студентов: монография / Е. И. Белокоз. – Гродно: ГрГУ, 2012. – 202 с.
2. Гугина, Е. В. Организация самостоятельной работы студентов в Нижегородском государственном университете им. Н. И. Лобанова: методические рекомендации / Е. В. Гугина, О. А. Кузенков. – Н. Новгород, 2012. – 47 с.
3. Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24 тасдиқ шудааст. Душанбе, 2016. – 32 с.
4. Организация и контроль самостоятельной работы студентов: методические рекомендации / сост. Н. В. Соловова; под ред. В. П. Гарькина. – Самара: изд-во «Универс-групп», 2006. – 15 с.
5. Организация самостоятельной работы студентов в ВУЗе: методические рекомендации для преподавателей и студентов института экономики очной и заочной форм обучения / сост. И. В. Попова. – Кострома: КГУ им. Н. А. Некрасова, 2009. – 11 с.
6. Организация самостоятельной работы студентов: методические рекомендации для преподавателей / сост. Ю. А. Гончарова. – Воронеж, 2007. – 28 с.
7. Поздняк, С. Н. Методические рекомендации к организации самостоятельной работы студентов / С. Н. Поздняк. – Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т., 2010. – 30 с.
8. Самостоятельная работа студентов по курсу «Педагогика» / сост. В. А. Капранова. – Мн.: БГПУ им. М. Танка, 2007. – 230 с.

9. Черная, А. В. Организация самостоятельной работы студентов по психолого-педагогическим дисциплинам: учебное пособие / А. В. Черная, Е. А. Чекунова, Е. И. Погорелова. – Ростов на-Дону, 2010. – 200 с.

## АҲАМИЯТИ БОЗӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***РАҲИМЗОДА Файзимо Гурез** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 985 14 01 40*

Муаллиф изҳор кардааст, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ, вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатхои рафтор сурат мегиранд.

Яке аз фаъолияти асосии дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ба шумор меравнд, ки дар раванди онҳо инкишофи рӯҳу равон ва ҷисмонии онҳо ташаккул меёбанд. Илова бар ин, бозиҳо воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдак дар бозиҳо ташаккул ёфта, барои гузаштан ба марҳилаи нави баланди рушд омода мешавад.

Дар бозӣ кӯдакон ҳаёти воқеии атрофро инъикос мекунанд. Дар раванди бозӣ гӯё ва ба қавли кӯдакон ҳама он чизҳое, ки онҳо истифода мебаранд, зинда мебошанд. Масалан, кӯдакон медонанд, ки лӯхтак, асп, хирс, паланг ва сагча бозичаанд, вале онҳоро мисли зинда дӯст медорад.

Дар бозӣ кӯдакон худро аъзои коллектив эҳсос мекунад, ба амалу кирдори рафиқон, ҳамсолон ва худаш одилона баҳо медиҳад. Вазифаи педагог дар ин раванд аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи бозигарон ба мақсадҳои муайян равона карда, умумияти ҳиссиёт ва амалҳоро ба миён оварада, ба ин васила, ба роҳ мондани муносибатҳои мусбӣ дар байни кӯдакон ба мисли: дӯстӣ, адолат, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ҳамдиливу ҳамдардиро тақвият бахшад.

***Вожаҳои асосӣ:** бозиҳо, кӯдакон, фаъолият, раванд, ташаккул, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, муносибат, педагог, таваҷҷуҳ, дӯстӣ, адолат, эҳсосот, робита, хоҳиш, эҷодиёти кӯдакон, тақлидкорӣ, коллектив.*

## ЗНАЧЕНИЕ ИГРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ ДОШКОЛЬНИКОВ

***РАХИМЗОДА Файзимо Гурез** – соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2, **тел.:** (+992) 985 14 01 40*

Автор констатирует, что дошкольный возраст – короткий, но важный период формирования личности. В это время дети получают первые знания об окружающей их жизни и факторах, влияющих на них. То есть у них вырабатываются определенные отношения с окружающими, формируются характер, навыки и привычки поведения.

Одним из основных видов деятельности в духовно-нравственном воспитании дошкольников являются игры, в процессе которых формируется их психическое и физическое развитие. Кроме того, игры являются средством обучения социальному опыту. Все стороны личности ребенка формируются в играх, подготавливающих к переходу на новую высокую ступень развития.

В игре дети отражают реальную жизнь вокруг себя. В процессе игры, как бы и по мнению детей, все предметы, которыми они пользуются, оживают. Например, дети знают, что куклы, лошадки, мишки, тигры и собаки — это игрушки, но любят их, как живых.

В игре дети чувствуют себя членами коллектива, справедливо оценивают действия своих друзей, сверстников и самих себя. Задача воспитателя в этом процессе – направить внимание играющих на определенные цели, вызвать общность чувств и действий, таким образом, установить положительные отношения между детьми, такие как: дружба, справедливость, ответственность, толерантность и укрепить чувство сопереживания и сочувствия.

***Ключевые слова:*** *игры, дети, деятельность, процесс, формирование, духовно-нравственные качества, отношения, педагог, внимание, дружба, справедливость, чувства, связь, стремление, детское творчество, подражание, коллектив.*

## THE VALUE OF THE GAME IN THE FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES OF PRESCHOOLERS

***RAKHIMZODA Faizimo Gurez*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov st.11/2,* ***phone:*** *(+992) 985 14 01 40*

Preschool age is a short but important period of personality formation. At this time, children receive the first knowledge about the life around them and the factors that affect them. That is, they develop certain relationships with others, form the character, skills and habits of behavior.

One of the main activities in the spiritual and moral education of preschool children is games, during which their mental and physical development is formed. In addition, games are a means of teaching social experience. All aspects of the child's personality are formed in games that prepare for the transition to a new high stage of development.

In the game, children reflect the real life around them. During the game, as if in the opinion of children, all the objects that they use come to life. For example, children know that dolls, horses, bears, tigers and dogs are toys, but they love them as if they were alive.

In the game, children feel like members of a team, fairly evaluate the actions of their friends, peers and themselves. The task of the educator in this process is to direct the attention of the players to certain goals, evoke a commonality of feelings and actions, thus establishing positive relationships between children, such as: friendship, justice, responsibility, tolerance, and strengthening the feeling of empathy and sympathy.

***Key words:*** *games, children, activity, process, formation, spiritual and moral qualities, relationships, teacher, attention, friendship, justice, feelings, connection, aspiration, children's creativity, imitation, team.*

Аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оила ҳаёти онҳоро мувофиқи қоидаҳои ҷомеа ташкил ва ба роҳ мемонад. Падару модар ӯро ба корҳои ҳаррӯза ба мисли: хӯрок хӯрдан, дар вақти муайяншуда аз хоб бедор кардан ва амсоли инҳо одат мекунонад. Баъди гузашти 4-5 моҳ кӯдак ашёро дарк карда, мехоҳад бо онҳо амалеро иҷро кунад. Ва ӯ ба идора кардани онҳо шурӯъ мекунад. Баъди 6 моҳи ҳаёт дар кӯдак эҳтиёҷ ба муошират бо калонсолон ва хоҳиши иҷрои амал пайдо мегардад. Дар ҷавоб ба муҳаббат ва ғамхории волидон кӯдак ҳисси мусбат, хушҳолӣ, хайрхоҳӣ ва кунҷкобиро инкишоф медиҳад. Ин хусусиятҳо дар оянда ҳамчун шарти зарурии рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мегарданд.

Ба андешаи муҳақиқ, олим ва педагоги тоҷик Маҷидова Бибиҳафиза «Барои кӯдакони то яксола фаъолияти аввалин ин муносибати эмотсионалӣ-ашёӣ бо калонсолон аст. Дар ҷараёни ин фаъолият дар кӯдак талабот ба таассуроти нав инкишоф ёфта, тасаввуроти нав ҳосил мешавад. Дар баробари калон шудан кӯдак тарзи иҷрои амалҳоро аз худ мекунад, ки он воситаи зиёд шудани фаъолиятнокӣ мегардад»[7, С.31].

Дар давоми соли аввали ҳаёти кӯдакон шахси калонсол муносибати худро бо истифода аз воситаҳои тақлидӣ ба мисли: мимика, пантомима ва интонатсияҳои нутқ ифода мекунанд. Волидон баъзе аъмоли тифлро ташвиқ, дигареро маҳкум мекунанд ва ҳамин тавр талабот ва хости худро нисбат ба кӯдак баён месозанд. Кӯдак ҳанӯз маънои ин талаботро намефаҳмад, аммо интонатсияи овозро хуб ҳис мекунад ва муносибати эмотсионалии худро нишон медиҳад. Масалан, кӯдак хуб хӯрок мехӯрад ё ҳангоми хоб кардан баҳузур оромиш меёбад, калонсолон ба ӯ нигоҳ карда сар меҷунбонанду табассуму сила мекунанд ва бо меҳрубонӣ бо ӯ сухан мегӯянд.

Тавре ки муҳақиқ Евтушенко И.Н. дар китоби худ «Икишоф ва тарбияи кӯдакони синни хурдсол» қайд мекунад: « Муносибати меҳрубонона ба кӯдак шарти ташаккули муносибати мусбати ӯ ба одамон мебошад. Дар вуҷуди кӯдак эҳсосот ба андозаи лозимӣ рушд накардааст, аммо барои наздикон муҳимии худро эҳсос мекунад»[3, С.73].

Ташаккули тамоюл ба суханронии калонсолон дар охири соли аввали ҳаёт ба таъсиси робитаи байни сухану амал ва тарзи рафтор оварда мерасонад. Чунин робитаҳо ба ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак мусоидат мекунанд. Дар давраи аввали кӯдакӣ рушди рохравӣ доираи муоширати кӯдакро бо ҷаҳони беруна ба таври назаррас васеъ мекунад. Рафтори кӯдак мураккабтар шуда, диққати ӯро ҳамагуна ашёи номаълум ҷалб месозанд. Вай бештар ба фаъолияти якҷоя бо калонсолон, махсусан ба корхои хона машғул мешавад. Дар баробари ин, доираи зуҳури худмустақилӣ пайдо мегардад. Дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти кӯдак ба амал меоянд, зарурати ҷорӣ намудани қоидаҳои мураккабтари ахлоқиро аз тарафи волидон ба миён мегузоранд. Масалан, волидон ба ӯ мегӯянд ва талаб мекунанд, ки либосҳоятро ифлос накун, ба ҷойи обдор нарав, ҳангоми роҳ рафтан дастатро ба даҳонат нагузор ва ғайра.

Ташаккули одатҳои ахлоқӣ дар давраи аввали кӯдакӣ дар фаъолияти ҳамарӯза ва объективӣ, вақте ки шахси калонсол тарзи рафторро нишон дода, аз кӯдак талаб мекунад, ки онро аввал дар фаъолияти муштарак бо ӯ ва баъд мустақилона анҷом диҳад, зоҳир мегарданд.

Дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ ва ташаккул меёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад[2, С.15].

Хоҳиши кӯдак дар якҷо бо калонсолон кору фаъолият ва амалеро иҷро намудан, тақлид ба рафторҳои онҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Кӯдак аз педагог ва падару модар услуби рафтор, одоб, одат ва ҳатто муносибатро нисбат ба одамон, ашё, ҳайвонот ва муҳити атроф меомӯзад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият аз қабили: муошират, бозӣ, тасвирӣ, меҳнатӣ, таълимӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ гардида, дар раванди ҳаёт аз онҳо истифода мебаранд. Кӯдакон тадриҷан ҳама намуди фаъолиятҳоро аз худ карда, онҳо бо мурури синну сол мураккабтар шуда, гуногунранг мегарданд ва дар оянда воситаи азхудкунии олами атроф ба ҳисоб меравaнд.

Бояд қайд кард, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатхои рафтор сурат мегиранд.

Бо ин мақсад, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро дар асоси Қонунҳо, Консепсияҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳо роҳандози намуда истодааст. Аз ҷумла:

- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ»;
- «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- «Барномаи давлатии рушди таълими томактабӣ барои солҳои 2020-2025»;
- Конеспсия милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- «Лоиҳаи дастгирии рушди кӯдакони синни томактабӣ».

Бояд қайд кард, ки дар ин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тамоми масоили марбут ба таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба таври шоиста дарҷ гардидаанд.

Яке аз фаъолияти асосии дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ба шумор меравinfolder, ки дар раванди онҳо инкишофи рӯҳу равон ва ҷисмонии онҳо ташаккул меёбанд. Илова бар ин, бозиҳо воситаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад. Тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдак дар бозиҳо ташаккул ёфта, барои гузаштан ба марҳилаи нави баланди рушд омода мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқон Мелникова Н.В. ва Овчарова Р.В. «Аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ дарк кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ташаккули эҳсосоти ахлоқӣ қисми раванди умумии воридшавии фаъолонаи онҳо ба ҳаёти калонсолон ва муносибат барқарор кардан мебошад»[8, С.49].

Педагогҳо ва психологҳо иқтидори бузурги таълимӣ ва тарбиявии бозиҳоро шарҳ дода, чунин мешуморанд, ки бозиҳо фаъолияти пешбари кӯдакони синни томактабӣ баҳри ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошанд. Дар байни ҳамагуна бозиҳо мавқеи асосиро бозиҳои нақшбозӣ ишғол мекунанд. Дар ин бозиҳо кӯдакони синни томактабӣ ҳама чизеро, ки дар ҳаёт ва фаъолияти калонсолон дар атрофи худ мебинанд, дар нақшҳо такрор мекунанд. Бозиҳои эҷодӣ шахсияти кӯдаконро комилан ташаккул медиҳанд, бинобар ин, онҳо воситаи муҳими тарбия мебошад.

Педагог Иматова Л. чунин қайд мекунанд, ки маҳз дар бозиҳо маҳорати эҷодии кӯдакон инкишоф меёбад[5, С.21].

Дар бозӣ кӯдакон ҳаёти воқеии атрофро инъикос мекунанд. Дар раванди бозӣ гӯё ва ба қавли кӯдакон ҳама он чизҳое, ки онҳо истифода мебаранд, зинда мебошанд. Масалан, кӯдакон медонанд, ки лӯхтак, асп, хирсак, паланг ва сагча бозичаанд, вале онҳоро мисли зинда дӯст медорад. Дар раванди бозии ҳавонавард ва маллоҳи баҳрӣ онҳо хуб медонанд, ки ҳамаи персонажҳои бозӣ тахайюлӣ мебошанд, новобаста ба образнок будани онҳо кӯдакон худро ҷасур, нотарс ва қаҳрамон мепиндоранд.

Тақлид ба калонсолон дар бозӣ бо кори тахайюл алоқаманд аст. Кӯдак воқеиятро нусхабардорӣ намекунад, вай таассуроти гуногуни ҳаётро бо яклухтҳои шахсӣ муттаҳид мекунад.

Эҷодиёти кӯдакон дар идеяи бозӣ ва дар ҷустуҷӯи воситаҳои татбиқи он зоҳир мешавад. Барои омода кардани бозӣ кӯдакон аз тасаввуроти худ бештар истифода мебаранд. Маслан, барои дуруст омода кардани раванди бозӣ кӯдакон бояд персонажҳоро ҷо ба ҷо гузоранд, кадом қаҳрамони бозӣ дар куҷо истад, либоси онҳо чӣ гуна бошад ва ғайра.

Дар бозӣ кӯдакон дар як вақт ҳамчун драматург, ороишгар ва актёр баромад мекунанд. Бо вуҷуди ин, кӯдакон барои бозӣ нақшаи пешакӣ намекашанд, барои иҷрои нақш ва тайёр кардани актёрҳо муддати дароз омодагӣ намебинанд. Онҳо барои худ бозӣ мекунанд, орзую аъмол, фикр ва эҳсосоте, ки доранд, ба воситаи бозӣ изҳор мекунанд. Аз ин рӯ, бозӣ ҳамеша импровизатсия аст.

Ба андешаи педагог Шмаков С.А. «Бозӣ як роҳи худшиносии ҳар як кӯдак буда, ба воситаи он имкониятҳо, қобилиятҳо ва маҳоратҳои инфиродӣ дониста мешаванд. Худшиносӣ ҳамеша ба ташаккули қобилият мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, бозии кӯдакон воситаи мухими худтаълимдиҳӣ мебошад. Дар раванди бозӣ ташаккули одатҳои мусбӣ ва азхуд кардани малакаҳои зарурӣ ба таври табиӣ ва ноаён ба амал меоянд»[15,С.4].

Бозӣ барои кӯдакон як фаъолияти мустақилест, ки дар он бори аввал бо ҳамсолони худ тамос мегиранд. Бояд қайд кард, ки мақсади ягона, саъю кушиши якҷо барои расидан ба муваффақият ва пирӯзӣ кӯдаконро муттаҳид мекунад. Худи кӯдакон бозиро интихоб мекунанд ва раванди онро маҳз худашон ташкил мекунанд. Илова бар ин, танҳо дар раванди бозии кӯдакон қоидаҳои қатъи риояшаванда, шарти рафтор ва иҷрои онҳо то ба охир дида мешаванд. Аз ин рӯ, бозӣ барои таълиму тарбияи кӯдакон муҳим арзёбӣ гардида, ташаккулдиҳандаи амал, фикр, муносибат ва меъёрҳои рафтор мегардад.

Дар бозӣ кӯдакон худро аъзои коллектив эҳсос мекунад, ба амалу кирдори рафиқон, ҳамсолон ва худаш одилона баҳо медиҳад. Вазифаи педагог дар ин раванд аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи бозингарон ба мақсадҳои муайян равона карда, умумияти ҳиссиёт ва амалҳоро ба миён оварада, ба ин васила, ба роҳ мондани муносибатҳои мусбӣ дар байни кӯдакон, дӯстӣ, адолат, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ҳамдиливу ҳамдардиро тақвият бахшад.

Ба андешаи педагог Бритко Г.Ф. «Фаъолияти муштарак кўдаконро бо ҳадафҳои ягона, вазифа ва кори умумӣ муттаҳид мекунад. Дар он тақсимоти масъулиятҳо ва ҳамоҳангсозии амалҳо вуҷуд дорад. Тавассути иштирок дар фаъолияти муштарак кўдакони синни томактабӣ тарзи қоидаҳои муносибатро меомўзанд. Ва дар як вақт метавонанд, ба хоҳишҳои ҳамсолон итоат кунанд ё онҳоро ба ҳақ будани худ бовар кунонанд»[13, С.14].

Бозии коллективонаи эҷодӣ шароит фароҳам меорад, то кўдакон худро дар муҳити барои онҳо мусоид эҳсос кунанд. Ҳиссиёте, ки дар раванди бозиҳо дар кўдакон пайдо мегардад, дар оянда ба рафтору кирдор ва амалҳои онҳо дар зиндагӣ таъсир мерасонад. Инчунин, маҳорату малакаҳое, ки дар раванди муошират ҳамарўзаи кўдакон бо ҳамдигар ва калонсолон ташаккул ёфтаанд, дар бозӣ боз ҳам инкишоф меёбанд. Бояд зикр кард, ки бозӣ воситаи муҳими тарбияи равонии кўдакон низ ба шумор меравад. Донишу фаҳмиши дар муассисаи томактабӣ ва дар хона гирифташуда дар раванди бозӣ амалӣ ва инкишоф меёбанд. Дар фаъолияти бозӣ кўдакон рўйдодҳои гуногуни ҳаёт, лаҳзаҳо аз афсона ва ҳикояҳоро амалан иҷро намуда, дар бораи он чизҳое, ки дида, хонда ва шунида буданд, андеша мекунанд ва маънои бисёр ҳодисаҳову мазмуни онҳоро барои худ мефаҳманд.

Ба андешаи муҳаққиқ Попова Е.И. «Дар бозиҳо интизоми бошуурона, меҳнатдўстӣ, ёрии ҳамдигарӣ, хоҳиши ҳамроҳ шудан ба фаъолиятҳои гуногун, мустақилият, қобилияти ҳимояи ақидаи худ, ташаббус нишон додан ва роҳҳои ҳалли дурустро интихоб кардан дар шароитҳои муайян дар кўдакон тарбия карда мешавад»[11, С.11].

Таҷассуми таассуроти ҳаётӣ дар бозӣ як раванди мураккаб аст. Бозии эҷодиро ба ҳадафҳои маҳдуди дидактикӣ тобеъ кардан мумкин нест. Кўдакон мувофики шавку ҳавас бозиҳоро интихоб намуда, ба ин васила, барои интихоби касби оянда замина фароҳам меоранд. Бозиҳои кўдакон соддалавҳона ва на як бору ду бор дигар мешаванд.Охиста-охиста дар бозӣ кўдакон дар бораи моҳияти меҳнат ва нақши касбҳои гуногун тасаввуроти умумӣ пайдо мекунанд. Бозӣ қобилияти эҷодии кўдаконро инкишоф медиҳад. Бозиҳои шавқовар табъи кўдаконро болида гардонида, фазои фараҳбахш ба вуҷуд меоранд. Ҳатто дар шароити мусоид ва ғизои хуб кўдак суст инкишоф меёбад, агар ў ба бозии ҷолиб фароргир набошад. Дар бозӣ тамоми ҷанбаҳои шахсияти кўдак дар ягонагӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меёбанд. Коллективи дўстона ташкил кардан дар раванди бозӣ дар кўдакон ҳисси дўстӣ ва маҳорати ташкилотчигиро парвариш медиҳад. Инчунин, бозии коллективона кўдаконро фаъол гардонида, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, дар назди дўстон масъул будан ва адолатона масъалаҳои баҳснокро ҳал намудан ташаккул меёбанд.

Барои ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии кўдакон аз ҳама гуногунрангии бозиҳо бозии нақшбозӣ мавқеи муайян дорад. Дар он кўдакон тарзи рафтор, амал, муносибат ва муоширати байниҳамдигариро меомўзанд. Бо бозӣ кардани нақшҳо кўдак мувофиқи меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, амал карданро меомўзад.

Тавре ки педагог Виноградова В.А. қайд мекунад: «Бозиҳои нақшбозӣ табиати инъикоскунанда доранд. Дар нақшбозиҳо кўдакон ҷанбаҳои воқеиятро, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд ва диққатро ҷалб кардаанд, дубора эҳё мекунанд»[1, С.31].

Мундариҷаи бозӣ асоси ҷанбаҳои тарбиявии бозӣ ба шумор меравад. Яъне, аз интихоби мавзуъ, таҳияи сюжет, тақсими нақшҳо ва татбиқи образҳои бозӣ раванди бомуваффақонаи бозӣ ба шумор мераванд. Мавзуи бозиҳо ҳарчанд гуногун ҳам бошанд, аммо онҳо аз ҳаёти ҳаррўза гирифта шуда, сипас ба таври образнок дар нақшҳо офарида мешаванд. Барои кўдакон бештар он мавзуъҳое писанд мебошанд, ки диққати онҳоро ҷалб месозанд. Ва дар онҳо хоҳиши нақш офаридан пайдо мешавад. Бозиҳои образнок ба кўдакон наздиктар мебошанд. Ва мундариҷаи онҳо барои бедор кардани фантазияи кўдакон нигаронида шудаанд. Масалан, дар бозиҳои нақшбозӣ ба ҳар як кўдак нақши муайян барои иҷрои он дода мешавад. Ба яке муаллим, ба дигаре капитан ба сеюмин ронанда. Инчунин, кўдакон дар бозиҳо нақшҳои ҳайвонотро низ иҷро мекунанд. Дар офаридани қаҳрамони бозӣ кўдак на танҳо муносибати худро нисбат ба персонажи интихобшуда баён мекунад, балки сифатҳои шахсиро низ нишон медиҳад. Масалан, ҳама духтарон модаранд, аммо ҳар яки онҳо нақши хислатҳои фардии худро нишон медиҳанд. Писарон бошанд нақши ҳавонавард ё маллоҳро иҷро мекунанд, вале бояд хислатҳои қаҳрамон бо хислатҳои кўдак тавъам бошанд.

Аз ин рў, нақшҳо метавонанд якхела бошанд, аммо нақшофарии бозӣ ҳамеша инфиродӣ мебошанд. Мазмуни бозиҳои кўдакона гуногунанд: дар онҳо ҳаёти оила ва боғча,

меҳнати одамони касбу кори гуногун, воқеаҳои ҷамъиятие, ки ба кӯдакон фаҳмо буда, диққатро ба худ ҷалб мекунанд, инъикос меёбанд. Аммо ҳар гуна бозӣ мақсаду мароми худро дорад, ки мазмуни он моҳияти педагогии бозиро муайян мекунад. Бозӣ бо лӯхтак дар дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Ин табиист, ки оила ба кӯдак таассуроти аввалини ҳаётиро медиҳад. Падару модар шахсони наздиктарин ва маҳбуб барои фарзандон мебошанд, ки пеш аз ҳама ба онҳо тақлид кардан меҳоҳанд. Инчунин, табиист, ки лӯхтакчаҳо асосан духтаронро ба худ ҷалб мекунанд, зеро модарону бибиҳо ба кӯдакон бештар ғамхорӣ мекунанд. Рафтори кӯдаконро дар бозиҳо мушоҳида карда, муайян кардан мумкин аст, ки онҳо дар оила чӣ гуна зиндагӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ин бозиҳо ба кӯдакон таъсирҳои мусбӣ расонида, ҳисси эҳтиром ба падару модар, пиронсолон ва хоҳиши нигоҳубини кӯдаконро дар ниҳоди онҳо ташаккул медиҳанд. Дар нақшбозиҳо кӯдакон ба корҳои калонсолон тақлид карда, баъзе малакаҳои кори хонаро меомӯзанд. Масалан, чанги ашёи хонаи лӯхтакро тоза мекунанд, рахти хоби онро ба тартиб медароранд, хонаро тамиз мекунанд ва ғайра.

Мундариҷа ва маънои бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ тағйирёбанда мебошанд. Онҳо инкишоф ёфта, мураккабтар мешаванд (аз амалиёти объективӣ дар вазъияти воқеӣ то амалҳои бозӣ, ки дар вазъияти шартӣ анҷом дода мешаванд) [6, С.8].

Муассисаҳои томактабӣ барои фаъолияти бозиҳо, махсусан дар гурӯҳҳои хурдсол, вақте ки кӯдакон таҷрибаи ҳаётии наонқадар зиёд дорад, воситаи ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии онҳо мебошанд. Навъҳои гуногуни бозиҳо ҳаёти ҳаррӯзаи муассисаҳои томактабӣ мебошанд. Тавре дар боло зикр кардем мунадриҷаи бозиҳо аз ҳаёти ҳаррӯза гирифта шуда, рӯйдодҳои ғайриоддии хурсандиоварро инъикос мекунад. Аксарияти бозиҳо ба инъикоси меҳнати одамони касбу кори гуногун бахшида шудаанд. Ба воситаи бозӣ шавқу рағбати кӯдакон ба касбҳои гуногун мустаҳкам ва амиқтар мегардад ва ҳисси эҳтиром ба меҳнат тарбия карда мешавад.

Ба андешаи мо рушди ахлоқии кӯдаки синни томактабӣ се самти ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад:

- донишҳои ахлоқӣ;
- мулоҳизаҳо;
- ақидаҳо.

Самтҳои маърифатии кӯдакон ҷиҳатҳои гуногуни шуури ахлокии ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама дарки талаботи ахлоқӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии ахлоқиро инъикос мекунанд. Дар раванди бозиҳо кӯдакон ба таври ихтиёрӣ риоя кардани меъёрҳои ахлоқиро меомӯзанд. Кӯдакон рафтори ахлоқиро азхуд намуда, метавонад на дар сухан, балки дар амал интихоби дурусти ахлоқӣ кунанд. Дар доираи таҷрибаҳо кӯдакон муносибатҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманд ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тасдиқшударо дар робита бо одамони дигар инкишоф медиҳад, ки дар ин раванд, дар онҳо ҳиссиёт ва муносибатҳои инсондӯстона, таваҷҷӯҳ ба ниёзҳо ва манфиатҳои дигарон, қобилияти ба назар гирифтани онҳо, ҳамдардӣ ба мушкилоти дигарон, инчунин, эҳсоси худро хатокор донистан ҳангоми риоя накардани меъёрҳо ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ, бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ шакли дастраси фаъолият ва ҳам воситаи шинохти олами атроф мебошад. ҳисси кунҷкобӣ ва зарурати фаъол будан кӯдаконро ба бозӣ ташвиқ мекунад. Бозӣ донишро ғанӣ гардонида, маҳоратро инкишоф медиҳад, тахайюлотро бедор карда, ба рушди тафаккур мусоидат мекунад. Маҳз дар бозӣ кӯдакон аввалин шаҳди ғолибиятро чашида, барои расидан ба муваффақиятҳо бештар кӯшиш мекунанд.

**АДАБИЁТ**

1. Виноградова, Н. А. Сюжетно-ролевые игры для старших дошкольников/ Н. А. Виноградова Н. В. Позднякова. — М.: Айрис-пресс, 2009. — 128 с.

2. Гудырина, К.В. Нравственное воспитание детей дошкольного возраста в процессе совместной деятельности / К.В. Гудырина. -Челябинск– 2017. -74с.

3. Евтушенко, И.Н. Развитие и воспитание детей раннего возраста / И.Н. Евтушенко. – Челябинск: Изд-во Южно-Урал. гос. гуман.-пед. ун-та, 2019. – 282 с.

4. Зворыгина, Е.В. Первые сюжетные игры малышей / Е.В. Зворыгина. - М.: Просвещение, 1988. -102с.

5. Иматова, Л.М. Теоретическая обоснованность реализации принципа преемственности в непрерывном образовании старших дошкольников и младших школьников в аспекте речевого развития: Автореф. Док.пед.наук / Л.М.Иматова. –Душанбе, 2013. -46с.

6. Кулуева, А.В. Методическая разработка «Технологии развития и коррекции сюжетно-ролевой игры у дошкольников с ЗПР» / А.В.Калуева. –М.:2021. -48с.

7. Маҷидова, Б. Педагогикаи томактабӣ / Б.Маҷидова. –Душанбе, 2011. -242с.

8. Мельникова, Н.В., Овчарова Р.В. Нравственная сфера личности до- школьника: Монография / Н.В. Мельникова – Курган: Изд-во Курганского гос. ун-та, 2007. – 240с.

9. Монтессори, М. Дом ребенка. Метод научной педагогики / М.Монтессори. - Гомель, 1993. -269с.

10. Попова, Е.И. Сюжетно-ролевые игры 21 века для социально- коммуникативного развития детей дошкольного возраста 5–7 лет. / Е.И. Попова, А.Ф. Кондрашина, С.С. Сунцова. – Ишим : Изд-во ИПИ им. П.П. Ершова (филиал) ТюмГУ, 2018. – 80 с. –С.11

11. Педагогика / Под ред. Ю.К. Бабанского. -М.: Просвещение, 1988. - 580 с.

12. Формирование целостной картины мира в ролевых играх у детей дошкольного возраста / сост. Бридько Г.Ф.. - Донецк 2017. -373с.

13. Филатов, В.П. Загадка человеческого понимания / В.П. Филатов. — М.: Политиздат, 1990. -196с.

14. Чёрная, А.В. Развитие личности в традициях игровой культуры / А.В. Чёрная. - М.: 2005. -239с.

15. Шмаков, С.Л. От игры к самовоспитанию / С.Л.Шмаков, Н.Я.Безбородова. - М.: Новая школа, 1985. -80с.

**ТДУ -37.0**
**ТКБ -74.00**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ УСУЛИ МУАММОГУЗОРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***РАБИЕВ Сатторбердӣ Мавлонович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.* ***E-mail:*** *rabiev0512@mail.ru.*

***ОСИМОВА Мафтунахон Муталибхоновна*** *– докторанти (PhD) соли сеюми ихтисоси “Педагогика ва методикаи таълим”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1.*

Дар мақола роҷеъ ба ҷанбаҳои назавриявии усули муаммогузорӣ ва нақши он дар раванди таълими ибтидоӣ сухан меравад. Муаллифон қайд менамоянд, ки ба истифодаи усулҳои фаъоли тадрис, аз ҷумла усули муаммогузорӣ рӯй овардани омӯзгорон дар замони муосир тақозои татбиқи низоми салоҳиятнокии таҳсил аст. Ба андешаи муаллифон ҳамагуна усулҳои нисбатан наву самарабахши таълим маҳсули талаботи ҷомеа ба рушди шахсияти инсони комил ва соҳибкасб аст.

Дар заминаи омӯзиши ақидаҳои равоншиносону педагогони машҳур Л.П. Блонский, Л.С.Виготский, В.В. Давидова, Л.В. Занкова, А.М. Матюшкина, М.И. Махмутова, В. Окон, С.Л. Рубинштейн, ва дигарон муаллифон татбиқи усули муаммогузориро дар тадриси ибтидоӣ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки усули мазкур фаъолияти таълимии хонандагонро самарабахштар намуда, ба рушди шахсият мусоидат менамояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *таълим, омӯзгор, фаъолияти таълимӣ, усули муаммогузорӣ, салоҳиятнокӣ, рушди шахсият, вазъияти муаммовӣ, рушди зеҳнӣ*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОБЛЕМНОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ И ЕГО РОЛЬ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

***РАБИЕВ Сатторберди Мавлонович*** *– доцент кафедры естественно - математического, эстетического воспитания и методики обучения Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.* ***E-mail:*** *rabiev0512@mail.ru.*

***ОСИМОВА Мафтунахан Муталибхоновна*** *– докторант третьего курса (PhD) по специальности «Педагогика и методика обучения» Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, 17, мкр-р. дом 1.*

В статье рассматриваются теоретические аспекты проблемного метода обучения и его роль в процессе начального образования. Авторы указывают, что использование учителями активных методов обучения, в том числе проблемного метода, в современное время является обязательным условием реализации системы образовательной компетентности. По мнению авторов, любые относительно новые и эффективные методы обучения и воспитания являются продуктом запроса общества на личностное развитие человека.

В контексте изучения идей известных психологов и педагогов, тиких как Л.П. Блонский, Л.С.Выготский, В.В. Давидова, Л.В. Занкова, А.М. Матюшкина, М.И. Махмутова, В. Оконь, С.Л. Рубинштейн и другие, авторы поддерживают идею применение проблемного метода в начальном обучении и отмечают, что этот метод делает учебную деятельность учащихся более эффективной и способствует развитию личности.

***Ключевые слова:*** *образование, педагог, учебная деятельность, проблемный метод обучения, компетентность, развитие личности, проблемная ситуация, интеллектуальное развитие.*

# THEORETICAL ASPECTS OF THE PROBLEMATIC TEACHING METHOD AND ITS ROLE IN THE EDUCATIONAL PROCESS

***RABIEV Sattorberdy Mavlonovich*** *– Associate Professor of the Department of Natural-Mathematical, Aesthetic Education and Teaching Methods, State Educational Institution of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *rabiev0512@mail.ru.*

***OSIMOVA Maftunakhan Mutalibkhonovna*** *– third-year doctoral student (PhD) in the specialty "Pedagogy and teaching methods" of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.*

This article discusses the theoretical aspects of the problematic teaching method and its role in the process of primary education. The authors point out that the use of active teaching methods by teachers, including the problematic method, in modern times is a prerequisite for the implementation of the system of educational competence. According to the authors, any relatively new and effective methods of education and upbringing are the product of society's request for a person's personal development.

In the context of studying the ideas of famous psychologists and educators, such as L.P. Blonsky, L.S. Vygotsky, V.V. Davidova, L.V. Zankova, A.M. Matyushkina, M.I. Makhmutova, V. Okon, S.L. Rubinshtein and others, the authors support the idea of using the problematic method in primary education and note that this method makes the learning activity of students more effective and contributes to the development of personality.

***Key words:*** *education, teacher, educational activity, problem-based teaching method, competence, personality development, problem situation, intellectual development.*

Пайдоиши мафҳуми таълими муаммогузорӣ марҳилаи нави рушди дидактика ва психологияи таълимро ифода менамояд. Ин мафҳум ба назария ва амалияи таълим на танҳо усулҳои алоҳидаи фаъол кардани шавқи маърифативу тафаккур, балки системаи ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагонро ворид кард.

Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои калидии кӯдак аз вазифаҳои муҳими иҷтимоиву ба инкишофи шахс нигаронидашудаи таълим дар замони муосир мебошад. Дар ҳалли самараноки ин масъала нақши усули муаммогузорӣ (ҳалли мушкилот) назаррас аст. Дар шакли тайёр пешниҳод нагардидани дониш ва усулҳои фаъолият хоси таълими муаммогузорӣ мебошад. Дар ин усули таҳсил маводи тайёр пешкаш нагардида, балки ҳамчун мавзӯи ҷустуҷӯ муқаррар карда мешавад. Дар ин маврид мақсаду моҳияти раванди таълим низ ба ҳавасмандгардонии фаъолияти ҷустуҷӯии кӯдакон нигаронида шудааст.

Татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим тақозо менамояд, ки омӯзгорон бештар ба усули муаммогузорӣ рӯй оранд. Зимни истифодаи усули мазкур моҳияти фаъолияти муаллим он аст, ки ба хонандагон донишро дар шакли ахбори тайёр пешниҳод намесозад. Назди онҳо муаммогузорӣ мешавад, ки ҳалли мустақилонаи мушкилот ба дониши бошууронаву огоҳона меорад. Муаммогузорӣ яке аз усулҳои фаъоли таълим буда, дар ташкили фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагон, ташаккули малакаҳои онҳо дар омӯзиши самаранок ва эҷодӣ саҳми мусоидат мегирад. Истифодаи ин усули таълим ба он асос мегирад, ки раванди азхудкунии донишҳоро танҳо ба дарки содда, шиносоӣ ва такрори маводи азбаршуда марбут донистан дуруст нест.

Талаботи азхудкунии фаъолонаи дониш, ки дидактикаи пешқадами гузашта ба миён гузошта буд, дар асарҳои чунин олимон Ш.И.Ганелин, И.Я.Лернер, М.И.Махмутов, И.П.Огородников, П.И.Пидкасистый, М.Н.Скаткин Б.П.Эсипов ва дигарон илман асоснок гардидааст. Исбот шудааст, ки инкишофи фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ - маърифатӣ ба амал меояд, ки он як навъ меҳвари тамоми фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баланд бардоштани самараи фаъолияти таълимӣ ва рушди шавқи маърифатӣ вазифаи таълимӣ нақши муҳим мебозад (Г.А.Балл, В.В.Давыдов, Д.Б. Эльконин ва диг.). Мундариҷаи вазифаи таълимӣ вазъияти таълимиро ба вуҷуд меорад, ки метавонад оддиву роҳи иҷрову ҳаллаш осон ва ё мушкилот дошта бошад. Ҳарду намуди ин ҳолатҳо дар таълим пешниҳод мешаванд, аммо дуввум аз муаллим талаб мекунад, ки чунин усулу тарзҳои таълимро истифода барад, ки пеш аз ҳама ба ташкили муносибати фаъолонаи маърифатии мактаббачагон ба таълим нигаронида шуда бошанд.

Тибқи ақидаи равоншиносону педагогони машҳур Л.П. Блонский, Л.С.Выготский, В.В. Давидова, Л.В. Занкова, Н.Б. Истомина, А.Н. Леонтьев, И. Я. Лернер, А.М. Матюшкина, М.И. Махмутова, В. Оконь, С.Л. Рубинштейн, М.Н. Скаткина, И.С. Якиманская ва дигарон татбиқи усули муаммогузорӣ дар тадриси ба рушди шахсият нигаронидашуда фаъолияти таълимиро самаранок месозад.

Яке аз асосгузорони усули муаммогузорӣ М.И.Махмутов онро ҳамчун системаи дидактикии дар тадриси ба рушди шахсият нигаронидашуда, ки барои рушди умумии зеҳнии хонанда мусоидат мекунаду барои мустаҳкамии дониш ва навъи хоси тафаккур, амиқии эътиқод ва истифодаи эҷодкоронаи донишро таъмин менамояд, тавсиф додааст.

Ғояи омӯзиш бо усули муаммогузорӣ ҳамчунин дар асарҳои А.В. Брушлинский, Ҷ. Дьюи, Т.А. Ильина, Т.В. Кудрявцева, М.И. Махмутова, А.М. Матюшкина, В.Оконь ва дигарон фарогирии илмии худро ёфтааст.

А.М.Матюшкин дар асари худ "Ҳолатҳои муаммогузорӣ дар тафаккур ва таълим" дар асоси таҳқиқоти таҷрибавӣ муҳимтарин намунаҳои психологии тафаккурро, ки мувофиқи он шахс дониш ва усулҳои нави амалро пайдо мекунад, баррасӣ кардааст. Вай роҳҳои истифодаи ин қолибҳоро барои такмил додани назария ва амалияи омӯзиши муаммо кушода медиҳад, қоидаҳои умумии эҷоди ҳолатҳои муаммогузорӣ дар омӯзиш ва муайян кардани пайдарпаии онҳо, ҷустуҷӯи номаълумро таҳия менамояд. [3, С. 47-72]

С.Л.Рубинштейн ва шогирдони ӯ сохтори психологии вазъияти муаммовиро таҳқиқот бурданд. Равшантар, ҳамаҷониба ва пайваста ҷузъҳои асосии вазъияти мушкилиро А.М. Матюшкин [3,С.-32]. Се ҷузъ ҳамчун ҷузъҳои асосӣ фарқ мекунанд: номаълум, яъне дониши навро азхуд мекунад; ниёзи маърифатӣ; сатҳи дониши ба дастовардаи хонандагон, инчунин қобилиятҳои эҷодии онҳо. Ин сохтори психологии

вазъияти муаммогузорӣ ба назари мо пеш аз ҳама бо он боварибахш менамояд, ки он ба фароҳам овардани шароити дохилии тафаккур мусоидат мекунад, ки бидуни он азхудкунии самарабахши дониш ва рушди тафаккур ғайриимкон аст, зеро ин равандҳо танҳо вақте сохта мешаванд, ки омӯзиш бо назардошти қонунҳои инкишофи равонии кӯдак сохта шавад.

Барои ташкили раванди таълим, муайян кардани сохтори психологии вазъияти муаммогузорӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дорад, зеро он ба муаллимон имконият фароҳам меорад, ки ба тамоми соҳаҳои психикаи хонандагон таъсир расонанд: эҳсосӣ, ҳавасмандӣ-иродатӣ, зеҳнӣ, ки самаранокии иҷрои ҳама гуна фаъолият, алахусус маърифатиро, ки ба рушди эҷодии шахс мусоидат мекунад, таъмин менамоянд [2,С.-36]. Барои он ки муаллим ҳолатҳои мушкилиро дар дарс татбиқ карда тавонад, ба ӯ на танҳо дар бораи сохти психологӣ, балки дар бораи роҳҳои ба вуҷуд овардани вазъият дар дарс низ донистан зарур аст. Таҳлили таснифоти сершумори ҳолатҳои муаммогузорӣ, ки аз ҷониби психологҳо, муаллимон ва методистон таҳия карда шудааст, имкон медиҳад, ки дар ҳалли ин масъала равишҳои гуногун: психологӣ (А.М. Матюшкин), гносеологӣ (С.Ф. Жуйков, В.И. Загвязинский, Т.В. Кудрявцев, Н.А.Менчинская, А.М.Матюшкин, М.И.Махмутов, М.Н.Скаткин ва д.), мантиқӣ, бо назардошти усулҳои муайянкардаи мантиқи фаъолияти равонӣ, ки дар он хонандагон ба синф ҷалб карда мешаванд (Ю.Бабанский, М.К. Кругляк ва дигарон), дидактикаи умумӣ ва ғайраҳо баррасӣ гарданд.

Се шакли пешниҳоди муаммо (мушкилот) мавҷуд аст:

✓ пешниҳоди мушкилот, вақте ки худи муаллим масъала эҷод мекунад ва онро ҳал мекунад;

✓ фаъолияти муштарак, ки дар он муаллим мушкилот пеш меорад ва ҳалли он дар якҷоягӣ бо хонандагон ба даст оварда мешавад;

✓ омӯзиши эҷодӣ, ки дар он хонандагон мушкилотро таҳия мекунанд ва роҳи ҳалли онро меёбанд.

В.Оконь пешниҳоди мушкилотро маҷмӯи чунин усулҳо муайян мекунад, ки «... ба монанди ташкили ҳолатҳои мушкилӣ, таҳияи масъалаҳо (худи хонандагон тадриҷан ба ин одат мекунанд), расонидани кӯмаки зарурӣ ба хонандагон дар ҳалли муаммоҳо, санҷидани инҳо, ҳалли муаммоҳо ва дар ниҳоят, идоракунии раванд ва ба низом даровардан ва мустаҳкам кардани дониши бадастомада » мебошад [5 С. -68].

А.М.Матюшкин ба мантиқи В.Окон пайравӣ намуда, чунин мешуморад, ки усули муаммогузорӣ яке аз усулҳои фаъолсозии раванди таълим мебошад. Муаллиф менависад: ки «Асоснокии психологии усули муаммогузорӣ ва омӯзиши самаранокии педагогии он ҳеҷ гоҳ набояд боиси мутлақ шудани он барои ҳама шароит ва намудҳои таълим гардад. Бо вуҷуди ин, имкон дорад, ки дар муқоиса бо дигар усулҳои таълим номи усули муаммогузориро боқӣ гузошт» [3, С. -200].

А.М.Матюшкин панҷ марҳилаи зерини татбиқи усули муаммогузориро муайян мекунад:

«1) пайдоиши вазъияти мушкилот;

2) истифодаи усулҳои маълуми ҳал - марҳилаи ҳалли "пӯшида" -и масъала;

3) тавсеаи минтақаи ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳал - марҳилаи "кушоди" ҳалли масъала, - пайдо кардани муносибат ё принсипи нави амал;

4) татбиқи принсипи муайяншуда;

5) тафтиши дурустии маҳсули бадастомада » [3, С. -194].

Ҳамин тавр, А.М.Матюшкин дар асари худ "Ҳолатҳои муаммогузорӣ дар тафаккур ва таълим" [3] ба таҳқиқоти таҷрибавӣ роҳбарӣ мекунад ва имкон медиҳад, ки муҳимтарин намунаҳои психологии тафаккурро баррасӣ кунанд, ки мувофиқи он шахс дониш ва усулҳои нави амалро пайдо мекунад. Вай роҳҳои истифодаи ин қолибҳоро барои такмили назария ва амалияи омӯзиши мушкилот кушода медиҳад, қоидаҳои умумии эҷоди ҳолатҳои муаммогузорӣ дар омӯзиш ва муайян кардани пайдарпаии онҳо, ҷустуҷӯи номаълумро таҳия менамояд. Вазифаи таҳқиқоти минбаъдаро А.М. Матюшкин дар таҳияи роҳҳои дидактикии мақсадноки эҷоди ҳолатҳои мушкилӣ дид, ки фаъолияти зарурии зеҳнии хонандагонро дар ҷараёни ассимилятсия ба вуҷуд меоранд. Мушкилии аз ҳама калон бартараф кардани стереотипи фаъолияти репродуктивӣ аст, ки дар раванди таҳсил тӯли солиёни зиёд ташаккул ёфтааст.

Барои амалияи таълим мавқеи С.Л. Рубинштейн муҳим аст, ки тафаккур ва фаъолияти дониши омодаро ягона намеҳисобад. Вай талабот ба миён гузошт, ки тафаккурро мебояд пеш аз ҳама ҳамчун як раванди истеҳсолӣ шинохт, ки қобилияти ба донишҳои нав расониданро дорад. Ӯ исбот намуд, ки тафаккур раванди кашф кардан, фаъол ва эҷодӣ мебошад, ки на танҳо ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, балки пеш аз ҳама ба ин натиҷа оварда мерасонад, ба азхудкунии эҷодӣ ва инчунин ба «тарбияи тафаккури ҳақиқӣ, мустақилона, истеҳсолӣ ва эҷодӣ» мусоидат мекунад [6, С.-142].

Хидмати шогирдони С.Л. Рубинштейн ин аст, ки онҳо на танҳо омӯзиши равандҳои тафаккурро идома доданд, балки натиҷаҳои бисёр омӯзишҳои психологии тафаккурро барои беҳтар кардани раванди таълим низ ба низом даровარданд.

Раванди таълим дар шакли умумӣ интиқоли таҷрибаи наслҳои пешин ба насли наврас аст. Ин маврид таҷриба чун мафҳуми фароху доманадоре дар назар аст, ки донишҳои ҳаррӯза ва илмӣ, роҳҳои амал, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, арзишҳои ахлоқиро дар бар мегирад [1]. Роҳҳои гуногуни интиқоли ин таҷриба мавҷуданд. Вобаста аз мундариҷа ва тарзи интиқоли он навъҳои омӯзиш ба вуҷуд меоянд, ки одатан системаи омӯзишӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, ташкили раванди таълим бо истифодаи усули муаммогузорӣ бо тармими хонандагон барои иҷрои амалҳои зеҳнӣ маҳдуд намегардад. Ҳадафи фаъолсозии хонандагон тавассути истифодаи усули муаммогузорӣ баланд бардоштани сатҳи азхудкунии мафҳумҳо аз ҷониби онҳо ва таълим додани амалиётҳои зеҳнии алоҳида ва бо тартиби тасодуфӣ, стихиявӣ инкишофёфта набуда, балки ташаккули бомароми системаи амалҳои ақлӣ барои ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ мебошад. Ин фаъолият дар он таҷассум мегардад, ки хонанда, таҳлил, муқоиса, таркиб, умумгардонӣ, мушаххассозии мазмуни маводи воқеиро иҷро намуда, худаш аз он маълумоти нав мегирад.

## АДАБИЁТ

1. Данилов, М.А., Скаткина, М.Н. // Дидактика средней школы. М., 1975, 172 с.
2. Кудрявцев, В.Т. //Проблемное обучение: истоки, сущность, перспективы. – М.: Знание, 1991.-80 с.
3. Матюшкин, А.М. //Проблемные ситуации в мышлении и обучении. –М.: Педагогика, 1972- 168 с.
4. Матюшкин, А.М. // Мышление, обучение, творчество. -М.: Московский психолого-социальный институт, 2003. -719 с.
5. Оконь, В. // Основы проблемного обучения. М.: Просвещение, 1968. — 208 с.
6. Рубинштейн, С.Л.// О мышлении и путях его исследования. – М: Изд-во АН СССР, 1958.-148с.

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ ШАКЛҲОИ ГУРӮҲИИ КОР ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ

***ХОЛМУРОДОВА Муҳайё Давлатмуродовна** – ассистенти кафедраи фанҳои табиии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумовнаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*

Дар мақола муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки тайи солҳои охир дар раванди фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд: барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ таҷдиди назар ва давра ба давра бо сифати хуб нашр шуданд; стандартҳои таълим, раҳнамои омӯзгор аз фанҳои таълимӣ, замима ба китобҳои дарсӣ таҳия ва дар соҳаи маориф татбиқ карда мешаванд; муассисаҳои таҳсилоти хусусии замонавӣ, гимназияҳо, коллеҷу литсейҳо ба фаъолият шурӯъ намуданд; таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ омӯхта мешаванд.

Афзалияти фаъолиятҳои ибтикории омӯзгорон ба низоми таҳсилот боиси деформатсияи муносибатҳои байни хонандагон гардида буд. Ин шакли таълим муоширати хонандагонро дар ҷараёни меҳнат қариб истисно мекард, ки ин шавқу ҳаваси онҳоро ба

таълим бе таъсир намегузошт. Системаи синфӣ - дарсӣ барои аз худ кардани малакаҳои коллективизм, ҳамкорӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва мустақилият пурра имконият намедиҳад ва аз ин рӯ, ба инкишофи сатҳи дониши хонандагон монеа эҷод мекунад. Шакли гурӯҳии таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки малакаҳои зеҳнӣ ва муоширатро ташаккул диҳанд, инкишоф ва шарҳ додани мавқеи худро омӯзанд, инчунин, имконияти худшиносии эҷодиро ба роҳ монанд. Дар вақти ба кор бурдани ин шакли таълим дараҷаи изтироби хонандагон, тарси ноком будан, дар ҳалли баъзе масъалаҳо қобилият надоштан паст мешавад. Дар гурӯҳ самараи аз худ кардан ва комил сохтани дониш меафзояд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *мактаб, хонандагон, дониш, таҷриба, ҷомеа, барномаи таълим, маориф, шаклҳои муосири таълим, худшиносӣ, шакли гурӯҳӣ.*

## МЕТОДИКА ГРУППОВЫХ ФОРМ РАБОТЫ НА УРОКАХ ГЕОГРАФИИ

***ХОЛМУРОДОВА Мухайё Давлатмуродовна*** *– ассистент кафедры естественный наук педагогический Колледж имени Хосият Махсумовна Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121.*

В статье автор, в том числе, отмечает, что последние годы в составе современной школы произошли существенные изменения: меняются образовательные программы, разрабатываются и успешно реализуются новые программы в сфере образования, создаются частные школы, гимназии, а также появились лицеи и техникумы, где изучается опыт зарубежных школ.

Традиционное предпочтение преподавателем классно-урочной системы обучения вызвало деформацию во взаимоотношениях между учащимся. Данная форма обучения практически исключает общение учеников в процессе работы, что не может не сказаться на их заинтересованности в обучении. Классно-урочная система не дает в полной мере возможности для овладения навыками коллективизма среди учеников и взаимного сотрудничества и взаимопомощи, и тем самым влияет уровень развития знаний учащихся. Групповая форма обучения позволяет развивать у учеников интеллектуальные и коммуникативные навыки, учиться формировать и объяснить свою позицию, а также создает возможности для творческого самосознания. При использовании данной формы обучения снижается уровень тревожности учеников, боязни достигать неудачи, неспособности решать какие-то задачи. В групповой форме обучения повышается эффективность освоение урока и приобретения актуализации знаний.

***Ключевые слова:*** *школа, ученики, знания, опыт, общество, образовательная программа, образование, самосознание, групповая форма, современные формы обучения.*

## METHODOLOGY GROUP FORMS OF WORK IN GEOGRAPHY LESSONS

***KHOLMURODOVA Muhayo Davlatmurodovna*** *– Assistant of the Department of Natural Sciences, Pedagogical College named after Khosiyat Makhsumovna of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.*

In recent years as a part of modern school occurred significant changes: change educational programs are designed and successfully implemented new program in the field of education, private schools, high school, there were lyceums and technicums, we study the experience of foreign schools.

The teachers traditional preference for a classroom- lesson system of education caused a deformation of relations between students. This form of education practically excludes the communication of students in the process of work, which could not but affect their interest in learning. The class lesson system does not provide full opportunities for mastering the skills of

collectivism, cooperation, mutual assistance, and thus hinders the development of the level of knowledge of students. Group study mode allows you to develop students intellectual and communicative skills to learn to form and explain his position as well as create opportunities for creative self- consciousness. When using this form of education, the level of students anxiety, fear of failure, inability to solve some problems decreases. The group increases the efficiency of acquiring and updating knowledge.

***Keywords:*** *pupils, knowledge, experience, society, educational program, education, self-awareness, group form, modern forms of education.*

Вобаста ба тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти ҷомеа бо ҷорӣ намудани меъёрҳои нав дар таълим дар назди муассисаи таълимӣ вазифаҳои нав гузошта шудаанд: фароҳам овардани фазои таълим, ки хонандагонро ба мустақилона аз худ кардани дониш водор месозанд; фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон ва кам кардани сарбории зиёдатии таълимии онҳо.

Истифодаи усулу шаклҳои фаъол дар таълими география бисёр масъалаҳор ҳал мекунад. Шавқу ҳаваси маърифатиро ба ин мавзӯъ инкишоф медиҳад, фаъолияти омӯзишии хонандагонро дар синф фаъол мегардонад, дар ташаккули шахсияти эҷодии хонанда саҳм мегузорад, зеро аксари онҳо аксар вақт хусусиятҳои мушкилотии омӯзишӣ доранд.

Вазъияти таҷрибаи чандинасраи гузашта асос медиҳад, ки шавқу ҳавас ба омӯзиш омили муҳим ва мусоиди инкишофи фаъолият ва мустақилияти хонандагон дар таълим мебошад.

Ташаккули ҳаваси маърифатӣ ва фаъол шудани шахсият равандҳои ба ҳам вобастаанд. Шавқи маърифатӣ фаъолиятро ба вуҷуд меорад, аммо дар навбати худ афзоиши фаъолият шавқи маърифатиро мустаҳкам ва амиқтар мегардонад.

Олимон ва методистони пуртаҷриба чунин андешаи назар доранд, ки бе баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ, таваҷҷуҳи хонандагон ба таълим, ташаккул ва инкишоф додани шавқу рағбати устувори маърифатӣ нисбат ба маводи омӯхташаванда ва дар ҳалли масъалаҳои дар назди муаллим гузошташуда ба муваффақият ноил шудан имконнопазир аст.

Ҷомеаи муосир аз мутахассиси соҳаи маориф дорои маҳорат ва малака, қодир будан ба муошırати хуб ва дар гурӯҳ кор карда тавонистанро талаб менамояд.

Донишҷӯи муосир бошад дар маркази ҷаҳони доимо тағйирёбанда қарор дорад ва метавонад худро танҳо дар амал бо одамони гирду атроф дарк намояд.

Ҳамдигарфаҳмие, ки барои рушди шахсият хеле зарур аст, танҳо дар натиҷаи муошират имконпазир аст. Ва мактаб ҳамчун муассисаи таълимӣ бояд ба хонандаи худ маҳорати муошират кардан, дар гурӯҳ кор карда тавонистан, нуқтаи назари худро баён кардан ва далелҳои худро муҳокима карданро ёд диҳад. Ин вазифаро ба воситаи шаклҳои омӯзишии гурӯҳии ҳамкории муаллим ва хонанда, инчунин байни худи хонандагон дар синф ҳал бояд намуд.

Чунин шаклҳои фаъолияти мутақобила усулҳои фаъоли таълим, технологияи ҳамкории коллективӣ, ва шаклҳои гурӯҳии кор мебошанд. Ин шаклҳои кор шароитеро фароҳам меорад, ки дар он хонандагон фаъолона ҳамкорӣ мекунанд.

Бисёре аз омӯзгорони хориҷиву ватанӣ аз асарҳои навиштаи олимон, методистон ва педагогони машҳур дар дарсҳояшон аз усулу шаклҳои гурӯҳии кори онҳо истифода бурдаанд ва ба муваффақиятҳои калон ноил гардидаанд.

Омӯзгорони таҷрибадор ба ҳамкасбони худ машғулиятҳои гузаронидаи худро бояд нақл кунанд, то ин ки онҳо низ аз ин усулҳо истифода бурда, барои фаъол гардидани ҳамаи хонандагони синфи худ кӯшиш намоянд.

Самаранокии ин гуна машғулиятҳо бештар ба тайёр будани хонандагон ба кори мустақилона вобаста аст. Барои ташаккули мустақилият ва фаъолияти хонандагон технология ва усулҳои гуногуни таълимро истифода бурдан лозим аст. Яке аз шаклҳое, ки дар дарсҳои география бисёртар истифода бурда мешавад, шаклҳои омӯзиши гурӯҳӣ мебошад:

Дар аввал якбора системаи дарсҳоро барои тамоми мавзуъ тартиб медиҳанд. Дараҷаи мавзуъҳои муҳимтарин ва мураккабтар интихоб карда мешавад, дараҷаи

мустақилияти хонандагон дар ҳар як дарс муаян карда мешавад, дар бораи алоқаи маводи нав ва он чӣ ки гузашта мешавад, фикр карда мешавад.

Барои гурӯҳҳо варақчаҳо сохта мешавад, ки ҳар яки онҳо вазифаи омӯзишии худро доранд. Қайд карда мешавад, ки хонандагон ҳангоми ҷавоб додан ба чӣ бояд диққат доданашон лозим аст. Тайёрии ҳар як хонандаро пешаки ба назар гирифта, маводро тақсим мекунанд.

Ҳар як гурӯҳ як роҳбар дорад, ки вай метавонад варақчаҳоро тақсим намояд. Ҳамин тавр, ҳар як хонанда дар гурух кор карда, масъулияти худро ҳис мекунад, зеро ҷавоби ӯ ба баҳои тамоми гурӯҳ таъсир мерасонад.

Ба ғайр аз ин гурӯҳҳо, гурӯҳи машваратчиён вучуд дорад. Онҳо аз муаллим супориши пешакӣ тайёр кардашударо мегиранд. Вақте, ки гурӯҳҳо аз рӯи супориш кор мекунанд, машваратчиён ба онҳо кӯмак мерасонанд.

Роҳбари гурӯҳе, ки ба кумак ниёз дорад, варақчаи сурхро баланд мекунад, ки ин ҳушдор барои кумак аст. Вақте, ки гурӯҳ ба ҷавоб омода аст, ӯ варақчаи сабзро баланд мекунад.

Ғайр аз ин, машваратчиён (консултантҳо) дараҷаи тайёрии ҷавоби гурӯҳҳоро месанҷанд, ба муаллим барои гирифтани амонат (қарз) ёрӣ мерасонанд, пурсишро мешунаванд ва баҳо медиҳанд, якҷоя бо муаллим машғулиятро ҷамъбаст мекунанд.

Роҳбари ҳар як гурӯҳ ҳар яке аз хонандагонро ҳамчун машваратчӣ тавсия медиҳад. Ин донишҷӯ як навъ таҷрибаомӯзиро аз сар мегузаронад ва агар аз уҳдааш бароядр, машваратчии гурӯҳи худ мешавад. Аммо чунин ҳодисаҳо ҳам мешавад, ки дар як гурӯҳ касе бевиҷдонона кор мекунад, баъд роҳбари гурӯҳ ӯро ба кори индивидуалӣ (фардӣ) мефиристад.

Барои кори қулай мо мизҳоро дар синфхона тавре ҷойгир бояд намоем, ки ҳар як гурӯҳи чорнафара ду мизро ишғол карда, рӯ ба рӯи ҳамдигар ҷойгир шаванд. Бо чунин тарз ҷо ба ҷо гузоштани мизҳо муошират мактаббачагон ва кори умумӣ осонтар мешавад. Хонандагоне, ки супоришҳои инфиродӣ иҷро мекунанд, дар мизҳои алоҳида мешинанд.

Гурӯҳҳо супоришҳои гуногун мегиранд. Инҳо метавонанд супоришҳои тафтиши маводи фаро гирифташуда, омӯхтани маводи нав, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва ғайра бошанд.

Вақте ки гурӯҳ супориши иҷрошударо шарҳ медиҳад, донишҷӯёни дигар хулосаи графикии ҷавобро тартиб медиҳанд.

Умуман, бачаҳо дар як гурӯҳ кор карданро дӯст медоранд, дар мавзӯъҳо қайдҳои графикӣ эҷод мекунанд, хусусан агар онҳо худашон имконоти худро пешниҳод кунанд. Дар вақти муҳокимаи реферат мо варианти беҳтаринро ёфта, онро ба асос мегирем.

Масалан, кори яке аз дарсҳо дар мавзуи “Обҳои дохилии Тоҷикистон” пешниҳод карда мешавад.

**Вазифаи таълимии дарс:**

А) ташаккул додани дониши хонандагон оид ба пайдоиши ҳавзаҳои кул. Ташаккул додани дониш дар бораи навъҳои дарёҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо;

В) дар бораи хосият ва минтақаҳои паҳншавии обҳои зеризаминӣ ва пиряхҳо тасаввурот медиҳад;

Г) ба низом даровардани дониш оид ба ҳифзи обҳои ширин ва истифодаи иқтисодии онҳо.

**Таҷҳизот:** харитаҳои табиию иқлимии Тоҷикистон, кинофилми “Муҳофизати обҳои дохилӣ”.

**Дар рафти машғулиятҳо**

I. Санҷиши дониши хонандагон оид ба кор ва режими дарёҳои Тоҷикистон (санҷиш)

**Таъин ба гурӯҳҳо** (аз онҳо 7 нафар ва як гурӯҳи мушовирон ҳастанд)

Рақамҳо аломатҳои ҳар як дарёро, ки ба он хосанд, нишон медиҳанд:

(дар тахтаи синф навишта мешавад: 1) ғизогирии пиряхӣ, 2) ғизогирии омехта; 3) ғизогирии боронӣ; 4) баланд шудани об дар фасли баҳор; 5) серобӣ дар тобистон; 6) эрозияи паҳлуӣ ҳукмфармост; 7) эрозияи амиқ ҳукмфармост; 8) барои обёрӣ истифода бурда мешавад; 9) дарёҳои минтақаи бебориш);

Гурӯҳҳои 1, 4, 7 аз рӯи дастур дарёи Вахш ва Панҷро тасвир менамоянд.

Гурӯҳҳои 2, 5, 8 (машваратчиён) – дарёи Сир ва Зарафшон.

Гурӯҳҳои 3, 6 - дарёи Ому ва Кофарниҳонро.

Дарс шакли динамикӣ ва тағйирёбандаи ташкили таълим буда, ягонагии дуҷонибаи тамоми табиати педагогикаро равшантар ифода мекунад. Он дорои ду унсури ба ҳам мухолиф – меъёрӣ ва эҷодкорӣ мебошад.

Мақсади дарси муосир - ташаккул ва инкишофи шахсияти хонанда дар асоси истифодаи тамоми ҷузъҳои таълим мебошад. Ҳангоми гузоштани ҳадафҳо, шумо бояд ба се савол ҷавоб диҳед:

Чиро бояд омӯхт? Мундариҷа бояд ба кадом арзишҳо равона карда шавад? Он бояд кадом вазифаҳои шахсиятро таъмин намояд?

Дар дарси анъанавӣ вазифаи омӯзгор - расонидани иттилоот ва фароҳам овардани шароит барои азхудкунии он мебошад.

Дар дарси муосир омӯзгор ҳамчун ташкилотчии фаъолияти таълимӣ баромад мекунад: ҳадафи фаъолият, роҳҳои ноил шудан ба он, усулҳои кори таълимиро муайян мекунад. Мақсади асосӣ дар ин ҷо - фаъолияти мустақилона ва фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад. Дарси муосир аз дарси анъанавӣ бо ҳамкории омӯзгор ва хонанда фарқ мекунад. Ва он ба ташаккули шахсияти хонанда дар шароити фаъолияти коллективии таълимӣ, бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон нигаронида шудааст.

Машғулиятҳои гурӯҳӣ торафт бештар пайравони худро пайдо карда истодаанд. Намудҳои зиёди татбиқи онҳо аллакай таҳия шудаанд, аммо дар ташкил ва таҳлили ин гуна дарсҳо душвориҳо каманд.

Дар дарсҳои гурӯҳӣ сифати кори синф пеш аз ҳама ба маҳорат ва савияи касбии омӯзгор вобаста аст. Аммо натиҷаи мушаххаси ҳар як хонанда ба саҳми худи ӯ вобаста аст. Дар синфҳои гурӯҳии таълим на танҳо аз ҳисоби муаллим ба синф, балки дар натиҷаи системаи махсуси муташаккили муносибатҳои гуногун бо иштирокчиёни дигари раванди таълим ба амал меояд. Маҳз бо шарофати ҳамдигар хонандагон муҳокима мекунанд, кашф мекунанд, чизҳои навро меомӯзанд, таълим медиҳанд, донишро месанҷанд ва ғайра. Бинобар ин, сифати кори ҳар як хонанда ба сифати кори ҳамаи дигарон бевосита вобаста аст.

Хонанда на танҳо аз омӯзгор ва ҳамсинфонаш дониш гирифтан, балки ҳангоми ворид шудан ба фазои муносибатҳои гурӯҳӣ нороҳатиро ҳис намекунад. Системаи омӯзиши гурӯҳӣ унсурҳои кори ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва инфиродиро дар бар мегирад.

“Шогирдонам аз ман чизи нав намеомӯзанд; онҳо худашон кашф мекунанд. Вазифаи асосии ман - ёрӣ расондан ба онҳо барои кушода шудан, инкишоф додани идеяҳои худашон мебошад”. И. Г. Песталотсий.

Манфиатҳои кори гурӯҳӣ:

Дар кори гурӯҳӣ малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, кӯмак ба ҳамдигарро бевосита ташаккул медиҳад; дар натиҷаи муошират ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд, ки барои рушди шахсият хеле зарур аст; ба шумо иштирок ва назорати иштироки худро дар кори гурӯҳ, эҳтиром кардани арзишҳо ва қоидаҳои қабулкардаи гурӯҳ, асоснок кардани ақидаи худ ва дифоъ аз мавқеи худро меомӯзад; ҳар як хонанда имкон дорад, ки ғояеро ба миён гузорад ва амалӣ созад (ба гуфтаи равоншиносон, одамон, чун қоида, он чизеро, ки худашон эҷод мекунанд, дастгирӣ мекунанд); тафаккури эҷодиро такмил медиҳад ва эҳтироми худро меомӯзонад; дар гурӯҳҳои хурд якҷоя кор кардан гарави муваффақияти коллектив мебошад. Бартарии ташкили кори гурӯҳии таълими хонандагон дар синф маълум аст, вале онро ба шаклҳои дигар муқобил гузоштан мумкин нест.

Бисёре аз педагогони барҷастаи хориҷию ватанӣ аз чунин шаклҳои гурӯҳии кор, навъҳои гуногуни онро истифода бурдаанд ва ҳоло ҳам истифода мебаранд. Барои донистани харита аз супоришҳои гурӯҳӣ, аз чунин педагогон чанд мисол меорем:

1. Контурҳои материкҳо (гурӯҳҳо конвертҳои контурҳои буридашудаи материкҳоро мегиранд; онҳо бояд ҷамъ карда шаванд).

2. Объектҳои географӣ (ҳар як гурӯҳ варақчаҳои буридашударо, ки дар рӯи онҳо объектҳои географӣ навишта шудаанд, мегиранд. Вазифа аз он иборат аст, ки номҳо дар харитаи материкҳо ҷо ба ҷо карда шаванд.

3. Оё шумо харитаро медонед? (гурӯҳҳо конвертҳоро бо порчаҳои хурди харитаҳо мегиранд. Вазифа аз он иборат аст, ки ҳамаи объектҳои географии дар харита тасвиршударо номбар кунанд).

4. Таҷрибаи хоҷагӣ (чанд рӯз пеш аз дарс хонандагон супориши пешакӣ қабул карда, рӯйхати маҳсулотеро, ки оила дар давоми ҳафта истифода бурдааст, тартиб дода, географияи истеҳсоли онҳоро ба назар мегирад. Чунин супориш ҳангоми омӯзиши географияи саноати хурокворӣ супорида мешавад).

Навъи навбатии супоришҳои гурӯҳӣ, ки дар амал истифода мебаранд, пурсиши гурӯҳӣ мебошад, ки онро бо мақсади такрор ва мустаҳкам намудани мавод мегузаронанд. Ҳангоми пурсиши гурӯҳӣ машваратчӣ мувофиқи номгӯи саволҳо ба ҳар як аъзои гурӯҳи худ савол медиҳад. Дар баробари ин ҷавобҳои хонанда шарҳ дода мешавад, ба ҳама аъзоёни гурӯҳ пурра ва якҷоя баҳо дода мешавад. Технологияҳои гурӯҳӣ инчунин технологияҳои зиёди дарсҳои ғайрианъанавиро дар бар мегиранд, ки таваҷҷуҳи хосаи хонандагонро ба дарс ҷалб менамоянд. Инҳо:

- дарс - конференсия;
- дарс – суд;
- дарс – сайёҳат ва ғ. мебошанд. Дарсҳои ғайрианъанавии синфи 11 дар мавзуи “Welcome to Australia” ҳамгирои бо дарси забони англисӣ “trevel “хеле шавқовар буда метавонад.
- дарс коференсия “Кули Сарез - ганҷи Тоҷикистон” ва ғайра.

Дар синфи 9-ум иқтисодиёти Тоҷикистон омӯзонда мешавад, ки ин курси омӯзишӣ нисбат ба географияи табиӣ таваҷҷуҳи хонандагонро камтар ба дарс ҷалб менамояд, аз ин рӯ бо истифода аз кори гурӯҳӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад, ки таваҷҷуҳи хонандагон бо ин мавод ҷалб карда шавад.

Масалан, ҳангоми омӯхтани “Помир” синфро ба 4 гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст (1 - мутахассисони байналхалқӣ, 2 - нафарони иловагӣ, 3 - конструкторҳо, 4 - тадқиқотчиён). Ҳар як гурӯҳ супориши худро гирифта, онро иҷро мекунад, баъд як намояндаи гурӯҳ сухан мегӯяд, дигарон илова мекунанд.

Пас аз иҷрои гурӯҳҳо хонандагон хулосаи умумӣ мебароранд. Чунин сабақҳоро ҳангоми омӯхтани ҳар як ноҳияи иқтисодии мамлакатамон гузаронидан мумкин аст. Дар синфҳои 6–7 асосан усулҳои бозиро бисёртар истифода мебаранд.

Масалан, дар синфи 7-ум ҳангоми омӯзиши мавзуи “Антарктида” синф ба ду гурӯҳи калон тақсим карда мешаванд, ки тадқиқоти зерин гузаронида мешавад:

Антарктида, гурӯҳи II – дар дохили кишвар. Гурӯҳи I – минтақаҳои соҳилӣ.

Дар дохили ҳар як гурӯҳ аз рӯи сатҳи дониш се гурӯҳи якхеларо ҷудо кардан мумкин аст, ки дар онҳо хонандагони “заиф” ҷойгиршавии географии минтақаи омӯхташаванда, “миёна” сатҳи замин ва “қавӣ” шароити иқлим бо шарҳи сабабҳоро тавсиф мекунанд. Дар ин ҷо ҳам кори гурӯҳӣ ва ҳам омӯзиши тафриқавӣ ҷой дорад. Ҳангоми омӯзиши мавзуи “Бод” (синфи 6) дарси ҳамгирошуда бо адабиёти “Бод – дӯст ё душман?” гузаронида шуд, ки он ҳам дар шакли кори гурӯҳӣ сурат гирифт. Хонандагони синф ба 5 гурӯҳ тақсим шуда, супоришҳои ба онҳо додашударо иҷро карданд: гурӯҳи 1- ум аз афсона – воқеаи ҳақиқии М. М. Пришвина “Анбори офтоб”, калимаҳоеро интихоб кардаанд, ки таъсири бодро ба ҳаёти қаҳрамонони асар нишон медиҳанд. Гурӯҳи 2- афсонаи К. Г. Паустовский “Нони гарм”, ки дар он хонандагон сатрҳоеро пайдо мекунанд, ки дар бораи бод нақл мекунанд. Гурӯҳи 3-юм дар мавзуи “Бод дӯсти ман” иншои хурд менависад. Гурӯҳи 4-ум аз рӯи маводи омӯхташуда дар мавзуи “Бод ёвари инсон” мақола менависад. Гурӯҳи 5-ум дар мавзуи “ Бод душмани одам аст” қайд мекунад.

Пас аз иҷрои гурӯҳҳо хонандагон ба саволҳои муаллим ҷавоб дода, хулоса мебароранд: Мардум чӣ гуна бодро бародар меномиданд, боди ман, насим? Ва чӣ гуна бод ба одам мушкилиҳо меоварад, зарар мерасонад, ба ҳаёт хавф дорад?

Мактаби муосирро бе истифодаи ТИК (технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия) дар дарсҳо тасаввур кардан душвор аст. Фанни география истфодаи презентатсияҳо, слайд – шоуҳоро барои бештар шинос шудан бо маводи нав ҳангоми курси минтақашиносӣ ба роҳ мондааст.

Масалан, дар синфи 10-ум дарси “ММ Чеҳраи кишвар”. Хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд, аз ҳар минтақа кишвареро интихоб мекунанд ва ҳангоми омӯзиши ин минтақа ҳама гуна маълумотро дар бораи молҳои ин кишвар, ки дар рафҳои мағозаҳои мо мавҷуданд, интихоб мекунанд ва дар бораи он рӯнамоӣ (презентатсия) ё слайд намоиш медиҳанд. Ин як тадқиқоти воқеӣ, як навъ бозёфт аст. Ҳангоми омӯзиши ҷузъи минтақавӣ

дар синфи 8-ум хонандагон лоиҳаи хурди “Симои зодгоҳи худ”- ро иҷро мекунанд, симои рамзӣ, табиӣ, истеҳсолии маҳали худро меофаранд. Хонандагон кори гурӯҳии худро дар синф ҳимоя мекунанд.

**2.3. Кор дар гурӯҳҳо ҳамчун яке аз шаклҳои ташкили корҳои берунаэсинфӣ аз фанни география**

Дар шароити мактаби муосир ва баланд шудани дараҷаи илмии таълим муваффақияти таълим бештар ба интихоби усулу шаклҳои самарабахши таълим дар синф ва дар раванди дарс,  инчунин ба ташкили кори берунаэсинфӣ вобаста аст. Омӯзгорони пуртаҷриба медонанд, ки аксар вақт таваҷҷуҳ ба фан, интихоби касб дар зери таъсири корҳои берунаэсинфӣ сурат мегирад. Нақши кори берунаэсифӣ аз фанни география хеле калон аст. Шаклҳои корҳои берунаэсинфӣ аз фанни география ба систематикӣ (доимӣ) ва эпизодӣ (лаҳзавӣ) тақсим мешаванд. Ба гурӯҳҳои систематикӣ дохил мешаванд: кружокҳо, факултативҳо, ҷамъиятҳои илмӣ; ба эпизодӣ – олимпиада, ҳафтаи географӣ, шабнишинии географӣ, экскурсияҳо, конференсияҳои илмию амалӣ.

Экскурсияҳо – сафарҳои муташаккил, дастаҷаъмона рафтан ба мавзеъҳои табиат, истеҳсолот, ҷойҳои тамошобоб бо роҳбарии муаллим бо мақсади омӯхтан ва ҷамъоварӣ намудани маводи таърихӣ. Агар экскурсияҳои таълимие, аз рӯи барнома гузаронида мешаванд, мақсади мустаҳкам намудани амалии маводи омухташавандаро дошта бошанд, пас экскурсияҳои берунаэсинфӣ пеш аз ҳама характери тадқиқотӣ доранд. Ҳангоми гузаронидани экскурсия як гурӯҳ хонандагонро ба дастаҳои иборат аз 3-4 нафар тақсим намудан лозим аст. Дар рафти экскурсия қисмҳои иттилоотӣ ва корӣ ҷудо карда мешаванд.

Қисми иттилоотӣ аз ҳикоя ва шарҳи муаллим, мутахассис, роҳбалад дар бораи объекте, ки хонандагон дар он ҷойгиранд иборат аст.

Қисми корӣ аз корҳои илмӣ – тадқиқотии донишҷӯён, ҷамъоварии мавод, тавсифи он, аксбардорӣ ва ғайра, иҷрои супоришҳо ва дар оянда тарҳрезии маводи ҷамъовардашуда аст. Хонандагон дар бораи кори иҷрошуда ҳисобот менависанд.

Яке аз намудҳои маъмултарин ва дӯстдоштаи бозиҳо дар байни донишҷӯён викторинаҳо мебошанд. Мақсади асосии онҳо зиёд кардани таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ аст. Викторинаҳои географӣ, чун қоида, дар доираи ҳафтаи географӣ гузаронида мешавад, зеро онҳо як шакли универсалии корҳои берунаэсинфӣ ҳисобида мешаванд ва имкон медиҳанд, ки шумораи зиёди иштирокчиёнро фаро гиранд. Викторинаҳо аксар вақт дар байни дастаҳои ду ё се синфи параллел ё ҳатто байни дастаҳои параллелҳои гуногун гузаронида мешавад. Масалан, викторинаи “Табиати Тоҷикистон” дар байни хонандагони синфҳои 8-ум, байни хонандагони синфҳои 9-ум ва 10-ум “Оё шумо ин кишварро мешиносед” ва ғайра гузаронида мешавад.

Ҳафтаи географӣ дар мактаб чорабинии мураккабест, ки шаклҳои гуногуни корҳои берунаэсинфиро муттаҳид мекунад:

Шабнишиниҳо, конференсияҳо, азнавгузаронӣ – конкурсҳои донишҳои географӣ, конкурсҳои газетаҳо, конкурсҳои суратҳо ва ғайра. Гузаронидани ҳафтаи географӣ имконият медиҳад, ки дар мактаб чӣ тавр кори таълимӣ ва берунаэсинфӣ аз рӯи фан ташкил карда шудааст, нишон медиҳад.

Ин аз як тараф намоиши дастовардҳои кӯдакон дар фан бошад, аз тарафи дигар тарғиби донишҳои географӣ ва ҷалби иштирокчиёни нав ба корҳои берунаэсинфӣ аз фанни география мебошад.

**Ҳафтаи географӣ**

Асолати ҳафтаи географӣ дар он аст, ки дар он корҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, оммавӣ оид ба ин мавзуъ фаро гирифта шуда, бо паҳлуҳои маърифатӣ, эҳсосотӣ ва имкони баёни андешаи худ мактаббачагонро ҷалб мекунад.

Бинобар ин дар як муддати нисбатан кӯтоҳи ҳафта фанни география дар байни мактаббачагон муваффақияти калон ба даст оварда, ба шакли анъанавии кори берунаэсинфӣ табдил меёбад. Ҳангоми тайёрӣ ба ҳафтаи географӣ ҳар як синф супориш мегирад. Масалан, дастаи иборат аз 10-нафараро барои иштирок дар бозиҳои шавқовари мусобиқавӣ омода мекунанд. Хонандагони синфҳои болоӣ аъзои ҳакамон таъин мегарданд. Дар синфҳои боло мубоҳиса ташкил карда, дар онҳо проблемаҳои муҳимтарин дар бораи муносибатҳои табиат ва ҷамъият муҳокима карда мешаванд. Ҳамаи шаклҳои кори берунаэсинфии номбаршуда ва аз тарафи муаллим истифодашаванда дар аксар мавридҳо

бо ҳам алоқаманд буда, умумияти зиёд доранд ва ба инкишофи шавқу ҳаваси мактаббачагон ба фан, тафаккури географӣ нигаронида шудаанд.

**2.4. Кори гурӯҳӣ ҳамчун шакли самарабахши ташкили дарсҳои география**

Шакли гурӯҳии омӯзиш ҳамчун як шакли ташкили фаъолияте фаҳмида мешавад, ки дар он гурӯҳҳои хурди корӣ дар асоси синф барои якҷоя иҷро кардани вазифаи таълимӣ таъсис дода мешавад. Таҷрибаи ташкили шакли гурӯҳии фаъолият мувофиқ ва ояндадор аст, зеро таълими муосир аз мактаб ва аз ин рӯ аз муаллим талаб мекунад, ки солимии рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдаконро нигоҳ дорад. Ташаббус, мустақилияти онҳоро дастгирӣ кунанд, худбаҳодиҳии некбинонаро, ки кӯдак бо он ба мактаб меояд, нигоҳ доранд, малакаҳои ҳамкорӣ, муоширати ӯро ташаккул диҳанд, ба ӯ интихоби мустақилонаро омӯзанд. Кор дар гурӯҳ ба шумо имкон медиҳад, ки ҳаҷми мавод ва режими кор ба таври индивидуалӣ танзим карда шавад ва имкон медиҳад, ки қобилияти якҷоя кор кардан, усули назорати ҳамдигарро истифода баред. Шакли гурӯҳии фаъолият дар синф ба ташкилот навоварӣ меорад.

Вобаста ба тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодии хаёти ҷомеаи мо, бо ҷорӣ намудани меъёрҳои нав дар таълим дар назди мактаб вазифаҳои нав гузошта шудаанд: фароҳам овардани фазои таълим, ки хонандагонро ба мустақилона аз худ кардани дониш бармеангезанд; фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон; кам кардани сарбории зиёдатии хонандагон.

Агар дар раванди таълим ба мактаббачагон системае ба кор бурда шавад, ки барои инкишоф додани қобилияти эҷодии бача имконият медиҳад, сифати таълими хатмкунандагон баланд шуда, одами фаъоли ҷамъиятӣ тарбия карда мешавад. Дар ҷараёни гузаронидани ин дарсҳо барои зуд ташаккул ёфтани маҳорату малакаи тафаккур, баёни хулосаҳои кӯтоҳ, вале саҳеҳ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки географияи мактабӣ кайҳо боз як фанни “сифр номенклатура” буданашро қатъ кардааст.

Вазифаи ҳар як муаллими география аз он иборат аст, ки раванди таълимро шавқовар гузаронанд. Ҳалли ин вазифаҳо низ зарурати дар дарси география татбиқи равишҳо ва технологияҳои нави педагогиро ба миён овард.

Яке аз шаклҳои самарабахши ташкили дарси география кори гурӯҳӣ мебошад.

Шаклҳои гурӯҳии кор имкон медиҳанд: нисбат ба шаклҳои анъанавии системаи синфӣ алоқаи васеътари байни мактаббачагон ба вуҷуд оваранд; аҳамияти тарбиявӣ дар таҷрибаи муштарак, ки дар натиҷаи ҳалли масъалаҳо аз ҷониби гурӯҳ ва ташаккули нуқтаи назари худ, эътиқоди илмӣ ба вуҷуд меояд; талабагон супоришҳоро дар гурӯҳ нисбат ба алоҳидагӣ беҳтар иҷро мекунанд, ки ин ҳатман ба беҳтар шудани микроиқлими равонӣ дар синф таъсир мерасонанд; ба ташкили раванди анъанавӣ навоварӣ меорад, ба рушди муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти байни омӯзгор ва як гурӯҳ хонандагоне, ки бо ҳамдигар таҳсил мекунанд, мусоидат мекунад; омӯхтани мулоҳиза, яъне маҳорати худ, ба фаъолияти худ аз берун нигоҳ кардан, фаҳмидани он, ки шумо чӣ кор карда истодаед ва ин ё он хел гап мезанед, баҳо додан ба кирдоратон инъикос меёбад.

**Принсипҳои кори гурӯҳ**

Олими эстониягӣ Х. И. Лийметс принсипҳои зерини кори гурӯҳиро ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунад:

- синф ба якчанд гурӯҳ тақсим карда мешавад; ҳар як гурӯҳ вазифаеро мегирад, ки метавонад барои ҳама якхела бошад ё фарққунанда бошад;
- дар дохили ҳар як гурӯҳ, байни иштирокчиёни он нақшҳо тақсим карда мешаванд (“пешво”, “сухангӯ”, “таҳлилгарон” ва ғайра.); раванди иҷрои супориш дар гурӯҳ дар асоси мубодилаи афкор, баҳогузорӣ сурат мегирад;
- роҳҳои дар гурӯҳ кор карда баромаданро тамоми синф муҳокима мекунанд.

Аз рӯи принсипҳои кори гурӯҳ маълум мегардад, ки ба ин гуна кор муносибати бевосита ва ҳамкории байни хонандагон хос аст, ки ба ин васила субъектҳои фаъоли таълими худ мегарданд. Ва ин ба назари онҳо мазмун ва аҳамияти фаъолияти тарбиявиро тағйир медиҳад.

**Қоидаҳои интихоби мавод барои кор дар гурӯҳҳо**

Ҳангоми интихоби маводи таълимӣ барои кори гурӯҳӣ бояд мушаххас кард, ки дар супориши барои иҷрои якҷоя пешниҳодшуда кадом намуди вазифаҳо пешниҳод карда

мешаванд. Мо бояд дар хотир дорем, ки на ҳама маводи таълимӣ барои кори гурӯҳӣ мувофиқанд.

**Қоидаҳои ташкили гурӯҳҳо**

Яке аз шартҳои муҳими ташкили самараноки кори гурӯҳҳо дуруст, боандеша гурӯҳбандӣ кардан аст. Ҳангоми пур кардани гурӯҳҳо бояд ду нишона ба назар гирифта шавад: сатҳи муваффақияти таълимии хонандагон ва хусусияти муносибатҳои байнишахсӣ.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки босаводона ташкил намудани кори гурӯҳӣ барои нигоҳ доштани солимии равонӣ ва ҷисмонии хонандагон малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, кумак ба ҳамдигарро ташаккул медиҳад; дар натиҷаи муошират ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд, ки барои ташаккули шахсият хеле зарур аст.

**АДАБИЁТ**

1. http:// lib.znaimo .com .na/ 5.
2. http:// www. eidos. ru/ journal/ 2002.
3. Баринова, И.И., Елховская, Л.И., Николина, В.В. Внеурочная работа по географии /И.И. Баринова, Л.И. Елховская, В.В. Николина. - М.: Просвещение, 1988.
4. Герасимова, Т.П., Крылова, О.В. Методическое пособие по физической географии /Т.П. Герасимова, О. В. Крылова. – М.:Просвещение, 1991.
5. Дьяченко, В.К. Диалоги об образовательных технологиях /В.К .Дьяченко // Школные технологии. – Москва, 2000. - №2.
6. Коллективная учебно познавательная деятельность школьников / под ред. И.Б. Первика. - М.: Педагогика, 1985.
7. Кравченко, Ю.А. Модель группового обучения способностям решения творческих задач /Ю.А. Коравченко //Перспективные информационные технологии и интеллективные системы. - 2007.
8. Кулинич, Г. Г. Учить играя /Г.Г. Кулинич. – М.; ВАКО, 2009.
9. Лийметс, Х. И. Групповая работа на уроке. – М. 1975. /3
10. Плюсы и минусы работе в связис внедрением ФГОС. Гусева Н.Н.
11. Сергеев, И. С. Как организовать проектную деятельность учащихся /И. С. Сергеев. – М.: АРКТИ, 2004.
12. Сохранная, Н. А. Групповые формы обучения /Н. А. Сохранная. Минск, «Красико Принт», 2007.
13. Хуторской А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты // Интернет – журнал «Эйдос». – 2002.
14. Чошанов, М. Малая груп по в учебном процессе / М. Чошанов //Директор школы.- 1999.
15. Ю. Н. Кулюткин. Психология обучения взрослых. – М., 1985, /4
16. Якиманская, И.С. Личностно ориентированное обучение в современной школе / И. С. Якиманская. – М.: Сентябрь, 1996.

## ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ БОЗИҲО ДАР ТАШАККУЛИ РАФТОРИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***РАҲИМЗОДА Файзимо Гурез** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 985 14 01 40*

Проблемаи ташаккули рафтори насли наврас дар марҳилаи имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Паст гардидани сатҳи фарҳанги рафтор ва ахлоқ боиси зарурати эҷоди равишҳо ва ҷустани роҳҳои нави ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс мегардад.

Мусаллам аст, ки заминаи маърифати рафтор аллакай дар синни томактабӣ гузошта мешавад, ки инкишофи минбаъдаи мутаносиби шахсиятро дар ҷомеа муайян мекунад.

Ташаккули рафтори кӯдакони синни томактабӣ асосан дар фаъолиятҳои гуногуни онҳо ба мисли: фаъолияти тасвирӣ, сайру гаштҳо, бозиҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Коллективи кӯдакон, ки дар он низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фаъолият ва муошированы баланди ахлоқӣ ва эстетикӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ба ташаккули шахсият ва инкишофи фардияти ҳар як аъзои он мусоидат мекунад.

Дар фаъолияти бозӣ бисёр сифатҳои мусбати кӯдак ташаккул ёфта, шавқу рағбат ва омодагӣ ба омӯзиши дарпешистода ва қобилиятҳои маърифатии ӯ инкишоф меёбанд. Бозӣ ҳам барои ба оянда омода кардани кӯдакон ва ҳам барои пурмазмуну пурғановат гузаронидани вақти онҳо муҳим мебошад. Дар фаъолияти бозӣ тафаккур, тахайл ва малакаву маҳорати кӯдакон синни томактабӣ фаъолтар гардида, қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбанд.

Бозиҳое, ки мазмуну қоидаҳои муайян доранд, аз руи таъсири тарбиявии худ шартан ба бозиҳои дидактикӣ тақсим мешаванд, ки дар онҳо, пеш аз ҳама, фаъолияти равонии кӯдакон инкишоф ёфта, донишҳо амиқ ва васеъ мегарданд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *педагог, бозӣ, кӯдакон, фаъолият, раванд, ташаккул, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, муносибат,таваҷҷуҳ, дӯстӣ, адолат, эҳсосот, робита, хоҳиш, эҷодиёти кӯдакон, тақлидкорӣ, коллектив.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИГР В ФОРМИРОВАНИИ ПОВЕДЕНИЯ ДОШКОЛЬНИКОВ

***РАХИМЗОДА Файзимо Гурез*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 985 14 01 40*

Проблема формирования поведения подрастающего поколения считается сегодня одной из важнейших проблем общества. Снижение культурного уровня поведения и нравственности приводит к необходимости создания подходов и поиска новых путей развития духовно-нравственных качеств человека.

Общеизвестно, что уже в дошкольном возрасте закладывается основа знаний о поведении, что определяет дальнейшее гармоничное развитие личности в обществе.

Формирование поведения дошкольников в основном осуществляется в различных видах их деятельности, таких как: изобразительная деятельность, прогулки, игры и др.

Детский коллектив, в котором создана система социальных отношений, деятельности и высоконравственного и эстетического общения, способствует формированию личности и развитию индивидуальности каждого его члена.

В деятельности игры формируются многие положительные качества ребенка, развивается интерес и готовность к предстоящему обучению, его познавательные способности. Игра важна как для подготовки детей к будущему, так и для осмысленного и насыщенного проведения времени. В деятельности игры активизируются мышление, воображение и умения дошкольников, развиваются их творческие способности.

Игры с определенными правилами по своему воспитательному эффекту делятся на дидактические игры, в которых, прежде всего, развивается умственная деятельность детей, углубляются и расширяются знания.

***Ключевые слова:*** *педагог, игра, дети, деятельность, процесс, формирование, духовно-нравственные качества, отношения, внимание, дружба, справедливость, чувства, связь, стремление, детское творчество, подражание, коллектив.*

# PEDAGOGICAL ASPECTS OF GAMES IN SHAPING THE BEHAVIOR OF PRESCHOOLERS

***RAKHIMZODA Faizimo Gurez*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov st.11/2,* ***phone:*** *(+992) 985 14 01 40*

The problem of shaping the behavior of the younger generation is considered today one of the most important problems of society. The decline in the cultural level of behavior and morality leads to the need to create approaches and search for new ways of developing the spiritual and moral qualities of a person.

It is well known that already at preschool age the foundation of knowledge about behavior is laid, which determines the further harmonious development of the individual in society.

The formation of the behavior of preschoolers is mainly carried out in various types of their activities, such as visual activity, walks, games, etc.

The children's team, in which a system of social relations, activities and highly moral and aesthetic communication has been created, contributes to the formation of the personality and the development of the individuality of each of its members.

In the activity of the game, many positive qualities of the child are formed, interest and readiness for the upcoming learning, his cognitive abilities develop. Play is important both for preparing children for the future and for spending time meaningfully and meaningfully. In the activity of the game, thinking, imagination and skills of preschoolers are activated, their creative abilities develop.

Games with certain rules, according to their educational effect, are divided into didactic games, in which, first of all, the mental activity of children develops, knowledge deepens and expands.

***Keywords:*** *teacher, game, children, activity, process, formation, spiritual and moral qualities, relationships, attention, friendship, justice, feelings, connection, aspiration, children's creativity, imitation, team.*

Проблемаи ташаккули рафтори насли наврас дар мархилаи имрӯза яке аз масъалахои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Паст гардидани сатҳи фарҳанги рафтор ва ахлоқ боиси зарурати эҷоди равишҳо ва ҷустани роҳҳои нави ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс мегардад.

Мусаллам аст, ки заминаи маърифати рафтор аллакай дар синни томактабӣ гузошта мешавад, ки инкишофи минбаъдаи мутаносиби шахсиятро дар ҷомеа муайян мекунад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир дар байни вазифаҳои муҳими тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мутобиқи хусусиятҳои синну сол ташаккул додани фарҳанги рафтор калидӣ дониста мешавад.

Ташаккули рафтори кӯдакони синни томактабӣ асосан дар фаъолиятҳои гуногуни онҳо ба мисли: фаъолияти тасвирӣ, сайру гаштҳо, бозиҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи педагог ва муҳаққиқи тоҷик Маҷидова Бибиҳафиза тарбия ва таълим омили муҳими инкишофёбии кӯдак мебошанд. Ташаккулёбӣ бошад, тағйирот дар инкишофи шахсияти кӯдак аст, ки он дар сифатҳои алоҳидаи ӯ зоҳир мегардад[8, С.9].

Дар синни томактабӣ қаҳрамонҳои адабиёти бадеӣ дар ташаккули ақидаҳо ва баҳодиҳии ахлоқӣ дар кӯдакон нақши муҳим доранд. Кӯдакони синни 3-4 сола ангезаҳои муносибати худро ба қаҳрамони бозиҳо дарк намекунанд, танҳо ба ӯ хуб ё бад баҳо медиҳанд.

Дар синии 4-5-солагӣ дар кӯдакон мафҳумҳои «бад» ва «хуб» то андозае бештар ташаккул меёбанд. Дар бозиҳо кӯдакон ба каҳрамонҳо аз рӯи мазмуни кирдораш баҳо медиҳанд. Кӯдакон ба таъсири мутақобилаи персонажҳои бозӣ ворид гардида ақидаҳои худро дар бораи онҳо ташаккул медиҳанд. Пас аз 4 солагӣ дар кӯдакон ҳисси ҳамдардӣ, кӯмак ба қаҳрамон ва  баҳси ахлоқӣ ба миён меояд. Амалҳои қаҳрамонони бозиҳо дар муҳити тахайюлӣ ба кӯдакон имкон фароҳам меоранд, то маромҳои рафторро дарк намояд

ва ба ин васила муносибати эмотсионалӣ дар онҳо пайдо гардида, ба қаҳрамони бозӣ баҳодиҳии ахлоқии кирдорҳо ташаккул ёбад.

Кӯдакони синни томактабӣ ҷанбаи ахлоқии афсонаҳои халқиро хуб дарк мекунанд. Ҳангоми бозиҳо тарафи манфии ахлоқии кирдорҳои қаҳрамонон боиси эътироз ва хашму ғазаби кӯдакон гардида, онҳо бошуурона дар тарафи некӣ меистанд.

Ба андешаи муҳақиқ Норова З.И. « Афсонаҳо дар тарбия ва ба камол расонидани шахсияти кӯдакон нақши муҳим доранд. Аз тариқи афсонаҳои хуб кӯдакон ба бисёре аз арзишҳои ахлоқӣ пай мебаранд. Пойдорӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ, шуҷоат, навъи дӯстӣ, умедворӣ, озодагӣ ва ҷавонмардӣ арзишҳое ҳастанд, ки дар маркази бисёре аз афсонаҳо қарор доранд. Афсонаҳо ҳамчун манбаи боарзиш дар инкишофи тафаккур, фаҳмиш, нутқ ва ҷаҳонбинии насли наврас дар тули солҳо хидмат кардаанд, зеро дар онҳо масъалаҳои муҳими педагогӣ ба воситаи образҳои дилчасп ифода ёфтаанд»[9].

Кӯдакон рафторҳои худро на танҳо бо як шахси калонсол, балки бо як ғояи умумӣ алоқаманд мекунад. Яъне, намунаи берунии рафтори калонсолон ба сатҳи ботинии кӯдакон гузашта, имкониятҳои инкишофи ахлоқии онҳоро тақвият мебахшад. Ба ин васила, кӯдакон дар бораи дӯстӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, садоқат, меҳрубонӣ ва раҳму шафқат тасаввуроти умумиро инкишоф медиҳанд.

Пас аз омӯхтани меъёрҳои рафтор кӯдакон пеш аз ҳама ба назорат кардани амалҳои ҳамсолони худ шурӯъ мекунанд. Барои кӯдакон дидаву баҳо додан ба мавҷудияти сифатҳои ахлоқӣ ва иҷрои меъёрҳо аз ҷониби ҳамсолон  нисбат ба худаш осонтар аст. Кӯдакон аксар вақт ба меъёрҳои ахлоқии рафикон дуруст баҳо дода, дар баҳодиҳӣ ба амалҳои худ хато мекунанд. Дар баъзан ҳолатҳо кӯдакон аз рафторҳои ҳамсабақон норозӣ ва шикоят назди мураббӣ мебаранд. Кӯдаке, ки ба калонсолон муроҷиат кардааст, мехоҳад худро дарк кунад, ки оё меъёр ё қоидаро дуруст мефаҳмад. Оҳиста-оҳиста ба як ҳамсол баҳо дода, худро бо ӯ муқоиса карда, баҳодиҳии рафтори ӯро аз ҷониби калонсолон ва рафиқон гӯш карда, кӯдак ба худшиносии ҳақиқӣ меояд.

Дар синни калонсоли томактабӣ кӯдакон аз ахлоқи стихиявӣ ба шуурнокӣ мегузаранд. Барои онҳо меъёри ахлоқӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои байни одамон амал мекунад. Кӯдакони калонсоли синни томактабӣ мефаҳмад; ки меъёрҳои рафтор бояд риоя карда шаванд, то ин ки  фаъолияти коллективӣ бомуваффакият рушд кунад. Зарурати назорати педагог дар чунин ҳолат аз байн меравад. Рафтори кӯдакон ҳатто дар набудани шахсони калонсол низ ахлоқӣ мешавад.

Мусаллам аст, ки бозиҳо дар муҳити коллективона барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ, ҷисмонӣ ва равонии кӯдакон сурат мегиранд.

Коллектив ин гурӯҳи шахсоне мебошад, ки ба ҳамдигар таъсир расонида, бо мақсадҳо ягона, манфиатҳо, эҳтиёҷот, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, фаъолияти якҷояи иҷрошаванда, воситаҳои фаъолият, ягонагии иродавӣ ҷамъ меоянд.

Коллективи кӯдакон, ки дар он низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фаъолият ва муоширати баланди ахлоқӣ ва эстетикӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ба ташаккули шахсият ва инкишофи фардияти ҳар як аъзои он мусоидат мекунад.

Бозии дастаҷамъӣ фаъолияти табиии кӯдакон буда, дар тарбияи бисёр сифатҳои ахлоқии онҳо, ба мисли: дӯстӣ, ҳамдилӣ, якдигарфаҳмӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, сабру тоқат, меҳнатдӯстӣ ва амсоли инҳо мусоидат мекунад[1, С.28].

Дар бозиҳои коллективона чунин ҷанбаҳои шахсият ташаккул меёбанд:

- талаботи шахсро дар муошират ва худизҳоркунӣ қонеъ мекунанд;
- ҳаёти ӯро рангоранг мегардонанд;
- таҷрибаи бойи эҳсосиро таъмин мекунанд;
- меъёрҳои рафторро муайян мекунанд;
- тавассути муошират ва муносибат бо дигарон барои шинохти худ, шароит фароҳам меоранд;
- имконият медиҳанд, ки кӯдакон худро аз ҳама ҷиҳат нишон диҳанд;
- дӯстиву рафоқатро рушд мебахшанд;
- ҳисси ягонагӣ, пешсафӣ ва ташаббусро инкишоф медиҳанд.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки интихоби бозӣ бо қувваи таҷрибаи кӯдакон ва маҳорати онҳо муайян карда мешавад. Барои он ки бозӣ шавковар гузаронда шавад, кифоя нест, ки кӯдакон танҳо бинанда бошанд. Агар кӯдаконро бо ин махдуд созем

моҳияти фаъолият паст гардида, онҳо кори калонсолонро тақлид мекунанд, ки дар натиҷа бозӣ суст ва ба мақсад мувофиқ гузаронида намешавад. Кӯдакон бояд аз воқеаҳои ҳаётӣ ва корнамоиҳои қаҳрамонҳои мусбати бозӣ ба ваҷҳ омада, дар раванди фаъолият ба онҳо тақлид кунанд.

Баъзан бозиҳо дар зери таъсири барномаҳои махсуси кӯдакона, филмҳои тасвирӣ ва омилҳои ҳаррӯзаи ҳаётӣ ба вуҷуд меоянд. Инчунин, сюжети бозиҳо барои кӯдакон метавонанд, он чизе, ки аз сайру гаштҳо, намоишҳои театрӣ ва аз боғи ҳайвонот таассурот бардоштаанд, гарданд. Кӯдакони хурдсол одатан дар бораи мақсади бозӣ ва мундариҷаи он андеша накарда ба бозӣ шурӯъ мекунанд[10].

Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки аллакай дар соли чоруми ҳаёт кӯдакони синни томактабӣ метавонанд мавзуи бозиро мустақилона интихоб кунанд ва ҳадафҳои мушаххасро гузоранд. Педагог метавонад пеш аз оғози бозӣ ба кӯдакон муроҷиат карда гӯяд, ки: «Шумо чӣ бозӣ мекунед?», «Ту дар бозӣ кадом нақшро интихоб кардаӣ?», «Шумо чӣ месозед?», «Шумо бо қатора ба куҷо меравед?», «Кадом бозичаҳо ба шумо лозиманд?» ин саволҳо кӯдаконро маҷбур мекунанд, ки дар бораи сюжети бозӣ фикр кунанд. Дар синни калонсоли томактабӣ таҷрибаи бештари бозӣ ва тасаввуроти инкишофёфта ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки худ ҳикояҳои гуногуни ҷолибро таҳия ва ҳамчун бозӣ истифода баранд.

Ҳавасмандгардонии кӯдакон барои фаъолияти бозӣ усули суҳбат низ гардида метавонад, ки ифшои чизҳои дидашуда ва хондашуда, хислатҳои қаҳрамонҳо ва таҷрибаи онҳоро ошкор мекунад. Ташкили дастаи бозӣ ва ташаккули шахсияти ҳар як кӯдак дар коллектив яке аз масъалаҳои муҳим ва хеле мураккаби педагогӣ мебошад. Ин мураккабӣ дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак нақши худро бо шавқу ҳавас иҷро карда, ҳисси воқеиятро гум намекунад. Масалан, агар ҳангоми бозӣ нақши маллоҳ ё ҳавонавард ба ҳамсабақи ӯ пешниҳод гардад, кӯдак дар раванди бозӣ метавонад аз худ норизо гардида, бозиро идома надиҳад.

Бозӣ бояд мақсаднок ташкил карда шавад. Бозӣ набояд аз ҳад зиёд эҳсосӣ бошад, зеро норозигиро дар байни аъзоён бавуҷуд меорад[14,С.6].

Агар бозӣ кӯдакро сахт мафтун кунад ва агар ӯ бошуурона ва амиқ ба нақш ворид шуда бошад, он эҳсосоти эгоистиро мағлуб мекунад. Вазифаи педагог аз он иборат аст, ки кӯдаконро бо намунаҳои беҳтарин аз ҳаёт ва фаъолияти одамон, ки ба ташаккули эҳсосот ва ҳавасмандии мусбӣ мусоидат мекунанд, омӯзонад.

Дар раванди мушоҳидаҳои педагогӣ ба мо аён мегардид, ки ҳар як кӯдак мехоҳад нақши роҳбарро иҷро намояд. Вале на ҳамаи кӯдакон аз уҳдаи иҷрои ин нақш мебаромаданд. Нақши роҳбарро бозидан аз шахс заҳмати зиёдро талаб дорад: бо рафиқон дар созиш омадан, адолатона муносибатҳоро ҷорӣ намудан, мимика ва симои ҷозибанок доштан ва ғайра. Новобаста аз ин, бояд педагог дар ҳамаи кӯдакон қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва роҳбариро тарбия намояд.

Дар фаъолияти бозӣ бисёр сифатҳои мусбати кӯдак ташаккул ёфта, шавқу рағбат ва омодагӣ ба омӯзиши дарпешистода ва қобилиятҳои маърифатии ӯ инкишоф меёбанд. Бозӣ ҳам барои ба оянда омода кардани кӯдакон ва ҳам барои пурмазмуну пурғановат гузаронидани вақти онҳо муҳим мебошад. Дар фаъолияти бозӣ тафаккур, тахайл ва малакаву маҳорати кӯдакон синни томактабӣ фаъолтар гардида, қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбанд. Ҳангоми фаъолияти бозӣ қобилияти банақшагирӣ ва амалӣ намудани он, тафаккури эҷодӣ ва ҷустани роҳҳои иҷроиши масъалаҳо ташаккул меёбанд[13, С.8].

Дар бозӣ бо ҳамсолон кӯдакон ба қоидаҳо ва зарурати риояи онҳоро меомӯзанд. Дар бозии коллективона ирода, истодагарӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия карда мешавад. Инчунин, бозӣ амалҳои муштарак ва дастаҷамъонаро таълим медиҳад. Қобилияти худро идора карданро дар ҳолатҳои гуногун инкишоф медиҳад.

Дар бораи фаҳмиш ва моҳияти бозӣ ҳаминро қайд кардан мехоҳем, ки бозӣ яке аз намудҳои фаъолияти инсон мебошад. Он ҳамчун як падидаи мураккаб ва ҷолиби ҳаёт диққати одамони касбу кори гуногун: педагогҳо, равоншиносон, файласуфон, сотсиологҳо ва физиологҳоро ба худ ҷалб кардааст. Дар бисёр рисолаҳои илмӣ оид ба мавқеи бозиҳо дар ташаккули сифатҳаи маънавӣ-ахлоқии шахс дарҷ гардидааст.

Моҳияти тарбиявии бозиҳо дар ашъори Крупская Н.К. ва Макаренко А.С. баръало нишон дода шудааст. Ба андешаи онҳо арзиши асосии бозӣ дар он аст, ки вай фаъолияти коллективона буда, муносибатҳои ҷамъиятиро тарбия мекунад. Бозиҳое вуҷуд доранд, ки

шахсро рӯҳбаланд ва ба шӯр меоранд ва бозиҳое низ ҳастанд, ки боиси таассубу парешонӣ ва хислатҳои манфиро тарбия мекунанд. Таъсири тарбиявӣ пайдо кардани бозиҳо бештар аз шахсе, ки бозиро омода ва ташкил мекунад, вобаста мебошад. Крупская Н.К. қайд мекунад, ки дар раванди бозӣ танзими аз ҳад зиёд ба инкишофи интизоми бошуурона таъсир расонида, ташаббусҳоро пахш карда, бозиро беҳиссиёт мегардонад. Аз ин рӯ, барои зуҳури ташаббусҳо шароит фароҳам оварда, дар ин раванд хусусиятҳои синну солиро ҳатман ба эътибор гирифтан лозим аст.

Ба андешаи Покровский Е.А. бозӣ моҳияти бузурги педагогӣ дошта, яке аз усулҳое мебошад, ки кӯдакон тадриҷан олами беруниро азхуд мекунанд[15].

Бояд қайд кард, ки бозӣ як фаъолиятест, ки аз корҳои ҳаррӯза фарқ мекунад. Инсоният барои худ олами ихтироъкардаеро меофарад, ки дар паҳлӯи олами табиӣ вуҷуд дорад. Бозӣ ҳам барои инсон мисли як олами тахайюлие мебошад, ки аз олами табиӣ бо гуногунии худ тафовут дорад.

Бозӣ барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ, рӯҳӣ ва қаноатмандии худ аз раванди иҷрои амал омода карда мешавад.

Маҳз дар бозиҳо шахс худро дар олами тахайюлӣ тасаввур карда истиқлолияти комилро ба даст меорад. Дар раванди бозӣ шахс метавонад ба гузашта баргардад, ба оянда нигарад ва як амали писандидаро борҳо такрор кунад.

Дар бозӣ кӯдак зиндагӣ карданро намеомӯзад, балки ҳаёти ҳақиқии мустақили худро эҷод мекунад. Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ аз ҳама намуди фаъолиятҳо наздик буда, эҳсосот ва таъсуроти хотирмон барҷо мегузорад.

Фаъолияти бозӣ тавре сохта мешавад, ки дар натиҷа вазъияти хаёлӣ ба вуҷуд меояд. Дар бозӣ кӯдакон амал карданро дар вазъиятҳои гуногун меомӯзанд.

Дар марҳилаҳои аввали рушди кӯдакон бозӣ барои иҷрои амалҳои воқеӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳангоми бозӣ вақте, ки кӯдак қошуқи холиро ба даҳони лухтак барои хӯронидани хӯрок мегузорад, тахайюл алакай ба ин раванд ҳамроҳ мешавад.

Бозиҳо аз ҷиҳати мазмун ва шакл гуногун буда, кудаконро ба доираи зуҳуроти ҳаёти воқеӣ ворид намуда, азхудкунии беихтиёри таҷрибаи ҷамъиятӣ сурат мегиранд. Дар бозӣ услуби муносибат, муошрати кӯдак бо ҳамсолон ва калонсолон ташаккул ёфта, эҳсосот ва завқ тарбия карда мешавад.

Ба андешаи педагог Попова Е.В. «Бо вуҷуди он, ки бозиҳо тамоми функсияҳои равонии кӯдаконро ба мисли: тафаккур, тасаввурот, нутқ, диққат, хотира, амалҳо ва эмотсияро инкишоф медиҳад, инчунин, ба рушди шахсии онҳо таъсири калон мерасонанд. Яъне, бозиҳо кӯдаконро иҷтимоӣ мекунанд, тарзи муоширатро рушд мебахшанд, иҷрои амалҳоро меомӯзонанд ва худбаҳодиҳиро тарбия мекунанд»[12, С.39].

Тавре зикр кардем, бозиҳои кӯдакон аз рӯйи мазмун, ташкил, қоидаҳо, хусусият, таъсир, намудҳои ашёи истифодашаванда, пайдоиш ва гайра гуногунанд. Дар илми педагогика бозиҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

- бозиҳои эҷодӣ;
- бозиҳо бо иҷрои қоидаҳо.

Кӯдакон мазмуни бозиҳои эҷодиро ба вуҷуд оварда, дар онхо таассурот, дарки муҳити атроф ва муносибатро инъикос мекунанд.

Гурӯҳи бозиҳои эҷодӣ аз бозиҳои накшбозӣ, бинокорӣ ва ихтироъкорӣ иборат аст, ки дар онҳо кӯдакон таассуроти худро аз ҳаёти атроф ба таври мушаххас инъикос мекунанд. Инчунин, ба ин гурӯҳ бозиҳои драмавӣ, ки дар онҳо кӯдакон ба таври эҷодӣ мазмуни асарҳои адабӣ ва драмавиро иҷро мекунанд, дохил мешаванд.

Бозиҳои эҷодӣ таассуроти кӯдаконро аз ҳаёти атроф, умқи дарки онҳо дар бораи падидаҳои муайяни ҳаёт инъикос мекунанд.

Дар навбати худ, ҳарду гурӯҳи бозиҳо навъҳои худро доранд. Бозиҳо бо қоидаҳо аз ҷониби шахсони калонсол роҳандозӣ гардида, риояи қоидаҳо дар онҳо ҳатмӣ мебошанд. Бозиҳои халқӣ низ коидаҳои махсуси худро доранд, ки аксари онҳо аз насл ба насл интиқол меёбанд.

Бозиҳое, ки мазмуну қоидаҳои муайян доранд, аз руи таъсири тарбиявии худ шартан ба бозихои дидактикӣ тақсим мешаванд, ки дар онҳо, пеш аз ҳама, фаъолияти равонии кӯдакон инкишоф ёфта, донишҳо амиқ ва васеъ мегарданд.

| Бозиҳои эҷодӣ | Бозиҳо бо қоидаҳои муайян |
|---|---|
| • Бозиҳои театрикунонидашуда<br>• Бозиҳои сюжетӣ(нақшбозӣ)<br>• Бозиҳои ихтироъкорӣ(аз масолеҳи сохтмонӣ)<br>• Бозиҳои режесуравӣ | • Бозиҳои серҳаракат:<br>- сюжетӣ;<br>- бесюжетӣ;<br>- варзишӣ.<br>• Дидактикӣ(аз рӯйи самт):<br>- мантиқӣ-математикӣ;<br>- барои инкишофи нутқ;<br>- барои рушди эстетикӣ;<br>- салоҳияти варзишӣ;<br>- салоҳияти экологӣ;<br>- рушди мусиқӣ;<br>- барои инкишофи иродавӣ-ҳиссӣ;<br>- барои имконият додан;<br>- рӯйи мизӣ;<br>- бо ашё ва бозичаҳо;<br>- бо тарзи сухан. |

Ба андешаи мо ба таври возеҳ гуфтан мумкин нест, ки таснифоти дар боло зикршуда аллакай ниҳоӣ мебошад. Илми педагогика инкишоф ёфта, назарҳо нисбати таснифоти бозиҳо такмил меёбанд.

Баъд аз таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ ба сохтори онҳо таваҷҷуҳ мекунем. *Ба бозиҳои эҷодӣ чунин ҷузъҳои сохторӣ хосанд:*

- ҳолати хаёлӣ;
- сюжети бозӣ;
- нақшҳои бозӣ;
- амалҳои бозӣ
- истифодаи бо ашё
- сухан
- муносибатҳо дар раванди бозӣ.

*Сохтори бозиҳо бо қоидаҳо:*

- мақсад ва маром;
- қоидаҳои бозӣ
- ҳаракатҳои бозӣ;
- муносибатҳо дар раванди бозӣ;
- сухан;
- натиҷа.

Ҷузъҳои сохтории намудҳои гуногуни бозиҳоро таҳлил карда, мо фарқияти асосии онҳоро дида метавонем ва ба хулосае омода метавонем, ки дар бозиҳои эҷодӣ қоидаҳои қатъии муқарраршуда вуҷуд надоранд. Онҳо танҳо дар бозиҳо бо қоидаҳо дида мешаванд.

Набудани қоидаҳои қатъии муқарраршуда дар бозиҳои эҷодӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки таҳияи бозиро дар интихоби шарикон, мақсаднокӣ, интихоби сюжет ва мавод муайян созанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бозиҳо бо қоидаҳо бояд оддӣ бошанд. Бозиҳое, ки боиси тарсу ваҳми кӯдакон мегарданд, набояд омода ва баргузор карда шаванд[11, С.33].

Мавқеи бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон на аз рӯи вақти ба он ҷудогардида, балки аз ҷиҳати таъмин кардани талабот, бартараф кардани ҳолатҳои равонӣ ва хушу гуворо гузаронидани вақти онҳо муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, бозиҳо барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти дӯстдошдатарин ба ҳисоб мераванд. Дар бозӣ кӯдакон пурра субъекти фаъолияти худ мегарданд. Маҳз худи онҳо ташкилкунанда ва манфиатдор аз бозӣ мебошанд. Кӯдакон метавонад сюжети бозиро эҷод кунанду онро амалӣ созанд ва аз бурду бохти худ дар раванди бозӣ розӣ ё норизо гарданд.

Дар бозӣ кӯдакон рафторҳои худро идора карда, амалҳои инфиродиро меомӯзанд. Кӯдакон бо иҷрои ин ё он нақш меъёрҳои рафторро дар ҷомеа аз худ мекунанд. Ва ба ин васила, ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии худро рушд мебахшанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бирюкова, К.С. Коллективные игры как средство профилактики агрессивного поведения детей старшего дошкольного возраста. –Пенза, 2020. -77с. –С.28
2. Гудырина, К.В. Нравственное воспитание детей дошкольного возраста в процессе совместной деятельности / К.В. Гудырина. -Челябинск– 2017. -74с.
3. Евтушенко, И.Н. Развитие и воспитание детей раннего возраста / И.Н. Евтушенко. – Челябинск: Изд-во Южно-Урал. гос. гуман.-пед. ун-та, 2019. – 282 с.
4. Зворыгина, Е.В. Первые сюжетные игры малышей / Е.В. Зворыгина. - М.: Просвещение, 1988. -102с.
5. Змановский, Ю. Ф. Воспитаем детей здоровыми / Ю. Ф. Змановский . -М. : Медицина, 1989. -128 с.
6. Иматова, Л.М. Теоретическая обоснованность реализации принципа преемственности в непрерывном образовании старших дошкольников и младших школьников в аспекте речевого развития: Автореф. ...док.пед.наук / Л.М.Иматова. – Душанбе, 2013. -46с.
7. Кулуева, А.В. Методическая разработка «Технологии развития и коррекции сюжетно-ролевой игры у дошкольников с ЗПР» / А.В.Калуева. –М.:2021. -48с.
8. Маҷидова, Б. Педагогикаи томактабӣ / Б.Маҷидова. –Душанбе, 2011. -242с.
9. Норова, З.И. Нақши афсона дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. –[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/na-shi-afsona-dar-tashakkuli-a-onbinii-honandagoni-sinf-oi-ibtido
10. Овсянникова, М. П. Значение игры для дошкольников / М. П. Овсянникова, А. А. Кутняк, И. Н. Балакина. –[Манбаи электронӣ]: https://moluch.ru/archive/143/40177/ (Санаи мурочиат 20.04.2023)
11. Подвижные игры в общеобразовательных и коррекционных учреждениях./ под ред. С.Л. Фетисовой, А.М. Фокина. - СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2015. - 237 с. – С.33
12. Попова, Е.В. Игры и игрушки для детей раннего и дошкольного возраста./ Е.В. Попова. – Челябинск: Изд-во Южно-Урал.2017. – 143 с. –С.39


## НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОН

***ҲОТАМОВ Фаридун Мирзораҳимович*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. М.Турсунзаде 8/1а.* ***E-mail:***faridun.khotamov@mail.ru, ***тел:***+(992) 989 01 17 17

Дар мақола хусусиятҳо ва нақши муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки маҳз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ имкониятҳои бузурги педагогӣ доранд ва дар тарбияи ҳуқуқии хонандагони болаёқат нақши муассир доранд. Инчунин, аҳамиятнокии масъалаи баррасишаванда, асосҳои назариявӣ ва методии таҳсилоти иловагӣ дар илми педагогика, масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби муаллиф мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, таълимгирандагон, истеъдод, ташаккул, фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқии хонандагон.*

# РОЛЬ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ

***ХОТАМОВ Фаридун Мирзорахимович*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, города Душанбе, ул. М.Турсунзаде 8/1а.* ***E-mail:*** *faridun.khotamov@mail.ru,* ***тел****: +(992)989 011 717*

В статье рассматриваются особенности и роль учреждений дополнительного образования в формировании правовой культуры учащихся. Автор отмечает, что именно учреждения дополнительного образования обладают большими педагогическими возможностями и играют эффективную роль в правовом воспитании одаренных учащихся. Также автором рассмотрены актуальность рассматриваемого вопроса, теоретико-методологические основы дополнительного образования в педагогической науки, вопросы воспитания и обучения обучающихся в учреждениях дополнительного образования.

***Ключевые слова:*** *образование, дополнительное образование, учреждения дополнительного образования, правовое воспитание, юридическое образование, обучающиеся, одаренности, формирование, культура, правовая культура учащихся.*

# THE ROLE OF ADDITIONAL EDUCATION IN THE FORMATION LEGAL CULTURE OF STUDENTS

***KHOTAMOV Faridun Mirzorakhimovich*** *– degree seeker of the Institute of Education Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzoda st. 8/1a.* ***E-mail:*** *faridun.khotamov @mail.ru,* ***phone****:+(992) 989 01 17 17*

The article discusses the features and role of institutions of additional education in the formation of the legal culture of students. In the article, the author notes that it is the institutions of additional education that have great pedagogical capabilities and play an effective role in the legal education of gifted students. The author also considered the relevance of the issue under consideration, the theoretical and methodological foundations of additional education in pedagogical science, the issues of education and training of students in institutions of additional education.

***Keywords:*** *education, additional education, institutions of additional education, legal education, legal upbringing, students, talent, culture, legal culture of students.*

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади асосии он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, конеъ гардонидани рағбат, эхтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Асосҳои ҳуқуқии танзими таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин пеш аз ҳама аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Аз ҷумла, дар моддаи 41-и Конститутсия муқаррар карда шудааст, ки "Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад" [1].

Дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита фаъолияти таҳсилоти иловагӣ ва махсусан муассисаҳои таҳсилоти иловагиро ба танзим медарорад ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ" мебошад, ки 16 апрели соли 2012, таҳти №826 қабул карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 1-и қонуни мазкур дар зери мафҳуми таҳсилоти иловагӣ низоми таълиму тарбия, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомузӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст фаҳмида мешавад [2].

Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ аз инҳо иборатанд:

-тарбия ва таълими шаҳрвандон;

- инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;

- тарбия дар руҳияи инсондустӣ, ватандустӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- инкишоф додани ҳисси эхтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;

- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;

-ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;

- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;

- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;

- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;

-амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;

- такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;

- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ.

Шаҳрвандон таҳсилоти иловагиро метавонанд берун аз барномахои асосии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар намуди муассисаҳои таълимӣ гиранд. Гирифтани таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиёрии навъҳои муассисаҳо ва намудҳои фаъолият асос ёфта, бо розигии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад. Падару модарон бо мақсади истифодабарии самараноки вақти холии фарзандон барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани онҳо вобаста ба майлу хоҳиш, рағбат ва қобилияташон мусоидат менамоянд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ин муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимӣ, ки фаъолияти онҳо ба ташаккули дониш, малака, маҳорат, қобилият, инчунин инкишофи зехнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон нигаронида шудааст. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ яке аз муҳимтарин намуди муассисаҳои таълимӣ ба шумор мераванд, ки ба азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон мусоидат мекунанд. Таҳсилоти иловагӣ, ба ибораи Чендева И.В. як навъи махсуси таълимест, ки фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои рушд, худшиносӣ ва худтакмилдиҳии хонандагонро ташкил мекунад. Маҳз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон мусоидат намуда, имкониятҳои аз худ намудани меъёрҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангиро васеъ менамоянд [3].

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, қасрхо, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, стансияҳо, студияхо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишгоҳҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият намоянд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмуӣ ва соҳавӣ бошанд. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмуӣ фаъолияти худро аз руи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию

гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандустӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмуӣ қасрхо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз руи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикӣ, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандустӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдустон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонӣ мансуб мебошанд.

Иттиҳодияҳои эҷодии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба тарзи зайл тасниф карда мешаванд:

а) ибтидоӣ - намуди иттиҳодияи эҷодии самти инкишофи умумӣ, ки барои ошкор намудани қобилияту истеъдоди таълимгирандагон ва инкишофи шавқу рағбати онхо ба фаъолияти эҷодӣ мусоидат менамояд;

б) асосӣ - намуди иттиҳодияи эҷодие, ки шавқу рағбати устувори таълимгирандагонро инкишоф дода, ба онҳо дониш, маҳорату малакаҳои амалӣ медихад ва эҳтиёҷоти онҳоро зимни интихоби касб қонеъ мегардонад;

в) олӣ - намуди иттиҳодияи эҷодие, ки аз руи шавқу рағбат барои таълимгирандагони қобилиятноку боистеъдод таъсис дода мешавад.

Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз руи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) илмию техникӣ, ки азбар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмхои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;

2) таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фароҳам овардани шароит барои худтакомули эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;

3) ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосҳои илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъмин мекунад;

4) китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон баҳри муайян ва мустаҳкам кардани мавкеи онхо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;

5) экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онхо, андухтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбури асалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологиро пешбинӣ менамояд;

6) сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектхои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;

7) бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андухтани онхоро таъмин менамояд;

8) тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи қобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;

9) ҳарбию ватандустӣ, ки тарбияи ҳисси ватандустӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати ҳарбӣ таъмин мекунад;

10) солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити заруриро барои истирохати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи хаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд.

Таҳсилоти иловагӣ дар шакли равиявӣ мувофики имкониятхои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хохиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо назардошти дараҷаи тахсилот, ихтисос, собикаи кор, синну сол, хусусиятҳои руҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онхо дар шаклҳои машғулият, маҳфил, дарс, лексия, машғулияти фардӣ, конференсия, семинар, хониш, саволу ҷавоб, консерт, мусобиқа, машқ, саёҳат, экспедитсия, кори амалӣ дар озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, гармхона, қитъаҳои замини илмию таҷрибавӣ, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар табиат ва дигар шаклҳои пешбининамудаи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад.

Шумораи таълимгирандагон дар гуруҳҳо вобаста ба соҳа ва имкониятхои ташкили раванди таълиму тарбия, инчунин тартиби ташкили корхои фардӣ ва гуруҳӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи талаботи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешавад.

Ба андешаи мо, маҳз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ имкони татбиқи самтҳои дар боло зикршударо барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон фароҳам меоранд.

Таҷрибаи шахсӣ ба мо имкон медиҳад, ки қайд кунем, ки маҳз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ имкониятҳои бузурги педагогӣ доранд ва дар тарбияи ҳуқуқии хонандагони болаёқат нақши муассир доранд.

Асосҳои назариявӣ ва методии таҳсилоти иловагӣ, инчунин масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби Корнеева С.Ю., Лаврова М.Е., Лобанова В.В., Морозова Н.А., Нестерова В.В., Обухов Д.А. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бисёре аз муҳаққиқон Лобанов В.В., Морозова Н.А., Филатова  М.Н. қайд мекунанд, ки таҳсилоти иловагӣ хусусиятҳои фарққунандаи хоси худро доро аст, ки дар он интихоби озоди вақт ва самтҳои фаъолият, гуногуншавӣ, омезиши органикии намудҳои гуногуни истироҳат ва фаъолияти хуби тарбиявӣ дида мешавад.

Филатова М.Н. муассисаҳои таҳсилоти иловагиро ҳамчун фазои тарбиявии рушди иҷтимоию фарҳангии хонандагон тавсиф менамояд, ки он азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, муносибатҳо, намунаҳои рафтор, инчунин ташаккули малакаи муошират ва рафтору кирдор дар асоси эҳтироми ҳамдигар, ҳамкорӣ, аз худ намудани донишҳо оид ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангиро таъмин менамояд [4].

Афзалиятҳои таҳсилоти иловагӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои таҳсилот дар хусусиётхои зерин зоҳир мешавад:

- интихоби озодонаи фаъолият мутобиқи шавқу эҳтиёҷот, майлу таҷрибаи худ;
- ба хонандагон имконияти интихоби озоди барномаи таълимии иловагӣ ва шаклҳои ташкили раванди таълим;
- имкони ташкили ҳамкории байниидоравӣ ва ҷалби тамоми субъектҳои таълим;
- дастрас будани таҳсилот барои ҳамаи гуруҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла кӯдакон ва наврасоне, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон, васеъ намудани андешаҳои ӯ дар бораи ҷомеа, худшиносӣ ва дар ин замина худмуайянкунии бомуваффақияти касбӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ӯ дар ҳаёт имкониятҳои заруриро фароҳам меорад.

Сергеева О.Ю. фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагиро ҳамчун раванде тавсиф мекунад, ки фаъолияти онҳо ба рушди шахсияти кӯдакон, қонеъ кардани ниёзҳои онҳо, худмуайянкунӣ ва худтакмилдиҳии эҷодӣ нигаронида шудааст [05].

Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ имкон медиҳад, ки доираи васеи вазифаҳои вобаста ба таълиму тарбияи хонандагон ҳал карда шавад. Дар байни онҳо, вазифаҳои зерин инҳоянд:

- муҳайё намудани шароит барои инкишофи қобилияти эҷодӣ, мустаҳкам намудани саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим, худмуайянкунии касбӣ;
- мусоидат ба раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ва рушди шахсии хонанда;

- ташаккули фарҳанги умумӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон дар шароити муосир аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Имкониятҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар таҳқиқотҳои Баринова М.Г., Бессонова Н.В., Буйлова Л.Н., Герасимова Л.А., Куприянов Б.В. исбот шудаанд.

Куприянов Б.В. хусусиятҳои асосии зерини муассисаҳои таҳсилоти иловагиро муайян мекунад:

- мусоидат ба раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ, азхудкунии иттилооти иҷтимоӣ аз ҷониби хонандагон бо роҳи таъмини озодии шахс ва таҳсилот, имкон додан ба онҳо барои интихоби соҳа ва тарзи зиндагии мустақилона;

- муҳайё намудани шароит барои инкишофи амиқи соҳаҳои махсуси ҳаёт мувофиқи талабот ва хоҳиши хонандагон;

- имконияти интихоби мазмуни таълими иҷтимоӣ мувофиқи талабот ва имкониятҳои хонандагон, дастовардҳои онҳо, нишон додани муваффақият дар соҳаҳои аҳамияти иҷтимоӣ [6].

Турик Л.А. таъсири ташаккули шахсияти хонандагонро дар фазои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо чунин хусусиятҳо, ба монанди фардикунонии таҳсилот, ки ба хусусиятҳо, шавқу завқ ва сатҳи инкишофи кӯдак мувофиқ аст, мепайвандад [7].

Самаранокии татбиқи имкониятҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бештар аз маҳорати касбӣ, қобилият ва хусусиятҳои шахсии омӯзгор вобаста аст.

Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти касбии омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ дар тадқиқотҳои Карачева Е.В., Нестерова В.В., Чендева И.В. ва дигарон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Чендева И.В. бо назардошти хусусиятҳои асосии фаъолияти омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ ҳамчун гурӯҳи иҷтимоию касбӣ хусусиятҳои зеринро муайян мекунад: таҳияи мустақилонаи барномаи таълимӣ ва методӣ, малакаи таҳлилӣ ва ташкилотчигӣ, қобилияти ба инобат гирифтан, шавқу хавас ва талаботи воқеии хонандагон [8].

Фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ақидаи Белякова Т.С. хусусиятҳои худро дорад, ки бо зарурати қонеъ гардонидани талаботи доимо тағйирёбандаи инфиродии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таълимии хонандагон ва волидони онҳо алоқаманд аст. Омӯзгори муассисаи таҳсилоти иловагӣ ҳуқуқи кӯдакро ба озмоиш ва хатогиҳо дар интихоби самти барномаи таҳсилоти иловагӣ эътироф намуда, бояд барои ҳар як хонанда шароити муваффақият фароҳам оварад, барои инкишоф додани фаъолият, ташаббус, мустақилӣ, малакаҳои муоширати онҳо саъй намояд [9].

Карачева Е.В. бо таҳлили пурмазмуни мафҳуми «салоҳияти касбии омӯзгори таҳсилоти иловагӣ» ҷузъҳои зеринро муайян мекунад: доштани дониш дар соҳаи худ, мақсаднокӣ, равиши байнифанӣ, салоҳияти иттилоотию коммуникатсионӣ, доштани дониши технологияҳои муосири таълимӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва масъулиятшиносӣ [10].

Кочергина Г.Д. хусусияти субъективии ҳамкории омӯзгорон ва хонандагонро дар ташкили таҳсилоти иловагӣ қайд мекунад, ки дар рафти он мубодилаи мақсадҳо, арзишҳо, амалҳо, ғанӣ гардонидани таҷрибаи шахсӣ ва ҳолати ҳамаи иштирокчиён сурат мегирад. Ба ақидаи муаллиф, маҳз хусусияти субъективии таъсири мутақобила боиси тағйироти низоми тамоюли арзишҳои хонандагон мегардад [11].

Ба андешаи Сергеева О.Ю. принсипҳои фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ инҳоянд: инсондӯстӣ, тамоюли арзишмандӣ, тамоюли мубодилаи озоди афкор [12].

Нестерова В.В. масъалаи ҳамкории хонандагону омӯзгоронро баррасӣ намуда, принсипҳои зерини ташкили онро дар низоми таҳсилоти иловагӣ нишон медиҳад:

- муколама ва эҷоди муштарак;
- ихтиёран ва мустақилона интихоби самти фаъолият;
- масъулияти тарафайн;
- муносибати эҷодӣ ба раванди фаъолият [13].

Дар асоси гуфтаҳои боло бояд таъкид кард, ки омили муҳими ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шахсияти омӯзгор, омодагии ӯ ба ҳамкорӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкории субъектҳои раванди таълим мебошад.

Дар татбиқи барномаҳои иловагии таълимӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон омӯзгорони дорои таҷрибаи кор дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ нақши муҳим мебозанд. Чунки собиқаи корӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ робитаи байни назария ва амалияи татбиқи онро дар раванди таълим таъмин менамояд. Шиносоии хонандагон бо мисолҳои мушаххаси ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ, ки дар он ноболиғон ҷалб мешаванд ва таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба онҳо таҷрибаи иҷтимоию ҳуқуқии хонандагонро хеле васеъ ва ғанӣ мегардонад.

Ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёт ба мо имкон дод, ки самтҳои зеринро муайян кунем, ки дар онҳо чорабиниҳо оид ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ зарур аст:

а) иттилооти ҳуқуқӣ, ки бо роҳи азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимии иловагӣ таъмин карда мешавад;

б) таълими ҳуқуқӣ, ки бо ҷалби тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ дар байни хонандагон ва волидони онҳо;

в) таҷрибаи ҳуқуқӣ, ки дар шакли боздид аз мақомотҳои судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкили мурофиаҳои судӣ;

г) худомузии ҳуқуқӣ (фаҳмишҳо дар бораи зуҳурот ва равандҳои ҳуқуқӣ, шиносоии мустақилона бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, омода намудани пешниҳодот ва мурочиат ба мақомотҳои дахлдор ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта).

Хусусиятҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба раванди таълим вобаста буда, аз инҳо иборатанд: иштироки ихтиёрӣ дар иттиҳодияи эҷодӣ; шаклҳои ташкили раванди таълим ва намудҳои фаъолияти хонандагон; хамкории омӯзгору хонанда дар раванди таълим (муҳити хамкорӣ); ташкили низоми хуби фаъолияти таълимӣ, ки ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии хонандагон нигаронида шудааст.

Шарти ягонаи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар раванди таълимӣ кори банақшагирифташуда ва возеҳи мураббӣ дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ дар маҷрои додашуда мебошад. Ҳар гуна методҳои таълимро дар раванди машқулиятҳо, ки таъйиноти асосии он ташкили азхудкунии иттилоот аз ҷониби наврасон мебошад, бо мақсадҳои муайяни тарбиявӣ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, гурӯҳи наврасони калонсол бо кумаки мураббӣ машғулияти тамриниро бо усулҳои намоишӣ, машқҳо, мусобиқаҳо барои варзишгарон – навшогирдон ва ғайра омода мекунад. Ин метавонад як ҳунарнамоии намоишӣ барои ҷашнвора ё пеш аз мусобиқаҳо, дар назди волидон ва ё дар назди рафиқон, ё он метавонад намоиши гурӯҳе, ки мураббӣ бо мақсади таълими пешраванда фарқгузорӣ кардааст, ё хоҳиши кумак кардан ба педагог бошад. Пас аз баргузории чорабинӣ мо бо варзишгарони наврас ва мураббиён суҳбат оростем. Мо ба он таваҷҷӯҳ кардем, ки наврасон ҳангоми омодашавӣ ба машғулияти тамринӣ чиро эҳсос мекунанд, оё онҳо аз баромади хуб омодашуда қаноатманданд, дар раванди омода кардани ин ҳунарнамоии намоишӣ барои онҳо чӣ (баҳои мураббӣ, таъриф, тасдиқи мураббӣ ё рафиқон, қаноатмандии шахсӣ) аз ҳама муҳим аст. Дар асоси натиҷаҳои чунин пурсиш, гуногунии назарҳои кӯдакон аён гардид. Як қисми он аз кори анҷомшуда қаноатмандӣ ба даст оварда, барои он ҳамчун лаҳзаи мусбат тасдиқи рафиқон, волидон ва мураббӣ гардид, қисми дуюм ба гирифтани қаноатмандӣ аз техникаи шахсӣ таъкид намуд. Далели ҷолиб он аст, ки қисми якуми посухдиҳандагон асосан дар педагогҳое, ки ба ҷанбаи тарбиявии тамринҳо таъкид мекунанд, ва қисми дуввум дар мураббиёне, ки самтнокии тарбиявиро алоҳида ҷудо намекунанд, тамрин мекарданд.

Барои омӯзиши мукаммалтари фаъолнокии ахлоқӣ-иродавӣ дар раванди тарбияи наврас, вале бо надоштани имконияти мустақиман муайян кардани ин сатҳ, мо кӯшиш кардем онро аз тариқи мавҷуд ё набудани идеали ахлоқӣ чен кунем, зеро дар он эътиқод ва дидгоҳҳои ахлоқӣ ба тарзи муайян инъикос меёбанд.

Мо кӯшиш кардем, ки наврасро дар вазъиятҳои махсуси ташкилшудаи педагогӣ қарор диҳем. Мо маълум кардем, ки варзишгарони наврас махсусан дар таҳлил ва арзёбии вазъиятҳои ҳаётӣ бо мазмуни ахлоқӣ-иродавӣ душворӣ мекашанд. Масалан, наврасон омодаанд аз корҳое, ки барои онҳо ҷолибанд, даст кашанд ва омода нестанд, ки барои рафиқони худ масъул бошанд. Тааҷҷубовар бепарвоии бисёре аз онҳо ба расонидани кумак ҳангоми дар беморхона будани рафиқи маҷрӯҳ, ба шарти сарфи миқдори зиёди вақти шахсии онҳо, мебошад. Бепарвогии мазкур қисман бо он шарҳ меёбад, ки дар амалияи оммавӣ мураббӣ вазифаи махсусеро ба миён намегузорад – бедор кардани талабот дар таълимгиранда ба анҷом додани ягон чиз бо ташаббуси худ; худи мураббӣ вазифаҳои доимиро дар байни кӯдакон тақсим мекунад ё ба онҳо супоришҳои алоҳида медиҳад. Ҳамин тариқ, таҳлили иттилоотҳои бадастомада сатҳи нокифояи раванди худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасонро муайян кард, ки ин ба зарурати тамоюлдиҳии мақсаднок ва низомноки раванди таълимӣ-тамринӣ ба ташаккули сифатҳои дар боло номбаршуда дар наврасон ишора мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Веденов, А.В. Личность и ее развитие в свете социальной психологии [Текст]. // Сов. Педагогика – 1969. – № 12. – С. 24 – 30.

2. Виготский, Л.С. Проблемы возрастной периодизации детского развития [Текст] // Вопросы психологии. – 1972. – №2. – С. 114 – 123.

3. Бодалев, А.А. О проблемах воспитания и их комплексной разработке [Текст]//Советская педагогика. – М., 1978.– №7.– С. 12 – 20.

4. Голнева, В.А. О некоторых особенностях организаторских умений школьников. Вопр. психологии [Текст]. – М., 1959. – 151 с.

5. Данилов, Д.А. Дифференциация в теории-практике. Совершенствование образовательной системы в Республике Саха (Якутия): Сборник научных статей [Текст]. – Якутск: ЯГУ, 1996. – 256с.

6. Доскина, В.А. Тест дифференцированной самооценки функционального состояния [Текст] / В.А. Доскина, Н.А. Лаврентьев // Вопросы психологии. – 1973. – № 6. – С. 27 – 32.

7. Даштаянтс, С.А. Развитие волевых качеств у старших школьников в процессе выполнения общественных поручений [Текст]: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. – М., 1975. – 21 с.
8. Левитов, Н.Д. Детская и педагогическая психология [Текст]. – М.: Просвещение, 1964. – 478 с.
9. Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения [Текст]. – М., 1980. – 120 с.
10. Орлов, Ю.М. Основа здоровой жизнедеятельности. Активизация психофизической работоспособности человека. – Ставрополь: «Сервисшкола», 2006. - 472 с.
11. Махмутов, М.И. Современный урок [Текст]. – М., 1985. – 158 с.
12. Рейнвалд, Н.И. Психология личности [Текст]. – М.: Изд-во РУДН, 1987. – 197 с.
13.Селиванов, В.И. Воспитание воли в условиях соединения обучения с производственным трудом [Текст]. – М.: Высшая школа, 1980.–95 с.
14.Скаткин, М.Н. Совершенствование процесса обучения [Текст]. – М., 971. – 120 с.

## ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОИИ ТАШАККУЛИ РИСОЛАТИ АХЛОҚИИ ВАРЗИШГАРОН – ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***ШАРИПОВ Шодимурод Бегмуродович*** *– омӯзгори кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., х.1,* ***тел.:*** *+(992) 92 700 59 39*

Дар мақола муаллиф оид ба яке аз масъалаҳои муҳим –ҷанбаҳои педагоии ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ибрози андеша намудааст. Чи тавре ки муаллиф қайд менамояд, масъалаи мазкур аз аз он ҷиҳат мубрам ҳисобида мешавад, ки дар замони муосир таҳсилоти олии касбӣ бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар зеҳну шуури ҷавонон парвариши эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқиро, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника мусоидат мекарда бошанд, саҳм бигирад. Дар замони муосир аз як тараф, талабот ба тайёр кардани мутахассисони варзида, ватандӯсту меҳанпараст ва муаррифгари воқеии таърих ва фарҳанги миллӣ афзуда, аз тарафи дигар, дар машғулиятҳои таълимӣ, машқу тамринҳо ва ширкат дар мусобиқаҳои варзишӣ ба таври кофӣ, мавҷуд набудани дастурҳои мушаххас оид ба масъалаи ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони оянда ба мушоҳида мерасад.
Дар мазмуни таҳсилоти феълии муассисаҳои таҳсилотии олии касбии тарбияи ҷисмонӣ ба таври кофӣ ба ҳисоб нагирифтани ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба мушоҳида расида, сатҳи нокифояи дониш ва огаҳии донишҷӯён оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба назар мерасад.
Аз ин хотир, минбаъд бояд омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бо дониш ва маҳоратҳои истифодабарии маҳоратҳои варзишӣ мусаллаҳ гардонида шуда, ҳамзамон дар онҳо ташаккули хислатҳои наҷиби инсонӣ роҳандозӣ карда шавад, таъкид менамояд, муаллифи мақола.

***Вожаҳои асосӣ:*** *рисолати ахлоқӣ, варзишгарон,омӯзгорон, тарбияи ҷисмонӣ, таҳсилоти олии касбӣ, худогоҳии миллӣ, машғулиятҳои таълимӣ, машқу тамрин.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ ЭТИЧЕСКОЙ МИССИИ СПОРТСМЕНОВ – БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

***ШАРИПОВ Шодимурод Бегмуродович*** *– преподаватель кафедры спорта и методики преподавания физического воспитания Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров, г. Худжанд, 17 мкр-н., д.1,* ***тел.:*** *+(992) 92 700 59 39*

В статье автор высказал свое мнение по одному из важных вопросов - педагогическим аспектам формирования нравственной миссии спортсменов - будущих учителей физического воспитания. Как отмечает автор, данный вопрос считается критическим с той точки зрения, что в современное время высшее профессиональное образование должно воспитывать активную и творческую личность, воспитывать чувство национального искусства, историческое самосознание, использовать лучшие традиции образования. в сознании молодежи вносят национальные и общечеловеческие культурно-нравственные ценности, способствующие достижению научно-технических достижений. В современное время, с одной стороны, возрос спрос на подготовку квалифицированных специалистов, патриотов и истинных представителей отечественной истории и культуры, а с другой стороны, ощущается недостаток конкретных указаний по подготовке, обучению и участию в спортивные соревнования.Рассмотрен вопрос формирования нравственной миссии спортсменов – будущих учителей.

В условиях современного образования высших профессиональных учебных заведений физического воспитания наблюдается недостаточное внимание к формированию нравственной миссии спортсменов – будущих учителей физического воспитания, а также недостаточный уровень знаний и осознания студентов в отношении духовно-нравственных ценностей.

По этой причине будущих учителей физического воспитания необходимо вооружать знаниями и навыками использования спортивных навыков и в то же время ориентировать на развитие благородных человеческих качеств, подчеркивает автор статьи.

***Ключевые слова:*** *нравственная миссия, спортсмены, педагоги, физическое воспитание, высшее профессиональное образование, народное искусство, просветительская деятельность, обучение.*

## PEDAGOGICAL ASPECTS OF ORGANIZING THE ETHICAL MISSION OF ATHLETES – FUTURE PHYSICAL EDUCATION TEACHERS

***SHARIPOV Shodimurod Begmurodovich*** *– Lecturer of the Department of Sports and Methods of Teaching Physical Education of the Khujand State University named after academician B. Gafurov, Khujand, 17 microdistrict, 1,* ***phone:*** *+(992) 92 700 59 39*

In the article, the author expressed his opinion on one of the important issues - the pedagogical aspects of the formation of the moral mission of athletes - future teachers of physical education. As the author notes, this issue is considered critical from the point of view that in modern times, higher professional education should educate an active and creative personality, educate a sense of national art, historical self-awareness, and use the best traditions of education. in the minds of young people they bring national and universal cultural and moral values that contribute to the achievement of scientific and technological achievements. In modern times, on the one hand, the demand for the training of qualified specialists, patriots and true representatives of national history and culture has increased, and on the other hand, there is a lack of specific instructions for the preparation, training and participation in sports competitions. The issue of forming the moral mission of athletes is considered - future teachers.

In the conditions of modern education of higher professional educational institutions of physical education, there is insufficient attention to the formation of the moral mission of athletes - future teachers of physical education, as well as an insufficient level of knowledge and awareness of students in relation to spiritual and moral values.

For this reason, future teachers of physical education need to be armed with knowledge and skills to use sports skills and at the same time focus on the development of noble human qualities, the author of the article emphasizes.

***Key words:*** *moral mission, athletes, teachers, physical education, higher professional education, folk art, educational activities, training.*

Дар замони муосир таҳсилоти олии касбӣ бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар зеҳну шуури ҷавонон парвариши эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқиро, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника мусоидат мекарда бошанд, саҳм бигирад. Гузашта аз ин, дар марҳилаи муосир дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои муҳим доир ба истифодаи таҷрибаи таърихӣ дар кори такомули низоми тарбияи ҷисмонӣ меистанд.

Роҳандозии усулҳои мақсаднок ва нав дар тайёр кардани мутахассисон, аз ҷумла, омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва рушди фарҳанги педагогии онҳо фаъолиятҳои инноватсионии омӯзишу парвариш, истифодаи самарабахши технологияи муосири педагогиро тақозо мекунад. Ҳамчунин замони ҳозира усулҳои мақсаднок ва нави самтҳои шуури бедору босифат, мавқеи касбӣ ва сатҳу дараҷаи дониш, амалҳо ва фаъолияти касбию педагогии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмониро тақозо мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар замони муосир аз як тараф, талабот ба тайёр кардани мутахассисони варзида, ватандӯсту меҳанпараст ва муаррифгари воқеии таърих ва фарҳанги миллӣ афзуда, аз тарафи дигар, дар машғулиятҳои таълимӣ, машқу тамринҳо ва ширкат дар мусобиқаҳои варзишӣ ба таври кофӣ, мавҷуд набудани дастурҳои мушаххас оид ба масъалаи ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони оянда ба мушоҳида мерасад.

Ногуфта намонад, ки дар мазмуни таҳсилоти феълӣ дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии тарбияи ҷисмонӣ ба таври кофӣ ба ҳисоб нагирифтани ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба мушоҳида расида, сатҳи нокифояи дониш ва огаҳии донишҷӯён оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба назар мерасад. Аз ин хотир, минбаъд бояд омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бо дониш ва маҳоратҳои истифодабарии маҳоратҳои варзишӣ мусаллаҳ гардонида шуда, ҳамзамон дар онҳо ташаккули хислатҳои наҷиби инсонӣ роҳандозӣ карда шавад.

Зарур ва саривақтӣ меҳисобем, ки бо тақозои замон имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бо фарҳанги миллии тарбияи ҷисмонӣ дар низоми азхудкунии анаъанаҳо ва махсусиятҳои варзишии халқи тоҷик, шинос карда шаванд. Омӯзиши намудҳои гуногуни варзиш, ки дар анъанаҳо ва ҳаёти халқи тоҷик инъикос ёфтаанд, дар заминаи мазмуни фалсафӣ ва арзишҳои маънавии он ҳамчун падидаи ягона анҷом дода шуда, ба низоми тайёр кардани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ аз имкониятҳои мавҷудбуда ба таври мақсаднок истифода бурда шавад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти пешрафти ҷомеа ва бо дастовардҳои назаррас ба фазои ҷаҳонии варзиш ворид шудани Тоҷикистон нақш ва мавқеи тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ҷойгоҳи махсусро касб карда, тайёр кардани мутахассиси ояндаи ҷавобгӯ ба талаботи замон, шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солими ташаккулёфтаро тақозо менамояд. Ин масъала албатта, ба тайёрии касбию педагогии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, ташаккули самараноки тайёрии касбию педагогии омӯзгори оянда барои истифодаи фарҳанги миллӣ, хусусан, воситаҳои миллии фарҳанги ҷисмонӣ, бо татбиқи маҷмӯи шароити педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин мегардад.

Азбаски муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба самтгириҳои шахсиятии раванди педагогӣ, ҷустуҷӯ ва рушди маҳоратҳо, қобилиятҳо, ки табиатан дар ҳар як донишҷӯ гузошта шудааст, бунёди шахсият – низоми самтдодашудаи педагогӣ такя мекунанд, ки талаботҳои муҳим ба таҳсилоти муосир буда, тағйиротро дар муносибатҳои анъанавӣ ба таълим ба мақсади ташаккули тарбияи маънавию ҷисмонии мутахассисони оянда тақозо менамоянд.

Роҳандозии усулҳои мақсаднок ва нав дар тайёр кардани мутахассисон, аз ҷумла, омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва рушди фарҳанги педагогии ӯ ба фаъолиятҳои инноватсионии омӯзишу парвариш, истифодаи самарабахши технологияи муосири педагогӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин усулҳои мақсаднок ва нави мутазакира самтҳои шуури бедору босифат, мавқеи касбӣ ва сатҳу дараҷаи дониш, амалҳо ва фаъолияти касбию педагогии омӯзгори тарбияи ҷисмониро муайян мекунад.

Дар чаҳорчӯби мақолаи мазкур доир ба ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ, мо зарур мешуморем шароити педагогие муайян карда шавад, ки ба ин раванд мусоидат намуда, дар айни ҳол самаранокии онро таъмин намояд. Дар замони худ Л.В. Виготский собит карда буд, ки «шароите, ки барои рушди сифатҳои дахлдори психологӣ заруранд, гарчанде ки онҳо барои фаъолияти мустақилона ба камол нарасидаанд, барвақттар зарур аст» [1, с. 13].

Муҳаққиқ В.И. Столяров муътақид аст, ки моҳияти табиию иҷтимоии фаъолнокии ҷисмонии инсон ҳарчи бештар ба ноилшавӣ ҳамоҳангӣ ва мутобиқати ҷисмонию маънавӣ дар инсон тибқи қоидаҳои табиат мусоидат менамояд, ки худ ба меъёри асосии ҳаққонияти арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ табдил меёбанд [7, с. 11 – 15].

Дар робита ба ин Л.И. Любишева менависад: «Марҳилаи сифатан нави фаҳмиши моҳияти фарҳанги ҷисмонӣ бо таъсири он ба соҳаи маънавии инсон ҳамчун воситаи муассири тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ дар иртибот мебошад. Агар зарурати махсус барои исботи таъсири калони машғулиятҳо бо машқҳои ҷисмонӣ ба моҳияти биологии инсон: ба саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, сохторҳои морфофунксионалӣ набошад, он гоҳ таъсири он ба рушди маънавиёт тавзеҳот ва далелҳои махсусро талаб менамояд. Далели муҳим ба фоидаи муҳиммияти фарҳанги ҷисмонӣ барои рушди ҳамаҷонибаи инсон метавонад дарки нерӯи арзишии ин падида бошад» [3, с. 10 – 15].

Тамоюлоти дар боло зикршудаи рушди тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳанд талабот ба сохтори тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ва дар ин зимн ташаккули рисолати ахлоқии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин карда шавад, яъне таҳкими тамоюли гуманистии омӯзгор ба сатҳи баланди донишҳои ӯ дар соҳаи психология, ангезиш, талабот ва озодии интихоби намуди фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ё варзиш аз ҷониби омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ таъмин карда шавад. Ҳамаи ин ҷустуҷӯи усулҳои нигоҳдорӣ ва тарбияи саломатии ҷавонони толибилмро мубрам месозад ва ҳалли он ба дараҷаи зиёд аз омӯзгор вобаста мебошад ва ӯ ин вазифаҳоро ҳал намуда, донишомӯзро ба дунёи фарҳанг ва арзишҳо раҳнамоӣ намуда, ҷисмияти ӯро ҳифз намуда, маънавияти ӯро инкишоф медиҳад.

Дар баробари тайёр намудани донишҷӯёни риштаи тарбияи ҷисмонӣ инчунин масъалаи муҳим ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ташаккул додани арзишҳои умумиинсонӣ дар маҷмӯъ ва арзишҳои фарҳанги миллӣ аз ҷумла, инсондӯстӣ, хоксорӣ, меҳру шафқат, садоқат ба арзишҳои миллӣ ва ватандӯстӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Тавре ки Р. Шустерман таъкид менамояд, «нақши махсус ба омӯзгоре ҷудо карда мешавад, ки мефаҳмад одамияти асил на ба таври содда аз ҷониби генетика муқаррар карда мешавад, балки тавассути тарбия ноил мешавад, ки дар он ҷисм, рӯҳ ва фарҳанг бояд муттаҳид карда шаванд» [11, с. 52 – 65].

Таҷрибаҳои бисёрсолаи илмӣ исбот менамоянд, ки ҷавонони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ташакккулёфтаю солиму бардам ва дорои хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ барои пешрафту тараққиёти ҷамъият саҳми арзанда гузошта метавонанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгор тайёр намудани чунин ҷавонон, аз давраи мактабхонӣ ба шумор меравад. Ин вазифаи пурифтихор дар мактаб ба зиммаи мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмоннӣ гузошта мешавад. Бинобар ин, фаъолияти мазкур бо эҳсосоти баланд, коллективизм дар ҷоме аҳамияти калонро касб намуда, ба имкониятҳои ташаккули рафтори беҳтарин мусоидат ва рушди он ҷавобгар аст, яъне варзишгарон дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок намуда, дар вазъияти муҳорабаҳои шиддатнок, машаққатҳои зиёдро бартараф намуда барои ноил шудани ғалаба мушкилию монеаҳоро паси сар намуда, хислатҳои баланди маънавию иродавиро зоҳир менамоянд ва тадриҷан дар онҳо ин хислатҳои наҷиби инсонӣ рушду такомул ёфтан мегиранд, ки минбаъд дар рушду камолоти ахлоқии онҳо нақши муҳимро касб менамояд.

Дар варзишгарон ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, эҳтиром нисбат ба рафиқон ва рақибони варзиши худ, ва мардонагӣ поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ – ҳамаи ин хислатҳои варзишгарон дар оила, мактаб тарбия карда мешаванд. Тарбияи ғоявӣ, маънавии варзишгарон ба устодон мурабиёни варзиш вогузор карда мешавад.

Гуфтаҳои болозикрро хулоса намуда, гуфтан мумкин аст, ки дар давоми ҳаёт инсон ба тарбияи ҷисмонӣ ба таври ҳамешагӣ ниёз дорад, ки барои инкишофи табии ҷисм,

мустаҳкам намудани саломатӣ, ҳамчунин камолоти маънавӣ зарур мебошад. Ташкили тарбияи ҷисмонӣ ба рисолати ахлоқии инсон мусоидат менамояд. Дар ҷараёни фаъолияти тамринӣ-мусобиқавӣ дар омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ беҳтарин хислатҳои ахлоқӣ ташаккул меёбад ва ҳамзамон, қобилиятҳои иродавӣ ташаккул ёфта, ҷисм обутоб меёбад, рафтори ҳамидаи ахлоқӣ зуҳур меёбад. Дар баробари ин, дар варзишгарон қобилияти бартараф кардани душвориҳо ва хислатҳои фардӣ тарбия карда мешавад.

Моҳият, тамоюлҳо ва меъёрҳои маънавиёт тақозо менамояд, ки омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба рафтори худ ва ва рақибон (дар мусобиқа) баҳо дода тавонад. Дар асоси мафҳумҳо, баҳодиҳӣ, эътиқод рафтору ахлоқи шахсият зоҳир мегардад.

Ҳиссиёти маънавӣ-ахлоқӣ – ин эҳсоси инсон ба олами воқеӣ, ҳақиқат, рафтори худ ба ҳисоб меравад. Дар илми педагогика яке аз вазифаи мураккабтарин вазифаи педагогӣ тарбия ва ташаккул додани ҳиссиётҳои ахлоқӣ мебошад. Дар мусобиқаҳои варзишӣ эҳсосоти гуногун ба вуҷуд меоянд ва варзишгар барои ноил шудан ба натиҷаҳои варзишӣ кӯшиши зиёди иродавиро анҷом медиҳад.

Мусаллам аст, ки таҳкурсии асоси маънавиёт, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, муносибати шахс ба ҷомеа низ дар овони бачагӣ, наврасӣ гузошта мешавад. Қобили қайд аст, ки ҳангоми машқу тамрин, ширкат дар мусобиқаҳои варзишӣ бегумон дар омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ тарбияи ҳисси маънавӣ, мақоми шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, коллективизм, ҳисси шаъну шарафи варзишӣ ва варзишгарӣ, ҳисси эътиқод ва масъулият дар назди Ватани худ, ягонагию ваҳдат ва муттаҳидӣ эҳсос карда мешавад, ки ин дар камолоти маънавӣ-ахлоқии онҳо нақши муҳим мебозад.

Инсон ҷузъи ҷомеа аст ва дар амали худ, зарур аст манфиатҳои онро ба инобат гирад. Албатта, бидуни шак, одам дар ҷомеа мухторият, мустақилият ва ташаббусро дорост. Аммо ин сифатҳо дар доираи азбаркунии маърифат, ки фақат дар асосҳои илмӣ сурат мегирад, манфиатҳои миллиро бояд дар назар дошта бошад. Вобаста ба ин, ба ҳам пайвастагиии тарбияи ҷисмонӣ бо тарбияи зеҳнӣ дар ду шакл ифода карда мешвад: мустақим ва ғайри мустақим. Ҳампайвастагии мустақим дар он зоҳир мегардад, ки дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ таъсироти бевосита ба инкишофи сифатҳои зеҳнӣ расонида мешвад. Дар раванди машғулиятҳои вобаста ба усулҳои машқҳои ҷисмонӣ, такмили он, аз худ кардани тарзҳои амалҳои ҳаракатӣ ҳамеша вазъиятҳои донишандӯзиро ба вуҷуд меорад. Масалан, чӣ тавр иҷро намудани ҳаракатҳои машқ, тақсимоти нерӯ дар масофа, дар мусобиқаҳо. Дар навбати худ тарбияи ҷисмонӣ тарбияи ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд.

Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ барои тарбияи эстетикӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни машғулиятҳо қаду қомати зебо, ташаккули созгори андоми тан ба ҷо оварда шуда, фаҳмиши зебоӣ ва нафосати ҳаракатҳо тарбия карда мешавад.

Дар варзиш ин ҳолатеро дидан мумкин аст, ки машққунӣ як навъ маҷбуркунии худро тақозо менамояд. Мутахассисони соҳа қайд менамоянд, ки «тарбия ин пур кардани камбудиҳои барномаи инкишофи инсон мебошад ва яке аз вазифаҳои басо муҳими он дуруст ташкил кардани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, муайнян кардани майл ва қобилияти фитрии ҷавонон, инкишоф додани хусусиятҳои инфиродӣ, фароҳам овардани замина ва имкониятҳо мебошад» [1, с. 39].

Дар фаъолияти варзишгар хислатҳои иродавӣ амсоли ҷасорат, истодагарӣ дар мадди аввал меистад. Агар дар варзишгар хислатҳои иродавӣ дар заминаи эътиқоди маънавӣ ташаккул наёфта бошад, пас ӯ ба муваффақият ноил шуда наметавонад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарин барои варзишгарон нерӯи иродавӣ мебошад. Тамрини варзиши мунтазам, иштирок дар мусобиқаҳои гуногун, ғолибият ба воситаи сифтаҳои иродавӣ ба даст меоя. Сифатҳои иродавӣ ба варзишгар имкон медиҳанд, ки мушкилиҳоро паси сар намояд, ки ин меҳнати пурмашаққат аст. Ягона восита, роҳ ва усуле, ки сифати шахсияти инсон, дараҷаи камолоти ӯро фаҳмидан мумкин аст, ин меҳнат ва натиҷаи кори ӯст. Фақат амал, фаъолият, ки самаранокии он ба дониш, малакаи касбӣ ва ақлу фаросати шахс вобаста аст, кӣ будани инсонро муайян месозад.

Дар ташаккули шахсият аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ беназир аст. Тарбияи ҷисмонӣ-ҳадафи он муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатӣ, устувор гардонидани ҳаракати инсон ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ комилан инкишоф додани шахсият ба ҳисоб меравад. Тарбияи ҷисмонӣ барои ташаккулёбии ҳаракат, маҳорат ва сифатҳои ҷисмонӣ (чолокӣ, ҳушёрӣ,

солимӣ)-и ҷавонон ва насли наврас равона карда шудааст. Инкишофи ҷисмонӣ дар оила омили муҳими солимӣ ба ҳисоб рафта, фарогирии аъзоёни оила ба варзиш имконият медиҳад, ки бо ёрии машқҳои ҷисмонии гуногун ҳангоми душвориҳо ва ҳолатҳои ногувор сифатҳои пуртоқатӣ – устуворӣ, тавоноӣ, чобукию зиракӣ таъмин гардад.

Ҳамин тавр, бо назардошти мубрам будани масъалаи ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ҳалли вазифаҳои зеринро зарур мешуморем:

1.Муайян кардани мавқеи худи варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули рисолати ахлоқии онҳо ҳангоми ширкат дар мусобиқаҳои варзишӣ.

2.Муайян кардани нишондиҳанда ва сатҳҳое, ки раванди ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмониро таъмин мекунанд.

3.Дар заминаи озмоишҳо муайян кардани асосҳои педагогии ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ.

4.Коркард ва муайян кардани роҳу усулҳои ташаккули рисолати ахлоқии варзишгарон – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни таълим ва машқу тамринҳо.

**АДАБИЁТ**


1. Выготский Л.С, Развитие высших психических функций. – М.: Изд-во АПН РСФСР, 1960.
2. Губанова, Л.А. Комплексная программа по физическому воспитанию для учащихся /Л.А. Губанова [Текст]. – Душанбе, 2004. – С.133 – 155.
3. Любышева, Л.И. Современный ценностный потенциал физической культуры и спорта и пути его освоения обществом и личностью//теория и практика физической культуры, 1977. С. 10-15.
4. Сафаров, Ш.А., Губанова, Л.А. Формы и методы физического воспитания учащихся на основе комплексной программы и учебников/Ш.А. Сафаров [Текст]. – Душанбе, 2012. – 94 с.
5. Сафаров, Ш., Шарифов М. Фалсафаи варзиш. – Душанбе: Бухоро, 2016. – 456 с.
6. Собиров, С. Ташаккули инсон дар таълимоти Пешвои миллат. Андешаҳо оид ба мақолаи доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи милии илмҳои Тоҷикистон С. Ятимов //Омӯзгор, №17, аз 29-уми апрели соли 2021).
7. Столяров, В.И. и др. Концепция физической культуры и физкультурного воспитания (инновационный подход)//Теория и практика физической культуры, 1988. №5. С. 11-15.
8. Турсунов, Н.Н. Таджикские национальные подвижные игры. –Душанбе, 1981. – 82 с.
9. Ховарӣ, Х. Шахсиятсозӣ ва варзиш// Ҷавонони Тоҷикистон №16 (9598), 18.04.2019 ), Душанбе: КТН, Шарқи озод, 2019. – 16 с.
10. Шодихони, Н. Варзиш – соҳаи мавриди назари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Бухоро, 2017. – 192 с.
11. Шустерман, Р. Мыслить через тело: гуманитарное образование//Вопросы философии, 2006. № 6. С. 52-65.

*ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ*
*ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ*
*TEACHING TECHNOLOGY*

# ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ ФУНКСИОНАЛӢ

***КУРБАНОВ Сулейман Раҷабекович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи геометрия ва методикаи таълими математикаи факулети механика ва математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***тел.:*** *+(992) 933 32 40 40*

Дар мақола муаллиф масъалаҳои назариявиро оид ба ташкили раванди таълими математика бо назардошти маҷмӯи натиҷаҳои таълимии фаннӣ, ки стандарти таҳсилоти математикӣ барои синфҳои 5-11 муайян намуда, инчунин, усулу восита ва шаклҳои таълими математикаро баррасӣ кардааст. Асосҳои самараноктар ташкил кардани раванди таълимӣ математика ва механизмҳои раванди татбиқи амалии он нишон дода шудаанд. Талабот ба омӯзгори математика нишон дода шуда, таъкид шудааст, ки дар раванди таълими функсионалӣ ба таҷрибаи хонанда такя карда шавад. Аз ҷумла, метод ва технологияҳои таълим дар ин ҷо масъалаи маркazии андешаронии омӯзгори математика мебошад. Барои фароҳам овардани шароити мусоид ташкил намудани омӯзиши функсионалӣ дар таълими математика зарур аст.

***Вожаҳои асосӣ****: омӯзиши функсионалӣ, изҳорот, технологияҳои таълим, мушкилии таълимӣ, ангезиши зеҳн, амсилаи нави математикӣ, дониш, малака, усул ва шакл.*

# РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ ПОСРЕДСТВОМ ФУНКЦИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ

***КУРБАНОВ Сулейман Раджабекович*** *– кондидат педагогических наук, доцент кафедры геометрия и методики преподавания математики механика математического факултета Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17,* ***тел.:*** *+(992) 933 32 40 40*

В статье автором рассматриваются теоретические вопросы организации процесса обучения математике с учетом совокупности учебных результатов, определяющей стандарт математического образования для 5-11 классов, а также методы, средства и формы преподавание и преподавание математики. Представлены основы более эффективной организации учебного процесса по математике и механизмы его практической реализации. Показано, что требования учителя математики должны быть функциональными в учебном процессе, опираться на опыт ученика. В частности, методы и технологии обучения являются здесь центральным вопросом мышления учителя математики. Для организации функционального обучения в обучении математике необхадимо условий.

***Ключевые слова:*** *функциональное обучение, высказывания, образовательные технологии, учебная трудность, умственная стимуляция, новая математическая модель, знания, умения, метод и форма.*

# DEVELOPMENT OF THE INTELLECTUAL ABILITIES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF LEARNING MATHEMATICS THROUGH FUNCTIONAL LEARNING

***KURBANOV Suleiman Radzhabekovich*** *– candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of Geometry and Methods of Teaching Mathematics and Mechanics of the Faculty of Mathematics of Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,* ***phone:*** *+(992) 933 32 40 40*

In the article, the author considers theoretical issues of organizing the process of teaching mathematics, taking into account the totality of learning outcomes that determine the standard of mathematical education for grades 5-11, as well as methods, means and forms of teaching and teaching mathematics. The basics of a more effective organization of the educational process in mathematics and the mechanisms for its practical implementation are presented. It is shown that the requirements of a mathematics teacher should be functional in the educational process, based on the student's experience. In particular, the methods and technologies of teaching are the central issue in the thinking of the teacher of mathematics here. To create favorable conditions for organizing functional learning in teaching mathematics, the following statements can be used.

***Key words:*** *functional learning, statements, educational technologies, learning difficulty, mental stimulation, new mathematical model, knowledge, skills, method and form.*

Яке аз вазифаи асосии омӯзгори математика, ки дархости ҷомеа ва давлатро иҷро мекунад, таълим ва тарбияи насли наврас мебошад. Барои ба ҳаёти мустақилона омода будани хонандагон, ба онҳо донишҳои математикӣ ва малакаҳои истифодаи амалии онҳоро меомӯзонанд. Дар ҷараёни омӯзиш қобилияти зеҳни мустақилонаи омӯзиш, таҳлил, муқоиса, истифода бурдан, баҳо додан ва эҷод карданро ташаккул медиҳанд.

Дар ҷараёни таълим ва омӯзиши математика хонандагон қобилияти таҳияи ягон амсилаи нави математикӣ ва якҷоя кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи проблемаи математикиро бояд тақвият диҳанд. Дар раванди омӯзиш мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё ҳамроҳ бо дигарон гирифтани маълумот барои омӯзиши худро омода карда тавонанд. Қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои математикиеро, ки ба даст овардаанд барои ҳалли проблемаҳои таълимӣ ва ҳаётӣ, инчунин худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худро дошта бошанд. Дар раванди таълим қобилияти истифода бурдани усулҳои гуногуни муколама: қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ-графикӣ, ғайризабонӣ, бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муоширати хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбиро дошта бошанд. Яъне ҳалли мушкилот, барқароркунии ҳамкориҳо, истифода ба коркарди маълумот, пайдо намудани малакаҳои идоракунӣ ва ба нақшагирии амалӣ, баромад аз ҳолатҳо ва проблемаҳои ногувор ва умуман ҳаётӣ, донистани ҳуқуқу вазифаҳои худ чун шахс ва шаҳрванд, дарки зебоӣ ва нотакрории одаму олам, шиносоӣ ва қабули арзишҳо ва мероси умумибашарӣ ва миллӣ ҳадафи натиҷа ва вазифаҳои таълиму тарбия мебошад. Албатта ин номгӯиҳои натиҷа ва вазифаҳои таълиму тарбия, ки ба души мактаб чун узви сохтори давлатӣ ва дар навбати худ омӯзгор субъекти асосии ин узви сохтор мебошад, гузошта шудааст. Аз рӯзи аввали воридшавиаш ба синф ва ба душ гирифтани мураттабсозии ҷараёни таълиму тарбия, хоҳу нохоҳ то андозае тақдири хонанда,ояндаи ӯ ва аз ин хотирояндаи давлату миллат, ташаккули имконияти ахлоқии ҷомеаро ба душ мегирад.

Омӯзгор аз дарси аввалини худ бо хонанда, пешакӣ медонад, ки сабақи ӯ, фанни ӯ барои иҷроиши кадом мақсадҳо равона аст ва дар ташаккули шахсияти оянда чӣ саҳм мегузорад, кадом вазифаҳоро иҷро менамояд.

Ба тайёрии касбӣ-методии муаллими математика, инчунин барои худомӯзии омӯзгор маълумот оид ба сохтори дарси математика, унсурҳои асосии он ва таҳлили дарс мавқеи хоса пайдо мекунад. Зеро тамоми фаъолияти мақсадноки омӯзгорро берун аз дарс тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Дарс – системаи томи дорои компонентҳои (унсурҳои) алоқаманд ва ҳамгиро, звенои асосии ҷараёни таълим мебошад, ки дар як вақт вазифаи воҳиди ченаки силсиласистемаҳоро иҷро мекунад.

Модели дарси математика аз ҷиҳати сохтори дидактикию методии худ ба модели дарсҳои ғайриматематикӣ шабоҳат дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати сохтори дохилӣ ва унсурҳои мазмунию методии худ, аз ҷиҳати мақсадгузорӣ ва воситаҳои асосии донишандӯзӣ аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунад. [5.с212]

Татқиқоти методии мазкур барои омӯзгорони фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод мешавад, ки бо ҷорӣ шудани муносибати босалоҳият ба таълими математика раванди худомӯзии худро такмил диҳанд ва афзоиш бахшанд. Татқиқоти методии мазкурро донишҷӯёни факултети математикаи донишгоҳҳо ва донишкадаҳо, ки омӯзгори фанни математика тайёр мекунанд, ҳангоми таҷрибаи педагогӣ ва дар ҷараёни тайёрии касбӣ-методӣ истифода бурда метавонанд.

Дар маърӯза маълумоти мухтасари назариявӣ оид ба ташкили раванди таълими математика бо назардошти маҷмӯи натиҷаҳои таълимии фаннӣ, ки стандарти таҳсилоти математикӣ барои синфҳои 5-11 муайян кардааст, дарси математика ҳамчун системаи том дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, оиди муносибати босалоҳият ба таълими он, намудҳои ташкили раванди дарси математика ва сохтори онҳо аз ҷиҳати методологӣ, конспекти намунавӣ, намудҳои таҳлили дарси математика, тарзҳои баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон ва дигар маълумоти ба дарс алоқаманд гуфта шудааст.

Омӯзгори матемаика ҳангоми ҷараёни омӯзиши матемаика ва раванди дарси математика дар хонандагон ташаккул ёфтани як зумра қобилиятҳоро бояд ба нақша гирад. Нақшаи раванди омӯзиши матемаика ва натиҷаҳои таълимӣ бояд ба қобилияҳои зеринро дар бар гирад:

- *қобилияти дарки мақсади таълим, аз ҷумла гузоштани мақсадҳои нави таълим вобаста ба талаботи маърифатӣ, тағйир додани вазифаҳои амалӣ ба вазифаҳои маърифатӣ.*
- *қобилияти мустақилона таҳлил кардани шароити ноил гаштан ба мақсадҳои таълим дар асоси меъёрҳо ва тартиби фаъолиятҳое, ки аз ҷониби омӯзгор дар самти аз худ кардани маводи нави таълим муқаррар гардидаанд.*
- *қобилияти банақшагирии раванди ноил гаштан ба мақсади таълим.*
- *қобилияти гурӯҳбандӣ кардани мақсадҳо мувофиқи афзалиятҳо.*
- *қобилияти ба эътибор гирифтани ақидаҳои гуногун ва кӯшиши ҳамоҳанг сохтани тарафҳои мухталиф дар ҳамкорӣ.*
- *қобилияти ифода кардани ақида ва мавқеи худ, бо далелҳо исбот кардани мақеи худ ва ҳамоҳанг сохтани он бо мавқеъ ва ақидаи дигарон тавассути ҳамкорӣ ва интихоби қарори ягона.*
- *донистани асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ.*
- *қобилияти гузарондани мушоҳида ва таҷриба бо роҳбарии омӯзгор.*
- *қобилияти гузарондани ҷустуҷӯи ахбор, аз ҷумла истифодаи маводи китобхона ва Интернет.*
- *қобилияти сохтан ва тағйир додани қолабу нақшаҳо барои иҷрои вазифаи таълимӣ.*
- *қобилияти интихоби роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳо вобаста ба шароити муайян.* [4.с20]

Раванди ташкили таълим, омӯзиш ва дарс аз математикаи мактабӣ аз қисматҳои мазкур васоили ташхис, банақшагирӣ, истфодабарӣ ва бознигарӣ иборат буда метавонанд, ки ба саволи «чӣ тавр» баргузор гардидани раванди таълим ҷавоб мегуяд. Дар ин самт диққати омӯзгор бештар ба «чӣ тавр» самараноктар ташкил кардани раванди таълимӣ математика ҷалб мегардад. Метод ва технологияҳои таълим дар инҷо масъалаи марказии андешаронии омӯзгори математика мебошад. Ҳолатеро муҳокима мекунем.

**Мисол.** Мақсади дарсро кӣ муайян мекунад.

Ду ҳолатро дида мебароем. Одатан ҳадаф ва мақсади дарсро омӯзгор муайян мекунанд. Ҳолати дуюм хонандагон худашон ҳадафҳои дарсро муайян мекунанд.

Пас аз тамошои дарсҳои видиоии намунавии математикаи лоиҳаи “методология” бисёр омӯзгоронро қобилияти аз тарафи хонандагон мустақилона муайян кардани ҳадафҳои кор аз ҳама бештар ба ҳайрат гузошт.

Фарқи байни дарсе, ки ҳадаф аз ҷониби омӯзгор таҳия шудааст ва дарсе, ки дар боло номбар карда шудааст— маҳз аз самараноктар ташкил кардани раванди таълимӣ математика аст. Дар ҳар ду ҳолат аҳамияти доштани ҳадафи омӯзишӣ эътироф мегардад, вале муносибат ба он ки мақсад “чӣ тавр” пайдо мешавад ба куллӣ фарқ мекунад. Намунаи дарсро, ки ҳадафҳоро худи хонандагон таҳия мекунанд, дар хазинаи маркази методии ҷумҳуриявӣ дидан мумкин аст. Дар инҷо қайд кардан зарур аст, ки ташкили раванди омӯзиш метавонад сохторӣ ё функсионалӣ бошад. Мисоли оварда шуда намунаи ташкили раванди омӯзиш функсионалӣ мебошад.

Мафҳуми омӯзиши сохторӣ ва функционалиро дар математика байён мекунем. Дар таълими математика такя кардан ба таълими назарияи математика бо умеди тавассути омӯзонидани назария ёд додани математика муносибати сохториро мефаҳмонад. Яъне мо дар таълим асосан ба хонандагон қоидаҳоро таълим медиҳем, то ки ба онҳо такя карда хонандагон мафҳумҳои математикиро дуруст истифода баранд. Китобҳои дарсии мо маъмулан аз рӯйи ҳамин принсип сохта шудаанд. Мафҳум, қоида  ва формула оварда мешавад, сипас, силсилаи машқҳо аз рӯйи мавзӯъ пешниҳод мешаванд. Омӯзгор мавзӯи навро оғоз мекунад. Мафҳум, қоида  ва формуларо ба хонандагон мегӯяд, онро шарҳ медиҳад, сипас, аз онҳо талаб мекунад, ки силсилаи машқҳоеро, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, иҷро намоянд.

Албатта, одилона нест, агар бигӯем, ки таълими сохторӣ, танҳо ба назария такя кардан дар таълим аст. Омӯзгорон мафҳум, қоида  ва формуларо гуфта, онро бо мисолҳо мустаҳкам мекунанд ва шарҳ медиҳанд, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ба тариқи аналогия машқҳои нав созанд. Ин хуб аст, аммо гап сари он меравад, ки ҳама фаъолияти хонанда аз мафҳум, қоида  ва формулаи  пешакӣ овардашуда ба роҳ монда мешавад, ё дар атрофи мафҳум, қоида  ва формулаҳое ташкил карда мешавад, ки аллакай тайёранд.

Таълими функсионалӣ бошад, ба таҷрибаи хонанда такя мекунад. Омӯзгор фаъолияти хонандаро дар такя ба мисолҳои ҳаётӣ, ки хонандагон аллакай дар он таҷриба доранд, оғоз менамояд. Ин аз ҳамон назарияи минтақаи актуалӣ ва наздиктарини рушди Виготский манша мегирад. Ҳамчунин дар таърихи назарияҳои педагогӣ омӯзиши проблемавӣ низ мавқеи махсус дорад. Дар омӯзиши проблемавӣ, ки таълими салоҳиятнокӣ низ ба он такя мекунад, мавзӯъ аз проблема оғоз карда мешавад. Хонандагон бо вазъияти проблемавӣ  рӯ ба рӯ карда мешаванд. Ин ҳолат онҳоро барои мақсаднок гардидани омӯзиш водор менамояд. Хонанда роҳҳои гуногуни ҳалли проблемаро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзӯи пешниҳодшударо дарк кунад ва барои омӯзиш дар наздаш мақсад пайдо шавад. [2.с27]

Омӯзгор фаъолияти хонандагонро дар синф дар шаклҳои гуногун – инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ ташкил намуда, дар синф фазои ягонагӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ба вуҷуд меорад, қобилияти эҳтироми фикри ҳамдигар, дар доираи мавзӯъ сухан гуфтанро ташаккул медиҳад, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки андешаҳои худро баён кунанд, мавқеи худ, нуқтаи назари худро дар мавриди зарурӣ иброз кунанд. Аз муносибати авторитарӣ ба хонанда омӯзгор даст мекашад, ин гуна муносибат дар хонандагон низ ташаккул дода мешавад.

Барои ташкил намудани омӯзиши функсионалӣ дар таълими математика метавонем аз изҳоротҳои зерин истифода барем:

- *фаъолият аз рӯи мушкилоти таълимӣ аз ташхиси хонандагон оғоз меёбад;*
- *ба хонандагон супоришҳо бо "ангезиши зеҳн " пешниҳод карда мешаванд, ки барои оғоз кардани фаъолиятҳои омӯзишӣ кумак мекунанд;*

*Хонандагон мушкилоти таълимиро таҳия мекунанд, ки барои ҳалли он кор хоҳанд кард;*

- *мушкилии таълимие, ки ҳал мешавад, натиҷаи кори хонандагон мебошад.*
- *хонандагон муҳимияти мушкилотро қабул мекунанд, мундариҷа барои хонандагон аҳамиятнок карда шудааст;*
- *хонандагон ҳангоми ҳалли мушкилоти таълимӣ унсур(ҳо)-и тадқиқотро муайян мекунанд;*
- *хонандагон ҳадафи кори минбаъдаро муайян мекунанд;*

*- хонандагон бонки маълумотро ҷамъоварӣ карда, тавассути он унсурҳои омӯхташавандаро таҳқиқот мебаранд;*

Хонандагон барои муайян кардани хусусиятҳои зарурии унсурҳои омӯхташаванда супоришҳои кофӣ иҷро мекунанд;

*- хонандагон бо масъалаи таҳияи алгоритми ҳалли мушкилоти таълимии гузошташуда дучор мешаванд;*

*- дар синф вариантҳои гуногуни алгоритми ҳалли мушкилоти таълимӣ пешниҳод ва муҳокима мегардад;*

*- хонандагон саволҳое медиҳанд, ки барои гузаштан ба қадами навбатӣ дар ҳалли мушкилоти таълимӣ ба онҳо кумак мекунанд;*

*- хонандагон стратегияи ҳалли мушкилоти таълимиро таҳия мекунанд.* [3.с19]

Ҳамин тавр, пеш аз ҳама барои ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши математика тавасути таълими функсионалӣ истифодабарии изҳорот пешниҳод шудааст. Ба омӯзгорон, тавсия дода мешавад, ки ҳангоми таҳияи нақша ва раванди омӯзиш ба изҳоротҳои пешниҳод шуда, таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ бароварда шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Кукушкина, А.С. Педагогические технологии / А.С. Кукушина.— М: ИКЦ «МарТ»; 2004. — 336 с.
2. Курбанов, С.Р. «Методические основы эффективности системы переподготовки повышения квалификации учителя математики (на примере Республики Таджикистан) кандидатская диссертация/ Курбанов С.Р. Душанбе -2019.-168с.
3. Курбанов, С.Р., Камолова, Н. Переход на компетентностный подход в средних общеобразовательных учебных заведений - потребность времени. //Вестник института развития образования. – Душанбе. – 2019.- №1(25). – с. 56-60 (на тадж. языке).
4. Курбанов, С.Р. Вохидова, К. Роль преподавателя в формировании ключевых компетенции учащихся начальных классов.//Вестник института развития образования.- Душанбе. – 2019.- №2(26). – с. 53-59 (на тадж. языке).
5. Нугмонов, М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки: Монография (переработанное и дополненное) – Душанбе: АОТ; ТГПУ им. С.Айни, 2011. – 278 с.
6. Нугмонов, М. Урок математики в школе. - Душанбе : «Ирфон», 2011. – 103 с.
7. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка [Текст] / СИ. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Азъ, 1995. - 907 с.
8. Педагогический энциклопедический словарь / гл. ред. Б. М. Бим-Бад; Редкол.: М. М. Безруких, В. А. Болотов, Л. С. Глебова и др. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 528с.: ил.
9. Повышение эффективности обучения математике в школе: Кн.для учителя/Сост.Г.Д. Глейзер. - М.: Просвещение, 1989. -240с.
10. Преемственность в обучении математике :сб.статей./Составитель А.М.Пышкало.- М.: Просвещение, 1978. -237с.

# МЕТОДҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ФУНКСИЯҲОИ ГИПЕРБОЛӢ ВА БАЪЗЕ ФОРМУЛАҲОИ ТРИГОНОМЕРӢ ДАР ҲАЛЛИ МИСОЛУ МАСЪАЛАҲО

***ДАВЛАТОВ Раҳматулло Ҷурабекович*** *– номзади илмҳои педагогӣ., дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.* ***E-mail:*** *davlatov_r@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 882 51 59 59*

***ИЛЁСОВ Ҷамол Саидович*** *– омӯзгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел.: (+992) 915 99 36 66*

Дар мақола функсияҳои гиперболӣ ва формулаҳои тригонометрӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар он методҳои истифодабарии функсияҳои гиперболӣ ва баъзе формулаҳои тригономерӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо оварда шудааст. Дар умум ақидаҳои муаллиф нисбати барномаҳои стандартии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ), китобҳои дарсӣ, функсияҳои гиперболӣ ва ба инҳо монанд мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳалли масъалаҳои гиперболӣ дар шакли сода бо ёрии формулаҳои Эйлер ва ғ. ҳисоб карда шуда, натиҷаҳо исботи худро ёфтаанд. Дар китобҳои дарсии ҳозира, масалан, дар синфи 11 ҳангоми гузаштани мавзӯи функсияҳои тригонометрӣ чаро функсияҳои secx ва cosecx омӯхта намешавад. Маълум аст, ки ин функсияҳо ба функсияҳои sinx ва cosx мувофиқан чаппаанд.

Аз ин рӯ, он дар мақола мавриди тавсиф қарор дода шуд. Ҳамзамон, дар мақола назарияи бузургиҳои доимӣ ва тағйирёбанда, функсияҳои роста ва чаппа, функсияҳои гиперболӣ бо аргументи ҳақиқӣ, формулаҳои ифода кардани як функсияи гиперболӣ ба воситаи функсияҳои дигар оварда шуда, бо мисолҳо шарҳу тавсиф карда шудаанд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *формулаҳои гиперболӣ, формулаҳои тригонометрӣ, формулаҳои Эйлер, методикаи таълим, функсияҳои хаттӣ, бузургиҳои роста ва чаппа, интеграли номуайян.*

# МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ГИПЕРБОЛИЧЕСКИХ ФУНКЦИЙ И НЕКОТОРЫХ ТРИГОНОМЕРНЫХ ФОРМУЛ В РЕШЕНИИ ПРИМЕРОВ И ЗАДАЧ

***ДАВЛЯТОВ Рахматулло Джурабекович*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры информационных технологий Международного университета туризма и предпримательства Таджикистана, г. Душанбе, пр. Борбад, 48/5.* ***E-mail:*** *davlatov_r@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 882 51 59 59*

***ИЛЯСОВ Джамол Саидович*** *– старший преподаватель кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, г. Душанбе, пр. Борбад 48/5.* ***Тел.:*** *(+992) 915 99 36 66*

В статье исследуются гиперболические функции и тригонометрические формулы, а также приводятся способы использования гиперболических функций и некоторых тригонометрических формул при решении примеров и задач. В целом обсуждаются взгляды автора на типовые программы в общеобразовательных учреждениях (МТСУ), учебники, гиперболические функции и тому подобное, решение гиперболических задач в простой форме с помощью формул Эйлера и т.п. были рассчитаны, и результаты были доказаны. В текущих учебниках, например, в 11 классе, при прохождении темы тригонометрических функций, почему функции secx и cosecx не изучаются. Ясно, что эти функции обратны функциям sinx и cosx соответственно. Поэтому он был описан в статье.

При этом в статье представлена теория постоянных и переменных величин, правых и обратных функций, гиперболических функций с вещественными аргументами, формулы выражения одной гиперболической функции через другие функции, поясненные и описанные с примерами.

***Ключевые слова:*** *гиперболические функции, тригонометрические функции, формулы Эйлера, методы обучения, линейные функции, правые и обратные величины, неопределенный интеграл.*

## METHODS OF USING HYPERBOLIC FUNCTIONS AND SOME RIGONOMERIC FORMULA IN SOLVING EXAMPLES AND PROBLEMS

***DAVLATOV Rahmatullo Jurabekovich*** *– candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department information technologies of the International university of tourism and entrepreneupship of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5.* ***E-mail:*** *davlatov_r@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 882 51 59 59*

***ILYOSOV Jamol Saidovich*** *– senior teacher of the deparment of the economic geography and ecology of the International university of tourism and entrepreneupship of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5,* ***phone:*** (+992) 915 99 36 66

Hyperbolic functions and trigonometric formulas are investigated in the article, and methods of using hyperbolic functions and some trigonometric formulas in solving examples and problems are presented. In general, the author's views on standard programs in secondary education institutions (MTSU), textbooks, hyperbolic functions and the like are discussed, solving hyperbolic problems in a simple form with the help of Euler's formulas, etc. have been calculated and the results have been proven. In current textbooks, for example, in class 11, when passing the topic of trigonometric functions, why secx and cosecx functions are not studied. It is clear that these functions are inverses of the sinx and cosx functions, respectively.

Therefore, it was described in the article. At the same time, the article presents the theory of constant and variable quantities, right and inverse functions, hyperbolic functions with real arguments, formulas for expressing one hyperbolic function by means of other functions, explained and described with examples.

***Keywords:*** *hyperbolic functions, trigonometric functions, Euler formulas, learning methods, linear functions, right and reciprocals, indefinite integral.*

Тамоми илмҳои ҷомеа дар ҳамбастагии якдигар рушд менамоянд. Дар баробари дигар фанҳо нақши математика дар тақвият додани дигар илмҳо ниҳояд зиёд аст. Омода намудани мутахассисони оянда доштани дониши хуби математикиро аз хонандагон талаб менамояд. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур ҷиҳати истифодабарии функсияҳои гиперболӣ ва баъзе формулаҳои тригономерӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо мо онҳоро таҳлил ва баррасӣ хоҳем кард.

Масъалаҳои истифодаи формулаҳои тригономерӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо дар асарҳои олимон Валишин Н.Т., Владимирова Т.В., Костомарова Т.В., Низамова Л.Р., Филатов А.В., Яковлев А.С., Янпольский А.Р. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Баъзе назари олимонро ҷиҳати татбиқи функсияҳои гиперболӣ дар зер тавсиф хоҳем кард.

Функсияҳое, ки ба қисмҳои конусӣ бо гипербола алоқамандand, функсияҳои гиперболӣ номида мешаванд. Доираи функсияҳои гиперболӣ назарияи хатҳои интиқол ва таваққуфи занҷирро дар бар мегирад.[8, с. 76]

Ба андешаи Владирова Т.В. «Функцияхои гиперболиро дар ҳалли як қатор муаммоҳои илмию техникӣ бомуваффақият татбиқ намудан мумкин аст. Чунин масъалаҳо аз инҳо иборатанд: афтидани ҷисм дар ҳаво, ҳаракати нуқтаи материалӣ, лағҷидани занчир, ҳаракати туб дар найчаи даврзананда, дохил кардани қувваи барқӣ ба занҷир, тақсимоти устувори ҳарорат дар чӯб, ионизатсияи газ, диффузия бо реаксияи химиявӣ, зиёдшавии

бактерияҳо, инчунин масъалаҳои идоракунии худкор, ки бо муодилаҳои қисман дифференсиалии дученака тавсиф шудаанд, масъалаи таҳлили системаҳо бо таъхир ва ғайра Аз ин ру, ҷустуҷӯ ва омухтани усулҳои нави ҳисоб кардани функцияҳои гиперболӣ умедбахш аст»[6].

Муносибати байни функсияҳои гиперболӣ ва тригонометриро Янпольский А.Р. китоби худ чунин тавсиф намудааст: «Муносибати байни функсияҳои гиперболӣ ва тригонометриро бидуни иштироки бисёр воҳидҳо бо истифода аз кунҷи махсусе, ки амплитудаи гиперболӣ ё Гудерманӣ номида мешавад, муқаррар кардан мумкин аст.»[10].

Дар зер фикру ақидаҳои муаллиф нисбати барномаҳои стандартии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ), китобҳои дарсӣ, функсияҳои гиперболӣ ва ба инҳо монанд мавриди муҳокима қарор дода мешаванд.

**1. Оид ба барномаҳои стандартӣ ва китобҳои дарсӣ**. Аввал оид ба ин масъала каме фикри худро баён мекунем. Ҳоло чӣ хеле, ки ба мо маълум аст дар МТМУ аз аксарияти фанҳо барномаҳои стандартӣ ва мувофиқи онҳо китобҳои дарсӣ ба табъ расидаанд. Мо дар зер каме фикру андешаҳои худро фақат аз фанни математика (риёзиёт) иброз медорем. Барномаҳои стандартӣ баъди тасдиқи он мувофиқи қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд. Ин иқдом хеле хуб. аст. Вале, ба фикри мо барномаҳои стандартӣ низ догма (шах шудамонда) нестанд ва онҳо бояд ҳамроҳи ҷамъият тағйир ёфта истанд ва такмил дода шаванд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки дар риёзиёт ҳамеша 2х2=4 мебошад ва аз ин сабаб он (яъне -риёзиёт) тағйир намеёбад. Аммо, ин хатост. Зеро дар риёзиёт мафҳуми функсия мавҷуд аст, ки бо тағйирёбандаҳо сару кор дорад ва худ низ ҳамчун вобастагии функсионалӣ тағйир меёбад. Мо метавонем ин гуфтаҳоро бо мисоли мушаххасе тасдиқ намоем, вале алҳол бо гуфтаҳои боло маҳдуд мешавем.

**2.** Бар ин банд баъзе андешаҳоямонро нисбати китобҳои дарсӣ баён мекунем. Дар китобҳои дарсӣ, таърифи функсия дода мешавад. Вале, ҳангоми омӯхтани таърифи функсия ба фикри мо таърифи функсияи чаппаро додан хеле судманд мебошад. Дар китобҳои дарсӣ таърифи функсияи мутаносиби роста у=кх ва чаппа у=к/х бо графикаҳояшон дода мешавад. Фаҳмост, ки ин функсияҳо байни худ чаппа мебошанд, яъне шарти $y*y^{-1}=1$-ро қаноат мекунонанд.

Мисоли дигар. Дар китобҳои дарсии ҳозира, масалан, дар синфи 11 ҳангоми гузаштани мавзӯи функсияҳои тригонометрӣ чаро функсияҳои secx ва cosecx омӯхта намешавад. Маълум аст, ки ин функсияҳо ба функсияҳои sinx ва cosx мувофиқан чаппаанд. Чаро оиди ин функсияҳо дар як ё ним вараке, ё ки ақаллан бо ҳарфҳои хурдтар маълумот дода нашавад. Мо кӯшиш мекунем, ки китоби дарсӣ хеле содда ва омафаҳм бошад. Лекин аз ҳад зиёд содакунӣ хонандаро аз васеътар фикрронӣ ва аз ҳалли масъалаҳои душвортар дур мекунонад. Дигар ин, ки китоби дарсӣ аз хатогиҳо бояд орӣ бошад. Нисбати китобҳои дарсии мавҷуда аз математика мо метавонем мисолҳои хеле зиёдеро биёрем, ки онҳо садҳо ва ҳатто ҳазорҳо хатоҳо доранд, вале дар ин ҷо мо ба иззати нафси баъзе муаллифон намерасем. Оиди дигар хусусиятҳо ва камбудиҳои китобҳои дарсӣ мо дигар ҳарф намезанем. Онҳо зиёданд.

**3.** Дар китоби дарсии синфи 11 хонандагон ба зиёда аз сад формула оиди вобастагӣ дар байни функсияҳои тригонометрӣ шинос мешаванд. Дар ҳалли масъалаҳои зиёди физика, электротехника, физикаи математикӣ ва математикаи таҳсилоти ҳамагонӣ аз функсияҳои гиперболӣ истифода мебаранд. Ҳоло гарчанде, ки дар китобҳои дарсӣ аз математика дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ин функсияҳо мавриди истифода нашаванд ҳам, вале ин функсияҳо арзи вуҷуд доранд. Барои ҳаматарафа омӯхтани фанни математика ва афзун гардонидани дониши хонандагон ба фикри банда хеле зарур ва бамаврид аст, ки ақаллан дар дарсҳои иловагӣ, масалан, бо мақсади тайёр намудани хонандагони синфҳои 8-11 ба олимпиадаҳои Ҷумҳуриявии фанни математика, бо функсиҳои гиперболӣ ва масъалаҳое, ки ҳалли онҳо ба функсияҳои гиперболӣ меоваранд хонандагонро шинос кардан мувофиқи мақсад мебошад. Дар интегронии бисёр функсияҳо функсияи ибтидоӣ бо ёрии функсияҳои гиперболӣ ифода мешаванд. Ин функсияҳоро чӣ хеле, ки мо дар боло гуфта гузаштем баъди гузаштани мавзӯи функсия ва функсияи баръакс (чаппа) ба хонандагон шинос намудан хеле муфид аст. Барои он, ки аз суханҳои умумӣ ба суханҳои мушаххас гузарем, аввал ба таърифҳои бузургиҳои доимию тағйирёбанда, функсия ва функсияи чаппа шинос мешавем.

**Бузургиҳои доимӣ ва тағйирёбанда. Функсияҳои роста ва чаппа.**

Таърифи 1. Бузургие, ки ҳамеша киматҳои доимӣ(якхела)-ро қабул мекунад, *бузургии доимӣ* номида мешавад.

Таърифи 2. Бузургие, ки киматҳои дилхоҳро қабул карда метавонад, *бузургии тағйирёбанда* номида мешавад. Масалан, нисбати дарозии давра бар диаметри он бузургии доимии **π**=3, 14.... мебошад. Дар формулаи дарозии давра C=2 **π** R, радиуси давра R ва дарозии давра C бузургиҳои тағйирёбанда мебошанд. Ё ки адади ирратсионалии e=2, 7182....низ бузургии доимӣ мебошад.Тавре ба мо маълум аст, ададҳои ирратсионалӣ дар намуди касрҳои даҳии беохири даврӣ навишта намешаванд.. Ин хел мисолҳо хеле зиёданд.

Таърифи 3. Агар ба ҳаргуна қимати ададии тағйирёбанда x аз ягон маҷмӯи ададии X бо ёрии ягон қоида ё ки қонуни f ягона қимати ададии y аз маҷмӯи ададии У мувофиқ гузошта шуда бошад, онгоҳ тағйирёбанда y-ро функсияи тағйирёбандаи x меноманд ва онро дар намуди

$$y = f(x)\,,\ x \in X \qquad (1)$$

менависанд. Маълум аст, ки дар ин ҷо таърифи функсияи яккимата дода шудааст.

Фарз мекунем, ки аз муодилаи (1) x-ро дар шакли $x = f^{-1}(y), y \in Y$ ё дар шакли $y = \varphi(x)$ навишта шавад. Онгоҳ функсияи $x = f^{-1}(y), y \in Y$ -ро ки шарти $f(f^{-1}(y)) = y$ *-ро қаноат мекунонад функсияи чаппа* барои функсияи (1) меноманд.

**Мисол**. Функсияи хаттии y=3x-6 ро мегирем. Соҳаи муайянии он

X=(-∞;∞) мебошад. Муодилаи хаттии додашударо нисбат ба x ҳал карда, меёбем: x=y/3+2. Ҷойҳои x ва y-ро иваз намуда, функсияи чаппаро дар шакли y=x/3+2 ҳосил мекунем. Соҳаи муайянии ин функсияи чаппа низ маҷмӯи R=(-∞;∞) мебошад. Ҳамин тавр функсияи мо y=3x-6 маҷмӯи

X=(-∞;∞)-ро ба маҷмӯи R=(-∞;∞)=У инъикос менамояд. Аз ин сабаб мо боз ба чунин таърифи функсия меоем.

Таърифи 4. Функсия инъикоси як маҷмӯъ X ба маҷмӯи дигар У мебошад ва онро ин тавр менависанд: $y : X \to Y$ . Худи ҳамин тавр функсия чаппаро чунин навишта метавонем: $x : Y \to X$ . Дар мисоли фунсияи хаттии дар боло овардашудаи мо функсия инъикоси маҷмӯи

X= (-∞;∞) ба маҷмӯи R=(-∞;∞)=У мебошад. Яъне агар функсияи роста (бар хилофи функсияи чаппа ) маҷмӯи X-ро ба мавҷмӯи У инъикос намояд онгоҳ функсияи чаппа маҷмӯи У-ро ба маҷмӯи X инъикос менамояд. Яъне маҷмӯи қиматҳои функсияҳои роста ва чаппа байни худ чаппа мебошанд. Ҳар кадомаш барои дигараш функсияи чаппа мебошанд. Дар ин ҷо мо тарзҳои додашавии функсияро ёдовар нашудем. Фақат қайд мекунем, ки графикҳои функсияҳои роста ва чаппа нисбат ба обтидои координатаҳо симметрӣ мебошанд.

Дар зер хонандаро ба таърифи функсияҳои гиперболӣ ва вобастагиҳои дар байни ин функсияҳо мавҷуд буда шинос менамоем. Аввал функсияҳои гиперболии бо аргументи ҳақиқиро мавриди муҳокима қарор медиҳем.

**Функсияҳои гиперболӣ бо аргументи ҳақиқӣ.**

Ин функсияҳо чунин муайян карда мешаванд:

$$\text{shx}=\frac{e^{x}-e^{-x}}{2} \text{ –синуси гиперболӣ}$$

$$\text{chx}=\frac{e^{x}+e^{-x}}{2} \text{ Таърифи –косинуси гиперболӣ}$$

$$\text{thx} =\frac{e^{x}-e^{-x}}{e^{x}+e^{-x}} \text{ –тангенси гиперболӣ}$$

$$\text{cthx}=\frac{e^{x}+e^{-x}}{e^{x}-e^{-x}} \text{ – котангенси гиперболӣ}$$

$$\text{schx}=\frac{2}{e^{x}+e^{-x}} \text{ – секанси гиперболӣ}$$

$\mathrm{cschx}=\frac{2}{e^{x}-e^{-x}}$ – косеканси гиперболӣ

Аз байни ин функсияҳои гиперболӣ танҳо косинуси гиперболӣ ва секанси гиперболӣ функсияҳои ҷуфтанд, боқимондаи онҳо функсиҳои тоқанд. Соҳаҳои муайянии shx, chx, thx, schx тамоми тири ададӣ буда, соҳаи муайянии cthx ва cschx аз якҷоякунии маҷмӯъҳои (-∞,0) ва (0,∞) иборатанд. Функсияҳои shx, chx, thx, schx номаҳдуданд. Соҳаи қиматҳои тангенс R(thx) маҷмӯи (-1, 1) мебошад, яъне ин функсия маҳдуд аст. Калимаи гиперболӣ аз он сабаб дар ин ҷо татбиқ мешавад, ки муносибатҳои байни функсияҳои тригонометрӣ бо координатаҳои нуқтаҳои давраи радиусаш 1 ба муносибатҳои байни функсияҳои гиперболӣ бо координатаҳои нуқтаҳои гиперболаи баробартараф монанд мебошанд. Ё ки инро боз ин тавр шарҳ додан мумкин аст.

Муодилаи параметрии гиперболаи баробартараф $x^2 - y^2 == 1$ дар координатаҳои декартӣ чунин намуд дорад:

$$x = cht,\ y = sht.$$

Ин қиматҳоро ба ҷояшон дар муодилаи параметрии гиперболаи баробартараф гузошта, мо чунин формулаи тригонометрияи гиперболиро ҳосил мекунем:

$$ch^2 t - sh^2 t = 1$$

Ҳангоми z=x-тағйирёандаи ҳақиқӣ будан графикҳои функсияҳои гиперболии shx, chx, thx, cthx-ро дар як системаи координатаҳои росткунҷаи декартии ХОУ месозем.

Дар байни функсияҳои тригонометрии як кунҷ чунин вобастагиҳо (айниятҳо) мавҷуданд:

$$ch^2x - sh^2x=1,\ \frac{1}{shx} = cschx$$

$$thx = \frac{shx}{chx},\ \frac{1}{chx} = schx$$

$$cthx = \frac{chx}{shx},\ thx\ cthx = 1$$

$$1-th^2x = sch^2x,\ cth^2x-1=csch^2x.$$

Ин формулаҳо бевосита аз таърифи ин функсияҳо бармеоянд. Ин формулаҳоро ба формулаҳои дар байни функсияҳои тригонометрӣ мавҷуд буда муқоиса мекунем. Тавре аз ин ҷо дида мешавад, формулаи якум ва дуюм формулаи сатри охирин аз формулаҳои мувофиқи функсияҳои тригонометрӣ фарқ мекунанд, дигарҳояшон монанд мебошанд.

**5. Формулаҳои ифода кардани як функсияи гиперболӣ ба воситаи функсияҳои дигар.** Формулаҳои ифода кардани як функсияи гиперболӣ ба воситаи дигарҳояшон низ мавҷуданд. Масалан, аз формулаи

$$Ch^2x - sh^2x = 1,$$

меёбем:

$$Chx = \pm\sqrt{1 + sh^2x}$$

Худи ҳамин барин меёбем:

$$thx = \frac{shx}{\pm\sqrt{1+sh^2x}},\ cthx = \frac{\pm\sqrt{1+sh^2x}}{shx},\ schx = \frac{1}{chx} = \frac{shx}{\pm\sqrt{1+sh^2x}},$$

$$\csc hx = \frac{1}{shx} = \frac{\pm\sqrt{1+sh^2x}}{shx} = \pm\sqrt{\frac{1}{sh^2x}+1}$$

**Мисоли 1**. Инеграли номуайянро ёбед: **∫shaxdx**.

Ҳ а л.

$$\int shaxdx=\int\left(\frac{e^{ax}-e^{-ax}}{2}\right)dx=\frac{e^{ax}+e^{-ax}}{2a}=\frac{chax}{a}+C.$$

Формулаи 1 исбот шуд, ё ки боз чӣ хеле, ки мегӯянд интеграли номуайяни додашуда ёфта шуд.

Н а т и ҷ а аз формулаи 1. Аз формулаи 1 ҳангоми *a*=1 будан меёбем:

$$\int shxdx=\int\left(\frac{e^{x}-e^{-x}}{2}\right)dx=\frac{e^{x}+e^{-x}}{2a}=chx+C.$$

**Мисоли 2**. Инеграли номуайянро ёбед: $\int$**chaxdx**.

Ҳ а л.

$$\int chaxdx=\int\left(\frac{e^{ax}+e^{-ax}}{2}\right)dx=\frac{e^{ax}-e^{-ax}}{2a}=\frac{shax}{a}+C.$$

Яъне, формулаи

$$\int chaxdx=\frac{shax}{a}+C \qquad (1.1)$$

чой доштааст.

Н а т и ҷ а. Аз формулаи (9.1) ҳангоми а=1 ҳосил мекунем:

$$\int chxdx=\int\left(\frac{e^{x}+e^{-x}}{2}\right)dx=\frac{e^{x}-e^{-x}}{2}=shx+C.$$

Мо ин формуларо исбот кардем. Вале натиҷаи охиринро бевосита аз формулаи (1.1) ҳангоми а=1 будан низ ёфта метавонем:

**Мисоли 3**. Интеграли номуайянро ёбед: $\int$**thaxdx,** ки дар он *а*. адади ҳақиқӣ мебошад.

**Ҳ а л.** Чунин гузориш мекунем:

$$e^{4ax}=t,\ x=\frac{lnt}{4a},\ dx=\frac{1}{4at}dt.$$

**Он гоҳ меёбем:**

$$\int thaxdx=\int\frac{shaxdx}{chax}=\int\frac{e^{2ax}-e^{-2ax}}{e^{2ax}+e^{-2ax}}dx=\int\frac{e^{4ax}-1}{e^{42ax}+1}dx=\int\frac{t-1}{t+1}\cdot\frac{dt}{4at}=$$

$$=\int\frac{t+1-2}{t+1}\cdot\frac{dt}{4at}=\int\left(\frac{1}{4at}-\frac{1}{2at}\frac{1}{t+1}\right)dt=\frac{\ln t}{4a}-\frac{1}{2a}\int\left(\frac{1}{t}-\frac{1}{t+1}\right)dt=$$

$$=\frac{\ln t}{4a}-\frac{\ln t}{2a}+\frac{\ln(t+1)}{2a}+C=-\frac{\ln t}{4a}+\frac{\ln(t+1)}{2a}+C=-x+\frac{\ln(e^{4ax}+1)}{2a}+C. \qquad (1.2)$$

Ин формула ҳангоми *a*=1 будан чунин намуд дорад:

$\int thxdx=\int\left(\frac{t-1}{t+1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{t+1-2}{t+1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{1}{2t}-\frac{1}{t(t+1)}\right)dt=\frac{1}{2}lnt-\int\left(\frac{1}{t}--\frac{1}{(t+1)}\right)dt=$

$\frac{1}{2}lnt-lnt+\ln(t+1)+C=x-2x+\ln(e^{2x}+1)+C=-x+\ln(e^{2x}+1)+C.$

***Тарзи дуввуми ҳал.***

$$\int\frac{shax}{chax}dx=\int\frac{dchax}{achax}=\frac{1}{a}\ln chax+C. \qquad (1.3)$$

Дар назар формулаҳои (1.2) ва (1.3) гуногун менамоянд, вале мо исбот мекунем, ки онҳо якхеланд. Дар воқеъ, ҳангоми а=1, меёбем:

$-x+\ln(e^{2x}+1)+C$=-x+ln($e^{x}$+ $e^{-x}$)/ $e^{-x}$+$C$=-x+ ln($e^{x}$+ $e^{-x}$)/2+ln2$e^{x}$+C=-x+lnchx-ln2+x+C=lnchx+$C_1$,

ки дар он $C_1$=ln2+C мебошад. Акнун дурустии формулаҳои (1.2) ва (1.3) ҳангоми а=1 бо ёрии ҳосилагирӣ тасдиқ карда мешавад.

Яъне,

$\int thxdx=\int\left(\frac{t-1}{t+1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{t+1-2}{t+1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{1}{2t}-\frac{1}{t(t+1)}\right)dt=\ln chx+C_1$ . Ба воситаи ҳосилагирӣ метавонем санҷид, ки тарафи рости ҳосилшуда функсияи ибтидоии thx аст.

Худи ҳамин барин ҳосил мекунем:

$\int cthxdx$

$=\int\left(\frac{t+1}{t-1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{t-1+2}{t-1}\right)\frac{dt}{2t}=\int\left(\frac{1}{2t}+\frac{1}{t(t-1)}\right)dt=\frac{1}{2}lnt+\int\left(\frac{1}{t-1}-\frac{1}{t}\right)dt=$

$\frac{1}{2}lnt--lnt+\ln(t-1)+C=x-2x+\ln(e^{2x}-1)+C=-x+\ln(e^{2x}-1)+C.$

ва

$$\int schxdx=\int\frac{1}{chx}dx=\int\left(\frac{2}{e^{x}+e^{-x}}\right)dx=2\int\left(\frac{e^{x}}{e^{2x}+1}\right)dx.$$

Чунин гузориш мекунем:

$$e^{x}=t,\ x=lnt,\ dx=\frac{1}{t}dt.$$

Он гоҳ,

$\int schxdx = 2\int(\frac{t}{t^2+1})dt = \int \left(\frac{d(t^2+1)}{t^2+1}\right) dt = \ln(t^2+1) + C$ .

Айнан ҳамин барин ҳосил мекунем:

$\int cschxdx = \int \frac{1}{shx}dx = \int(\frac{2}{e^x - e^{-x}})dx = 2\int(\frac{e^x}{e^{2x}-1})dx =$

$= 2\int(\frac{t}{t^2-1})dt = \int \left(\frac{d(t^2-1)}{t^2-1}\right) dt = \ln(t^2-1) + C$ .

Ҳамин тавр, чӣ хеле, ки дида мешавад, мисоли охирин каме душвортар мебошад. Аслан интегралҳои номуайяне, ки функсияҳои гиперболиро дарбар мегиранд душвор мебошанд. Вале барои мушкил нашудан ба хонандаи таҳсилоти ҳамагонӣ мо мисолҳои осонҳалро интихоб намудем. Аз ҳалли мисолҳои боло хулоса мебарорем, ки барои ёфтани интегралҳои номуайян аз функсияҳои гиперболидор хонанда бояд формулаҳои асосӣ ва айниятҳои дар байни функсияҳои тригонометрӣ ва гиперболӣ мавҷуд бударо донанд.

Донистани формулаҳои дар боло овардашуда на ин ки барои хонандагони синфҳои болоӣ, балки барои донишҷӯёни макотиби олӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо ва донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фикри мо кӯмаки зарурӣро мерасонад. Пеш аз ҳама дониши онҳоро нисбати ин функсияҳо ғанӣ мегардонад. Дар баровардани ин формулаҳо методҳои хеле хуб ва омафаҳм истифода шудааст. Татбиқи ин функсияҳои гиперболиро дар масъалаҳои техникӣ масалан, аз адабиёти [2,15] метавонед бештар омӯзиш намоед.

## АДАБИЁТ


1. Аксёнов, А.П. Математический анализ. Интегралы, зависящие от параметра. Двойные интегралы. Криволинейные интегралы. Учебное пособие. - СПб.: Изд-во "НЕСТОР", 2000. С. 163.
2. Алеева, А.Я. Начало математического анализа: Учеб.-метод. пособие / Авт.-сост.: А.Я. Алеева, Ю.Ю. Громов, О.Г. Иванова, А.В. Лагутин. - Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2001. С. 193.
3. Бесов, О.В. Методические указания по математическому анализу. Курс лекций по математическому анализу (для студентов 1-го курса). - М.: МФТИ, 2004. С. 179.
4. Бесов, О.В. Методические указания по математическому анализу. Курс лекций по математическому анализу (для студентов 1-го курса). - М.: МФТИ, 2004. С. 185.
5. Бугров, Я.С., Никольский, С.М. Высшая математика. Дифференциальные уравнения. Кратные интегралы. Ряды. Функции комплексного переменного. – М.: Наука, 2004. С. 238.
6. Владимирова, Т.В. Аппаратные средства вычисления гиперболических функций. Дисс. канд. техн. наук. Ленинград. 1984. – С. 7
7. Ильин, В. А., Позняк, Э. Г. Основы математического анализа: В 2-х ч. Часть I: Учеб. для вузов. - 7-е изд. - М.: ФИЗМАТЛИТ, 2004. С. 202.
8. Инженерная математика: Карманный справочник / Пер. с англ. – М.:ИД «Додэка-XXI», 2008. – 544 с.
9. Исматӣ, М. Маҷмӯаи мисолу масъалаҳои тестӣ аз математика. Душанбе, ДСХ, 2007. – 190 с.
10. Янпольский, А.Р. Гиперболические фукнции. Гост.изд. Физико-математической литературы. Москва. 1960. – С.47.

## ТАТБИҚИ МЕТОДҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗОНИДАНИ МАВЗӮИ "ЭЛЕКТРОЛИЗ"

***СИРОҶОВ Фарҳод Зиёмуҳаммадович*** *– ассистенти кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *farhod_sirojov94@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 766 73 90*

***ХОЛИҚОВА Лутфия Розиқовна*** *– номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи усулҳои таълими химияи факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17,* ***E-mail:*** *lxoliqova@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 98 711 71 30*

***УМАРОВ Саиданвар Абосович*** *– ассистенти кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail****: anvar_8889@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 918 31 00*

Муаллифон дар мақола оид ба истифодаи усулҳои гуногуни таълим дар раванди омӯзиши мавзуи «Электролиз» маълумоти мушаххас овардаанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки барои омӯзиши мавзӯи «Электролиз», новобаста ба он, ки миқдори соатҳои таълимӣ нокифоям ба нақша гирифта шудааст, аммо омӯзгори ботаҷриба метавонад бо истифода аз усулҳои гуногуни фаъоли таълим ва самаранок истифода намудани вақт ба хонандагон доир ба мавзӯи мазкур маълумоти зарӯриро ба тарзи кофӣ диҳад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълим, дарс, омӯзиш, усулҳои таълим, электролиз, таҷрибаҳои химиявӣ, равандҳои катодӣ, анодӣ, реаксияҳои оксиду барқароршавӣ.*

## ПРИМЕНЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ТЕМЕ " ЭЛЕКТРОЛИЗ"

***СИРОДЖОВ Фарход Зиёмухаммадович*** *– ассистент кафедры общей химии и методики ее преподавания, Худжандский государственный университет им. академик Б. Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *farhod_sirojov94@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 766 73 90*

***ХАЛИКОВА Лутфия Розиковна*** *– кандидат химических наук, доцент кафедры методы обучения химии факультета химии Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17,* ***E-mail:*** *lxoliqova@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 98 711 71 30*

***УМАРОВ Саиданвар Абосович*** *– ассистент кафедры общей химии и методики ее преподавания, Худжандский государственный университет им. академик Б. Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail****: anvar_8889@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 92 918 31 00*

В статье авторы представляют конкретную информацию об использовании различных методов обучения в процессе изучения темы «Электролиз». Особо отмечается, что для изучения темы «Электролиз», независимо от того, сколько учебных часов запланировано, опытный преподаватель может адекватно предоставить учащимся краткую информацию по данной теме, используя различные активные методы обучения и эффективно используя время.

***Ключевые слова:*** *обучение, урок, обучение, методы обучения, электролиз, химическая практика, катодные, анодные процессы, окислительно-восстановительные реакции.*

## APPLICATION OF VARIOUS TEACHING METHODS IN THE PROCESS OF TEACHING THE SUBJECT "ELECTROLYSIS"

***SIRODZHOV Farkhod Ziemukhammadovich*** *– assistant of the Department of General Chemistry and Methods of its Teaching of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1.* ***E-mail:*** *farhod_sirojov94@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992) 92 766 73 90*

***KHALIKOVA Lutfiya Rozikova** – Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor, Department of Chemistry Teaching Methods, Faculty of Chemistry of Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **E-mail:** lxoliqova@mail.ru, **phone:** +(992)_98 711 71 30*

***UMAROV Saidanvar Abosovich*** – assistant of the Department of General Chemistry and Methods of its Teaching *of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Khujand, 17 micro district house 1. **E-mail**: anvar_8889@mail.ru, **phone:** +(992) 92 918 31 00*

The article provides specific information about the use of various teaching methods in the process of studying the topic "Electrolysis". It should be noted that in order to study the topic of "Electrolysis", regardless of how many academic hours are planned, an experienced teacher can adequately provide students with brief information on this topic using various active teaching methods and effectively using time. Keywords: training, lesson, training, teaching methods, electrolysis, chemical practice, cathode, anode processes, redox reactions.

***Keywords:** training, lesson, training, teaching methods, electrolysis, chemical practice, cathode, anode processes, redox reactions.*

Дар айни замон, маорифи Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба стандартҳои насли нав дар заминаи пешрафти илму техника ва истифодаи технологияи информатсионӣ, ки инсоният ба давраи ҷаҳонишавӣ дохил мешавад, марҳила ба марҳила қадам ниҳода истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд намуданд: “....Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои ташаккул додани тафаккури техникии насли наврас ва ҷавон солҳои 2020 -2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шаванд” [1].

Барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонидан зарур аст. Махсусан наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намудан бениҳоят зарур аст. Зеро ин амал имкон медиҳадл, ки базаи луғавӣ - маънавии ақлонии наврасро бой гардонида, бад-ин васила фикрронии мантиқӣ ва қобилияти эҷодии хонандаро тақвият бахшанд. Ин зиннаи аввалини тайёрӣ ба омӯзиши фанни химия ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда, омӯзгори ҳар як соҳа бояд аз пешравиҳои навини илмии худ воқиф гашта, баҳри самаранок гузаронидани машғулиятҳои таълимии худ аз методҳои гуногуни фаъол ба таври васеъ истифода баранд.

Бо ибораи дигар, маълумотеро ба хонанда пешниҳод намоянд, ки ба пешрафти технологияи истеҳсолоти ҳозиразамон мувофиқ бошад, то ин, ки маҳсулоту самараи онро таҳлил карда тавонанд. Хосатан маҷмӯи фанҳои дақиқ, ки пайваста таҳаввулоти назариявӣ ва амалии онҳо дар истеҳсолот ва ҳаёти харруза ба амал меоянд, дар назар дошта шудааст.

Дар ин масир, фанни химия аз ҷумлаи фанҳои дақиқ, дар замони пешрафти илму техника, яке аз илмҳои лаҳза ба лаҳза тағйирпазир буда, асоси пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Барои дуруст ба роҳ мондани таълими мавзӯҳои мухталифи химия, мебояд бо истифода аз методҳои фаъоли таълим - интерактивӣ, маълумоти навини соҳавиро ба хонанда пешкаш намоем.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо таҳлили мавзӯи “Электролиз”-ро, ки яке аз мавзӯҳои муҳими амалӣ мебошаду дар таҷрибаи рузгор хонанда бо он бештар вомехӯрад ва сару кор мегирад, мавриди баррасӣ қарор додем.

Муҳимияти мавзӯи интихобшуда дар он аст, ки омӯзиши он дар бораи металлҳо, хосияти онҳо, фарқияташон аз ғайриметаллҳо ва фаъолияти металлҳо имкон медиҳад, ки:

✓ алоқаи назария ва амалия нишон дода шавад;

✓ фанни химияро дар ҳаёт амалан татбиқ намоянд;

✓ қонунҳои он ба фаъолияти амалии одам, аз ҷумла ташаккули маҳорат ва қобилияти ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ва сифатӣ, навиштани муодилаҳо, реаксияҳои химиявие, ки ҳангоми электролизи маҳлулхо ва гудохтаҳо ба амал меоянд, мантиқан анҷом дода шаванд.

Барои омӯзиши «Қатори электрохимиявии шиддати металлҳо. Электролиз» дар курси синфи 9, ки дар боби «Хосиятҳои умумии металлҳо», ворид аст, ҳамагӣ 1 дарс ҷудо карда шудааст.

Албатта як соати дарсӣ барои мавзӯи зикргардида хеле кам аст, вале омӯзгор бо истифода аз методҳои интерактивӣ метавонад ба пуррагӣ аз иҷрои вазифаи худ барояд.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар фосилаи маҳдуди вақт доир ба мавзӯъ омӯзгор бояд натиҷаҳои таълимии мавзӯъ ва салоҳиятҳоеро, ки донишҷӯ дар он бояд соҳиб шавад, муайян намояд.

Натиҷаҳои таълимии ба нақша гирифташудаи хонандагон, ки бояд донанд:

✓ таърифи мафҳуми электролиз;

✓ равандҳои катодӣ ва анодӣ, ки ҳангоми электролизи моддаҳои гуногун ба амал меоянд;

✓ тартиб додани муодилаҳои реаксияҳои оксиду барқароршавии электролиз;

✓ моҳияти раванди электролизро дар металлургия донад;

✓ муодилаҳои электролизро навишта аз рӯи онҳо масъалаҳои ҳисобиро анҷом дода тавонанд.

Малакаҳои махсусе, ки дар ин асно дар хонанда пайдо мегардад:

фаъолияти таълимии худро ба нақша гирифта, танзим карда тавонад;

✓ худбаҳодиҳӣ намояд;

✓ малакаҳои муошират (кор дар гурӯҳ, нутқи шифоҳӣ, сабти қайдҳои махсус дар дафтар)-ро баррасӣ намояд;

✓ дониши худро дар ҳолатҳои ғайримаъмулӣ (ғайристандартӣ) истифода барад.

Бо мақсади ташаккул додани хоҳиши худомӯзӣ ва такмил додани маҳорати худтанзимкунӣ, фаъолияти таълимии донишҷӯён аз усули эффективии таълим ба монанди татбиқ намудани муносибати дифференсиалӣ истифода бурдан ба маврид аст. Он имконият медиҳад, ки омӯзгор ба натиҷаҳои зерин ноил шавад:

✓ Дар дарс ташкил намудани муҳити солими таълимӣ;

✓ Бо майл ва хоҳиши донишҷӯён ба муколама, ҳамкорӣ, ба мубодилаи афкори бошуурона ва фаъолона дохил намудани онҳо;

✓ фаъолияти хонандагонро дар дарс баланд бардоштан;

✓ бедор намудани хоҳиши худомӯзӣ ва фардии донишҷӯён;

✓ баланд намудани сатҳи сифати дониши фан.

Ба хонандагон доир ба мафҳуми электролиз таъкид карда мешавад, ки реаксияҳои оксиду барқароршавие, ки тавассути ҷараёни электрикӣ мегузарад, электролиз номида мешавад. Ҳангоми аз маҳлул ё гудохтаи электролит гузаштани ҷараёни электрикӣ ионҳои мусбат ба тарафи катод, ионҳои манфӣ ба тарафи анод ҳаракат карда дар ин ҷо таҳлия мешавад.

Масалан, ҳангоми электролизи гудохтаи хлориди мис(II) муодилаи протссесҳои электродиро ба хонандагон чунин фаҳмонидан мумкин аст:

$$CuCl_2 = Cu^{2+} + 2Cl^-$$

Азбаски дар рафти дисссотсиатсия ҳамагӣ ду то ион ҳосил мешавад, пас раванди электродҳоро бедушворӣ муайян намудан мумкин аст. Дар катод раванди барқароршавӣ: К (-) $Cu^{2+}+2e^-=Cu^0$, ва дар анод раванди оксидшавӣ: А (+) $2Cl^- - 2e^- = Cl_2^0$ ба амал меояд.

Реаксияи умумии таҷзияи электрохимиявии модда суммаи ду реаксияи электродӣ мебошад ва барои хлориди мис бо чунин муодила ифода мешавад.

$$Cu^{2+}+2Cl^- \xrightarrow{\text{электролиз}} Cu+Cl_2$$

Хонандагон бояд донанд, ки умуман ҳангоми электролизи гудохтаи ишқорҳо ва намакҳои оксигендор дар анод оксиген хориҷ мешавад:

$$4OH^- — 4e^- = 2H_2O + O_2$$

$$2SO_4^{2-} — 4e^- = 2SO_4 + O_2$$

Реаксияи электрохимиявӣ бе ҷудошавӣ ва дар электродҳо бе ҳалшавии электродҳо низ ба амал омада метавонанд, вале дар сатҳи электрод ионҳо заряди худро тағйир медиҳанд. Масалан:

$$Fe^{3+} + e^- = Fe^{2+}$$

Ҳангоми дида баромадани механизми электролиз ба хонандагон қайд кардан лозим аст, ки дар маҳлулҳои обӣ ба ғайр аз ионҳои электролит ионҳои об $H^+$ ва $OH^-$ низ иштирок мекунанд ва қобилияти дар катод -барқарор ва дар анод- оксид шуданро доранд.

Дар ин маврид, дар катод, дар як вакт ду ион: иони мусбати электролит ва иони гидрогени таркиби об таҷзия шуда метавонанд.

Нақшаи 1.

Равандҳои катодӣ дар маҳлули обии электролитҳо

| Қатори электрохимиявии шиддати металлҳо (қобилияти қабули электронҳо) → | | | |
|---|---|---|---|
| Li, K, Ba, Ca, Na, Mg, Al | Mn, Zn, Cr, Fe, Cd, Co, Ni | 2 | Cu, Hg, Ag, Pt, Au |
| $Me^{n+}$ барқарор намешавад, ва танҳо гидрогени молекулаи об барқарор мегардад:<br>$2H2O + 2e^- = H_2\uparrow + 2OH^-$ | Ҳам металли электролит ва ҳам гидрогени молекулаи об эҳтимолияти бароқароршавӣ дорад:<br>1) $Me^{n+} + ne^- = Me^0$<br>2) $2H_2O + 2e^- = H_2\uparrow + 2OH^-$ | | Барқароршавии метал ба амал меояд:<br>$Me^{n+} + ne^- = Me^0$ |

Нақшаи 2.

Равандҳои анодӣ дар маҳлули обии электролитҳо

| Анод | Боқимондаи кислота (анион) $Am^-$ | |
|---|---|---|
| | Беоксиген ($Cl^-$, $Br^-$, $I^-$, $S^{2-}$ ва дигарон, ба истиснои $F^-$) | Оксигендор ($SO_4^{2-}$, $NO_3^-$, $CO_3^{2-}$ ва ғ.) ва $F^-$ |
| Ҳалшаванда | Оксидшавии анион (ба истиснои фторид)<br>$A^{m-} - me^- = A^0$ | Дар муҳити кислотагӣ ва нейтралӣ - оксидшавии молекулаҳои об:<br>$2H_2O – 4e^- = O_2\uparrow + 4H^+$<br>дар муҳити кислотагӣ:<br>$4OH^- - 4e^- = O_2\uparrow + 2H_2O$ |
| Ҳалнашаванда | Оксидшавии металли анод $Me^0 - ne^- = Me^{n+}$<br>анод махлул | |

Ба хонандагон доир ба электролизи гудохта ва маҳлули пайвастагиҳо дар саноат маълумот дода мешавад:

- ✓ Барои ба даст овардани металлҳо (алюминий, магний, натрий ва кадмий танҳо бо роҳи электролиз гирифта мешаванд);
- ✓ Барои ҳосил кардани гидроген, галогенҳо ва ишқорҳо;
- ✓ Барои тоза кардани металлҳо (тозакунии мис, никел, сурб бо усули электрохимиявӣ) гузаронида мешавад.
- ✓ Барои аз коррозия ҳимоя кардани металлҳо - дар шакли қабати тунук рӯйпӯш намудани онҳо бо металли ба зангзанӣ тобовар (хром, никел, мис, нуқра ва тилло);

✓ Гирифтани нусхаҳои металлӣ.

Барои дилгиркунанда нашудани раванди дарс аз методҳои гуногуни таълим истифода бурдан мумкин аст. Масалан, хонандагон бо навбат дар назди тахтаи синф ба саволҳо оид ба маводи омӯхташуда ҷавоб медиҳанд, аз ҷумла ҷавоби дурустро интихоб карда, дар ҷадвал ҳарфро менависанд:

**Супориши 1.**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|

| Саволҳо | Ҷавобҳо |
|---|---|
| 1. Илм дар бораи усулҳо ва равандҳои ҳосил кардани металлҳо аз маъданҳо чӣ ном дорад? | Т-гидроген, карбон, оксиди карбон II, металлҳои фаъолнокиаш баланд |
| 2. Асоси усули пирометаллургия чист? | О- мавҷудияти маҳлули намак |
| 3.Дар пирометаллургия кадом барқароркунандаҳоро истифода мебаранд? | А-ҳарорати баланд |
| 4.Шароити татбиқи усулҳои гидрометаллургӣ чӣ гуна аст? | К-металлургия |
| 5. Кадом металлҳоро бо усули гидрометаллургӣ ҳосил кардан мумкин нест? | Д-металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ |

Дар натиҷаи дуруст ҷавоб додан калимаи КАТОД ҳосил мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **К** | **А** | **Т** | **О** | **Д** |

**Супориши 2**

Мутобиқати байни формулаи модда ва маҳсулоте, ки ҳангоми электролизи маҳлули обии ин модда ҳосил мешавад, мувофиқ оред:

| **Формулаи модда** | **Варианти 1 (дар катод)** | **Варианти 2 (дар анод)** |
|---|---|---|
| а $AuCl_3$<br>б $RbOH$<br>в $Hg(NO_3)_2$<br>г $AlCl_3$<br>д $CuCl_2$<br>е $H_2O$<br>ж $KCl$<br>з $CuSO_4$ | маҳсули электролиз<br>1 алюминий<br>2 рубидий<br>3 тилло<br>4 гидроген<br>5 мис<br>6 оксиген<br>7 симоб<br>8 хлор | маҳсули электролиз<br>1 алюминий<br>2 рубидий<br>3 тилло<br>4 гидроген<br>5 мис<br>6 оксиген<br>7 симоб<br>8 хлор |

**Ҷавобҳо:**

| **Варианти 1 дар катод** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| а | б | в | г | д | е | ж | з |
| 3 | 4 | 7 | 4 | 5 | 4 | 4 | 5 |
| **Варианти 2 дар анод** | | | | | | | |
| а | б | в | г | д | е | ж | з |
| 8 | 6 | 6 | 8 | 8 | 6 | 8 | 6 |

Ҳангоми ба охир расидани дарс, бо саволу ҷавоб ва мустаҳкамнамоӣ бояд аз мавзӯи омухташуда, хулосабарорӣ намуд ва баъд вазифаи хонагиро супорид.

Вазифаи хонагӣ ғайр аз такрор ва хондани мавзӯи дарс аз китоб, метавонад ҳалли масъала ва ё чанде аз саволҳои мухтасар бошад, ки онро низ омӯзгор қаблан ба нақша гирифтааст.

**АДАБИЁТ**

1. Зубайдов, У.З., Холназаров, С. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе-2011. 384 с.
2. Космодемьянская, С.С, Гильманшина, С.И. Методика обучения химии (учебное пособие). – Казань: ТГГПУ, 2011. – 136 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 ш. Душанбе, http://prezident.tj/
4. Солиев, Л., Иброҳимов, Ҳ., Ҳакимхоҷаев, С. Химия (китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ).–Душанбе; Маориф ва фарҳанг, 2013.-223с.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое - 1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2023. - № 2 (47). – 160 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2023. - № 2 (47). – 160 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2023. - № 2 (47). – 160.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 06.09.2023. супорида шуд. Ба чоп 12.09.2023. имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8 ҷузъи ч. ш. 15,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Таъминот-55 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 06.09.2023. Подписано к печати 12.09.2023. Печать офсетная.*
*Формат 60x84 1/8 Условно-печатный лист - 15,5. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Таъминот-55», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 06.09.2023. Posted on 12.09.2023. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer’s sheet - 15,5. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office “Taminot-55”, 7734024, 13 A. Navoi Str.*